ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД 17 (575.3)
ТКБ 87.7 (2 тоҷик)
З – 88

Ба ҳуқуқи дастнавис



ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ТАНЗИМИ АХЛОҚИИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои фалсафа
аз рӯйи ихтисоси **6.3.4.** Илми ахлоқ

Мушовири илмӣ:
Усмонзода Хайриддин Усмон – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Узви вобастаи АМИТ

Душанбе – 2026

Мундариҷа

МУҚАДДИМА ……..….....4-15

Тавсифи умумии таҳқиқот 16-25

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ТАШАККУЛИ ТАНЗИМИ АХЛОҚИИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ

1.1. Баррасии таъсири мутақобилаи фаъолиятҳои сиёсӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дар таълимотҳои иҷтимоии классикӣ 26-58

1.2. Масъалаи ворисият ва тағйирёбии баррасиҳо аз масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар афкори муосири фалсафӣ 59-76

1.3. Ахлоқ ҳамчун воситаи танзими фаъолияти сиёсӣ дар афкори муосири фалсафӣ 76-98

1.4. Ҷойгоҳи ахлоқи сиёсӣ дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик ва пажуҳиши он дар замони истиқлолият 98-110

БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪСИРИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ БА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СИЁСИИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

2.1. Амалияи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар таҷрибаи таърихии сиёсии тоҷикон 111-127

2.2. Нақши ниҳодҳои имрӯзаи иҷтимоӣ дар танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии ҷомеаи миллӣ 127-144

2.3. Эҳтиром ба адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ ҳамчун самараи афзалиятдиҳии арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 144-164

БОБИ 3. АХЛОҚ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДҲОИ МУОСИРИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

3.1. Афзалиятҳои арзишии нухбагони сиёсии муосир барои расидан ба ҳамгароии ҷомеа 165-178

3.2. Хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятии замони муосир 178-187

3.3. Ҳамбастагии арзишҳои ахлоқию сиёсӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои ҷомеаҳои миллӣ 187-208

БОБИ 4. ТАМОЮЛҲОИ ЗУҲУРИ ҶАНБАҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

4.1. Хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон 209-222

4.2. Ҳифзи анъанаҳои миллӣ омили муҳимми ташаккули асосҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа 223-242

4.3. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ташаккули ҷанбаҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа 242-256

БОБИ 5. РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ТАЪСИРИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ БА МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ

5.1. Ҷанбаҳои муҳимми зиддиятҳо аз дидгоҳҳои ҳизбҳои сиёсии муосир ва ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар мафкураи онҳо 257-277

5.2. Тағйири дидгоҳ ва мавқеъгириҳои кишварҳо нисбат ба баҳодиҳии ахлоқии амалҳои сиёсии ҳамдигар дар замони муосир 278-291

5.3. Шуури ахлоқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва таъсири он ба ҳаёти сиёсии ҷомеа 291-303

Хулоса 304-311

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот 312-313

Феҳристи адабиёти истифодашуда 314-347

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия 348-351

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Ҳамбастагии ногусастанӣ доштани сиёсат бо ахлоқ аз мазмуну моҳияти иҷтимоии он бармеояд. Сиёсат чун маҷмуи майлонҳо дар байни субъектҳои фаъоли амали иҷтимоӣ, ногузир бар арзишҳо ва қоидаҳои муайяни рафтор асос ёфтааст ва барои таъмини суботи иҷтимоӣ на танҳо аз механизмҳои маъмурӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, боз аз арзишҳое, ки рафтори инсонро танзим мекунанд, ба таври васеъ истифода мебарад.

Аслан дар сурати нигаристан ба таърихи фалсафа баръало зуҳур мегардад, ки ахлоқ чун «илми амалӣ» номгузорӣ гаштааст ва онро дар навбати худ аз сиёсат ҷудо намудан мушкил мебошад. Барои ҳамин дар замонҳои таҳлил дар назар гирифтани наздикии онҳо ба маврид мебошад, чун дар ҳолатҳои мухталиф ба инобат гирифтани ин муносибат робитаи тарафайни онҳоро ба таври айнӣ баҳогузорӣ менамояд. Ин воқеият сиёсатро ба таркибе аз арзишҳо, қоидаҳо ва меъёрҳо табдил медиҳад, ки дар доираи он, муносибатҳои байни одамон ва ниҳодҳои иҷтимоӣ дар доираи қудрати сиёсӣ дар ҷомеа амалӣ мегардад. Ҳамчунин, маҳз дар ҳамин замина, имконияти дарку тафовут миёни амалу рафтори дурусту нодурусти одамон муяссар мешавад.

Ҳамин тавр, сиёсат дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ ҳамеша бо такя ба арзишҳои ахлоқӣ татбиқ гардида, шакл мегирад. Ин зуҳурот дар амали афроду ниҳодҳои иҷтимоӣ ва дар афроде, ки дар мақоми роҳбарӣ қарор доранд, ба назар мерасад. Бо шарофати ин таомул дар ҷомеа нисбат ба майли ба даст овардани қудрат ва ҳифзи он, миёни афрод як навъ риояи ҳуқуқу эҳтироми ҳамдигарӣ ҳатмӣ мегардад. Новобаста аз он ки дар ин маврид аз абзорҳои мухталифи сиёсӣ васеъ истифода мешавад, риояи меъёрҳои ахлоқӣ сарфи назар намегарданд. Ин воқеият илмҳои иҷтимоиро уҳдадор месозад, ки ҷойгоҳи ахлоқ дар сиёсатро дар пайвасти ногусастании хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои сиёсӣ дар сатҳи гуногун баррасӣ намоянд.

Ҳамин тавр, дар ҷаҳони муосир, сарфи назар аз равшан ифода наёфтани саъю кӯшишҳои дастаҷамъона барои расидан ба ҳадафҳо ва корбурдҳо, кӯшиши ҷомеаҳо ба дарки фаъолияти гуногунҷанбаи инсон аз нигоҳи меъёрҳои арзишмеҳварӣ ҷой дорад. Ин вазъият аз дигаргуниҳое, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ба вуқуъ пайваста истодаанд вобастагӣ дошта, ҳадафи асосӣ дар он зуҳур мегардад, ки сатҳи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ва мавқеи давлатҳои ҷаҳонӣ дигаргун карда шуда, тартиботи нави муносибатҳои байналмилал бунёд гардад. Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ҷанбаҳои манфии чунин саъю кӯшишро дарк намуда, имрӯз афкори иҷтимоию фалсафӣ маҷбур аст, ки меъёрҳои муносиби арзёбии маънавии фаъолият ва амалҳои мустақилонаи субъектҳои ҳаёти ҷамъиятиро тавассути ҷусторҳои таърихӣ ва фалсафӣ пешниҳод намояд.

Табиист, ки дар ин росто, маҳз сатҳи ахлоқии фаъолияти сиёсӣ аксар маврид дар мавқеъгириҳои илмӣ масъалаи баҳсу мубоҳисаҳо мегардад.

Дар навбати худ, дар ҷавоб ба ин савол имрӯз муҳаққиқон ақидаҳои гуногун пешниҳод менамоянд, ки тобишҳо ва вижагиҳои мухталифи иҷтимоӣ-фарҳангӣ доранд. Масалан, олим ва нависандаи фаронсавӣ Эрик Зиммур дар ҷавоб ба масъалаи болозикр, ба он ишора менамояд, ки имрӯз баҳамназдикшавии фарҳангҳои гуногун ва бархурди онҳо бар асоси арзишҳои мухталифи дар фаъолияти сиёсии онҳо нуҳуфта ба амал меояд: «Давраҳои мухталиф ба ҳам наздик омада, бархурд менамоянд. Баъзеҳо ба замони хилофат ва империяҳо бармегарданд, баъзе дигар (Россия, Чин ва Туркия) дар низоми давлатҳои миллӣ маҳдуд мегарданд, намояндагони ҷомеаҳои ғарбӣ бошанд бар он бовараанд, ки давраи истиқлоли миллӣ сипарӣ гардидааст» [360].

Мубрамияти ҷустуҷӯйи ҷавоб ба ин савол зарурияти ба назар гирифтани меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон низ аён аст, ки имрӯз яке аз марҳалаҳои муҳимми навсозиро аз сар мегузаронад. Дар раванди ин

таҳаввулот, махсусан дар натиҷаи сар задани амалиётҳои ҷангӣ миёни давлатҳо, барҳамхурии низомҳои идораи давлатӣ аз ҳамлаҳои террористӣ ва ғайра, дар сохтори анъанавии ахлоқи тоҷикон чунин тағйирот сурат мегирад, ки дар он ҳамеша арзишҳои адолати иҷтимоӣ ва башардӯстӣ мақоми хос доштанд, вале ҳадафҳои нави фаъолияти иҷтимоӣ ва сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аксар маврид бо арзишҳои маънавии аксарият ба мушкилӣ дучор мешаванд. Сарфи назар аз дарки иҷтимоӣ-фалсафӣ ин зуҳурот метавонад дар таҳкими рукнҳои ҷомеа, таъмини суботи ҷамъиятӣ, сатҳи иҷтимоишавии ҷавонон, тафаккури гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва ғайра таъсири манфӣ расонад.

Аз ин рӯ, масъалаи таносуби ахлоқ ва сиёсат дар баҳсҳои илмӣ гуногунпаҳлу буда, дар ин баҳс усулҳои фаъолияти сиёсии ба талаботи замона мутобиқ, ироа мегарданд. Дар марҳалаи муосир мушоҳида мегардад, ки аҳдоф ва вазифаҳои баъзе гурӯҳҳои алоҳидаи ғайримуташаккил дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар хусусият ва шакли экстремистӣ ва динӣ-экстремистиро дар худ пайдо карда, ба низоми идоракунии дунявӣ ва сохтори ҷомеа таҳдид мекунанд. Посухи муносиби илмӣ ба талошҳои ин доираҳо, метавонад дар оянда садди роҳи ҷалби ҷонибдорон ва анҷоми амалҳои тахрибкорона ва муташаккилонаи онҳо гардад.

Масъалаҳои бунёдиро мавриди баҳс қарор дода, мо бар он ақидаем, ки ахлоқ ба ҳайси илми мустақили фалсафӣ, асосҳои меъёрии фаъолияти сиёсиро ҳамеша маҳсули рушди хосси иҷтимоӣ муайян менамояд. Барои ҳамин, онҳо дар муайяннамоии чорчӯбаҳои пайдарҳамии меъёрҳои ахлоқии фаъолияти сиёсӣ вуҷуд доранд, ки ба марҳалаҳои гуногуни таърихӣ тааллуқ доранд.

Мутобиқи ин усул, мо кӯшиш намудем, ки таъсири меъёрҳои ахлоқиро ба ҳадафҳои фаъолияти сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба гуногуншаклии фаъолияти онҳо нишон диҳем.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои гузошташуда ҳанӯз ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд. Пеш аз ҳама, таҳқиқоти илмӣ оид ба вижагиҳои зуҳури рафтори арзишии шахс дар саҳнаи ҳаёти сиёсии ҷомеа гузаронида нашудаанд, ки амалҳои иҷтимоии инсон дар шароити гузариш аз як низоми иҷтимоӣ ба низоми дигарро баррасӣ намоянд. Таҳқиқи маҳз ҳамин масъала дар маркази таваҷҷуҳи рисолаи мазкур қарор дода мешавад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар таърихи афкори иҷтимоию фалсафӣ масъалаи арзёбии фаъолияти сиёсӣ ҳамеша мавзуи баҳс ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчун анъана, аз замони Афлотун ва Арасту маншаъ гирифта, ахлоқ ва сиёсат ҳамеша ҳамчун воҳиди том дар назар гирифта мешуданд, ки барои расидан ба адолати иҷтимоӣ ва манфиатҳои умумӣ равона гардида буданд [121; 119; 20; 21].

Идомаи ин анъанаро мо дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дучор меоем, ки аксари онҳо зарурати эътиборгирии меъёрҳои ахлоқӣ дар рафтор ва фаъолияти сиёсиро таъкид менамуданд. Адами риояи муқаррароти ахлоқӣ дар рафтор ва фаъолияти сиёсиро мутафаккирони тоҷику форс ҳамчун сарчашмаи бесуботӣ ва ақибмонии ҷомеа медонистанд. Ин андеша дар осори мутафаккирони тоҷику форс мақоми хос дошт, зеро онҳо фасоди ахлоқии нухбагони сиёсиро ҳамчун омили ақибмондагии ҷомеаи даврони хеш медонистанд [30].

Яъне ҷанбаи ахлоқӣ дар сиёсат ҳамеша диққати мутафаккирони гузашта ва муҳаққиқони муосири мактабҳои мухталифро ба худ ҷалб намудааст. Таҳлили таъсири самтгириҳои арзишӣ ва императивҳои ахлоқӣ имконият медиҳад, ки равандҳои мураккаб ва пурихтилофи иҷтимоӣ ба таври воқеӣ ва ҳамаҷониба дарк шаванд.

Хусусияти мавзуъ ва хусусияти байнисоҳавии он истифодаи таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитариро тақозо менамояд. Осори таърихӣ ҳамчун манбаи муҳимми далел баромад намуда, барои

дарки зуҳуроти шароити иҷтимоиву фарҳангӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти амалии сиёсӣ мусоидат мекунанд. Таҳқиқотҳои комили таърихӣ имконият медиҳанд, ки омилҳо ва ангезаҳои устувори ахлоқӣ-ҳуқуқии татбиқи самти муайяни сиёсӣ муайян карда шаванд.

Ҷойгоҳи назаррасро дар таҳқиқоти диссертатсионӣ адабиёти сиёсӣ (политологӣ) ишғол мекунанд, ки як қатор масъалаҳои назариявии ахлоқро фаро мегиранд. Ин масъалаҳо ба шакли амалисозии ҳокимият, муносибати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба он, ҳадафҳо ва натиҷаҳои равандҳои навсозӣ дар ҷомеа ва ғайра марбут мебошанд. Зеро татбиқи хусусияти оммавии сиёсат, ки ба шуури ахлоқии иштирокчиёни раванд такя мекунад, истифодаи арзёбиҳои ахлоқиро нисбат ба амалҳои мушаххас талаб менамояд. Бо ҳамин, ахлоқи сиёсӣ ба ҷустуҷӯйи созиш (консенсус) ва мувозинати манфиатҳо мусоидат мекунад [283; 290; 328].

Хусусияти амалӣ (таҷрибавӣ)-и нигоҳи сиёсатшиносӣ ба ахлоқ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккули равишҳои утилитарӣ (манфиатгароёна) ва арзиширо ба вуҷуд овардааст. Дар пояи онҳо усули гегелии ҷудо намудани ахлоқ ва ахлоқият ҳамчун роҳи ҷустуҷӯйи мувозинат байни ҳадафҳо ва воситаҳои сиёсӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ҷонибдорони равиши утилитарӣ (И.А. Ерохова, С.Коэн, В.С. Мартянов, Л.В. Сморгунов, Л.Нелсон, И.Кузетс, Н.Решер, А.Стин ва дигарон) зимни муайян намудани меъёрҳои ахлоқии воситаҳои истифодашавандаи шахс бештар ба дарёфти чунин расмиёт ва механизмҳо майл доранд, ки бо вазифаҳои рушди ҷомеа, захираҳои мавҷуда, инчунин, бо дараҷаи таъсири унсурҳои маъмурӣ ба қарорҳои қабулшаванда алоқаманд мебошанд [301; 314; 321; 132; 239; 252; 270].

Ҳамзамон, равиши арзишӣ бештар ба интиқоди ахлоқии ҳокимият нигаронида шудааст ва ин имкон медиҳад, ки оид ба назари муаллифони ин самт (А.П. Бутенко, А.Б. Венгеров, Н.Б. Илйина, Р.У. Семёнова, А.С. Тсипко, Ф.Каннингхем, С.Коткин, К.Шмитт, К.Смит ва дигарон) баҳри ислоҳи рушди муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ бо назардошти омили

ахлоқӣ-маънавӣ дар фаъолияти ҳокимият баҳс намоем [31; 287; 307; 337; 162; 198; 233; 262; 267].

Илова бар ин, метавон гурӯҳи алоҳидаи таҳқиқотҳои сиёсиро ҷудо намуд, ки дар маркази онҳо масъалаи муносибатҳо байни ҷомеа ва ҳокимият, нухбагон ва омма қарор дорад. Ин муносибатҳо механизмҳои ҳокимиятдорӣ, хусусияти муносибатҳои иҷтимоиро муайян месозанд. Онҳо арзишҳои ҳамбастагӣ, ҳамгироӣ, анъанавӣ ва ғайраро чун мазмуни меъёрҳо ва дастурҳои ахлоқӣ шакл медиҳанд, дар ҳоле ки ниҳодҳои иҷтимоӣ ба тағйирёбии ҳам муносибатҳои дохили ҷомеа ва ҳам тамоми низоми меъёрӣ-арзишии сохторҳои ҳокимият таъсир мерасонанд (Т.А. Алексеева, М.Р. Зезина, Н.М. Плискевич, С.Картер, Т.Густафсон, С.Фиш, Ҷ.Харрис, К.Ряветс, Р.Саква, М.Урбан ва дигарон) [15; 304; 329; 196; 216; 204; 221; 259; 260; 274].

Дар афкори иҷтимоӣ-сиёсии Ғарб дарки масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар осори Н.Макиавелли, Т.Гоббс, Ш.Монтескйе, Ж.-Ж. Руссо, И.Кант, Э.Дюркгейм, М.Вебер ва дигарон баррасӣ гардидааст [88; 43; 75; 33; 149]. Масоиле, ки онҳо ба миён гузоштаанд, дар адабиёти муосири фалсафӣ ба ташаккули равишҳои гуногун дар ҳалли мушкилоти ахлоқӣ дар сиёсат мусоидат менамоянд.

Яке аз муҳаққиқони маъруфи масъалаи самтгирии арзишии шуури ҷамъиятии замони муосир Роналд Инглхарт ба шумор меравад. Ӯ таҳқиқотҳояшро аз соли 1970 оғоз карда, маводди дар давоми 30 сол интишорёфтааш нишон дод, ки ҷаҳон ба сӯйи дигаргуниҳои густурда пеш меравад. Натиҷаи пурсишҳои дар 97 кишвари дунё гузарондааш нишон доданд, ки бисёре аз давлатҳо собитқадамона аз иҳотаи арзишҳои мутааллиқ ба ангезаи «зинда мондан» (дастрасӣ ба озуқа, амниятҷуйӣ, эҳсоси хатар) ба сӯйи арзишҳои хосси ҷомеаи саноатӣ, ки хусусияти дунявӣ надоранд, пеш мераванд [69].

Дар байни муҳаққиқони муосири рус, масъалаи мазкур дар таҳқиқоти А.А. Гусейнов, А.А. Журавлева, О.А. Жукова, И.И. Кравченко

ва дигарон бештар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [297; 309; 313; 363].

Дар муайян намудани равиши аксиологӣ дар доираи таҳқиқоти мазкур таҳқиқоти вобаста ба масъалаҳои заминаҳои арзишии муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ нақши калон мебозанд. Г.П. Вижлетсов, В.Н. Назаров, П.Е. Матвеев, А.И. Титаренко, М.Н. Данилкова ва дигарон мушкилоти арзишӣ дар ҳаёти ҷомеа, вижагиҳои интихоби шахсӣ, силсилаи дастурҳои ахлоқӣ ва ғайраро таҳлил намудаанд, ки ин имкон медиҳад, то нақши омили ахлоқӣ дар соҳаи сиёсӣ тавсиф гардад [39; 104; 94; 139; 382].

Таҳлили фалсафии меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷойгоҳи муҳим доранд, зеро рафтори шахс ҳамеша таҳти таъсири талаботи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ қарор мегирад. Ҷузъи арзишии ахлоқ ва ҳуқуқ ба таври мустақим роҳҳои татбиқи самти сиёсӣ ё дараҷаи дастгирии онро муайян менамояд. Аз ин рӯ, В.С. Соловёв ҳуқуқро ҳамчун зарурати иҷборӣ барои татбиқи «хайри ҳадди ақалл» баррасӣ намудааст. Таҳлили фалсафии ҳамкории ахлоқ ва ҳуқуқ дар адабиёт ба таври кофӣ инъикос ёфтааст, ки дар он чунин мутафаккирони барҷаста, монанди В.С. Соловёв, А.С. Яшенко, Н.М. Коркунов ва дигарон саҳми бузург гузоштаанд [134; 172; 84].

Дар корҳои зикршудаи муаллифони рус бархурдҳои гуногун ба дарки таносуби сиёсат ва ахлоқ, ахлоқи сиёсӣ ва инфиродӣ, аҳаммияти калони ахлоқ дар фаъолияти сиёсӣ инъикос ёфтааст.

Бинобар он ки дар ин таҳқиқот ба мубрамияти баҳодиҳии нави таносуби ахлоқ ва сиёсат дар давраи таҳаввул ва навсозии ҳаёти ҷамъиятӣ таваҷҷуҳ шудааст, пас, дар ин асос имконияти нави баррасии таносуби сиёсат ва ахлоқ, вижагӣ ва аҳаммияти амалии онҳо дар кишварҳои ин равандҳоро сипаринамуда, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меояд.

Масъалаҳои дарки таносуби сиёсат ва ахлоқ, шаклҳои танзими маънавии фаъолияти сиёсӣ, таъсири мутақобилаи ахлоқи сиёсӣ ва инфиродӣ дар таҳқиқоти олимони ватанӣ С.Н. Наврӯзов, А.Х. Самиев, Х.У. Идиев, М.А. Назар ва дигарон баррасӣ гардидаанд [102; 131; 64; 63;

103].

Дар таҳқиқоти охири сиёсатшиносони ватанӣ Маҳмадов А.Н., Зокиров Г.Н., Хидирзода М.У. баъзе ҷанбаҳои масъалаи таносуби сиёсат ва ахлоқ дар заминаи таҳлили меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун унсурҳои фарҳанги сиёсӣ баррасӣ гардидаанд.

Аҳаммияти хосси дастовардҳои илмӣ дар соҳаи дарки иҷтимоӣ-фалсафии таносуби сиёсат ва ахлоқ, ахлоқи сиёсӣ ва инфиродӣ, аҳаммияти хосси ахлоқ дар фаъолияти сиёсиро таъкид намуда, ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки як қатор ҷанбаҳои ин масъала, вобаста ба давраи таҳаввули ҳаёти ҷамъиятӣ, ба раванди таҳқиқ ворид гардиданд.

Илова бар ин, корҳои илмие вуҷуд доранд, ки ҷанбаҳои ахлоқии этикаи умумӣ ва сиёсиро баррасӣ мекунанд. Онҳо ба ҷустуҷӯйи равишҳои консептуалӣ дар муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ равона гардидаанд. Аз ин лиҳоз, осори Р.Г. Апресян, А.А. Гусейнов, Е.Л. Дубко, Б.Г. Капустин, П.Козловски, Л.В. Максимов, А.В. Прокофйев, А.В. Разин, Б.Сутора, Ю.М. Фёдоров, И.Шапиро ва дигарон аҳаммияти хос доранд [18; 50; 57; 81; 82; 320; 330; 331; 341; 146; 164].

Муаллифони зикршуда талош намуданд, то нақш, таъсири меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқиро ба сиёсати давлатӣ ва дарки онро аз ҷониби ҷомеа ошкор намуда, хусусиятҳои омезиши шуури ахлоқӣ ва сиёсиро ҳамчун шакли ҳамгироии ҳадафҳои сиёсӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ, манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ муайян созанд. Ин муҳаққиқон сиёсатро чун фаъолияти ҷамъиятӣ баррасӣ мекунанд, ки ҳалли як қатор вазифа ва мушкилоти муҳимми иҷтимоиро талаб менамояд. Масалан, А.А. Гусейнов таъкид мекунад, ки дар сиёсати муосир амалан талошҳои муштараку дастаҷамъӣ, ки баҳри хидмат ба манфиати умумӣ асос ёфта бошанд, қариб вуҷуд надоранд [50, с.191].

Намояндагони ин равияи самти илмӣ ба робитаи ногусастанӣ байни ахлоқи сиёсӣ ва ахлоқи шахсӣ ишора намуда, талаботи муайянро нисбат ба пайравӣ аз самтгириҳои арзишӣ ва интихоби ахлоқӣ ба миён мегузоранд.

Онҳо «мантиқи камтар бад», имкони масъулияти ахлоқиро барои амалҳои анҷомшуда, инчунин ташаккули мушкилоти мушаххаси интихоби ахлоқиро асоснок менамоянд. Аз ин рӯ, равиши меъёрӣ (нормативӣ) бартарӣ дорад ва имкон медиҳад, то пояҳои арзишии иҷрои талаботи ахлоқию арзёбии падидаҳои сиёсӣ муайян карда шаванд.

Дар натиҷа, ахлоқ нақши «миёнрав»-ро дар муносибатҳои байни ҷомеа ва ҳокимият ба ҳайси як навъ идеал, намунаи рафтори иҷозатпазир ё ғайриқобили қабул ба хотири манфиати умумӣ ба зимма мегирад. Ба андешаи Б.Г. Капустин, ин амал тавассути ҳаракатҳои оммавии дастаҷамъона, бидуни кафолати дурусти қарорҳо, зуҳур мекунад [80, с.349-358].

Илова бар ин, ба масъалаҳои зикршуда дар адабиёти хориҷӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад, ки дар ин замина осори П.Блэклеҷ, Ҷ.Кейн, Ҷ.Рейчелс, М.Слоут ва дигарон, инчунин як идда таҳқиқоти диссертатсионии Е.Ю. Вавилова, Л.Д. Минкинена, И.В. Соловей, Г.С. Фёдоров ва дигаронро метавон номбар намуд [190; 232; 247; 266; 380; 390; 394; 396].

Гурӯҳи дигари адабиёти ахлоқу фалсафӣ ба таҳлил ва мутобиқсозии равишҳои макиавеллистӣ ва кантчигӣ нисбат ба арзишҳои ахлоқи сиёсӣ бахшида шудаанд. Муаллифони фазои мушкилоти ахлоқиро таҳқиққунанда, ба муаммои «ҳадаф ва воситаҳо» дучор меоянд, ки он тавассути мақсадгузории оқилонаи арзишҳо ҳал мешавад. Ба ин гурӯҳи таҳқиқотҳо осори Х.Арендт, Г.Г. Водолазов, Г.П. Гребенник, Б.Г. Капустин, И.И. Кравченко, Ю.Хабермас, Ҷ.Маркс, Р.Рейнҳолд, М.Окшотт, Ҷ.Танненбаум ва дигарон мансуб мешаванд [19; 38; 46; 80; 315; 148; 236; 250; 240; 272].

Таваҷҷуҳи хос ба як қатор масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар корҳои диссертатсионии А.Б. Веригин, А.И. Коломак, А.В. Коновалов, Ю.В. Назарова ва дигарон мушоҳида мешавад [381; 387; 388; 391]. Барои намояндагони ин самт маҳдуд сохтани сиёсат бо арзишҳои ахлоқӣ, ё озод

намудани сиёсат аз маҳдудиятҳои ахлоқӣ, инчунин интихоби афзалият байни уҳдадориҳои сиёсӣ ё қарзи ахлоқӣ масъалаи асосӣ маҳсуб меёбад. Ҳамаи муаллифон ғайриимкон будани равиши берун аз ахлоқ нисбат ба сиёсатро таъкид менамоянд. Танҳо макиавеллистҳо ба усули утилитарӣ-прагматикӣ дар ҳалли зиддиятҳо афзалият медиҳанд, дар ҳоле ки кантчиён зарурати ба инобат гирифтани самтгириҳои инсондӯстона ва талаботи ахлоқӣ дар мазмуну натиҷаи фаъолияти амалиро исрор мекунанд. Аз ин рӯ, робитаи ахлоқ ва сиёсат ба таври мубоҳисавӣ (дискурсивӣ) аз тариқи муайян намудани табиати ахлоқии сиёсат ё табиати сиёсии ахлоқ баррасӣ мегардад.

Ҷойгоҳи назаррасро дар таҳқиқоти ахлоқию фалсафӣ осори равишҳои этатистӣ ва либералӣ ишғол мекунанд. Онҳо ба мушкилот ва арзишҳои демократия ва ниҳодҳои он, кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, муносибати «озодӣ – детерминизм (сабабият)» таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, ки зарурати асосҳои ақлонии фаъолияти иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд. Ба ин равиш осори В.А. Бачинин, С.Н. Гавров, У.Кимлика, Б.В. Марков, С.П. Шавелёв, В.Л. Римский, В.Г. Федотова, Э.Гидденс, М.Мендрас ва дигарон дохил мешаванд [26; 40; 311; 92; 333; 147; 212; 238].

Муаллифони зикршуда масъалаҳои муошират арзишии инсон ва давлат, тамсилаҳои ҳамгироии ҷомеа, роҳҳои навсозии иҷтимоӣ ва нақши анъанаҳоро баррасӣ менамоянд. Дар ин замина ҷараёни озодгарӣ фаъолият ва таъсири назаррас нишон медиҳад. Намояндагони он ба ҷанбаҳои ақлонии муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва истифодаи амалии арзишҳои гуногун дар фазои сиёсӣ майл менамоянд. Махсусан, ин раванд, дар муроҷиат ба дастурҳои динӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои демократӣ ҳамчун маҳдудиятҳои арзишии бунёдӣ барои шахс дар амалияи ҳаррӯзаи ӯ зоҳир мегардад.

Нақши муҳимро ҳамчунин адабиёт оид ба ахлоқу фалсафа мебозад, ки ба таҳқиқоти ҷанбаҳои гуногуни арзишии фазои ахлоқии ҷомеа бахшида шудааст. Таҳқиқоти ин самт дар осори А.А. Зиновйев, Г.Ю.

Канарш, В.С. Мартянов, Л.Г. Фишман, М.В. Сахарова, М. Сэндел, О.Хёффе ва дигарон муаррифӣ мегардад [61; 73; 93; 336; 137; 157].

Дар ин асарҳо зуҳур ва нақши арзишҳои бунёдӣ дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Вобаста ба доираи масъалаҳои баррасишаванда, муаллифон ба таҳлили хусусият, имкониятҳо ва шаклҳои амалӣ намудани арзишҳо, чун адолат, баробарӣ, таҳаммулпазирӣ, қарз (масъулият), некӯаҳволии умумӣ ва ғайра аҳаммияти хосса медиҳанд. Бо вуҷуди ин, тафовут дар равишҳо нисбат ба татбиқи афзалиятҳои арзишии самти методологӣ ва идеологии муҳаққиқон, инчунин хусусияти тафсири онҳо дар бораи зуҳури меъёрҳои ахлоқ дар фаъолияти амалӣ муайян карда мешавад. Маҳз ба ҳамин сабаб, ин масъалаҳо то ҳол дар маркази баҳсҳои илмии мутафаккирони муосир боқӣ мемонанд.

Гурӯҳи дигари таҳқиқоти масоили ахлоқию фалсафиро таҳқиқотҳое ташкил медиҳанд, ки дар маркази таваҷҷуҳи онҳо мушкилоти ахлоқи абзоргароёна (инструменталистӣ) ва консуматорӣ қарор дорад. Ин равиш бо осори Т.П. Волкова, Б.И. Зеленко, Х.Йонас, Г.И. Мусихин, В.И. Бакштановский, Ю.В. Согомонов, Ҷ.Ролз, К.Б. Сафонов, В.Е. Черникова ва дигарон муаррифӣ мегардад [288; 305].

Татбиқи арзишҳои ахлоқие, ки дар назари аввал чун масъалаҳои абстрактӣ дарк мегарданд, муносибати муҳаққиқонро нисбат ба муҳимтарин ҷанбаҳои демократия, раванди навсозӣ ва баробарии имкониятҳо дар ҷомеаи муосир муайян месозад. Зеро, то имрӯз масъалаи таносуби самтгириҳои арзишӣ ва фаъолияти амалӣ, ки бо татбиқи онҳо алоқаманд аст, баҳсталаб боқӣ мемонад. Зарурати таҳияи назариявии ин мушкилот бо дарки арзишии ҷомеа нисбат ба фарҳангҳо, идеологияҳо, анъанаҳо ва стратегияҳои гуногуни навсозӣ вобаста мебошад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси тафаккури ахлоқӣ дар ин самти илмӣ, ҳамоно як қатор ҷанбаҳое мавҷуданд, ки ба таҳқиқи минбаъда ниёз доранд. Ин ҳолат вазифаи таҳқиқи масоили мувозинати байни арзиши

ахлоқӣ ва сиёсатро дар раванди рушди иҷтимоии Тоҷикистон ба миён мегузорад. Маҳз ҳамин шароит то андозае интихоби мавзуъ, объект, предмет ва ҳадафҳои таҳқиқоти диссертатсиониро муайян месозад.

Дар робита ба ин, дарки масъалаи асосҳои меъёрии фаъолияти сиёсӣ ҳамчун натиҷаи марҳалаи хосси рушди иҷтимоӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Ин имкон медиҳад, ки дараҷаи таъсири меъёрҳои ахлоқӣ ба ҳадафҳои сиёсии фаъолияти субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бар асоси гуногуншаклии амалияи онҳо муайян карда шаванд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Рисолаи диссертатсионии мазкур аз рӯйи мазмуну муҳтавои худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, таҳти № 114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқат менамояд. Инчунин рисолаи диссертатсионии мазкур дар заминаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти унвони «Ташаккули сифати нав дар инкишофи ҷомеа ва инсон» (барои солҳои 2021-2025), ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, анҷом дода шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷиҳатҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ оид ба масъалаи хусусиятҳои ташаккули танзими ахлоқии муносибатҳои сиёсиро дар замони муосир фаро мегирад. Дар бахши мазкури рисолаи диссертатсионӣ мақсади таҳқиқот, вазифаҳои он, объект ва предмет (мавзуъ)-и таҳқиқот, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот мушаххас карда мешаванд. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи таҳқиқот муаррифӣ гардида, навгониҳои илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ асоснок карда мешаванд. Дар охири ин бахш, саҳми бевоситаи довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, раванди тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтори таҳқиқот ва ҳаҷми диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Мақсади таҳқиқот муайян ва асоснок намудани ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар амалияи сиёсӣ вобаста ба шароити муайяни рушди таърихии ҷомеаҳо мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадафи муайяншуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста мешавад:

- таҳлил ва ошкор намудани робита ва таъсири мутақобилаи фаъолиятҳои сиёсӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дар таълимотҳои иҷтимоии классикӣ;

- таҳқиқ ва баррасии масъалаи меросият ва тағйирёбии масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар афкори муосири фалсафӣ-иҷтимоӣ;

- шарҳу тавзеҳи ахлоқ ҳамчун воситаи танзими фаъолияти сиёсӣ дар пояи таҳлили афкори муосири фалсафӣ;

- собит намудани ҷойгоҳи ахлоқи сиёсӣ дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик ва таҳқиқи он дар замони истиқлолият;

- ошкор намудани амалияи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар

таҷрибаи таърихии сиёсии тоҷикон;

- муайян намудани ҷойгоҳи ниҳодҳои иҷтимоӣ дар танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии ҷомеаи миллӣ;

- ошкорсозии эҳтиром ба адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ ҳамчун натиҷаи афзалиятдиҳии арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян кардани афзалиятҳои арзишии нухбагони сиёсии муосир ҳамчун омили ҳамгироии ҷомеа;

- таҳлили вижагиҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятии замони муосир;

- шарҳу тавзеҳи робитаи байниякдигарии арзишҳои ахлоқию сиёсӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои ҷомеаи миллӣ;

- баррасӣ ва ошкор кардани хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон;

- арзёбии нақши ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар ҳифзи анъанаҳои миллӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули асосҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа;

- дар асоси истифодаи усули таҳлили муқоисавӣ таҳқиқ намудани хусусиятҳои таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ташаккули ҷанбаҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа;

- таҳлил намудани ҷиҳатҳои зарурии нуктаи назари ҳизбҳои сиёсии муосир ва ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар мафкураи онҳо;

- ошкор намудани вижагиҳои мавқеъгирии кишварҳо доир ба баҳодиҳии ахлоқии амалҳои сиёсии байниҳамдигарӣ дар замони муосир;

- таҳқиқи меъёрҳо ва равишҳои густариши шуури ахлоқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва таъсири он ба ҳаёти сиёсии ҷомеа.

Объекти таҳқиқотро хусусиятҳои танзими ахлоқии муносибатҳои сиёсӣ дар замони муосир ташкил медиҳад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот зуҳури хусусиятҳои ташаккули танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии умумиятҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаҳои

рушдёбанда мебошад.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2021-2025 мувофиқ ба самти умумии корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра дар мавзуи «Ташаккули сифати нав дар инкишофи ҷомеа ва инсон» коркард ва ҷамъбаст шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро ҷанбаҳои консептуалии пажуҳишҳои дар ин самт анҷомдодашуда аз ҷониби олимони барҷастаи замонҳои гузашта ва имрӯза, инчунин дидгоҳу амалияҳои сиёсатмадорони сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Ҳангоми таҳияи рисола бештар аз методҳои илмҳои фалсафӣ, аз ҷумла таҳлил, синтез, таърихият, системанокӣ, муқоисавӣ, тарҳрезии сиёсӣ ва ғайра истифода шудааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаи эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, махсусан олимони ҷаҳони ғарбӣ, муҳаққиқони рус, фазои пасошӯравӣ, муҳаққиқони тоҷик ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо, ки дар нашрияҳои мухталиф дар шакли китобу монографияҳо, васоити таълимию мақолаҳои илмӣ нашр гаштаанд, ташкил медиҳад.

Пойгоҳи таҳқиқот. Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Муаллифи диссертатсия барои анҷоми таҳқиқот аз тамоми имкониятҳои моддӣ-техникии Китобхонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи И.Гандӣ, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода кардааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз мақсад ва вазифаҳои пешгузошташудаи рисолаи диссертатсионӣ бармеоянд, ки ҷиҳатҳои зеринро фаро мегиранд:

- таҳлили муқоисавии равишҳо ва тафсирҳои гуногуни фалсафӣ, консептуалӣ ва методологӣ, дар ҳалли мушкилоти таъсири мутақобилаи

байни арзишҳои ахлоқии нисбатан мустақил ва сиёсат дар таълимотҳои иҷтимоии классикӣ мушаххасан омӯхта шуд;

- муайян карда шуд, ки дар баҳсҳои фалсафаи ахлоқ нисбат ба ҷойгоҳи ахлоқ дар ҳаёти сиёсӣ дар ду дидгоҳи аз ҳам фарқкунанда ташаккул ёфтааст. Дидгоҳи аввал ҷойгоҳи меъёрҳо ва дастурҳои ахлоқиро дар ҳаёти сиёсии ҷомеаҳо муайянкунанда медонад. Равиши дуюм аз он бар меояд, ки меъёрҳои сиёсӣ бояд ҳамчун падидаи мустақил ва бегона нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ фаҳмида шаванд;

- исбот гардид, ки арзишҳои ахлоқӣ фазои созандаи наздик сохтани ҳадафҳои фаъолияти сиёсии субъектҳои гуногунро муҳайё сохта, ғояҳои ягонаи амалро барои онҳо ташаккул медиҳанд;

- аз таҳқиқоти анҷомёфта мушаххас гардид, ки масъалаи тарғибу ташвиқи фазилатҳои ахлоқӣ дар рафтори сиёсии аҳли ҷомеа, бахусус сарварони сиёсии замон дар мероси мутафаккирони мо ҷойгоҳи махсусро ишғол намуда, ҳамзамон дидгоҳҳои мухталиф доир ба ин масъала вуҷуд доштааст;

- таъкид мегардад, ки танзими ахлоқӣ дар муносибат ба фаъолияти сиёсӣ аз дарки он бармеояд, ки ин шакли фаъолият, ба монанди шаклҳои дигари он, мавҷудият ва аҳаммияти худро мутобиқ ба арзишҳо ва меъёрҳои дар ҳар ҷомеаи мушаххас мавриди қабулбуда, пайдо менамояд. Танзими мақсадноки фаъолияти сиёсӣ, дар баробари арзишҳои сиёсӣ, бар мабнои меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба амал меояд;

- муайян шудааст, ки дар заминаи таъсири беэътиноӣ ба арзишҳои ахлоқӣ ва афзоиши сатҳи қонуншиканиҳо робитаи наздик миёни шароити номусоиди зиндагӣ ва муҳити оилавии ҷавонон бо осебҳои рафторӣ ба вуҷуд омадааст. Дар паси аксари беэътиноии ҷавонон ба арзишҳои ахлоқӣ оилаи носолим ва таназзулёфта пинҳон аст. Аз ин рӯ, дар танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии ҷомеаи миллӣ нақши оила, муҳити таълим, бахусус, мактаб ба таври хос таъкид карда мешавад;

- зарурати нигоҳ доштани робитаи принсипҳои ахлоқӣ дар сиёсат, ки

ба нигоҳ доштан ва эҳтиром гузоштан ба адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ алоқаманд мебошанд, асоснок карда шудааст;

- таъкид мегардад, ки мазмуну мундариҷаи арзишҳои сиёсие, ки ходимони (нухбагони) ҷамъиятию сиёсӣ аз онҳо пайравӣ мекунанд барои пешбинии рушди минбаъдаи ҷомеа ва ҷонибдории мардум аз ин ҳадафҳо имконият фароҳам меорад;

- тасдиқ гардидааст, ки ҷойгоҳи ахлоқ дар давраҳои гуногуни ташаккули ҷомеаи имрӯза имконият медиҳад, то пояҳои асосии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки муносибатҳои ахлоқӣ ва хусусиятҳои махсуси муносибатҳои иҷтимоиро муайян мекунанд, собит карда шаванд. Принсипҳои ахлоқӣ роҳнамо барои фаъолияти сиёсӣ, имконияти на танҳо ба даст овардани уҳдадориҳои мутақобила байни сиёсатмадорон ва шаҳрвандон, балки ҳимояи эътибори ҳукумат, самаранокии идоракунӣ ва устувории рушди иҷтимоиро низ таъмин мекунанд;

- муайян гардидааст, ки ҳамбастагии арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ ба равандҳои ҷомеаи муосир ҳамчун воситаи танзими фаъолияти инсонҳо мақоми хос доранд. Меъёрҳои ахлоқӣ ба фаъолияти сиёсии инсонҳо маънии ахлоқӣ бахшида, онро саъю кӯшиш барои расидан ба адолати иҷтимоӣ тавсиф менамоянд;

- нишон дода шудааст, ки зуҳури меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ дар давраҳои буҳронӣ муҳим мебошанд, чун бо вайрон шудани мувозинати мавҷудияти ҷомеа, ки дар натиҷаи буҳронҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст, танзими ахлоқии ҷомеа ва дастгирии ҳукуматро халалдор мекунанд. Чунин ҳолат хосси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-уми асри XX буд;

- асоснок карда шудааст, ки сатҳи фарҳанги афрод ҳамчун риояи анъана маънидод мешавад, вале қобилияти одамон барои пос доштани талаботҳо ва унсурҳои ахлоқии расму одат ва анъанаҳо дар таъмини суботи низоми иҷтимоӣ ва ташаккули асосҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши муҳим мебозад;

- исбот шудааст, ки равандҳои алоқаманд ба таъсири падидаҳои ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои сиёсии ҷомеа талаб мекунад, ки ҳукуматҳои миллӣ байни ҳамгироии глобалӣ, ҳифзи адолати иҷтимоӣ ва истиқлолияти миллӣ тавозун нигоҳ доранд. Қайд карда мешавад, ки ҷаҳонишавӣ барои идоракунии миллӣ ва рушд ҳам имкониятҳо ва ҳам мушкилотро ба бор меорад. Танҳо бо қабули сиёсатҳои ҳамаҷониба идоракуниро тақвият бахшида, ҳувияти фарҳангиро ҳифз намудан имконпазир аст;

- муқаррар гаштааст, ки фаъолияти сиёсии бо усулҳои ақлонӣ ташаккулёфта ва идорашаванда одатан дар фаъолияти ҳизбҳо мушоҳида мешавад. Бинобар ин ҳизбҳои сиёсӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки усул ва меъёрҳои дар ҷомеа роиҷро мақсаднок дар самти боло бурдани нақши арзишҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои ҳизбӣ истифода баранд;

- ошкор карда шудааст, ки равандҳои зиддиятноку пурталотум тадриҷан ба тағйири дидгоҳҳо ва мавқеъгириҳои кишварҳо нисбат ба баҳодиҳии ахлоқии амалҳои сиёсии ҳамдигар замина гузоштаанд. Ин дигаргуниҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба боло рафтани садою нуфузи кишварҳои Олами Ҷануби глобалӣ алоқамандӣ доранд, зеро онҳо равнақёбии рушди иқтисодиро ба даст оварда, бо ҳамин таъсири онҳо ба низоми ҷории ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ меафзояд;

- исбот гардид, ки мундариҷаи шуури ахлоқӣ дар заминаи воқеиятҳои объективӣ ташаккул ёфта, мутаносибан ба тамоюлоти ин равандҳо таъсир мерасонанд. Ин таъсиррасониҳо аксаран ғайримустақим бо роҳи татбиқи фаъолиятҳои одамон дар ин ва ё он соҳа ба амал меоянд. Яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, ки таҳти таъсиррасонии шуури ахлоқии одамон қарор дорад, соҳаи ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Собит шудааст, ки асоси ҳастии инсонро фаъолияти он ташкил медиҳад, вале дар баробари ин, ҳадафҳои ба фаъолият водорсозандаи инсон ва ба он мазмуну мундариҷаи мувофиқ фаротар аз марзи фаъолият

қарор дошта, ба соҳаҳои марбут ба ангезаҳо, идеалҳо ва арзишҳо вобастагӣ мегиранд. Ин ҷанба ба тамоми шаклҳои фаъолияти огоҳонаи инсон, аз ҷумла, фаъолияти сиёсӣ рабт дорад. Бинобар ин, робитаи ногусастании мундариҷаи фаъолияти сиёсӣ бо арзишҳои ахлоқии ҷомеаи мушаххас пайвандӣ дорад, ки омили муҳим барои таҳқиқи масъала мебошад.

2. Асоснок карда шудааст, ки арзишҳои сиёсӣ мустақилона вуҷуд надоранд ва сарчашмаи ташаккулёбии онҳо марбут ба мафкураҳои таъсиррасону амалкунанда ва тамоюлҳои рушди ахлоқии ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, ахлоқ дар арсаи сиёсӣ, пеш аз ҳама зарурати созиш додану наздик сохтани манфиатҳои фардӣ бо манфиатҳои умумии ҷомеаро тақозо менамояд. Чунин амалия дар раванди ба даст овардани Созишномаи сулҳи байни тоҷикон бо талоши дар маркази ҳадафҳои ҷонибҳо қарор додани масъалаи нигоҳ доштани мавҷудияти давлати миллӣ, ки омили ҳастии тоҷикон маънидод гардида буд хеле хуб татбиқ гардид.

3. Муайян карда шудааст, ки бо назардошти эҳтиром ба арзишҳои ахлоқӣ, воридшавии афрод ба арсаи сиёсӣ барои ҷомеа манфиатовар мегардад, зеро сиёсат бо имкониятҳояш метавонад барои таъмини саодати умум нақши бештар дошта бошад. Эътирофи ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар амалияи сиёсӣ на танҳо хизмати шахсии сиёсатмадорон, балки талаботи ҷаҳони маънавии онҳо мебошад.

4. Муайян карда шудааст, ки таърихан ташаккули ахлоқ дар ҳаёти сиёсӣ чунон ба вуҷуд омадааст, ки дар маркази таваҷҷуҳи он, мусоидат ба нафъи дигарон аҳаммияти калон дошт. Бинобар ин, талошу тадбирҳо тадриҷан барои муайян ва дарк кардани нафъи дигарон дар осори олимон тақвият ёфта, ғояҳои арзишманд ба миён омадаанд. Хусусан, дар фалсафаи ахлоқии мардуми тоҷику форс силсилаи асарҳои ба масъалаи тадбири манзил бахшидашуда, эҷод гардиданд.

5. Собит карда шудааст, ки масъалаи эътибор пайдо кардан ва ба инобат гирифтани арзишҳои ахлоқӣ дар амалияҳои сиёсӣ, дар баробари

дигар омилҳо, инчунин, ба омили зарфи давлатҳо низ вобастагии зиёд дорад. Масалан, муҳаққиқи амрикоӣ Ҷон Миршаймер чунин меҳисобад, ки давлатҳои абарқудрат ҳамеша нисбат ба якдигар бо назари нобоварӣ менигаранд ва аз ҳамдигар иқдомҳои ғайриинтизоршавандаро мунтазир ҳастанд. Аз ин ҷиҳат, муносибати байниҳамдигарии онҳо дар камтарин маврид дар чаҳорчӯбаи арзишҳои ахлоқӣ меғунҷад, аммо онҳо ба ин эътибори ҷиддӣ намедиҳанд.

6. Муқаррар карда шудааст, ки кишварҳои ғарбӣ мунтазам талош меварзанд нисбат ба кишварҳои дигари ҷаҳон мақоми ҳидоятсозӣ ба сӯйи бунёди ҷомеаи демократиро ишғол намоянд ва боварӣ доранд, ки ахлоқ барои ин ҳамеша дар амали онҳост, чун тибқи ин мантиқ танҳо дар рушду нумуи ниҳодҳои демократӣ имконпазир аст.

7. Муайян карда шудааст, ки арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври мушаххас ва мақсаднок аҳаммияти бузургро касб мекунанд. Арзишҳои ахлоқӣ ҷамъи тасаввуроти бонизоми акторҳо перомуни муҳиммияти он ё дигар қоидаҳо, дастурҳо ва идеалҳо барои худ мебошанд. Бар асоси онҳо ахлоқи сиёсӣ ташаккул меёбад ва он маҷмуи меъёрҳо, усулҳо ва арзишҳоеро фаро мегирад, ки рафтори субъектҳоро дар соҳаи равобити сиёсӣ танзим мекунад. Мазмуни онҳо тавассути ахлоқи сиёсӣ ошкор ва таҳлил мешавад, ки аҳаммият, нақши ахлоқ ва арзишҳои ахлоқиро барои сиёсати давлатӣ меомӯзад ва асоснок мекунад.

8. Муайян карда шудааст, ки тавозуни арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ дар тафсири мафҳумҳои «некӣ ва бадӣ», «ҳақиқат ва ботил» барои ҳар як вазъияти мушаххас ва ҳолати ҷомеа инъикос меёбад. Ҷомеа, бо баҳогузории пайваста аз рӯйи ченаки «озодӣ – адолат», интихоб ва амалҳои сиёсатмадорони худро муайян мекунад. Ғайр аз ин, духурагии арзёбии сиёсӣ ба воситаи арзишҳои «мутараққӣ» ва «устуворӣ» муайян мешавад. Дихотомия ё дуҷониба будани тамоюлҳои ахлоқӣ ва арзишӣ ҳам дар мавқеи ҷомеа ва ҳам дар нухбагони ҳукмрон ба назар мерасад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дастовард ва натиҷаҳои рисолаи анҷомёфта, метавонад барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи баррасишаванда, аз ҷумла, тақвият бахшидани ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар амалияи сиёсӣ истифода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта бо такя ба далелҳои муътамад барои исботи фикрҳои баёнгардида, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои бонуфузи дохилию берунӣ аз маводди таҳқиқшуда таъмин гардидааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Рисолаи анҷомёфта ва натиҷаи назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6.3.4. Илми ахлоқ, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мувофиқи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, таҳия шудааст. Зимнан, мавзуи рисола бо бандҳои 9 ва 10 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 сол, таҳти № 503 «Дар бораи самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» алоқаманд мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми унвонҷӯйи рисолаи доктории мазкур қабл аз ҳама дар муайян намудани ҳадаф, предмет ва объекти таҳқиқот, пешниҳоди фарзияҳои алоқаманд бо мубрамии мавзуъ, асосноксозии заминаҳои назариявии пажуҳиш ва интихоби методологияи таҳқиқот зоҳир мегардад. Ҳамчунин аз тариқи нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи пажуҳиш, баромадҳо дар конфронсу ҳамоишҳои илмӣ саҳми довталаб дар ҷустори паҳлуҳои муҳимми мавзуъ ба назар мерасад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар

ҳамоишҳои илмӣ). Нуктаҳои асосии диссертатсия дар маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суратмаҷлиси № 02 аз 02 сентябри соли 2026 муҳокима гардид.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия, аз ҷониби муаллиф, дар як қатор конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Илм ва таҷриба: татбиқ дар ҷомеаи муосир» (Британияи Кабир, Манчестер, 2020), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Таҳқиқотҳои илмӣ дар қарни XXI» (Канада, Оттава, 2021), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Уфуқҳои илмӣ дар доираи буҳронҳои иҷтимоӣ» (Ҷопон, Токио, 2021), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Таҳқиқотҳои илмии муосир» (Норвегия, Осло, 2021), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ибни Сино ва Абубакри Розӣ – нобиғаҳои тамаддуни башарӣ» (Тоҷикистон, Душанбе, 2025), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши Эмомалӣ Раҳмон ва Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар таҳкими пояҳои давлатдории муосири тоҷик» (Тоҷикистон, Душанбе, 2025) нашр шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 1 монография, 21 мақолаҳо, аз ҷумла 16 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида инъикос ёфтаанд.

Сохтори таҳқиқот ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 5 боб, 16 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва 399 номгӯйи рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ 351 саҳифаро ташкил дода, дар барномаи Microsoft Word, андоза – 14 pt; фосилаи байнисатрӣ – 1,5 см; ҳошияҳои саҳифа: чап – 3 см; рост – 1 см; боло ва поён – 2 см таҳия шудааст.

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ТАШАККУЛИ ТАНЗИМИ АХЛОҚИИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ

1.1. Баррасии таъсири мутақобилаи фаъолиятҳои сиёсӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дар таълимотҳои иҷтимоии классикӣ

Таъсири мутақобилаи сиёсат ва ахлоқ дар таърихи ҷомеаи башарӣ ба таври мухталиф зуҳур ёфта, омилҳои ба ин раванд таъсиргузор низ гуногун мебошанд. Маъмул х

ан ба ин омилҳо вижагии муносибатҳои ҷамъиятӣ, муҳити иҷтимоию фарҳангӣ, анъанаҳои идораи равандҳои иҷтимоӣ ва ғайра шомил мешаванд.

Аз ҳамин лиҳоз зуҳури ин падида дар ҷомеаҳои суннатӣ хусусияти хосси худро дошта, дар ҷомеаи муосир бошад хусусиятҳои дигарро касб мекунад. Бештар таъкид мегардад, ки дар ҷомеаҳои суннатӣ сиёсат ва ахлоқ моҳияти ягона дошта, аксари усулҳои ҳалли сиёсии рафтори иҷтимоии одамон ба механизмҳои танзими ахлоқӣ мушобеҳ мебошанд. Метавон ба таври мисол методҳои ахлоқиро интихоб намуд, ки дар пояи қавонини динӣ бунёд гашта, дар марҳалаҳои барзиёди таърихӣ ба ҳайси маҳаки баҳогузорандаи амалҳои сиёсии намояндагони ҷомеаҳо баромад мекарданд. Ба маънои дигар самаранокии амалҳои сиёсӣ дар баробари меъёрҳои ахлоқӣ, ба монанди некиву бадӣ ҳамчунин бо ақоиди динӣ арзёбӣ мегардиданд.

Нахуст ба ин масъала нисбат ба дигарон бештар Афлотун дар асарҳояш «Давлат» («Ҷумҳур»), «Қавонин» ва баҳсҳои худ таваҷҷуҳ намуда буд. Дар андешаҳои худ дар бораи мақоми ахлоқ дар танзими рафтори сиёсӣ Афлотун бар он бовар буд, ки сиёсат ҳунари шоҳон буда, дониш ва малакаи лозимаи роҳбарии инсонҳоро тақозо менамояд: «Мегӯянд даст задан ба беадолатӣ маъмулан хуб аст, вале таҳаммули он – бад аст. Аммо ҳангоме беадолатиро таҳаммул мекунӣ, дар ин маврид бадӣ бештар аст, нисбат ба хубии он ки ба адолат даст мезанӣ. Барои ҳамин ҳам, замоне ки

инсонҳо шаҳди ҳам ину ҳам онро чашиданд, яъне адолат карданд ва аз беадолатӣ ранҷ бурданд, дар ин ҳолат, дигар қудрати аз яке халос шуда, дигареро дар даст нигоҳ доштанро надоштанду ба мақсад мувофиқ донистанд, ки бо ҳамдигар ба мувофиқа биёянд, барои он ки на ба беадолатӣ даст зананд ва на аз он азият кашанд. Аз ҳамин ҷо қонун ва шартномаи тарафайн оғоз ёфт.

Меъёрҳои қабулгардида қонунӣ ва адолатпеша номида шуданд, – маҳз чунин аст табиат ва моҳияти адолат. Ҳамин тариқ, он дар байн қарор дорад, зеро агар беадолатӣ содир намуда, ҳамзамон бечазо монӣ, аз ҳама хуб аст, вале таҳаммул кардани беадолатӣ дар ҳоле ки подоши онро дода метавонӣ – аз ҳама бадтар аст. Адолат байни ин ду ҳолат аст ва ба ин бояд қаноат намоӣ, на барои он ки адолат амали нек аст, балки барои он ки инсонҳо онро барои надоштани қобилияти содир кардани беадолатӣ қадр менамоянд» [122, с.93].

Дар андешаҳои худ Афлотун ба ғояҳои хайр такя намуда, онро ҳамчун ягонагии накукорӣ ва хушбахтӣ маънидод мекард. Ба андешаи ӯ, дар тафовут аз идоракунии илоҳии одамон, ки ҳамеша моҳияти адолатпарварона дорад, аз ҷониби сиёсатмадорон идора шудани одамон аз камбудӣ холӣ нест.

Барои ҳамин ҳам, расидан ба хушбахтию рифоҳи олӣ дар рӯйи замин душвор аст, ба даст овардани онҳо танҳо дар ҳолати даст кашидан аз ҳамаи неъматҳои олами эҳсосшаванда имконпазир аст, зеро олами воқеӣ доимо олами пурнуқс, олуда аз бадӣ ва бесарусомонӣ аст.

Ба ин асос, вазифаи аввалини инсон аз он иборат аст, ки бар олами воқеӣ ғолиб омада, ба шабоҳат бо Худо саъй намуда, ба ҳолати қаблӣ баргардад: «Дар воқеъ адолат дар чунин вазъ қарор дошт, на ба маънои зуҳуроти берунаи инсонӣ, балки ба маънои таъсири комилан ботинӣ ба худ ва қобилияти худ.

Чунин инсон хеҷ гоҳ ба мабдаъҳои дар ботинашбуда имкон намедиҳад, то дастури бегонаро иҷро намуда, бо дахолати мутақобил ба

якдигар мушкилӣ эҷод намояд: вай ба ҳар як мабдаъ хислатҳои ба онҳо хосро дода, худро идора мекунад, ҳамаро ба тартиб медарорад ва худ тағйир меёбад; вай се мабдаи дар ботинашбударо ба ҳам созгор месозад, мушобеҳ ба се сози мусиқӣ – баланд, паст ва миёна; ва ҳам созҳои байни онҳо; ва агар ин ҳолат сар занад, дар алоқамандии ҳама ин фузуниҳо ба ваҳдати худ мерасад, ботамкин ва ботартиб мешавад.

Ӯ дар амали худ чунин аст ва новобаста аз он ки ба масъалаи хариди манзил, нигоҳубини ҷисми хеш, умури давлатдорӣ ва ё қарорҳои хусусӣ дахл менамоянд.

Дар ҳама ҳолат, амали боадолат ва солеҳ ин аст, ки барои ҳифзи вазъи мазкур мусоидат мекунад ва боодобиро дар имкони роҳбарӣ ба ин фаъолият медонад. Амали беадолатӣ ба назари ӯ ҳама чизест, ки вазъро халалдор месозад, беодобӣ бошад – андешаест ӯро роҳнамоӣ мекунад» [122, с.253].

Тибқи андешаи Афлотун ҳукумат дар ҳар як давру замон бо сиёсат робитаи мустақим дошта, хусусияту моҳияти сиёсат аз ин рӯ ба татбиқи амалҳои ниҳодҳои ҳукмронӣ таъсири муҳим мегузорад. Бо такя аз ин қазоват маънои ахлоқӣ доштани сиёсатро ӯ пайваста таъкид месозад ва алоқамандии онҳоро омили саодати навъи башар мешуморад. Барои тасдиқи ин андеша Афлотун дар асараш «Ҷумҳур» усулҳои идораи шаҳрҳоро бо ҳамдигар мисол меорад ва интихобу ҷобаҷогузории афродро дар мартабаҳои идоракунӣ низ баҳри ба ин ҳадаф расидан лозим мешуморад. Интихобҳо ба андешаи ӯ бояд бо такя аз талаботҳои ахлоқӣ дар асоси ба инобат гирифтани истеъдоду қобилияти ашхос сурат гирад. Бинобар ин ашхос, ки талоши ба зӯри гирифтани маъмуриятро мекунанд бояд таҳти таълиму тарбияи махсус қарор гиранд. Ин гурӯҳи афрод бояд се навъи омӯзишро, ки се сол давом мекунад, бигузаранд:

а) озмоишҳои ҷисмонӣ ё баданӣ;

б) озмоишҳои ҳушу ақл;

в) озмоишҳои ахлоқӣ.

Мақсад аз озмоишҳои ҷисмонӣ пеш аз ҳама аз он бармеояд, ки барои иҷрои вазифаҳо маъмурон бояд ба моҳияти хастанопазир, доштани лаёқати қавӣ ва саломатии комил ниёз доранд. Агар ин аломатҳо дар онҳо камбуд дошта бошад, пас эшон наметавонад дар иҷрои вазифаашон муваффақият дошта бошанд. Яъне, ба солимии ҷисмонӣ ва тобоварию пурзӯрии шахс диққат дода мешавад, то дар авқоти лозима аз тарафи он ҷасурӣ мушоҳида гардад, на тарсӯӣ.

Тарбия ва савод барои насли оянда дар таълимоти Афлотун ҷойгоҳи баландро касб мекунад. Ӯ беҳуда пешниҳод накарда буд, ки фарзанд бояд дар мактаби махсус тамоми илмҳои динию дунявӣ ва ҷисмониро фарогир бошад ва дар тӯли таҳсил онҳоро аз худ намуда, баробари сайқал додани дониши худ дар натиҷаи таҷриба мо метавонем он шахсро ба сиёсати бузург роҳнамоӣ кунем. Яъне шахси босавод ва ботаҷриба метавонад дар сиёсати бузург бомуваффақ бошад ва ин шахс ҳатман бояд омода карда шавад.

Ахлоқ ё тарбия дар ҳар давру замон барои ташаккули шахс мусоидат мекунад ва шахс дар пояи он тарбия гирифта, дар фаъолиятҳо ва муносибатҳои худ бо дигарон чунин роҳеро интихоб мекунад, ки барои дигарон дарси ибрат бошад. Дар ин бахш бисёр муҳаққиқони юнонӣ андешаҳои ҷолибро баён намудаанд, ки дар рушди таълимотҳои ахлоқӣ заминаи мусоидро гузоштаанд.

Барои ҳамин ҳам, ин андешаҳо аз ҷониби андешамандони бузурги Юнон дар таълимотҳояшон такмил меёбад. Масалан Суқрот ба ин андеша буд, ки роҳбарон бояд бо ақлу ахлоқи ҳамида дигаронро мутаваҷҷеҳи аҳдофу вазифаҳояшон кунанд. Ӯ пайваста барои ҳидояти мақсадноки мардум ба накӯкорӣ ва росткирдорӣ асоси илмӣ ва ақлӣ меҷусту зуҳури аъмоли ношоистаро аз нодонӣ иборат медонист. Ахлоқи Суқрот дар пояи масъулияти шахс қарор дошт, ки некӣ ва муносибати хуб барои мо қарз мебошад ва он бояд баргардонида шавад. Чун асоси таълимоти ӯ ба масъалаи инсон бахшида шудааст, бо илму ахлоқ сифатҳои инсониро рушд

медиҳанд ва чунин инсон ба мақсадҳои гузоштаи худ мерасад ва хушбахт маҳз ҳамон инсоне ба ҳисоб меравад, ки ба дарки онҳо мерасад.

Шогирди Афлотун Арасту маҳз ҳамин андешаи устоди худро оид ба ин мавзуъ дастгирӣ нанамуда, бар андешае буд, ки чи хеле дар давлат шоҳон идора мекунанд, ҳамин тавр дар оилаҳо сардорон мисли шоҳон идора мекунанд. Давлат аз худ оилаҳоеро мемонад, ки онҳоро шоҳон идора мекунанд ва ин шоҳон аз худ роҳбари оиларо мемонад: «Аз ҳамаи гуфтаҳо бармеояд, ки давлат ба ҳамоне тааллуқ дорад, ки табиатан вуҷуд дорад ва инсон аз рӯйи табиати худ мавҷудоти сиёсӣ мебошад ва шахсе ба таври табиӣ, на дар натиҷаи шароитҳои тасодуфӣ, ки берун аз давлат вуҷуд дорад – имкон дорад махлуқи аз лиҳози маънавӣ ноқис бошад, ё фавқулинсон аст, ки ӯро Гомер сарзаниш карда, гуфта буд: «бе қавм, бе қабила, берун аз қонун, бе хона»; чунин инсон табиатан ташнаи ҷанг аст; ӯро метавон бо пиёдаи танҳомонда дар рӯйи тахтаи шоҳмот шабоҳат дод» [21, с.9].

Дар таълимоти Афлотун фазои наздик шудани сиёсат ва ахлоқ дар давлати тахайюлӣ аст, ки дар он шароит барои ҷомеаи комил ва тақлид аз намунаҳои илоҳии ҳукмронӣ бар одамон, ба вуҷуд оварда мешаванд.

Дар ин иртибот, на ҳама, балки як идда намояндагони интихобӣ, ки сидқан моҳияти ҳақиқати илоҳиро дарк кардаанд, медонанд чӣ гуна дуруст ва боадолатона аз болои инсонҳо роҳбарӣ намоянд: «Ҳамин тавр, ту ба давлате, ки ҳамаҷониба, тавре қабл таъкид намудем, ба чунин корҳо даст мезанад, сано намегӯй? Ва ё ба ту ба назар намерасад, ки ҳамаи ин дар давлати бад идорашаванда рух медиҳад, дар ҷойе ки шаҳрвандон умуман ҳуқуқи тағйир додани сохтори давлатро надоранд ва чунин кӯшишҳо бо ҷазои марг хотима меёбанд.

Шахсе мехоҳад ба шаҳрвандони таҳти чунин шакли идорӣ қарордошта дилписанд ва мақбул бошад, ба хоҳиши онҳо лаббай гӯяд, майлу рағбати онҳоро қаблан дарк карда, онҳоро амалӣ гардонад, аз рӯйи

чунин мантиқ метавонад инсони хайрхоҳ, дар корҳои муҳим оқил бошад ва шаҳрвандон дар ин ҳолат ба ӯ эҳтиром мегузоранд» [122, с.183].

Дар давлати тахайюлӣ моҳият ва маънавиёти инсон, ки ба ӯ аз азал сифатҳои зерини ахлоқӣ, ба монанди адолат, мардонагӣ, садоқат, некӣ ва ғайра хос аст, таҷассум меёбад. Танҳо дар давлати ормонӣ чунин сифатҳои ахлоқии инсонҳо амалӣ гардида, ваҳдати сиёсат ва ахлоқ ба вуҷуд меояд: «Мо метавонем иқрор шавем, ки чизи ғайриодӣ намебуд, агар тобеини мо ҳамин минвол саодатманд бошанд; лекин мо ба чунин давлат асос гузошта, дар назар надорем, ки танҳо як қишри аҳолии ҷомеаро хушбахт созем, балки баръакс, мехоҳем умуман тамоми давлатро чунин созем.

Зеро, маҳз дар чунин давлат мо мақсад дорем адолатро ба даст биёрем, беадолатиро бошад, баръакс, дар низоми аз ҳама бадтар мебинем ва дар асоси ин мушоҳидаҳо, масъалаи дар муддати тӯлонӣ мавриди таваҷҷуҳи мо қарордоштаро ҳал намоем» [122, с.136].

Зимни таҳлили ин масъала, қабл аз ҳама, зарур аст, то ба таълимоти Арасту таваҷҷуҳ намоем. Арасту ба таҳлили масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ асосан аз мавқеи категорияи рафтор (амал) назар менамуд. Ин категория дар таълимоти Арасту мақоми хос дошта, дар асараш «Этика» ба ин мавзуъ диққати бештар додааст.

Арасту дар асараш ба он таваҷҷуҳ намудааст, ки кирдорҳои гуногун чӣ тавр ва барои чӣ содир гардида, кадом амалҳо бадқасдона ва кадом амалҳо хайрхоҳона мебошанд. Дар ин иртибот ба он аҳаммият медод, ки барои тафовутгузорӣ дар байни ин амалҳо мулоҳизаҳои ахлоқӣ мусоидат менамоянд. Дар «Ахлоқи Никомах» перомуни ин масъала бештар муҳокимаронӣ намуда, онҳоро ба амалҳои озодона ва маҷбурӣ ҷудо менамояд.

Ба ақидаи ӯ, сарчашмаи рафторҳои озод дар ботини шахси амалкунанда нуҳуфта буда, даркшаванда мебошанд. Дар тафовут аз ин амалҳои ғайриихтиёрӣ аз ноогоҳӣ, маҷбурӣ ва дар ҳолати ноустувории

шуур содир мешаванд. Танҳо амалҳои озоди бар майлу хоҳиши ба даст овардани неъматҳои моддӣ асосёфта рафторҳои барқасдонаро ҳам фаро мегиранд. Дар асари худ Арасту бештар ба таҳлили амалҳои барқасдона таваҷҷуҳ менамояд, зеро дар иртибот ба онҳо метавон масъалаи масъулияти шахси содиркунандаи амалро ба миён гузошт. Масалан, атфол метавонанд озодона амал намоянд, вале барои амалҳои худ масъулият надорад.

Танҳо он амалҳои барқасдона, ки ба шартҳои ҳатмии зерин ҷавобгӯ мебошанд, ба ин гурӯҳ шомил мебошанд:

а) инсон бояд вазъиятеро, ки дар он амал мекунад, дарк намояд;

б) ӯ бояд дар бораи манфиат тасаввурот дошта бошад ва бар асоси шаклҳои дастраси бошууронаи истидлол тавонад, ки дар бораи онҳо муҳокимаронӣ намояд;

в) вай бояд қобилияти арзёбии худ ва манзалати худро мутобиқ ба синну сол, мақоми ҷамъиятӣ ва сатҳи маълумот дошта бошад;

г) ӯ бояд қобилияти арзёбӣ ва фаҳмидани анвои гуногуни манфиатҳо ва таносуби байни онҳоро доро бошад;

ғ) тамоми ин сифатҳоро шахс бояд дар якҷоягӣ дошта, қудрати дар як вақт ифода кардани онҳоро дошта бошад.

Андешаҳои Арастуро дар бораи он ки чӣ гуна рафтор ва амали инсон ба меъёри фаъолияти ахлоқӣ мубаддал мегарданд таҳлил намуда, олими рус А.А. Гусейнов таъкид менамояд: «Рафтор ба инсон хос аст, зеро аввал, ирода ва хоҳиши ӯро ифода менамоянд, сипас, онҳо хусусияти мақсаднок доранд, яъне онҳо бошуурона интихоб мегарданд.

Кирдорҳо дар ҳоле амали ахлоқӣ ва накукорона мегарданд, ки на таҳти таъсири ҳаяҷон содир карда мешаванд (гарчи, бе таъсири он содир намегарданд, зеро бидуни онҳо ҳеҷ гуна амал содир намегардад), балки қабл аз содир намудани онҳо тамоми далелҳо дар тарозуи ақл баркашида шуда, азми қатъӣ дар бораи содир намудани онҳо гирифта мешавад. Интихоби оқилона, ё ба ҳамон мушобеҳ, қасди содир намудани кирдор, ки

ба он мазмуни маънавӣ медиҳанд, дар омода будани фард барои гирифтани масъулият барои ин кирдор зоҳир мегардад. Амал ба сифати масъулият, ба рафтор табдил меёбад» [49, с.13].

Барои касб кардани ин сифатҳо, Арасту роҳҳои расиданро дар донишу таълим мебинад, бетаҷрибагӣ, сатҳи пасти донишу тарбия бошад инсонро аз дарки зарурияти содир кардани кирдорҳои оқилона дур месозанд. Дар робита бо ин сухани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар Паёми соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр кардан ба маврид аст: «...сабаби асосии бадбахтии ҳар миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад. Яъне, то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯинашаванда боқӣ хоҳанд монд. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, ташаббус дар ин самт бояд пурра дар дасти давлат бошад» [6].

Дар таърихи фалсафаи тоҷику форс андешаҳои равшан дар бораи таъсири мутақобилаи сиёсат ва ахлоқро метавон дар таълимоти Абунасри Форобӣ дучор омад, ки ин масъаларо аз нигоҳи табиати инсон ва рафтори ӯ дар масири расидан ба адолату хушбахтӣ баррасӣ намуда буд.

А.Форобӣ дар таълимоти худ ба сиёсат арзиши бештарро қоил аст, чун сиёсат ба одам дар соҳибгардии хушбахтӣ ёрӣ мерасонад, ки ин аз таъсири ҷанбаи маънавии сиёсат дарак дода, барои идораи сохтори ҷамъиятӣ низ мусоидат мекунад. Барои инсонҳо роҳи расидан ба ин мақсадро илму маърифат ва фалсафа боз менамояд.

Бар асоси усулҳои илмӣ Форобӣ идораи ҷомеаро ҳамчун роҳбарӣ маънидод менамояд: «амал, рафтор, хислатҳои иродаро устувор ва ба василаи онҳо хушбахтии воқеӣ ба даст меояд, ин бошад амали хайр дар

амри идораи шаҳру мардум аст» [16, с.224].

Абунаср Муҳаммад Форобӣ (870-950) дар шаҳри Фороб дар соҳили Сирдарё таваллуд ёфта аст. Осори ӯ гуногунсоҳа буда, ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданаш дар тамоми Шарқ соҳиби тахаллуси ифтихории «Устоди сонӣ» (яъне, Арастуи дувум) гардида буд. Абунасри Форобиро ҳамчун олим, табиб ва донандаи осори Арасту мешинохтанд. Форобӣ дар асарҳои худ мақсади донистани афкори аслии Арастуро гузошта, мехост масири рушди фалсафаро ба тарафи омӯзиши афкори Арасту равона созад [23, с.42].

Бояд иқрор шуд, ки ба ӯ муяссар гардид, то моҳияти афкори олимони юнониро дуруст дарк ва ифода намуда, онҳоро аз унсурҳои асотирӣ, ки муфассирони мухталиф ворид намуда буданд, пок созад.

А.Форобӣ тамоми улуми замона – ахлоқ, сиёсат, равоншиносӣ, улуми табиӣ, мусиқӣ ва ғайраро омӯхт, вале барои ӯ дар мадди аввал фалсафа ва мантиқ қарор гирифта, онҳоро ба таври амиқ ва ҳамаҷониба аз бар намуд. Баъдан мутафаккири забардаст дар назди худ мақсад гузошт, то ахлоқ ва сиёсатро мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Ба андешаи Форобӣ ҳама соҳаҳои илмҳо, аз он ҷумла ахлоқ ва сиёсат, бояд се унсури асосӣ дошта бошанд: мавзуи дақиқ, маълумоти саҳеҳ ва далелу исбот. Дар баробари ин, онҳо ҳамчунин аз се манбаъ: узвҳои эҳсос, ақли расо ва идрок таркиб ёбанд.

Тавассути узвҳои эҳсос ва ақли расо маърифат бевосита ҳосил мешавад, идрок бошад имкон медиҳад, то моҳияти ашё дарк гардад.

Илми воқеӣ, ба назари ӯ, ба идрок асос меёбад. Ба қатори мафҳумҳо Форобӣ шаклҳои содаи равоншиносӣ, ба монанди тасаввурот дар бораи ашёҳои ҷудогона, ки дар натиҷаи идроки ҳиссӣ ба вуҷуд меоянд, шомил намуда буд.

Ба масъалаи имконоти танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ А.Форобӣ, қабл аз ҳама, аз дарки табиати инсон муносибат менамуд. Табиати инсонро таҳлил намуда, А.Форобӣ онро аз ҷанбаҳои мухталиф – биологӣ, психофизиологӣ, равоншиносӣ, ақлу заковат ва иҷтимоӣ-сиёсӣ баррасӣ

менамояд.

Сарфи назар аз ин, Абунасри Форобӣ дар осори худ перомуни инсон андешаронӣ намуда, хусусиятҳои асосии табиати инсониро вобаста ба сатҳи рушди илми замони зиндагикардааш баррасӣ намудааст.

«Инсон тамоми дониши худро аз берун, дар раванди дарк намудани падидаҳои муҳити худ касб менамояд. Барои ин вай дорои имконияту малакаҳои зиёд мебошад: эҳсос, хотира, тасаввурот ва аз ҳама асосӣ, тафаккури мантиқӣ ва ақлу заковат. Ба воситаи ин қобилиятҳо ӯ илмро ба вуҷуд оварда, онро ба дарки ҳамаҷонибаи табиату ҷамъият равона менамояд» [154, с.191].

Инсон ба ақидаи Форобӣ, қабл аз ҳама, вуҷуди зинда аст. Қобилияти эҳсос ба инсону ҳайвон хос аст, вале инсон дорои тафаккуру ақл аст. Маҳз ақл ва фаросат мабдаъҳои ибтидоии табиии инсон ҳастанд.

Бо вуҷуди ин, мутафаккир таъкид менамояд, ки ин мабдаъҳо барои такомули инсон ва ташаккули инсони комил кифоя нестанд, зеро барои инсон шудан ва расидан ба камолоти инсонӣ, барои ӯ нутқ ва касбу кор лозим буд. Ба ақидаи А.Форобӣ касби кору ҳунар низ натиҷаи дарку маърифат мебошад.

Дар китоби «Мадинат-ул-фозила», дар фасли «Рисола фи моҳияти н-нафс», А.Форобӣ аҳаммият ва нақши қобилияти нафсониро дар раванди маърифат ҳамаҷониба баррасӣ намуда, таснифи зерини онҳоро меорад:

1. қувваи ғаризӣ, ки сабабгори пайдо шудани қувваҳои нафсонӣ, қувваҳои беруна ва дохила мегарданд;

2. қувваи беруна – қувваҳое ҳастанд, ки дар натиҷаи таъсири бевоситаи ашёи муҳити атроф ба узвҳои эҳсос, яъне таҳти таъсири барангезаҳои берунӣ ба вуҷуд меоянд.

Қувваҳои беруна панҷтоянд:

а) ламс – узви ломиса; б) эҳсоси зоиқа; в) эҳсоси шомеа; г) эҳсоси сомеа – эҳсоси садо; д) эҳсоси босира.

Маҷмуи ҳамаи онҳоро қувваҳои ҳиссӣ меноманд.

Қувваҳои руҳии ботинӣ низ ба чанд навъ тасниф гардидаанд, ки ба маҷмуи муайяни равандҳои равонӣ мутобиқ мебошанд: қувваи мутахайила – қобилияти ҳофиза ва тахайюл, хотира, тасаввурот ва хаёлот; қувваи назъийя – қувваи ҷидду ҷаҳд, қувваи такондиҳандаи эҳсосот, шавқу завқ, қаҳру ғазаб ва ғайра; қувваи нотиқа – қобилияти ҳарф задан; қувваи фикрия – қобилияти зеҳнӣ, ки ҷузъи қобилияти нотиқа аст [154, с.195].

Қувваи назъийяро, ки қобилияти эҳсосӣ аст, Форобӣ ҳамчун қобилияти мустақилонаи маърифатӣ намедонад.

Ин қувва танҳо бадани инсонро барои дарки ашёҳо ба ҳаракат медарорад, вале раванди дарк аз тариқи қувваҳои эҳсосӣ, зеҳнӣ ва ақлу идрок амалӣ мегардад. Таснифи қобилиятҳои равонии инсонро Форобӣ асосан аз мавқеи материалистӣ мегузаронад.

Тамоми равандҳои равонии инсонро мутафаккир дар алоқамандӣ бо мабдаи сириштӣ, дар робита бо равандҳои муайяни дар ҷисми инсон ба амал меомада баррасӣ менамояд.

Мутобиқи назарияи Абунасри Форобӣ қалб макони ҷойгиршавии руҳ аст, вале руҳ бе ҷисм вуҷуд надорад. Форобӣ гарчӣ бартарии руҳро эътироф намекунад, вале абадӣ будани онро таъкид менамояд.

Руҳи инсон мабдаи маънавӣ ва хориҷшаванда буда, аз ҷисм вобаста нест. Бар ин асос, руҳ пас аз фано гардидани ҷисм нобуд намешавад ва абадӣ мебошад. Хотира ва тасаввур дар назарияи материалистии Форобӣ хислати табиии сарнавиштӣ дошта, дар инсон дар раванди дарку маърифат хислати равонии онҳо ба вуҷуд оварда мешаванд.

Инсон, ба ақидаи Форобӣ, аз олами ҳайвонот, қабл аз ҳама, бо неруи ботинии маънавӣ, нутқ ва тафаккур, ки хислати хосси дарки воқеияти атрофро аз тарафи инсон ташкил менамоянд, тафовут дорад.

Абунасри Форобӣ дар асари худ «Мадинат-ул-фозила» (фасли 28, «Дар бораи сифоти садри шаҳри фозила») имом – нахустсадри шаҳри фозиларо донотарин ва муаддабтарин инсони рӯйи олам медонад, ки дар

симои худ чунин хислатҳои волои ахлоқӣ, ба монанди накукорӣ, саховатпешагӣ, дурандешӣ, хирадмандӣ ва ғайраро таҷассум менамояд.

Барои он ки садри шаҳри фозилон ин хислатҳоро дошта бошад, ба вай ирода ва хотираи қавӣ барои ҳифзи қавонин, урфу одат ва анъанаҳои гузаштагон зарур аст. Бар ин асос, садри мардуми фозила бояд ҳеҷ гоҳ қавоиди низоми идории гузаштагонро фаромӯш накунад, барои дар амал татбиқи онҳо саъй намояд, онҳоро ҷузъи қобилияти нотиқа, яъне ҷузъи таркибии қобилияти умумии дарки воқеияти айнӣ (объективӣ) аз тарафи инсон донад.

Инсон бояд узвҳои мутлақо комил дошта бошад, ки қобилияти онҳо барои амалӣ намудани он вазифаҳое, ки ба уҳдаи ӯ вогузор гардидаанд, мутобиқ шуда бошанд. Агар инсон ба воситаи ягон узви худ ба кадом амале даст занад, бояд онро ба осонӣ иҷро намояд.

«Табиатан қобилияти пурра дарк ва тасаввур намудану сарфаҳм рафтани ҳама он чизе ки гӯянда ба ӯ мерасонад, дарк намудани гуфтаҳои гӯянда бо он ки гӯянда чиро дар назар дорад ва ҳолати воқеӣ чӣ гуна аст:

- дар хотира хуб ҳифз намудани ҳама он чизеро, ки дарк мекунад, мебинад, мешунавад ва сарфаҳм меравад ва аз ҳамаи ин қариб ҳеҷ чизро фаромӯш намекунад;
- дорои ақли расо ва дурандеш буда, тавонад хурдтарин нишонаи дилхоҳ ашёро дида, муайян намояд, ки ин нишона чиро мефаҳмонад;
- нутқи бурро дошта тавонад ҳар он чӣ ният дорад комилан равшан баён намояд;
- ба таълиму маърифат майл дошта, омӯзишу донишро ба осонӣ аз худ намуда, аз омӯзиш хасташавиро ҳис нанамояд, аз меҳнати ба ин вобаста ранҷу азоб надошта бошад;
- дар хӯрдану нӯшидан ва ҷимоъ парҳезгор бошад, аз бозиву қимор дурӣ ҷӯяд ва ба ҳузуру ҳаловати аз онҳо гирифта танаффур дошта бошад;
- ҳақиқату пуштибони онро дӯст дорад, ба дурӯғ ва онҳое ба он

доман мезананд нафрат дошта бошад;

- руҳи мағрур дошта, шарафу номуси худро қадр намояд;
- табиатан руҳи ӯ аз ҳама корҳои паст боло буда, ба кирдорҳои олӣ саъй намояд;
- ба дирҳаму динор ва дигар ҷилваҳои зиндагии рӯйизаминӣ нафрат дошта бошад;
- адолат ва пуштибонони онро дӯст дорад, ба онҳое ки беадолатӣ ва зулм менамоянд нафрат дошта бошад;
- нисбат ба худӣ ва бегона адолатхоҳ бошад, ба адолатпарварӣ даъват намояд, ҷуброни қурбонии беадолатиро пардохт намояд, ба ҳама кас некӣ ва хайр намояд;
- адолатпарвар бошад, вале саркаш набошад, худсарӣ нанамояд ва дар муқобили адолат исрор наварзад, вале дар муқобили ҳар гуна беадолатӣ ва разолат устувор бошад;
- ҳангоми иҷрои амале, ки зарур медонад боҷуръат бошад, ҳамзамон ҷасур, шуҷоъ буда, тарсу ҳарос надошта бошад» [47, с.164].

Ба андешаи мо, мазмуни асосии таълимоти А.Форобӣ аз он иборат аст, ки сиёсат, ба назари ӯ, аз лиҳози ифодаи назариявӣ ҷузъи донишҳои ахлоқӣ аст. Сиёсат аз тариқи меъёрҳои ахлоқӣ робитаи худро бо воқеият ва таҷрибаи зиндагӣ пайдо менамояд.

Дар маҷмуъ, Форобӣ инсонро ҳамчун мавҷуди боахлоқ ва сиёсӣ мешуморад, ки метавонад танҳо дар чорчӯбаи сиёсат ба саодат расад. Аз ин лиҳоз, дар таълимоти А.Форобӣ намунаи равшани ифодаи ғояи робитаи мутақобилаи усулҳои сиёсат ва ахлоқ муқобил гузоштани «шаҳри фозилон» ва «шаҳри ҷоҳилон» мебошад.

Дар шаҳри аввала адолат ва саодат ва дар дувумӣ шарр, ҷаҳолат, беадолатӣ ва ғайра ҳукмрон мебошанд. Ин мисол аз он шаҳодат медиҳад, ки мутафаккир саъй менамояд, то масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла табиати фаъолияти ширкаткунандагони онро, аз лиҳози ахлоқӣ баррасӣ намояд ва ин ҷанбаҳои таълимоти ӯ минбаъд аз тарафи олимони дигар

такмил дода шуданд.

Дар ҷустуҷӯйи роҳҳои танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ муносибати дигарро дар таълимоти Ибни Сино ва Ибни Боҷа мебинем.

Ибни Сино (Авитсенна, 980-1037) дар деҳаи Афшанаи назди Бухоро ба дунё омада, дар рушди тамаддуни инсонӣ нақши бузург гузоштааст. Номи ӯ дар қатори бузургтарин намояндагони аҳди қадими фарҳанги башарӣ Гиппократ, Гален ва мутафаккири намоёни фалсафаи Юнони Қадим Арасту ва дигарон номбар ва ҷойгир мешавад.

Ибни Сино аз зумраи машҳуртарин нобиғаҳои фарҳанги асрҳои миёна аст, ки бо қувваи ақлу заковат, илму дониш, дархосту мақсадҳои илмӣ-фалсафӣ ба намояндагони бузурги давраи Эҳё қаробат дорад, ки дар осори онҳо солимақлӣ, муносибати корозмуда ба омӯзиши табиат, таҳлили васеи фалсафӣ ва дилсӯзӣ дар бораи манфиати инсон ба ҳам алоқаманд мебошанд. Ибни Сино дар баробари андешаҳои фалсафӣ-сиёсӣ, тиббӣ ва бадеии худ, перомуни ахлоқ низ андешаҳои худро баён намудааст.

Ибни Боҷа (1070-1138) дар тамаддуни исломии Шарқ соҳибназари дигари намоёни улуми иҷтимоӣ буд. Ӯ дар Андалусия (Испания) ба дунё омада, аксари муҳаққиқон дар баробари Ибни Халдун ӯро яке аз бунёдгузорони илми ҷомеашиносии Шарқи мусалмонӣ медонанд.

Дар таълимоти ӯ, муҳаққиқон таъсири аксари ҷараёнҳои дар минтақа паҳнгардидаро, ки Ибни Халдун ба таври назариявӣ пешбинӣ намуда буд, мушоҳида менамоянд. Ибни Боҷа ба умури давлатдорӣ машғул буда, мутобиқи маълумоти сарчашмаҳо, дар ин ҷода ба дастовардҳои назаррас ноил гардида буд. Вай аз худ мероси ғанӣ ва арзишманди илмӣ мерос гузоштааст. Гарчи як қисми мероси гаронбаҳои мутафаккир то ба имрӯз нарасидааст, вале осори бозмондаи ӯ соли 1983 дар Бейрут интишор ёфт.

Қатъи назар аз он ки афкори фалсафии мутафаккир дар шакли муназзам то ба мо нарасида бошад ҳам, манзалати илмии он коҳиш наёфта аст. Сабаби дар таълимоти ӯ вуҷуд надоштани низоми устувори назариявӣ-

фалсафӣ, қабл аз ҳама, ба шароити зиндагӣ, муҳити иҷтимоӣ ва ба сиёсати амалӣ машғул будани мутафаккир буд.

Сарфи назар аз ин, мероси ба мо расидаи Ибни Боҷа дар бораи мулоҳизаҳои амиқи ӯ дар мавриди масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ шаҳодат медиҳад.

Афкори фалсафии Ибни Боҷаро муҳаққиқон ба ду равия ҷудо менамоянд: антропологияи фалсафӣ ва он чӣ ки аз нуқтаи назари муосир онро метавон ҳамчун «беназирии руҳ» муайян намуд. Дар ин ду равияи ғоявии фалсафаи Ибни Боҷа ба таври равшан маълум мегардад, ки заминаи асосии ташаккули афкори иҷтимоӣ-сиёсии ӯро таълимоти Афлотун, Арасту ва Абунасри Форобӣ ташкил медиҳад.

Моҳияти таълимоти фалсафии ӯ масъалаи баррасии вижагиҳои зиндагии инсон дар ҷомеа мебошад. Мутафаккир инсонро аз нигоҳи феноменология ҳамчун мавҷуди иҷтимоии хилватпараст (муттаваҳид) тавсиф менамояд. Дар ин мавзуъ, ӯ рисолаи «Тадбиру-л-муттаваҳид» таълиф намуда аст, ки дар шакли номукаммал то замони мо омада расидааст.

Назарияшиноси ҷомеашиноси муосири тоҷик Идиев Х.У. (Усмонзода Х.У. – З.М.Ҳ.) дар рисолаи худ «Фалсафаи иҷтимоӣ» дар бораи алоқамандии инсон бо дигар аъзои ҷомеа дар таълимоти Ибни Боҷа менависад: «Дар муқаддимаи рисолаи Ибни Боҷа «Тадбиру-л-муттаваҳид» баҳс дар бораи моҳияти инсон ва робитаи он бо дигар аъзои ҷомеа меравад. Ба ақидаи Ибни Боҷа ҳар махлуқи зинда аз ягон ҷиҳат бо олами моддӣ робита дорад ва ҳар ҳайвон то андозае ба табиат вобаста аст. Ҳар инсон дар кадом коре шарик аст, ҳатто агар мисли ҳайвон аз нутқ маҳрум бошад. Ба таври мисол, махлуқоти зинда аз лиҳози унсурҳои худ, ки аз онҳо иборатанд, умумият доранд.

Бар асоси ин Ибни Боҷа, умумияти инсон бо олами атрофро баррасӣ намуда, ниҳоят дар вуҷуди инсон вижагиеро пайдо менамояд, ки дар ҳайвонот дучор намеояд ва ин вижагӣ аз қобилияти мулоҳиза (рефлексия)

аст. Дар ин замина инсон қобилияти хотира (дар хотир нигоҳ доштан)-ро дорад, ки дигар махлуқоти зинда онро надоранд.

Баъдан ӯ ба баррасии табиати кирдорҳои содиркардаи инсон гузашта, онҳоро ба ду намуд тақсим менамояд: рафторҳои аз ихтиёр ва иродаи инсон берун ва маҷмуи амалҳои вобаста ба ихтиёру иродаи ӯ.

Рафторҳои бо иродаи инсон алоқаманд ба инсон сиришти иҷтимоӣ медиҳанд. Ин қобилият мавқеи бартарӣ доштани инсонро нисбат ба дигар махлуқот нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, рафторҳои ба инсон хос – рафторҳое мебошанд, ки бар заминаи иродаи ӯ ва рафторҳое, ки инсон бар асоси иродаи худ содир мекунад – ин «амал бо хислат (тинат)-и инсон мебошад.

Ҳар корномаи инсон – ин амалест, ки бо иродаи ӯ вобаста аст. Дар ин фикр шабоҳат бо андешаҳои сотсиологи олмонӣ Макс Вебер дар бораи моҳияти амал (кирдор)-и иҷтимоӣ дида мешавад.

Аз ин бармеояд, ки Ибни Боҷа таъкид менамояд: ирода – ин иродаест, ки бар асоси фикру андеша пайдо мешавад. Бо ибораи дигар «шарти амали инсон – он аст, ки ростқавлӣ ва эътиқод сабаби ба вуҷуд омадани он бошанд» [66, с.34].

Дар ин робита овардани ақидаи Ибни Боҷа ба маврид мебуд, ки гуфта буд: «Шахсе бар хилофи майлу эҳсосоти худ ва бар асоси боварӣ ва ростқавлӣ кирдоре содир менамояд, сазовор аст хислати ӯ на инсонӣ, балки осмонӣ (ондунёӣ) номида шавад» [28].

Мутафаккири варзидаи шарқӣ Ибни Боҷа дар афкори худ хусусиятҳои инсониро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, нутқ ва мулоҳизарониро дар тафовутгузории инсон баланд қадрдонӣ мекунад ва чунин сифатҳоро барои ташаккули инсонӣ фаъолтар ҳисоб мекунад. Ибни Боҷа низ инсонро ҳамчун мавҷуди биологӣ қиёс намуда, фарқияти онро аз дигар намудҳо дар тафаккури он мебинад. Ба андешаи Ибни Боҷа нутқ ва хирад, ки сарчашмаи руҳӣ доранд, дар меҳвари хотира рушд мекунанд ва барои фикрронӣ нутқ ва забон ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунанд. Маҳз дар

ҳамин замина инсон бо истифодаи хотира қобилияти тафаккури худро рушду такмил менамояд.

Ҳамин тариқ, Ибни Боҷа ба масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ асосан аз мавқеи таҳлили сабабҳои завол ва аз байн рафтани арзишҳои баланди маънавии дар фаъолияти сиёсии дар гузашта устуворбуда ва муносибати инсон бархурд менамояд. Ибни Боҷа дар чунин гузориши масъала ақлу хирадро меъёри арзёбии ахлоқии амали сиёсӣ медонад. Дар ин маврид, пайравии ӯ аз ақоиди Арасту мушоҳида мешавад, ки тибқи он сиёсат «амали ахлоқӣ ва наку мегардад, агар на таҳти таъсири ҳаяҷон (гарчи, бешубҳа, бе таъсири ҳаяҷон имкон надорад, зеро бе ин ҳеҷ гуна амал сар зада наметавонад), балки қаблан дар тарозуи ақл тамоми далелҳои содир намудани онро баркашида, сипас нияти қатъии содир гардидани онҳо гирифта мешавад.

Интихоби мустақилона, ё «ҳамон кирдори барқасдона, ки ба он хислати ахлоқӣ мебахшад, дар омода будани фард барои ба уҳда гирифтани масъулияти комили кирдор зоҳир мегардад. Амал ба кирдори аз лиҳози ахлоқӣ даркшуда табдил меёбад» [49, с.13]. Ашхоси ин воқеиятро ба пуррагӣ даркнамуда, метавонанд донишу малакаи худро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа истифода баранд.

Аз ин нуқтаи назар таваҷҷуҳи асосӣ ба мавҷуд будани шароит барои амалӣ намудани ормонҳои шоистаи ширкаткунандагони фаъолияти сиёсӣ бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ, мешавад. Агар ин шароитҳо барои амалӣ намудани ормонҳои воло созгор набошанд, пас мутаносибан, хислати ғайриахлоқӣ гирифта, танзими онҳо ғайриимкон мегардад.

Роҳи ислоҳи чунин нуқсонҳоро маъмулан мутафаккирон нишон медиҳанд, вале ҷойи таассуф аст, ки дар аксар маврид онҳо нодида мемонанд. Аз ин ҷо, соҳаи фаъолияти сиёсиро аксарияти афроди бехирад ғасб менамоянд, ки дар умури идораи давлат донишу малакаи мукаммал надоранд. Бояд таъкид намуд, ки ақидаи мутафаккир дар бораи

мубрамияти нақши ақаллият дар таъмини рушди босуботи ҳаёти сиёсии ҷомеа, бахусус, танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар қарни XX, аз нигоҳи нав, аз тарафи олими рустабори амрикоӣ Питирим Сорокин (1889-1968) мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шуд.

Ҳамин тариқ, дар таълимоти классикони афкори иҷтимоӣ-фалсафии Замони нав мо кӯшиши ахлоқӣ гардонидани сиёсатро дучор меоем, ки дар ин давра фаъолияти сиёсӣ дар арзишҳои ахлоқӣ ғӯта зада буд. Ин раванд баъд аз давраи фалсафаи антиқа бештар дар афкори таълимоти иҷтимоӣ-фалсафии аҳди ислом, аз ҷумла, дар фалсафаи тоҷику форс васеъ паҳн гардида буд.

Мисоли равшани он падид омадани силсилаи рисолаҳои хислати панднома дошта буд, ки бо мақсади беҳтар кардани идораи давлат ба унвони ҳокимон навишта шуда, дар онҳо аз ҳокимони фозилу одил даъват мешуд барои ғамхорӣ дар бораи раияти худ ва таъмини зиндагии саодатманд хидмат намоянд.

Ба таври мисол, ба ақидаи Низомулмулк (1018-1092): «…дар баробари тақводорӣ, ҳокимияти олӣ, қабл аз ҳама, мебояд адолатпарвар буд». Ин усули бунёдиро Низомулмулк дар фаъолияти хеш дастур намуда буд, гарчи таъкид менамуд, ки дар зиндагӣ ҳоким метавонад ҳамчунин адолатпарвар бошад ва ё не.

Ба сифати арзиши ахлоқӣ адолат, нақши усули муайянкунандаи ахлоқиро мебозад, ки бо риояи он ҳоким инсони аз лиҳози ахлоқӣ комил гардида, ҷавобгӯйи талаботҳои маънавӣ мебошад». Дар навбати худ, барои чунин ғамхории ҳоким қарзи ахлоқии фуқаро ба ҷо овардани хизмати давлат ва афзун кардани иқтидори он аст.

Бо вуҷуди ин, аз оғози Аҳди нав, муносибати олимону мутафаккирон ба ин масъала тадриҷан тағйир меёбад. Акнун фикр дар бораи он ки арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ тафовут дошта, ба ҳамдигар мутобиқат надоранд, бештар дучор омада, афзалият пайдо мекунад.

Масъалаи муносибати тарафайни ахлоқ ва сиёсат дар марҳалаҳои

минбаъдаи таърихи инсоният мавриди баррасии васеи муҳаққиқони ҷомеаҳои мухталиф қарор гирифтааст. Махсусан, таносуби ахлоқ ва сиёсат дар андешаҳои мутафаккирони аврупоӣ дар марҳалаи баъдиасримиёнагӣ хеле ҷолиб мебошанд. Бунёди ин анъанаро олим ва ходими сиёсӣ Никколо Макиавелли гузошта, назарияи ҷолиби сиёсиеро пешниҳод намуд, ки дар илми муосири сиёсӣ бо номи макиавелчигӣ маъруф мебошад. Ӯ чандин асарҳо, аз қабили «Мандрагора», «Муҳокима оид ба даҳаи аввали Тит Ливия», «Таърихи Венетсия», «Перомуни санъати ҷанг» ва ғайраҳоро навиштааст, ки дар онҳо андешаҳои сиёсӣ-ахлоқиаш баръало баён гаштаанд, аммо асари оламшумули ӯ «Шоҳзода» («Государь», «Малик») дар таълимоташ ва андешаҳои сиёсии замонаш ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Н.Макиавелли ба бисёр масъалаҳои сиёсӣ-ахлоқӣ равшанӣ андохтааст ва яке аз масъалаҳое, ки шарҳ додааст ин масъалаи адолат дар фаъолиятҳои сиёсӣ мебошад. Масъалаи адолат дар ҳар марҳалаи таърихӣ аз тарафи муҳаққиқон ва мактабҳои мухталифи фалсафӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст. Мактабҳои мухталифи фавқуззикр масъалаи мазкурро аз дидгоҳи арзишӣ баҳогузорӣ мекарданд, ки чунин таҳлил дар мактабҳои гуногун табиист, ки аз ҳам фарқ мекард. Таҳлили баҳогузории адолат нишон медиҳад, ки дар фарҳанги шарқию ғарбӣ он ба таври хос роҳандозӣ гашта, дар Шарқ бештар ҷанбаи ахлоқӣ бартарӣ дошта, дар ҷомеаҳои муқобил, яъне ҷаҳони ғарбӣ ба паҳлуи сиёсӣ-ҳуқуқӣ авлавият дода мешавад. Дар худи гузориши масъала аллакай тафовути арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеаҳои шарқию ғарбӣ дида мешавад, ки аввалинҳо ба ахлоқ дар маънои томи он ва дувуминҳо бошанд онро аз нигоҳи сиёсӣ-ҳуқуқӣ баҳогузорӣ мекунанд, ки умқи онро манфиат ҷустан дар бар мегирад. Манфиат бошад муносибат ва фаъолиятеро дар бар мегирад, ки на ҳама вақт ба адолат оварда мерасонад ва ё адолат ҳамон чизест, ки манофеи шахсро ифода кунад. Дар баробари мушаххасоти субъективии адолат дар ин ҷо худпарастӣ (эгоизм) баръало зуҳур мешавад, ки барои дастрасӣ ба он шахс кӯшишҳои худро равона карда, манфиатҳои

дагарон дуюмдараҷа ба ҳисоб мераванд. Худи гузориши ин масъала бархурди манфиатҳоро дар ҷомеаҳои ғарбӣ ва шарқӣ нишон медиҳад ва барои ҳар ҷомеа мавқеи он дурустар ҳисобида мешавад. Яъне дарки ахлоқ ва бархурди манфиатҳо дар ҷомеаҳои шарқию ғарбӣ аз ҳам тафовут дошта, дар дувуминҳо таъсироти андешаҳои ин муҳаққиқи сиёсии замони Эҳё баръало таҷассуми худро ёфтаанд ва аз онҳо то имрӯз дар сиёсати як зумра давлатҳои ғарбӣ самаранок истифода бурда мешавад.

Н.Макиавелли масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсиро дар доираи масъалаи инсон вобаста ба мавқеъгирии манфиатҳои шахсӣ ҳал намуда, манфиатро дар консепсияи худ аз ҳама боло мегузорад. Маҳз ба шарофати чунин назариётчиёни сиёсӣ, ба монанди Н.Макиавелли шуруъ аз замони Эҳё дар ҷомеаҳои ғарбӣ принсипҳои фардгароӣ ва эгоизм рушд карданд. Ба андешаи донишмандони ин давра моҳияти худпарастии инсонӣ зарурати ташкили давлатеро ба миён меорад, ки фаъолияти одамонро ба як низоми муайян равона менамояд. Албатта, бисёр андешаҳои Н.Макиавелли барои он замон нав ва қабулашон мушкил буданд, чун ҷомеаи аврупоии замони Эҳё гомҳои аввалинро баҳри буруншавӣ аз оғуши марҳалаи асримиёнагӣ мегузошт ва дар марҳалаи асримиёнагӣ ҷомеа андешаи теосентризмро ҷонибдорӣ менамуд, ки тибқи афкори он давлат аз ҷониби Худованд офарида шуда, одамон ҳамчун махлуқоти Ӯ тобеи ҳамаи муқаррароти илоҳӣ мебошанд. Дар бавуҷудоии давлат ба андешаи ин мутафаккир Худованд ягон саҳм надорад ва ӯ хусусияти теосентрӣ ё илоҳиётии пайдоиши давлатро рад мекунад, пас давлат ин маҳсули фаъолияти сиёсии худи одамон мебошад. Чунин мавқеи Н.Макиавеллиро ба инобат гирифта, Карл Маркс мегӯяд, ки «Никколо Макиавелли ба он гурӯҳи файласуфони аввалине дохил мешавад, ки ба давлат бо чашми инсонӣ нигаристанд ва қонунҳои табиии онро аз ақл ва таҷриба мебароранд, на аз илоҳиёт» [308, с.379]. Аз дигар тараф, вақте аз диди имрӯз ба таърих назар карда, хулосабардорӣ мешавад, ки ақидаҳои Н.Макиавелли барои он замон нав

буданд, аммо баъди гузашти панҷсад сол ҷомеаҳои имрӯзаи ғарбиро бидуни он андешаҳо тасаввур кардан душвор аст. Яъне, тафаккури одамонро мумкин аст зина ба зина дигаргун кард ва мисли «тирезаи Овертон» дар умқи он назари тамоман навро ҷойгузин кард. Фардгароӣ ва худпарастӣ тавонист, ки арзишҳои динӣ ва умумигароиро дар ҳамаи фаъолиятҳои ҷомеаҳои ғарбӣ бурун кунад ва назарияи манфиатиро дар онҳо ворид намуд, ки дар фаъолиятҳои ахлоқию сиёсӣ то кунун дар мавқеи аввал қарор доранд. Яъне худпарастӣ дар шахс ва фардгароӣ дар ҷомеа нисбат ба арзишҳои коллективӣ ва аксариятгароӣ бартарӣ пайдо карда, ҷомеаҳои ғарбӣ дар пояи чунин принсипу арзишҳо воқеан рушд кардаанд. Фардгароӣ ва эгоизми ғарбӣ ҳуқуқу озодиҳои фарроҳи шахсиро меҳвари асосӣ қарор дод ва дар пояи чунин арзишҳо ташаккул меёбад, дар ҷомеаҳои ғайриғарбӣ бошад барои манфиатҳои умумӣ инсон метавонад, манфиатҳои шахсиро қурбонӣ намояд ва роҳи ҳалли мушкилотҳоро на ҳама вақт ба воситаи қонун ва озодиҳои фаррох, балки ба воситаи манфиатҳои коллективӣ ё умумӣ ҳал намояд. Н.Макиавелли дар таълимоти худ манфиатро дар ҷойгоҳи баланд гузошта, вобаста ба он таносуби сиёсат ва ахлоқро муайян менамояд. Вобаста ба ин, ба назари ӯ ахлоқ ҷомеаро не, баръакс, ҷомеа ахлоқро муайян мекунад. Яъне, дар таълимоти мутафаккир фаҳмиши ахлоқ аз фаҳмиши анъанавии он тафовут дорад, чун ҳадаф аз ахлоқ ё ахлоқи давлатӣ ин хизмат барои ҳокимияти олӣ мебошад. Маҳз ҳамин қолаб дар ҷомеаҳои ғарбӣ то кунун вуҷуд дорад, ки сабаби тафовути ахлоқ миёни ҷомеаҳои ғарбию шарқӣ гашта, дарки ахлоқ тамоман дигар буда, манфиатҳои сиёсӣ дар мадди аввал қарор мегиранд ва барои расидан ба онҳо ахлоқ поймол гардад ҳам, ягон боке нест. Дар фаҳмиши шарқӣ бо чунин роҳ расидан ба мақсадҳои худ ғайриахлоқӣ ҳисобида шуда, чунин рафторҳо мазаммат карда мешаванд. Аз дигар тараф, имрӯз дар мафкураи наслҳои имрӯзаи шарқӣ низ бисёр дигаргуниҳо ба миён омадааст ва таъсири арзишҳои ахлоқии ғарбӣ дар

ҷомеаҳои шарқӣ низ мавқеъ пайдо карда, арзишҳои классикии ин ҷомеаҳо дигаргун шуда истодаанд.

Дарки ахлоқ дар таълимоти Н.Макиавелли дуруст аст ё на вобаста ба расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ муайян мешаванд. Ба андешаи Н.Макиавелли замоне, ки ба томияти давлат хатар таҳдид мекунад, пас «ҳама вақте ки барои муҳокима масъалаи роҳи наҷоти ягонаи давлат пеш меояд, набояд ягон тасаввуротҳо, ба мисли боадолатӣ ва беадолатӣ, инсонгароӣ ва золимӣ, шараф ва расвоӣ монеа гарданд ва чунин тасаввуротҳо бояд бартараф гардида, наҷоти давлат ва таъмини озодӣ асосӣ бошад» [308, с.379]. Барои Н.Макиавелли манфиатҳои давлат дар сиёсат дар меҳвари аввал қарор гирифта, наҷоти он новобаста аз роҳи интихобгардида ҳамеша сафед карда мешавад. Аз ин хотир, роҳбари давлат (ҳоким) ё шоҳ барои расидан ба мақсадҳо барои манфиати худ ва давлат аз тамоми роҳҳо истифода мекунад. Гузашта аз ин, дар таълимоти мутафаккир дар баҳси сиёсат ва ахлоқ бартарӣ ба сиёсат дода мешавад, чун «сиёсат дар таълимоти Макиавелли аз ахлоқ ҷудо набуда, онро пурра фурӯ мебарад, ягон соҳае наметавонад, ки новобаста аз сиёсат мустақилиятро соҳиб бошад, аз дигар тараф бошад, сиёсат низ наметавонад нисбати дигар соҳаҳо мухторияти худро пурра таъмин намояд. Сиёсат ҳамарофарогиранда аст ва ҳар арзиши тасаввуршавандаро ғайр аз манфиат, ки сиёсат аст, ба абзори худ табдил медиҳад» [282, с.478]. Дар таълимоти мутафаккир даъват ба он карда мешавад, ки ахлоқро на ба фаҳмиши умум, балки баҳри истифода ба манфиатҳои сиёсат, дарк бояд кард. Гузашта аз ин, дар консепсияи ӯ ҳақиқати амалӣ вуҷуд дошт, ки мувофиқи он дар сиёсат бояд аз нигоҳи воқеӣ, на аз нигоҳи тахайюлот амал кард. Яъне, гурӯҳе давлатҳоеро тасаввур мекунанд, ки одамон дар онҳо бояд чи хел зиндагӣ намоянд, дар ҳоле онҳо бояд дар бораи он андеша намоянд, ки одамон дар айни замон чӣ хел зиндагӣ мекунанд. Яъне, Н.Макиавелли дар фаъолиятҳои сиёсӣ на аз нигоҳи идеалӣ, балки аз нигоҳи реалистии фалсафаи сиёсии анъанавӣ ба

далелҳои сиёсӣ муносибат мекунад [108, с.44-45].

Ба андешаи Н.Макиавелли бо душманон бо ду роҳ: ба воситаи қонунҳо ва ба воситаи зӯрӣ муносибат намудан мумкин аст. Тариқи қонун одам муносибат мекунад, аммо ба воситаи зӯрӣ – ҳайвон, лекин роҳи аввал на ҳама вақт басандагӣ мекунад, пас истифодаи роҳи дувум пеш меояд. Аз ин хотир, малик ё роҳбари давлат дар фаъолияти худ бояд аз табиати инсонӣ ва бо пеш омадани зарурият аз воситаи зурии худ самаранок истифода кунад. Албатта, малик (ҳоким) дар фаъолиятҳои худ бояд бештаран ба хислатҳои ҳайвонӣ, масалан, шер ва рубоҳ монандӣ дошта бошад ва аз табиати онҳо бештар истифода кунад. Ба андешаи Н.Макиавелли «шер аз дом меҳаросаду рубоҳ аз гург. Аз ин рӯ, малик ба мисли рубоҳ бояд аз домҳо раҳоӣ ёбаду мисли шер – гургро тарсонад» [89, с.351]. Шахсе, ки худро мисли шер тақассум мекунад, то андозае худро гум мекунад ва метавонад, ки аз дом натарсад ва ин сабаб мешавад, ки дар оянда ба мушкилиҳо мувоҷеҳ гардад. Аз ин хотир, малик дар ҳолатҳои зарурӣ на мисли шер, балки мисли рубоҳ муносибат намуда, на ҳама вақт ба ваъдаҳои худ бояд вафо кунад, чун дар иҷроиши ваъдаҳои малик – манфиат қарор мегирад, ки агар зарур бошад, пас ваъдахилофӣ низ ба нафъи фаъолиятҳои сиёсӣ хотима меёбад. Агар зарур бошад, роҳи фиреб ё гуфтани дурӯғ барои малик мушкил нест, муҳим он ки ҳоким ба мақсадҳои гузоштааш расад. Ахлоқ аз нигоҳи Н.Макиавелли дар фаъолиятҳои сиёсӣ на ҳама вақт ба ростгӯию ростқавлӣ асос ёфтааст ва ин дар сиёсати бузург тавсия карда шуда, ин маслиҳатҳои Н.Макиавелли аз тарафи бештари сарони давлатҳои ғарбӣ (президентҳо, ходимони сиёсӣ, малик ва ғ.) ҳоло ҳам бидуни мамониату нороҳатӣ дар идоракунии кишварҳо истифода карда мешаванд. Дар баробари манфиатҳо барои Н.Макиавелли чизи дигари муҳим – ин мақсад ба ҳисоб меравад ва барои ҳамин «чизи асосӣ дар баҳогузории тамоми рафторҳо – мақсади ниҳоӣ ба ҳисоб меравад» [89, с.159]. Барои расидан ба мақсади ниҳоӣ истифода аз роҳи ғайриахлоқӣ ҳам

истиқбол гирифта мешавад. Ҳамин аст, ки баъзе соҳибназарон ба Н.Макиавелли ибораи «Мақсад воситаро сафед мекунад»-ро вобаста мекунанд, ки асосан он на ба Никколо Макиавелли, балки ба иезует Антонио Эскобар Мендоза тааллуқ дорад. Гузашта аз ин, ба ин маъно наздик чунин ибораро метавон дар дигар шахсиятҳо ба мисли Т.Гоббс, Ҷ.Локк ва дигарон низ бо шаклҳои дигар вохӯрд. Яъне, Н.Макиавелли ибораро бо шакли маъмулии қабулшуда дар осораш баён накардааст, аммо чунин маъноро дар андешаҳои ӯ баръало мушоҳида намудан мумкин аст.

Таносуби ахлоқ ва сиёсатро дар таълимоти мутафаккир ба инобат гирифта, «Мо метавонем дар бораи ахлоқи сиёсии Макиавелли сухан ронем. На дар бораи ғайриахлоқияти сиёсӣ, балки дар бораи ахлоқи сиёсие, ки хусусияти фарқкунандаи он хусусияти ниҳодинаи он – табиати сиёсии он аст. Ин ахлоқ, дар ҳоле ки амалҳои ғайриахлоқиро иҷозат медиҳад, онҳоро ҳатмӣ намешуморад ва аз иллюзияи дурӯя огоҳ мекунад, ки замоне аз ҷиҳати сиёсӣ зарурат пеш ояд, онҳо аз фаъолияти ғайриахлоқӣ даст мекашанд. Ғайр аз ин, ин озодии сиёсат аз ахлоқ, ки аз ҷониби Макиавелли асоснок карда шудааст, баррасии он ҳамчун як соҳаи фаъолият, ки ба қонунҳои худи он тобеъ аст, имкони танқиди ахлоқии сиёсатро фароҳам меорад» [49, с.20].

Баъзе андешаҳои Никколо Макиавелли дар бораи зарурати мутобиқ будани сиёсат ба арзишҳои ахлоқиро мо дар осори дигар мутафаккирон, ба монанди Томас Гоббс, Ҷон Локк ва дигарон низ дучор меоем.

Файласуф ва муҳаққиқи қарни XVII англис Томас Гоббс бо андешаҳои фалсафӣ ва сиёсии худ дар илми ҷаҳонӣ шуҳратёр буда, махсусан асари ӯ «Левиафан, ё Материя, шакл ва ҳокимияти давлати динӣ ва шаҳрвандӣ» дар улуми фалсафӣ-сиёсӣ таъсири бузург гузоштааст. Дар таълимоти Т.Гоббс низ мисли таълимоти Н.Макиавелли барои омӯзиш дар меҳвар – инсонро мегузорад ва онро ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои сиёсӣ баррасӣ мекунад. Т.Гоббс инсонҳоеро таҷассум мекунад, ки ақлгаро, озод ва аз назари иҷтимоӣ баробар буда, шароитҳои

якхелаи ҷамъиятиро соҳиб мебошанд. Барои Т.Гоббс бунёди давлати пурзӯр баҳри банизом овардани ҷомеа муҳим мебошад ва кӯшидааст дар асоси принсипҳои «шартномаи ҷамъиятӣ» ин андешаашро асоснок намояд. Дар таълимоти Т.Гоббс нисбат ба таълимоти пешгузаштагонаш перомуни ахлоқ андеша камтар ба назар расида, бештар ба ҷанбаҳои сиёсӣ бартарӣ дода мешавад. Аз ин рӯ, дар афкори Т.Гоббс бунёди давлати тавоно дар мавқеъгирии аввал қарор гирифта, он бояд бехатарии ҷомеа ва давлатро таъмин намояд ва ин амният ба осоиштагии ҷомеа бурда расонад. Т.Гоббс мисли Н.Макиавелли ба хусусиятҳои ҷузъии роҳбар чандон таваҷҷуҳ накардааст, барои ӯ аслан натиҷаи идоракунии роҳбар муҳимтар мебошад. Аз ин хотир, дар таълимоти якумин нисбат ба дувумин ахлоқ камтар дида мешавад, на ба хотири он ки барои Т.Гоббс ахлоқ нолозим мебошад. Т.Гоббс дар таълимоташ бунёди давлати дунявиеро пешниҳод мекунад, ки ҳокимияти маркази иқтидори бузурги идоракуниро дар дасти худ бояд нигоҳ дорад. Албатта, набояд фаромӯш кард, ки ҳар шахс, ё муҳаққиқ сарфи назар аз бузургиаш дар зери таъсири ҳаводиси замони худ мондааст ва таъсиррасониҳои замона ва ҳаводиси он ҳатман дар андешаҳои ӯ таҷассум хоҳанд ёфт. Т.Гоббс дар замоне умр ба сар бурдааст, ки дар Англия низоми устувори сиёсӣ вуҷуд надошт ва натиҷаи он ҷанги шаҳрвандӣ дар Англия мебошад, ки фишангҳои идоракуниро хеле заиф мекард. Аз ин хотир, ба андешаи Т.Гоббс дар давлат зулми ҳар ҳокимияти истибдодии вуҷуддоштаро таҳаммул намудан мумкин аст, чун «бадбахтиҳо ва фалокатҳои даҳшатноке, ки бо ҷанги шаҳрвандӣ ба миён меояд, ба он қобили муқоиса нест» [364]. Яъне, Т.Гоббс ба андешае пофишорӣ мекунад, ки мувофиқи он шаҳрвандон то ҳадди имкон розӣ ҳастанд ба низомҳои зулм муросо кунанд ва бар ивази он дар давлат осоиштагӣ ҳукмфармо бошад. Бунёди давлат бо ҳокимияти устувор ва мутлақ дар меҳвари назарияи баённамудаи Т.Гоббс дар асараш «Левиафан» дида мешавад. Яъне левиафани Т.Гоббс давлати пурзӯр ва тавоно мебошад, ки суботи дохилиро ба тамоми роҳҳо ҳифз хоҳад кард. Таъмини ин субот на ҳама

вақт бо роҳи боадолатона сурат мегирад, дар мавридҳое аз роҳи зӯрӣ ва тарс низ кор гирифта мешавад. Агар имрӯз андешаҳои Томас Гоббс дар ҷомеаҳои баъдиҷангӣ, махсусан дар давлатҳои аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ беруншуда қиёс карда шавад, пас мушоҳида мешавад, ки бо гузашти панҷсад сол ҳоло ҳам дар мафкураи бисёр одамон ин андеша бидуни тағйир боқӣ мондааст ва онҳо оромии вазнинро аз озодии ҷангӣ бо додани талафоти ҷонӣ беҳтар мешуморанд. Барои ҳамин мардум то косаи сабраш лабрез нагардад ҳар гуна зулму ситамро бо сабр таҳаммул мекунад.

Принсипҳои ақлонии «шартномаи ҷамъиятӣ» дар пояе бунёд ёфтаанд, ки бояд роҳҳое интихоб карда шаванд, ки устувории низоми сиёсиро аз дохил вайрон накунанд. Аз шаклҳои идоракунии мавҷуда ба андешаи Т.Гоббс аз ҳама самаранок шакли мутлақгаро мебошад, албатта агар ин низом низ аз дохил тарҳрезӣ нашуда ба ҳалокат рӯ ба рӯ нагардад. Барои ҳамин шаҳрвандон ба ҳар восита бояд норозигии худро иброз нанамоянд ва пояҳои ҳокимиятро заиф нагардонанд, то суботи дохилӣ ба намудҳои мухталифи ҷанг мубаддал нагардад.

Т.Гоббс барои ин пешниҳод мекунад, ки агар давлат вуҷуд намедошт ва одамон бо ихтиёри худ бидуни тобеият ва итоат ба касе ва чизе зиндагӣ мекарданд. Чунин ҳолатро Т.Гоббс «ҳолати табиии соф» [365] меномад, ки одамон бидуни ниҳодҳои давлатӣ амал мекунанд ва маҳз барои бартарафкунии чунин ҳолати бенизомӣ давлатро зарур мебошад, то адолатро дар ҷомеа татбиқ кунад. Барои ҳамин дар ҷомеаҳои бидуни ниҳоди муҳимми сиёсӣ – давлат таъмин намудани тарзи фаъоли идоракунӣ ва тартиботи сиёсӣ номумкин аст. «Дар ҷое, ки ҳокимияти умумӣ вуҷуд надорад, қонун нест ва дар ҷое ки қонун вуҷуд надорад, дар он ҷо адолат нест» [43]. Адолату суботро давлати пурзӯр таъмин мекунад, ки ҳама аз тарси он итоат мекунад ва дар давлат гузариш аз бесарусомонӣ ба субот таъмин карда мешавад. Ҳокимияти заиф наметавонад, ки итоати шаҳрвандонро ба давлат таъмин намояд ва ҳар гуна норозигиҳою

ихтилофҳои дохилидавлатӣ сабаб мегарданд, ки дар оянда ин ҳолат фишангҳои идоракуниро заиф гардонида, сабаби шикасти давлат гардад.

Дар сиёсати имрӯза аз андешаҳои Н.Макиавелли ва Т.Гоббс самаранок истифода бурда мешавад, аммо як гурӯҳ инро ошкоро эътироф накарда, баръакс, андешаҳои онҳоро зери танқид қарор медиҳанд. Ҷомеаи муосир ҷомеаи демократӣ мебошад ва истифодаи роҳҳои ғайридемократӣ ва ғайриахлоқӣ дар фаъолиятҳои сиёсӣ дуруст нест. Агар имрӯз ходимони сиёсиро ба фаъолиятҳои ғайридемократӣ ва ғайриахлоқӣ муттаҳам кунӣ, пас ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегардӣ, дар ҳоле андешаҳои баёншуда дар сиёсати муосири ҷаҳонӣ ва фаъолиятҳои ходимони сиёсӣ пурра мушоҳида мегардад. Масалан, имрӯз президенти ИМА Д.Трамп ошкоро дурӯғ мегӯяд, аммо ҳеҷ кас ӯро ба он муттаҳам намекунанд ва як гурӯҳе аз сиёсати бузург дур онро девона мехонанд. Президенти ИМА девона нест, баръакс, аз иқтидори сиёсати имрӯзаи давлат ва аз усулҳои макиавелчигӣ самаранок истифода мекунад, то ба мақсадҳои ниҳоии худ расад.

Дар маҷмуъ, Т.Гоббс аввалин мутафаккире буд, ки аз низоми ҳуқуқи табиӣ таълимоти пурраи асосҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатиро ҷудо намуда, рушд дод ва бунёди ибтидоии тарҳи таърихӣ-назариявии давлати ҳуқуқиро замина гузошт.

Дар таълимоти Т.Гоббс аллакай метавон тасаввурот перомуни маҷмуи ҳуқуқ ва озодиҳои эътирофшудаи шаҳрвандонро мушоҳида намуд, ки онҳо дар навбати худ иродаи ҳокимро маҳдуд мекунанд. Ин ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд баҳри озодӣ (ақида), ҳаёт ва моликият мебошанд, ки баъдан дар таълимоти Ҷон Локк ва баённомаҳои инқилобҳои минбаъдаи буржуазӣ мундариҷаи мукаммалро соҳиб мегарданд [338]. Яъне, принсипҳои давлати тавоно аз тарафи Т.Гоббс баҳри идораи муназзами давлат ва ҷомеа ва бо ин амал таъмини идораи самаранок пешниҳод карда шуда, аз бисёр ҷиҳат бо амалишавии онҳо дар давлат сулҳ ҳукмфармо гашта, ниҳодҳои сиёсӣ вазифаҳои худро дуруст иҷро мекунанд.

Идомаи андешаҳои муҳаққиқони ин марҳала таҷассуми худро дар

таълимоти Ҷон Локк ёфтанд, ки ӯ яке аз саромадони таълимоти либерализм мебошад ва моҳияти он дар асараш «Таҷриба перомуни фаҳмиши инсонӣ» («Опыт о человеческом разумении») баён гаштааст. Фалсафаи сиёсии Ҷ.Локк низ маҳсули марҳалаи таърихии зиндагиаш мебошад, ки бисёр муҳаққиқони онвақта онро «ҳолати табиӣ» номгузорӣ намудаанд. Махсусан, андешаҳои Ҷ.Локк перомуни дин, фазилати инсонӣ, ахлоқ ва ғояи некӣ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст, ки ба низоми он замона созгор набуданд. Албатта, Ҷ.Локк ҳамчун шахси эҳтиёткор андешаҳои худро бисёр нарм ва боэҳтиёт баён менамуд, то ӯро ба бехудоӣ муттаҳам карда, боз ба ҷазо накашанд. Ба андешаи Ҷ.Локк низ яке аз сабабҳои асосии бунёди давлат ин таъмини муназзамият ва раҳоӣ шудан аз даҳшат мебошад. Аз ин рӯ, дар давлат шартномаи ҷамъиятӣ ба имзо мерасад ва одамон қисмате аз ҳуқуқу озодиҳои худро ба давлат ҳавола мекунанд ва бо ин суботу осоиштагие, ки дар ҳолати табиӣ набуд, таъмин карда мешавад. Барои Ҷ.Локк шакли идоракунии мушаххас ба таври принсипиалӣ муҳим набуда, пеш аз ҳама ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ҳимояи онҳо ва риояи шартномаи ҷамъиятӣ бартарият дода мешавад. Бигзор давлати Ҷ.Локк дар пояи принсипҳои деморкатии либералӣ бунёд ёфта бошад ҳам, аммо наметавон гуфт, ки ҳатман таъминкунанда бояд низоми демократӣ бошад ва сарфи назар, аз он ҳамон низоми идоракуние эътироф мешавад, ки шартномаи ҷамъиятиро дуруст таъмин намояд. Аз дигар тараф, маҳз таъмини принсипҳои «шартномаи ҷамъиятӣ» бештар ба бунёди ҷомеаи демократӣ созгор мебошанд. Ҷ.Локк идомадиҳандаи принсипҳои «шартномаи ҷамъиятӣ» бошад ҳам, сарфи назар аз ягонагӣ дар таълимотҳои онҳо, боз дар назари ӯ нисбат ба мавқеи Т.Гоббс тафовут низ мушоҳида мешавад. «Агар андешаҳои Томас Гоббс бо Ҷон Локк қиёс карда шаванд, пас тафовути асосӣ дар он аст, ки дар таълимоти аввалин давлат аз болои ҷомеа ҳокимияти пурраро соҳиб мебошаду дар дувумин танҳо қисмате аз

ҳуқуқҳои халқ ба давлат вогузор карда мешаванд. Т.Гоббс барои идораи ҷомеа шакли идоракунии монархияи мутлақро пешниҳод мекунад, дар ҳоле, ки Ҷ.Локк ба он розӣ нест, чун мақсади ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмини тартиботи табиӣ мебошад, ки дар сурати одамон аз болои худ доварӣ намудан, ин низом вайрон мегардад. Аз ин рӯ, Ҷ.Локк монархияи мутлақро бо принсипҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ носозгор меҳисобад» [317, с.25-26]. Барои консепсияи дувумин маҳз бунёди ҷомеаи боадолат (демократӣ) сабаб мешавад, то озодиҳои шаҳрванд дуруст ва самаранок таъмин карда шаванд. Ба ин хотир, Ҷ.Локк дар асараш «Ду рисола оид ба идоракунӣ» («Два трактата о правлении») масъалаи озодиҳои инсонро баррасӣ намуда, қайд мекунад: «Озодии табиии инсон аз озодии ӯ аз ҳама гуна ҳокимияти болотар дар рӯйи замин иборат аст ва ба ирода ё салоҳияти қонунгузории каси дигар тобеъ нест ва танҳо аз ҷониби қонуни табиат роҳбарӣ мешавад. Озодии инсон дар ҷомеа аз он иборат аст, ки ӯ ба ҳеҷ салоҳияти қонунгузорӣ тобеъ набошад, ба ҷуз он салоҳияти қонунгузорие, ки бо ризоияти дохили давлат муқаррар шудааст ва ба иродаи ягон шахси дигар тобеъ нест ё бо ягон қонун маҳдуд намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки аз ҷониби ин мақоми қонунгузор мувофиқи эътимоди ба он гузошташуда муқаррар шудаанд» [87, с.245]. Яъне, дар давлати тасвиркардаи Ҷ.Локк принсипҳои волоияти қонун амал мекунад, ки шаҳрванд танҳо ба қонунҳои муқарраркардаи давлат тобеъ буда, дар назди қонун бартарияти ақаллият вуҷуд надошта, бояд ҳама ҳуқуқҳои баробарро соҳиб бошанд. Барои таъмин намудани фаъолияти босамари давлат Ҷ.Локк принсипи тақзияи ҳокимиятро пешниҳод мекунад, ки шохаҳои ҳокимият новобаста аз ҳамдигар амал мекунанд, ки соҳибихтиёрии онҳоро таъмин мекунад. Ин принсипҳо дар навбати худ ба он оварда мерасонанд, ки ҳокимиятро як шахс ё як ҳоким дар дасти худ ғасб карда наметавонад ва раванди демократӣ дар давлат дуруст таъмин карда мешавад.

Албатта, дар баробари ин, тафовутҳои дигар низ миёни таълимотҳои

онҳо мушоҳида мегардад ва яке аз онҳо дар он зуҳур мегардад, ки дар таълимоти Т.Гоббс шикаст хурдани ҳокимият тавсия намешавад ва дар таълимоти Ҷ.Локк бошад дар сурати иҷро накардани ваъдаҳои худ халқ метавонад, ки бар зидди чунин ҳокимият мубориза барад. Метавон гуфт, ки давлатҳои муосир бисёр хусусиятҳои худро аз таълимоти маҳз Ҷ.Локк гирифтаанд, аммо набояд фаромӯш кард, ки дар давраҳои ҳассос усулҳои давлатдории Т.Гоббс то кунун самаранок истифода карда мешаванд ва фақат онҳоро расман эътироф намекунанд. Яъне, андешаҳои Ҷ.Локк ба ҷомеаҳои муосир наздиктар буда, дар давлатҳои имрӯза онҳо пештар татбиқи худро ёфтаанд. Махсусан андешаҳои Ҷ.Локк таҷассуми худро дар бунёди давлатдорӣ дар ИМА ёфтаанд ва аксари андешаҳои ӯ дар принсипҳои давлатҳои демократии ҷаҳони ғарбӣ татбиқ ёфтаанд. Дар таълимоти Ҷ.Локк эътироф мешавад, ки мавҷуд будан дар ҳолати табиӣ аз итоат ба ҳоким ва ҳокимияти мутлақ афзалтар мебошад. Аз ин рӯ, ин амалкард вобаста ба марҳалаи мушаххас ва замони мувофиқ дар идоракуниҳои давлат нақши боризро мебозад. Лекин вақте ҳолатҳои давлатҳоро дар шароитҳои мухталиф таҳлил мекунем, пас мушоҳида мекунем, ки дар ҳолати табиӣ дар бораи кадом идоракунии босубот сухан гуфтан мумкин аст. Агар аҳли ҷомеа ҳамаашон босаводу бофарҳанг бошанд ҳам, набояд манфиатҳои шахсию эгоизм ва худнамоиро фаромӯш кард. Аз ин рӯ, дар давлат мавҷуд будани ҳокимияти сиёсӣ ин худ суботро таъмин мекунад ва дар сурати набудани ҳокимият ҳатто ҳокимияти мутлақ ҳам самараноктар мебошад, чун мафкураи одамон чунин шаклеро соҳиб мебошад, ки агар аз рӯйи виҷдон амал накунанд ҳам, пас аз рӯйи тарс ҳатман дуруст амал мекунанд. Набояд фаромӯш кард, ки тарбияи дуруст ва озод мондани одамон баҳри амалкард мувофиқи хоҳишашон ин кафолати бунёди давлати боадолату баробарҳуқуқ нест ва таъмин кардани чунин ҳолат низ дар воқеият аслан номумкин буда, ҳаводиси мухталифи таърихӣ дар тӯли ин ҳазорсолаҳо чандин маротиба ин фикрро тасдиқ намудааст.

Дар баробари андешаҳои бузурги сиёсӣ андешаҳои ахлоқии Ҷ.Локк бештаран дар асари «Таҷрибаҳо перомуни қонунҳои табиат» баён гаштаанд. Як зумра муҳаққиқон андешаҳои ахлоқии ӯро ба таври ҷиддӣ қабул накарда, дар онҳо низоми мушаххаси бунёдиро мушоҳида намекунанд. Дар баробари ин беэътиноӣ ба андешаҳои ахлоқии Иммануил Кант баҳои баланд медиҳанд, дар ҳоле, ки дувумин бисёр андешаҳои ахлоқии худро маҳз аз таълимоти аввалин гирифтааст ва танҳо онро васеътар боз намуда, ба онҳо як тобиши хуби илмӣ додааст. Аз ин хотир, муҳаққиқони ба таълимоти ахлоқии Ҷ.Локк баҳои нодуруст дода, бояд таълимоти ӯро ҳамаҷиҳата омӯхта, ба умқи андешаҳои ахлоқии ӯ сарфаҳм раванд хубтар мешуд ва хизмати ҶЛокк низ дуруст баҳогузории худро меёфт.

Дар маҷмуъ дар андешаҳои мутафаккирони замони эҳёи аврупоӣ дар фаъолиятҳои сиёсӣ таносуби ахлоқ ва сиёсатро мавриди баррасӣ қарор дода, метавон хулосагирӣ намуд, ки ахлоқ дар сиёсат амал менамояд ва он вобаста ба манфиат амал мекунад. Дарки ин арзишҳо дар ҷомеаҳои ғарбӣ бартариро бештар ба манфиат медиҳанд, ки фаҳмиши нави ахлоқро замина гузошта, манфиатҳои сиёсӣ ва шахсиро дар пештоқи фаъолиятҳои сиёсӣ мегузорад ва чунин хусусият то кунун дар сиёсати давлатҳои ғарбӣ қарор дорад.

Дар таълимоти намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ баррасии масъалаҳои таъмини авлавияти арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, минҷумла, дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ мақоми хос доранд.

Ҳамин тариқ, ҳар таҳаввули муҳимми иҷтимоӣ моҳияти амалҳо дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоиро тағйир дода, дар робитаҳои мутақобили нав байни онҳо зуҳур меёбад. Таҳаввулоти Аврупои Шарқӣ ва равандҳои глобалии рушди демократия дар ҷаҳони муосир, қабл аз ҳама, ба таҳаввул дар консепсияҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ сабабгор мешаванд. Зеро, ҳангоме ки дар ҳар ду соҳа унсурҳои ба тамоми башарият хос буда, бартарӣ пайдо мекунанд, унсурҳо ва мазмунҳои нав дар арзишҳои бунёдии танзими

фаъолияти сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Дар натиҷа, аввал, онҳо ба тағйир ёфтани сохтори иртиботи мутақобила байни сиёсат ва ахлоқ ва баръакс сабаб мешаванд. Ҳамаи ин масъалаи анъанавии таносуб байни ахлоқ ва сиёсатро аз нав эҳё менамояд.

Ҳамин тавр, метавон ба чунин хулоса расид, ки ҳам ахлоқ ва ҳам сиёсат ба сифати унсурҳои калидии танзими мустақими рафтори инсон хидмат менамоянд, вале аз ҳамдигар аз лиҳози сатҳи таъсир ба равандҳои танзими рафтори инсон тафовут дошта, сифатҳои инфиродии гуногун доранд, гарчи ба ҳам қаробат доранд. Гурӯҳҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва ашхоси алоҳида дар муҳити ҳаёти ҷамъиятӣ робитаи мутақобилаи ахлоқӣ доранд. Мутобиқ ба вижагиҳои сиёсии ин робитаи мутақобил дар давраҳои муайяни таърихӣ, сиёсат метавонад баъзе арзишҳои ахлоқиро рушд диҳад, вале дар дигар давраҳои таърихӣ бошад, бахусус зимни низоъҳои мушаххас, вазъ ва мақсадҳои сиёсии ин марҳалаҳо, дигар арзишҳо ва хислатҳои ба ҳам зид метавонанд таназзул ёфта, аз байн раванд.

Ҳамчун танзимкунанда, ахлоқ метавонад соҳаи робитаҳои байни ашхос ва муносибати мутақобила шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоиро фаро гирад. Дар тафовут аз ахлоқ, сиёсат асосан муносибати байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва давлат, ҳамчунин байни созмонҳои мухталифи иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки мустақим ё ғайримустақим бо функсияҳои ҳокимияти давлатӣ алоқаманд мебошанд, танзим менамояд.

Барои ҳамин, баҳри танзим намудани равобит миёни ахлоқ ва сиёсат истифодаи самаранок аз таъсирбахшии сиёсӣ ба маврид мебошад, чун маҳз он метавонад, ки онҳоро ба як росто орад. Равобити мутақобила байни ин механизмҳо аз мухолифатҳои мушаххаси иҷтимоӣ ва имконияти воқеии ба даст овардани мақсадҳои табақотӣ, миллӣ ва давлатӣ – амалҳои муштарак мутобиқ бо онҳо ва ё беэътиноӣ нисбат ба арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ вобаста мебошад.

Печидагии байни ахлоқ ва сиёсат, тафовут байни ахлоқи инфиродӣ

ва ахлоқи ҷамъиятӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, байни ахлоқи фардӣ ва ахлоқи сиёсии гурӯҳҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Аз як ҷониб, низомҳои сиёсии ғайридемократии мутамарказ, маъмулан саъй менамоянд соҳаи нуфузи сиёсат ва ахлоқи ба он вобастаро васеъ намуда, мутаносибан соҳаи таъсири ахлоқи вобаста бо ҳаёт ва фаъолияти робитаҳои мутақобил, чӣ байни ашхоси алоҳида ва чӣ байни гурӯҳҳои иҷтимоиро маҳдуд намоянд. Аз ҷониби дигар, таносуб байни соҳаи инфиродӣ ва ҷамъиятии ҳаёти ҷамъиятӣ, хислати таърихӣ дорад.

Ин хулосаи назариявӣ устувор гардидани ҷанбаҳои фардӣ ва мустақилияти инсонро нишон медиҳад, ки махсусиятҳои фардагароиро дар худ касб намуда, ба воситаи он ҳар шахс метавонад бо ҷадду талошҳои худ ба ҷойгоҳе расад ва ба он ҳуқуқу озодиҳое, ки дар ҳаёти инсон муҳимманд, дастрасӣ ёфта, интихоби ҳар гуна қарор аз худи ӯ вобастагӣ дошта, ин ҳолат барои шахс дигар монеа ба вуҷуд намеорад ва инсон ҳадафи назорат ва иҷозати онҳо намегардад.

Аз як ҷониб, инсон бо ҳаёти ботинии шахсӣ, ки ба шахси дигар дахл надорад, вуҷуд дорад. Аз ҷониби дигар, ҳаёти ҷамъиятӣ, ки бо сиёсат ва давлат робита дорад, вуҷуд дорад: гарчи ҳамаи ин ба мақсаду манфиатҳои хусусӣ дахолат наменамояд, вале ҳамзамон хислати умумӣ дошта, мавзуи ғамхорӣ дар бораи ҳама мебошад.

Ҳамин тариқ, ахлоқ ба фардӣ ва умумӣ, инфиродӣ-маънавӣ ва ахлоқи сиёсӣ ҷудо мешавад. Аз дигар тараф, ба монанди назарияҳои аҳди қадим ахлоқ ва сиёсатро ҳамчун ду соҳаи мустақил муқобил гузоштан дуруст нест, зеро сиёсат мустақим бо ахлоқ алоқаманд мебошад ва маҳз дар робитаи наздик қарор доштани онҳо ба он ҷанбаи мусбие мусоидат мекунад, онҳо якдигарро пурра мекунанд.

Барои дарки дурусти ояндаи он масъалаи танзими ахлоқ дар афкори фалсафӣ пеш меояд, ки вобаста ба он ворисият ва тағйирёбии ахлоқ дар дидгоҳҳои сиёсӣ дар кадом шакл маънидод карда мешавад.

1.2. Масъалаи меросбарӣ ва тағйирёбии баррасиҳо аз масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар афкори муосири фалсафӣ

Дар баҳсҳои имрӯзаи фалсафаи ахлоқ нисбат ба ҷойгоҳи ахлоқ дар ҳаёти сиёсӣ ду дидгоҳи аз ҳам фарқкунанда ташаккул ёфтааст.

Мувофиқи дидгоҳи аввал қоидаҳо ва ҳидоятҳои ахлоқӣ то он ҳад дар ҳаёти сиёсӣ омехта ва фаъол мегарданд, ки ба сиёсати амалкунанда дар воқеъ таъсиррасон гашта, бидуни онҳо сиёсати давлатиро тасаввур кардан мушкил мегардад.

Дидгоҳ ё назари дуюм аз он бармеояд, ки меъёрҳои сиёсӣ бояд ҳамчун падидаи мустақил ва бегона нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ фаҳмида шаванд. Ин равишро аксари муҳаққиқон равиши ғайриахлоқӣ ном мебаранд. Барои исботи ин андеша ҷонибдорони равияи мазкур чунин мешуморанд, ки азбаски фалсафаи сиёсӣ ба танзими ниҳодҳои асосӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ-сиёсӣ рабт дорад, он бояд, пеш аз ҳама, ба қонуният аҳаммият диҳад, на ба адолат ва категорияҳои дигари алоқаманд ба ахлоқи сиёсӣ, ба монанди шаъну шарафи инсонӣ, хубӣ, манфиати умумӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайра. Ба андешаи мо, аввалан ҳеҷ яке аз хусусиятҳои сиёсӣ чунин хулосаро тасдиқ намекунад. Дуюм, мо бар он андешаем, ки ҳар як назарияи асосноки сиёсӣ ҳатман аз як пешфарзи ахлоқӣ иборат аст, ки онро усулҳо (ё арзишҳо)-и бунёдӣ ташкил медиҳанд. Ин усулҳо аз ҷомеа ё низоми сиёсӣ вобаста нестанд ва аз принсипҳои сиёсӣ амиқтар буда, ҳадди меъёрии онҳоро муайян мекунанд.

Яъне талоши исботи он ки меъёрҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи мустақил аз меъёрҳои ахлоқӣ тасаввур карда мешавад ва баррасиҳои ахлоқӣ дар асоснокунии усулҳои сиёсӣ ё тасмимҳои сиёсӣ нақш надоранд, он қадар саҳеҳ нест. Зеро дар воқеият меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ комилан ҷудошаванда нестанд ва баррасиҳои ахлоқӣ метавонанд барои асоснок кардани усулҳо ё назарияҳои сиёсӣ истифода шаванд. Масъалаи воқеӣ дар он аст, ки чӣ тавр меъёрҳои ахлоқӣ тавассути воқеиятҳои сиёсат «филтр» ё

полоиш мешаванд ва бо хусусиятҳои асосии он мутобиқ мегарданд.

Назари аввал дар қаринаи бисёр консепсияҳо мавриди интиқоди сахт қарор гирифта, таъкид мегардад, ки ин дидгоҳ ҳавасмандии одамонро аз воридшавӣ ба сиёсат ҳамчун амали хайрхоҳонаю ба хубӣ равонагардида коҳиш медиҳад. Бинобар ин, равиши дуюм пайваста дар ҳоли рушду такомул қарор дошта, ҳадафаш аз он иборат аст, ки чӣ гуна метавон боварӣ ҳосил намуд, ки меъёрҳои ахлоқӣ тавассути сиёсат алоқаманд шуда, бо хусусиятҳои бунёдии он мутобиқ мешаванд.

Ҳамин тавр, дарки масъалаи нақш ва мақоми меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсӣ дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии муосир дар аксар маврид мавзуи баррасӣ ва баҳси олимони соҳаҳо ва равияҳои гуногуни илмӣ қарор гирифтааст. Дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии имрӯзаи кишварҳои пасошӯравӣ муҳокимаи ин масъала аҳаммияти калон пайдо намуда, доираи васеи мавзуъҳоро фаро мегирад.

Мубрамияти масъала, қабл аз ҳама, бо дарки мушкилоти гузариш аз як низоми арзишҳо ба низоми дигар, бахусус, дар соҳаи муносибатҳои сиёсӣ алоқаманд аст, ки дар натиҷа муайянкунандаҳои арзишҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, ҳамкорӣ ва муносибатҳои байни субъектҳои ҳаёти иҷтимоӣ низ тағйир меёбанд. Чунин зарурати объективӣ дар тағйири усули дарки ин масъала дар дигар кишварҳо, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ вуҷуд дорад.

Чуноне ки қаблан таъкид гардид, дарки масъалаи нақш ва мақоми меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсӣ дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии муосир дар аксар маврид ба мавзуи баррасӣ ва баҳси олимони соҳаҳо ва равияҳои гуногуни илмӣ мубаддал гаштааст. Дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии имрӯзаи кишварҳои пасошӯравӣ муҳокимаи ин масъала аҳаммияти калон пайдо намуда, доираи васеи мавзуъҳоро фаро мегирад.

Ба таҳқиқи масъалаи мазкур дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии имрӯзаи Россия асарҳои олимон А.А. Гусейнов, А.Асперян ва дигарон, ки на танҳо

аз лиҳози мубрамият, балки аз он хотир, ки ҷанбаи методологии онро фаро мегиранд, бахшида шудаанд: «Масъалаи меҳварӣ, ки дар атрофи он таҳқиқоти муосири масъалаҳои ахлоқӣ дар Россия ва дар хориҷ аз он амалӣ мешаван ва онро метавон чунин муайян намуд: шарту шароит ва тартибу қоидаи асосноккунии фалсафии ахлоқ дар дунёи гуногунандешӣ чӣ гуна мебошад? Дар илми ахлоқ дар Россия ин масъаларо дар қаринаи хосси иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фалсафӣ ба миён гузошта, муҳокима мекунанд. Анъанаҳои назариявӣ ва методологии дар замони шӯравӣ ташаккулёфта барои ҳифзи пойгоҳи фалсафии таҳқиқ дар давраи тағйири тамоюли ҷаҳонбинӣ ва ғоявии фалсафаи ахлоқ кифоя буданд» [324, с.6].

Ин чунин маъно дорад, ки имрӯз дар байни олимони соҳаи таҳқиқи масоили ахлоқӣ зарурати таҷдиди назари роҳҳои баррасии ғояҳои масоили илми ахлоқ равшан дарк мешавад. Гарчи ин иқдом тағйирёбии фаъоли вазъи ҷаҳони муосир бинобар вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ бо мушкилӣ дучор омада аст, вале бо вуҷуди он, таҳқиқотҳои онҳо имкон медиҳанд моҳияти равандҳои баамалоянда дар соҳаи танзими ахлоқии амалҳои мутақобилаи сиёсӣ аниқ муайян карда шаванд.

Дар ин замина иддаои ахлоқ нисбат ба сиёсат, ки бояд ба мабдаи арзишӣ ва маънавӣ рӯ оварда бипайвандад, возеҳ мегардад. Ин ба соҳаи фаъолияти сиёсӣ имкон медиҳад, ки ба фазои паҳн гардидани ормонҳои арзишҳои волои ҷомеа табдил ёфта, онро бо чароғи раҳнамои амалҳои мутақобилаи сиёсӣ ғанӣ гардонад. Дар ин маврид файласуфи намоёни Россия А.А. Гусейнов таъкид менамояд: «Душвориҳои вобаста ба ҳаммонанд намудани ахлоқ, бо таъкид бар соҳаи хосси фаъолият ва ё шеваи хосси маҷбурсозӣ донистани он, ба назари банда, аз бархурд ба ахлоқ ҳамчун арзиши дуюмдараҷа ва ҳосила, аз кӯшиши маънидод ва таҷассум сохтани он бармеояд. Вақтҳои охир ин равшан ба назар мерасад, ки аз лиҳози мавзуи таваҷҷуҳи мо бо он фарқ менамояд, ки тасаввуроти ахлоқии одамон ба шиддат тағйир ёфтанд ва онҳо фарохтар, метавон гуфт

вайрон шуда, ҷанбаи меъёрии худро аз даст додаанд» [324, с.5].

Соҳаи ахлоқ, мутобиқ ба аксари тасаввуроти роиҷ буда, инчунин олами ҳайвонот ва набототро фаро мегирад. Сухан натанҳо дар бораи муносибат бо онҳо, балки дар бораи он ки масъалаи худи онҳо чӣ тавр қабул гардида аст, мақоми ахлоқӣ касб менамояд. Дар яке аз асарҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ таъкид гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Федералии Олмон қонун дар бораи ҷиноят донистани алоқаи шаҳвонӣ бо ҳайвонот, бар асоси он ки ҳайвон дар ҳолати ғайритабиӣ гузошта мешавад, ба тасвиб расида аст. Чунин дарки масъала, аз чорчӯбаи барномаҳои меъёрӣ, ки ахлоқро ҳамчун шеваи мавҷудияти махлуқи бошуур медонад, берун меравад. Мисоли дигари тағйирёбии ахлоқ, ки мутобиқати меъёрҳои назариявии ҳукмрон дар ахлоқро зери шубҳа мегузорад, бо рушди босуръати ахлоқи амалӣ алоқаманд мебошад.

Дар ин ҷо, қайд намудани ду ҳолат ба маврид мебошад: ахлоқи амалӣ на ҳама вақт тобеи қавонини фалсафӣ мебошад ва имрӯз онро ба доираи фалсафӣ маҳдуд намудан нодуруст аст, чун он вазифаи хеле фарроҳро иҷро мекунад; ахлоқу одоб дар ахлоқи амалӣ робита бо мувофиқи мақсад ва қатъӣ будани қарорҳо дар соҳаҳои муайян ва амалии фаъолият шабоҳат дода мешавад. Ғояи умумии ин баҳси муҳокимаронихо аз он иборат аст, ки вазъи имрӯзаи ахлоқ, яъне ахлоқи назариявӣ, ахлоқи фалсафӣ ва умуман чӣ тавре онро ном набарем марҳалаҳои асосии рушди таърихии он бо номҳои Арасту, И.Кант, Ҷ.Милл ва дигарон алоқаманд мебошанд. Сухан дар бораи он намеравад, ки таълимотҳои машҳури ба мо маълум ва барномаҳои меъёриро ба воқеияти нав мутобиқ ва мушаххас созем. Вазифа боз ҳам амиқтар аст – таҳқурсие, ки онҳоро асос мешуморанд, мавриди таҷдиди назар қарор гиранд. Имрӯз фалсафаи амалии нав зарур аст. Чунин фалсафаи амалӣ, агар ҳатто таълимот дар бораи ахлоқ бошад, эҳтимол дорад ҳамзамон таълимот дар бораи ҳастӣ низ бошад. Яъне фалсафаи ахлоқе бошад, ки мақоми нахустфалсафаро соҳиб бошад» [324, с.5].

Ба ақидаи аксари таҳқиқотчиён вуҷуд надоштани ҳадафҳои мушаххаси ахлоқӣ дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ маънои вуҷуд надоштани имконоту иқтидор ба фаъолият дар фазои иҷтимоӣ-фарҳангиро дорад. Бешубҳа, дар чунин шароит ҳатто даъватҳои баланди ниҳодҳои сиёсӣ ба ҷомеа дар мавриди ҷалби онҳо дар амалӣ намудани барномаҳои муайяншуда шунида намешаванд ва ё дуруст дарк нагардида, дар амалияи равандҳои навсозӣ ба инобат гирифта намешаванд. Табиист, ки чунин ҳолат ба рушди кишвар дар масири навсозӣ мусоидат нахоҳад кард ва фарҳанги онро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда натавониста, ҷомеаи мушаххасро ба зинаҳои волои рушди тамаддуни башарӣ расонида наметавонад.

Ёдрас намудан ба маврид мебошад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба ин ҳадафҳо пайваста даъват менамояд: «Зеро озодӣ ва истиқлол барои мо дастоварди бузург ва ғояи муқаддаси миллӣ шумурда мешаванд ва новобаста аз мушкилоти мавҷуда, мо минбаъд тамоми иқтидор ва ҷидду ҷаҳди худро ба ҳимоя, устуворӣ ва пойдорӣ намуда, ин дастоварди бузурги миллатамонро ҳамчун гаҳвараки чашм ҳифз ва пуштибонӣ менамоем. Дар баробари ин, таъкид менамоям, ки солҳои аввали истиқлол барои мардуми мо давраи санҷишҳои сангин ва мушкил буданд» [4].

Набояд фаромӯш кард, ки дар авохири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми садаи XX вазъияти сиёсӣ дар дохили Тоҷикистон дигаргун гашт ва бо таъсири як зумра давлатҳои хориҷӣ дар зери ливои кӯшишҳои барпонамоии равандҳои демократӣ суботи давлат халадор карда шуда, зиддиятҳои дохилидавлатӣ ба шиддат суръат гирифтанд, ки дар натиҷа солҳои минбаъдаи баъди ба даст овардари истиқлолияти сиёсӣ дар давлат ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гашт.

Воқеан, ҷанги шаҳрвандии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бамиёномада сабаб шуд, ки давлат аз роҳи рушд дур шавад ва барои барқарор намудани ҳолати тоҷангбуда аз нав заҳматҳои зиёд кашад. Ҳукумати ҷумҳурӣ баъд аз

имзои созишномаи оштии миллӣ барои барқарор сохтани ҳокимияти конститутсионӣ, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва дигар институтҳои давлатӣ кӯшишҳои зиёдро харҷ карда, қадам ба қадам суботи сиёсиро дар давлат таъмин намуд. Баргардондани зиёда аз миллион шаҳрвандони гуреза ба ватан гоми устувор дар таҳкими ваҳдати миллӣ буд. Дар авохири солҳои 90-уми қарни гузашта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи баъдиҷангии барқарорсозӣ» қабул гашт, ки ҳадафи он таъмир ва барқароркунии муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳо, таъмири роҳҳо ва хонаҳои харобгардидаи шаҳрвандон буд.

Баробари таъмини сулҳ ва субот дар ҷумҳурӣ зина ба зина ислоҳотҳои сиёсӣ ва конститутсионӣ гузаронида шуда, асосҳои Конститутсияи давлатӣ ва размҳои давлатӣ қабул гаштанд, фаъолияти институтҳо ва мақомоти фалаҷгардида барқарор карда шуд, низоми ягонаи ҳокимияти иҷроия, парламенти касбии дупалатагӣ барпо карда шуда, қонуният, тартибот ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар давлат таъмин гардида, волоияти қонун амалӣ гашт.

Маҳз татбиқи воқеии мақсадҳои гузошташуда имкониятҳоро фароҳам оварданд, то давлат барои беҳбуди соҳаи иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ гомҳои устуворро дар оғози солҳои дуҳазорум гузошта, соҳаҳои мухталифи ҷамъиятиро модернизатсия кунонад ва ба пешрафти ҷумҳурӣ заминаҳои мусоидро муҳайё намояд. Дар маркази чунин навгониҳо ва ислоҳотҳои воқеан таъсиргузор се ҳадафи стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ қарор доштанд, ки ба сатҳи сифатии рушди давлат оварда расониданд.

Дар фалсафаи иҷтимоӣ ба таҳқиқи масъалаи мазкур профессор С.Н. Наврӯзов бештар диққат додааст [102; 101]. Дар асарҳои муҳаққиқ масъалаи то чӣ андоза дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ меъёрҳои ахлоқии динӣ метавонанд ба унсури танзимкунандаи рафтори сиёсӣ табдил ёбанд,

мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф масъалаи мазкурро таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки дар аксар маврид аҳзоби сиёсӣ ва нухбагони онҳо бо роҳи фиреб додани шуури ҷамъиятӣ аз арзишҳои ахлоқии динӣ барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ сӯиистифода менамоянд. Дар ин маврид муҳаққиқ таъкид менамояд: «Аз оне ки динро дастак карда, аз дигар соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоӣ, аз ҷумла, ҳаёти моддӣ боло мегузоранд, на танҳо руҳониён, балки як идда олимон ва ходимони сиёсии навбаромад низ айбдор ҳастанд. Чунин муносибати дӯстона ва навозишкорона ба он ҳамчун неруи асораткунандаи инсон бо созишкориҳои бепоён ва нобахшиданӣ бо вай ба он ҳолате, ки имрӯз мушоҳида мешавад, ба мухолифати комил меорад.

Дар ҳудуди муайян, ин вазъ дар амал тоқатпазир аст, вале мантиқи бемаънии он ақлу зеҳнро ба озори ҳақиқӣ гирифтор месозад. Дар муносибат бо дин матбуоти даврии мо – давлатӣ ва мухолиф, ки доимо дурӯягӣ ва дурӯғи руҳониёни маддоҳро такрор менамоянд, ба дасти худ нуқсонҳои илоҳиётпарастонро ба бистари дунявият мекӯчонад» [101, с.6-7].

Ба ақидаи С.Наврӯзов меъёрҳои ахлоқии дин бояд бо пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ тағйир намоянд ва танҳо дар ин ҳолат онҳо метавонанд нақши мусбӣ дар танзими ахлоқии рафтори сиёсӣ саҳм дошта бошанд: «Дин наметавонад таҳкурсии бунёдии мавҷудияти ҷомеа ва инсон бошад. На дин ҷомеа ва инсонро офарида аст, баръакс, онҳо динро ба вуҷуд овардаанд. Бояд динро ҳамчун яке аз соҳаҳои ҳаёти маънавӣ донист, ки наметавонад комилан тамоми дигар соҳаҳои ҳаёти маънавии инсонро иваз намояд. Аз ин ҷо, дин бояд мутобиқ ба тамоюлҳои рушди ҷомеа навсозӣ гардад, набояд аз болои он ҳамчун қонунгузори он, ки гӯё рушди онро аз рӯйи пешнависи худ роҳбарӣ ва муайян менамояд, бошад. Вай наметавонад бо худ тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро комилан пурра намояд» [101, с.26].

Сарфи назар аз ин, мо бо ақидаи як гурӯҳ намояндагони афкори

иҷтимоӣ-фалсафии тоҷик дар бораи он ки дар ҷаҳони муосир майлонҳои прагматистӣ (амалгароӣ) боло мегиранд пурра розӣ нашуда, пешниҳод мекунем, ки кӯшишҳои танзими рафтори инсон аз нигоҳи унсурҳо ва фишангҳои арзишию ақлонии дунявӣ аз мадди назар дур нагарданд. Ин дар аксар маврид бо равандҳои дар ҷаҳони муосир ва Тоҷикистон идомаёфта иртибот дорад, ки моҳияти онҳо аз таҳаввули асосҳои ҳаёти иҷтимоии муосир таркиб ёфтаанд.

Агар дар ҷараёни ин таҳаввулот мо бо арзишҳои ахлоқӣ ғанӣ гардонидани мазмун ва мақсади рафторҳои сиёсиро фаромӯш созем, пас возеҳ аст, ки ҷавонони мо аз муносибати бошуурона ба анъанаҳои миллӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор дур мегарданд. Зарурати ба эътибор гирифтани ин амр доимо дар баҳсҳои сиёсии ходимони сиёсӣ ва коршиносони масоили сиёсӣ таъкид мегарданд: «Масоили устувор гардонидани асосҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва созандаи миллат, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ҳамеша дар сиёсати давлатҳо ва тамоми ниҳодҳои фарҳангӣ мақоми асосӣ доранд ва барои ҳамин ҳам васоити ахбори умум, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ бояд дар самти ҳалли ин масъалаҳо, қабл аз ҳама, ҳимояи истиқлолият, ҳамчунин таҳаввули шуури миллӣ, боло бурдани сатҳи маърифат ва ҷаҳонбинии аъзои ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои халқи тоҷик ва муаррифии арзандаи он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолияти худро вусъат бахшанд» [4].

Андешаҳои дар боло овардашуда собит месозад, ки ахлоқ ва ҳокимият якдигарро тақвият мебахшанд. Барои ҳамин дар бораи аҳаммияти ахлоқ барои нухбагон, қабл аз ҳама аз нигоҳи таъсиргузорӣ, бояд намунаи накукории ҳокимият нисбат ба пайравонашро баррасӣ намуд. Амали накукорӣ сарчашмаи муҳимми неруи муросокоронаи сарварон ва ё қобилияти ба даст овардани интизориҳо аз пайравон бидуни истифодаи иқтидор ва маҷбурсозӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ахлоқ ба сифати воситаи самаранок барои қависозии иқтидор истифода мешавад. Дар қаринаи умедворӣ барои ба назар гирифтани меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти субъектҳои сиёсӣ боз ҷанбаи дигар вуҷуд дорад, ки ба масъалаи талаботи пайравони онҳо алоқаманд аст. Пешсафӣ дар худ маънои таҷассуми хислату сифатҳои пайравӣ аз пешвоҳоро дорад, ки табиати талаботу моҳияти эшон дар доираи амалҳои онҳо сурат мегирад.

Як иддаи ҷомеа дар мавриди мақоми ишғолкардаи худ фикр карда ба он эҳтиром мегузоранд, қисми дигар бошанд ба масъалаи густариши фасодкорӣ ва ғайра таваҷҷуҳ доранд. Ин барои сарвароне, ки аз лиҳози равонӣ ниёз ба ҳокимият доранд, шароити мусоид фароҳам меорад. Маҳз барои ҳамин, С.Н. Наврӯзов ба таҳлили ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи имрӯзаи тоҷик аз ин мавқеъ муносибат намуда, таъкид менамояд: «Дар байни мо имрӯз танҳо лавандҳо дар бораи таназзули ватандӯстӣ ҳарф намезананд. Ҳукумат талаб дорад тарбияи ватандӯстӣ эҳё гардад. Барои тарбияи ватандӯстони ҷадид ғояву рамзҳои нав зарур аст, вале ғояву рамзҳои карахтшуда ин вазифаро бинобар моҳияти космополитикӣ доштанашон иҷро карда наметавонанд. Ҳатто худи диндорон наметавонанд рамзи зиндагии нав бошанд, зеро худи онҳо агар ҷисман дар асри XXI ҳузур дошта бошанд ҳам, аз лиҳози маънавӣ дар асрҳои VII-VIII қарор доранд. Метавон китоби дарсии ватандӯстиро таҳия намуд, вале барои он суханҳои боҳашамат, ғояҳо ва пандҳои афсурда лозим нестанд… Барои тарбияи ватандӯстони нав ғояву рамзҳои нав, ниҳодҳои нави иқтисодӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ мебояд. Мақсаду қолабҳои куҳна, ки бар асоси онҳо тадбирҳои афсурдаи динӣ устувор буданд, дер боз зангзада шуда, имкони эҳёи онҳо вуҷуд надорад» [101, с.18-19].

Ба ақидаи мо, ҳангоми баррасии масъалаи мазкур зарур аст ба нақш ва мақоми муҳимтарин қонуни ҳаёти иҷтимоӣ, яъне таносуби диалектикаи объективӣ ва субъективӣ дар раванди таърихӣ таваҷҷуҳ намоем. Тавре

маълум аст, дар ҳаёти иҷтимоӣ маъмулан омили объективӣ гуфта, падидаҳо ва омилҳоеро дар назар доранд, ки берун аз ирода ва майлу рағбати одамон вуҷуд доранд, субъективӣ бошад аз худи одамон, аз шуури онҳо, сатҳи маърифати фарҳангӣ, интизом, ҳисси масъулиятшиносӣ ва ғайра вобаста мебошанд.

Ба ақидаи аксари файласуфони ҷомеашинос дар ташаккул ва рушди ҳаёти ҷамъиятӣ асосан омилҳои объективӣ афзалият доранд, зеро дар ниҳоят маҳз онҳо сабабгори пайдоиш ва муайякунандаи омилҳо ва падидаҳои субъективӣ мебошанд.

Дар таълимотҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ дар бораи афзалияти омилҳои объективӣ бар субективӣ аз он хулоса мебароранд, ки ба таври мисол, одамон дар интихоби қувваҳои истеҳсолкунандаи даврони худ, ки бунёди тамоми таърихи онҳоро ташкил менамоянд, озод нестанд, зеро онҳоро аз наслҳои гузашта мерос гирифтаанд. Аммо одамон метавонанд онҳоро бисёр самаранок истифода намоянд ва ё ҳатто ҳар он чӣ доранд аз даст диҳанд. Таърихи башарият борҳо собит сохтааст, ки дар шароити сатҳи муайяни рушди воситаҳои истеҳсолӣ, метавон хуб ва ё бад зиндагӣ намуд. Ин ҳолат низ ба омили табиӣ тааллуқ дорад. Дар шароити яксони иқлимӣ ва табиӣ метавон дар сатҳи гуногун зиндагӣ намуд. Дар ин маврид ҳама аз омилҳои субъективӣ вобастагӣ дорад. Барои ҳамин одамон бояд имкониятҳои омили объективиро ба инобат гирифта, мутобиқ ба онҳо ва мувофиқ ба имкониятҳову анъана, расму одат, вижагиҳои равонӣ ва ғайра амал намоянд.

Ба ин нигоҳ накарда, нақши омили субъективӣ дар танзими фаъолияти сиёсиро наметавон аз меъёр камтар донист, зеро дар асри XX нақши омили субъективӣ якбора боло рафт. Тамоми неруҳои иҷтимоии ҷомеа – табақаҳо, гурӯҳҳо, иттиҳодияҳо иҷтимоӣ ва ашхоси алоҳида дар муайян намудани сарнавишти таърихии худ фаъолона саҳм мегиранд.

Гоҳо чунин тасаввур пайдо мешавад, ки гӯё иродаи инсон аз шароитҳои объективӣ қавитар буда, таърих хислати субъективӣ-

иродапастӣ мегирад ва ҳамаро мутобиқ ба майлу хоҳиши худ метавонад тағйир диҳад. Дар баъзе мавридҳо саъй менамоянд ҳамаро аз байн бурда ба асли гузашта баргарданд. Ҳамзамон ҳамаро фаромӯш месозанд, ки таърих такроршавии мутлақро намепазирад, ба замонҳои гузашта, на танҳо фақат барои он ки шароитҳои объективӣ тағйир ёфтаанд, балки барои он ки шароитҳои субъективӣ якбора дигаргун гаштаанд, баргаштан имконнопазир аст. Насли ҷавон ҳеҷ гоҳ аз арзишҳои бадастовардаи худ, аз қуввaҳои истеҳсолкунанда, аз ҳузуру ҳаловати зиндагӣ ва дигар ҷанбаҳои мусбати аз насли гузашта меросгирифтааш даст нахоҳад кашид. Психология, тарзи зиндагӣ ва арзишҳою манфиати онҳо дигар аст.

Иҷборан метавон арзишҳоро ба сари мардум бор намуд, вале танҳо муваққатӣ, зеро барои одамон андеша дар бораи зарурати такрор намудани роҳи тайгашта, шояд маънои фоҷиаро дошта, наметавон аз болои мантиқи таърихӣ зӯроварӣ намуд ва раванди пешравии афзояндаи объективии онро боз дошт. Дар ин иртибот Людвиг Гумплович дуруст таъкид менамояд: «Сиёсати муваффақ бояд ба муносибатҳои таърихан ташаккулёфта эътибор диҳад, зеро танҳо чизе ки таърихан ташаккул ёфта аст, воқеӣ мебошад. Маҳсули фармон, ки бо эъломия дар ҳаёт татбиқ гардида аст, бояд дар амал мубориза бо воқеиятро паси сар намуда, пас аз ин ҳуқуқи мавҷудиятро пайдо мекунад ва устувор мегардад. Маҳсули назария танҳо дар он ҷойе реша мегирад, ки бо муносибатҳои мавҷуда мутобиқ гардад: дар он ҷо ба қонуни неруманди мутобиқшавӣ, ки аз болои тамоми табиат, аз ҷумла, аз болои олами иҷтимоӣ ҳукмрон аст, тавон медиҳад. Агар вай қобилияти мутобиқшавӣ надошта бошад, пас аз тарафи қуввaҳои заминӣ, ки раванди рушди иҷтимоиро роҳбарӣ менамоянд, аз ҳаёт берун карда мешавад» [48, с.97].

Ҳамин тариқ, рушди ҷомеаҳои инсонӣ бар асоси афзалияти меъёрҳои ахлоқӣ дар танзими фаъолияти одамон, аз ҷумла сиёсӣ, яке аз мақсадҳои олии даркгардидаи инсон мебошад. Ҷустуҷӯйи роҳҳои расидан ба ин

мақсад бошад ҳамеша аз шароитҳои мушаххаси таърихии фаъолияти онҳо вобаста мебошад. Ба таври мисол, дар ҷомеаи мо пештар ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва қавонини анъанавии рафтор авлавият дода мешуд, имрӯз бошад чунин муносибат ва баҳогузориҳо тамоман дигаргун гаштаанд. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки ин тағйиротҳо мавзуи баҳсҳои доманадор гардидаанд.

Тобеияти мутақобилаи байни ахлоқ ва сиёсат аз омилҳои дигар низ вобаста мебошад. Ҳарчанд зиддият байни одамон, табақаҳо, халққо ва миллатҳо амиқ бошад, ба ҳамин андоза, имкониятҳои парокандагӣ, ҷудошавӣ, ихтилоф ва низоъ байни ахлоқ ва сиёсат бештар мегардад. Дар чунин вазъият дар пайи расидан ба мақсадҳои сиёсӣ ба осонӣ метавон нисбат ба ҳаёт ва саломатӣ, ҳамчунин таъмини талаботи рӯзмарраи ашхоси алоҳида беэътиноӣ намуд. Яке аз механизмҳои ихтилоф байни ахлоқ ва сиёсат сиёсишавии ахлоқ ва ба ахлоқ рӯ овардани сиёсат мебошад.

Ба ахлоқ рӯ овардани сиёсат маънои таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои соҳаи сиёсат ва афзоиши истифодаи ахлоқ барои фаҳмонидани мақсадҳои сиёсат ва ҳалли мушкилиҳои сиёсиро надорад, гарчи ин амал дар ин марҳалаи таърихӣ барои гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Сиёсишавии ахлоқ маънои ҷорӣ намудани усул ва меъёрҳои сиёсӣ барои танзими муносибатҳои байни одамон, ҳамчунин байни гурӯҳҳо ва афроди алоҳида бо роҳи иваз намудани ахлоқ бо сиёсатро дорад. Дар соҳаҳое, ки ахлоқ бояд нақши нисбатан мустақилро бозад, вай бо сиёсат ҳаммонанд мешавад ва ё таъсири он бо ҳолатҳои хатар надоштан ва бо сиёсат зиддият пайдо накардан, маҳдуд мегардад. Чунин шакли сиёсишавӣ ба даврaҳои инқилобҳо ва садамаҳои бузурги иҷтимоӣ хос аст. Ин дар шароите, ки инсони алоҳида бо зарурати иштирок дар мубориза барои ҳаёту мамот бо мақсади ҳимояи манфиатҳои умумии табақа ва миллат мубориза мебарад, дучор мегардад. Замоне ки назария, идеология ва амалияи сиёсӣ бо ахлоқи мардум бо зиддияти сахт дучор меоянд, онҳо самаранокии худро гум

карда, ниҳоят ба шикаст мувоҷеҳ мегарданд.

Ҳамин тариқ, ҳар назария, идеология ва амалияи сиёсӣ барои аз ҷониби омма пазируфта шуданашон далелу бурҳонҳои ахлоқӣ меҷӯянд. Ҳамон вақте, ки назарияи сиёсӣ бо ин ё он дараҷа ба бунёдҳои маънавӣ ва ахлоқии оммаи халқ мухолифат менамоянд, сиёсатмадорон саъй менамоянд, то ин мухолифатро бо сиёсати авомфиребона пинҳон намоянд.

Ҳарчанд сиёсати созмон, ҳизб ва ё давлат бо арзишҳои ахлоқии мардум мухолифат дошта бошанд, барои расидан ба ин мақсад ҳамон қадар талабот ба авомфиребӣ ва бештар аз ин истифодаи воситаҳои гуногуни таблиғотӣ зиёд мешавад. Эҳсоси ахлоқии оммаи халқ нишонаҳои аввалин ва мустақими сатҳи асосноккунӣ ва самарнокии амалҳои низоми сиёсӣ мебошанд. Мувофиқ ба он ки то чӣ андоза аксари мардум амалҳо ва созмонҳои муайяни сиёсиро пазируфта, чӣ гуна онҳо бо эҳсосоти ахлоқӣ созгор намеоянд, буҳрони сарзадаро дар ҷомеа нишон медиҳад. Низоми сиёсие, ки ахлоқи оммаи мардумро ба эътибор мегирад, усулан аз чорчӯба ва ҳудудҳои муайяни ахлоқӣ берун намеравад. Илова бар ин, ба туфайли фаъолияти низом, ҳудуди онҳо устувор гардида, сифатҳои мувофиқи ахлоқӣ ташаккул дода мешаванд. Ин чунин маъно дорад, ки мақсадҳо, воситаҳо ва амалҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ метавонанд дар сарҳадҳои муайян ба ҳамдигар мухолифат дошта бошанд: халалдор гардидани ин сарҳадҳо ба беназмӣ ва қонунвайронкунӣ оварда, низоми сиёсӣ бошад метавонад вориди марҳалаи бесуботӣ ва нокомӣ гардад.

Ҳеҷ падидаи аҳаммияти ҷамъиятидошта наметавонад бидуни арзёбии мусбӣ ва ё манфии ахлоқӣ анҷом ёбад. Тамоми амалҳои сиёсӣ аз ҷониби инсонҳо иҷро гардида, ба муносибати байни одамон дахл доранд. Муносибат байни шахсони алоҳида дар арсаи сиёсат ба қоидаҳои муайяни ахлоқӣ асос меёбанд, ки дар таҷрибаи сиёсӣ ташаккул ёфтаанд. Ин қоидаҳо метавонанд ба таври расмӣ интишор ёфта, барои арзёбии фаъолияти сиёсатмадорон аз тарафи аҳолӣ, ҳамчунин аз номи ниҳодҳо,

сохторҳо ва намояндагони иерархияи сиёсӣ муаррифӣ гарданд.

Вобаста ба хусусияти мақсадҳо, воситаҳо ва амалияи гурӯҳ ва ташкилоти муайян, қоидаҳои ахлоқии ба рафтори сиёсатмадорон таъсиргузор, метавонанд, то андозае ба талаботи ахлоқии онҳо мутобиқат ва ё мухолифат намоянд. Робитаи мутақобилаи байни ахлоқ ва сиёсат, байни амалҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ аз вижагиҳои сохтори ҷомеа вобаста мебошад, аз он ки дар ҷомеа таҳаввулот ба таври осоишта ва тадриҷӣ ба амал меоянд ва ё ҷомеа дар вазъи изтирорӣ қарор дошта, тағйиротҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дар вазъияти буҳронӣ ба амал омада, зарурати истиқрор ва ҳимояи усулҳои бунёдии иҷтимоиро тақозо менамоянд.

Дар марҳалаҳои инқилобӣ ва фавқулода аз инсон тақозо мешавад, ки бевосита гурӯҳи аз ҳама муҳимми ҷамъият ва манфиатҳои миллиро дастгирӣ намояд. Дар вазъияти барои гурӯҳ, ҷомеа ва ё миллат хатарнок, инсон бояд омода бошад, ки аз манфиатҳои шахсӣ даст кашида, ба самти ҳимояи манфиатҳои умумӣ майл намояд. Дар ин ҳолат соҳаи танзими сиёсӣ васеъ гардида, дар сатҳи баланд зиндагии инфиродӣ тобеи мақсадҳои сиёсӣ мегардад. Дар чунин ҳолатҳои фавқулода меъёрҳои арзёбии ахлоқӣ ва сиёсӣ наздик гардида, мухолифатҳои эҳтимолӣ байни ахлоқ ва сиёсат ба манфиати сиёсат ҳал мешаванд.

Дар даврaҳои иҷтимоии изтиробовар ва харобиовар, дар замоне ки тақдири миллионҳо инсонҳо ҳал мешавад, ҷафо ва кулфати афроди алоҳида канор гузошта мешавад. Замоне, ки шахсе дар сангар мубориза мебарад ва дар атроф инсонҳо қурбон мешаванд, ба худ таваҷҷуҳ накарда, бояд бо душман мубориза бурд. Аз бисёр ҷиҳат шарҳҳои таҳлилӣ ба ҳамдигар мухолиф ва истиснокунандаи якдигар мегарданд: аз қабили «худӣ» ва «бегона», «озод» ва «тобеъ». Онҳо ба қолаб табдил ёфта, минбаъд дар вазъиятҳои комилан гуногун зуҳур менамоянд.

Дар раванди тағйирёбии ҳаёти ҷамъиятӣ дар солҳои охир мо шоҳиди падидаҳои ба ҳам мухолиф мегардем, ки аз мушкилоти роҳи

интихобкардаи барқарор намудани ахлоқи амалҳои иҷтимоии иштирокчиёни ҳаёти ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳад. Ин равандро Х.У. Идиев ҳамчун «аз тарафи сохторҳои анъанавӣ тасвибшавии меъёр ва арзишҳо» [65] медонад. Аз ин хотир омили мутааллиқияти шахсро ба қисматҳои таркибии давлат ва таъсиррасони ӯро дар қабули қарорҳо дар доираи институтҳои асосии ҷомеа набояд фаромӯш кард.

Гузашта аз ин, ба хотири фаҳмиши умқи ин тамоюлот усули азхудкунии вижагии тарҳҳои хос, робитаҳои мутақобила ва озодонаи байни аъзои ҷомеа, ҳамчунин шаклҳои тағйирёбии онҳо дар қаринаи таҳаввулоти дар ҳаёти иҷтимоӣ баамалмеомада, аҳаммияти бузургро пайдо менамояд. Зеро дигаргуншавии меъёрҳо ва қоидаҳои бунёдии ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар солҳои охир имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои номбурда дар қаринаи тағйирёбии шаклҳои мутобиқшавӣ ба шароитҳои нави зиндагӣ ва захираҳои асосии ҷомеа баррасӣ гарданд.

Ин ҷанбаи рафторҳои иҷтимоӣ на танҳо бо роҳи тақсими рамзҳои расмии тартиботи ҷамъиятии муқарраргардида дар ҷомеа, балки бо роҳи ҷустуҷӯйи пойгоҳи ифодаи навъҳои анъанавии робитаҳо ва рафторҳои мутақобила ва амсоли инҳо татбиқ мешаванд. Зимнан, ин протсесс аз сатҳи мухталифи иштирок дар сохтмони таҷрибаи фарҳангии ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии дар ҳолатҳои гуногуни фазои иҷтимоӣ қарордошта вобаста мебошад, ки сабаби нобаробар сурат гирифтани он мегардад. Чунки ба тарҳи имрӯзаи иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ табдил додани ҳам маҳаллаҳои истиқоматие, ки дар мутобиқ шудан ба шароити табиӣ ва шароитҳои иҷтимоии муҳити худ таҷрибаи бой доранд ва ҳам минтақаҳои доимӣ аз сабаби набудани таҷриба ва иктишоф, инчунин дар ҳадди кофӣ надоштани чунин таҷриба хос мебошад. Ин дар он равшан зоҳир мегардад, ки умумиятҳои иҷтимоӣ дар масъалаи ҷустуҷӯ ва истиқрори ҳувияти хеш, шинохту эътироф аз тарафи гурӯҳҳои дигар ва навовариҳо дар сохтори ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра ниҳоят ҳассос мебошанд.

Ба гурӯҳи минтақаҳои бунбаст асосан мавзеъҳои дар натиҷаи муҳоҷирати дохилӣ пайдогардида дохил мегарданд, ки бо мақсади аз худ кардани заминҳои нав, маскун кардани аҳолии ноҳияҳои куҳӣ дар водиҳо ба вуҷуд омадаанд. Табиат ва фазои маҳалҳои аввала дар дохили давлат дигаргун гашта, чунин ҳолат дар сохтори иҷтимоии онҳо низ ба миён хоҳад омад.

Ин тағйирёбӣ, дар аксар маврид дар вижагии ҳамкорӣ ва робитаҳои мутақобила зуҳур менамоянд. Тағйири макон сабабгори вусъати ҳамкориҳои мутақобила бо гурӯҳҳои дигар гардида, аз ҳолати қаблӣ дар минтақаҳои сукунати пештара тафовути ҷиддӣ дошт, зеро аз ҳудуди гурӯҳи худ берун намебаромад. Агар дар ҳолати қаблӣ вуҷуд дошта бошад, он ҳам дар сатҳи хеле паст қарор дошт. Дар шароити нав бетафовутӣ ба афзалиятҳои рафтори дигарон ва саъй бо мақсади расидан ба меъёрҳои рафтори худ ба интизориҳои гурӯҳҳои бегона тадриҷан ба мавқеи дувум мегузарад.

Вусъат гирифтани афзалияти робитаҳои расмӣ ва меъёрҳои рафтори гурӯҳҳои мухталиф сабабгори ба шабакаи робитаҳои нав ворид гардидани онҳо мегардад. Дар натиҷаи вусъат гирифтани ин робитаҳои мутақобил табиати иҷтимоии ҳам гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ва ҳам афроди алоҳида тағйир меёбад. Чунин фазои мусоид барои мутобиқшавии афрод ва гурӯҳҳо ба шароити нави зиндагӣ заминаро натанҳо барои ба ҳам мутобиқшавии меъёрҳо, қоидаҳо ва арзишҳои ҷудогонаи рафтор, балки ҳамчунин барои ба вуҷуд овардани намунаҳои комилан нави онҳо фароҳам месозад: «Бар асоси ин, сохторҳои иҷтимоишавии ҷомеаҳои мазкур нисбат ба он гурӯҳҳое, ки дар мавзеи интихобгардидаи бардавом таҷрибаи ҳаёти иҷтимоии худро айнан такрор менамоянд, бештар таҳаммулгарона, озод ва гуногунандеш барои воридшавӣ ва дарки унсурҳои нави шароитҳои тағйирёфтаи ҳаёт мегардад» [65, с.13-14].

Дар шароити сулҳ ва осоиштагӣ соҳаи нисбатан мустақили танзими ахлоқӣ васеъ мегардад. Аҳаммияти ҳаёти ашхос ва афроди ҷудогона ба

мадди аввал мебарояд, вале маъмулан, зарурати ба хотири ормонҳои бузурги сиёсӣ қурбон намудани он ба миён намеояд. Ҳадафҳои инфиродӣ ва масъалаҳои асосии сиёсӣ дар ин маврид бештар бавосита ва ғайримустақим ба ҳам алоқаманд мебошанд. Гарчӣ мухолифат байни ахлоқ ва сиёсат истисно намешаванд, бо вуҷуди ин, инсон дар ин маврид метавонад барои расидан ба мақсадҳои муайяни сиёсӣ хидмат намояд, вале хеҷ чизро қурбон намесозад ва аз он чи дар вазъияти инқилобӣ ва ҷанг тақозо менамояд, зарур намегардад.

Воқеият гуногунранг гашта, ҳамин тариқ, дар шароити воқеияти гуногунранги зиндагии рӯзмарра инсон имкон пайдо менамояд, ки ҳолати шахсии худро муфассал бознигарӣ намояд.

Дар ин ҷараёни амалҳои «хурд» дар аксар маврид истифодаи меъёрҳои сиёсӣ барои арзёбӣ душвор аст, зеро онҳо ба дараҷаи зарурӣ комилан дуруст маълум намешаванд. Онҳо ҳамчун меъёр барои падидаҳо ва робитаҳои бештар пураҳаммияти муносибатҳои ҷамъиятӣ таъйин гардида, ба он шабоҳат доранд, ки чун силоҳи вазнин барои маҳви ҳадафҳои сиёсӣ истифода гарданд.

Дар тобишҳои гуногуни робитаҳои шахсии ҳаёти гуногунранги инфиродӣ ахлоқ танзимкунандаи комилан дуруст мебошад. Аз он ҷо ки мувофиқати ҳар воқеаи ҷудогона бо гурӯҳи калони ҷамъиятӣ ва манфиатҳои миллӣ дар шароити осоишта он қадар мустақим нест, робитаи онҳо мутобиқ ба шароитҳои мушаххас бештар амиқ мегарданд.

Робита ва мухолифати сифатҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ дар фаъолияти сиёсии ашхос инъикосгари мухолифат байни ахлоқ ва сиёсати табақа ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ (бо ташкилоти сиёсии онҳо) дар шароити мушаххаси таърихӣ мебошад. Вобаста ба шароит, як идда сифатҳои ахлоқӣ ба осонӣ ташаккул ёфта, метавонанд барои дастовардҳои сиёсии ходими муайяни сиёсӣ муфид бошанд, вале ҳамзамон сифатҳои дигар бо мушкилӣ ташаккул ёфта, бевосита комёбии сиёсиро таъмин накунанд.

Мутобиқ ба мансубияти сиёсатмадор ба табақа ва ташкилоти сиёсӣ, шароите, ки ташаккул меёбад ва сатҳи рушди демократия, сиёсат дар баъзе маврид метавонад ба ҳиссиёти ахлоқии сиёсатмадор зарари калон расонад, дар мавридҳои дигар бошад, барои рушди эҳсосоти ахлоқиаш мусоидат намуда, меъёрҳои ахлоқии ӯро такмил диҳад. Ҳар қадар мақсадҳои низоми сиёсӣ маҳдуд ва худхоҳона бошанд, ба ҳамон андоза механизми назорати омма аз болои сиёсат заиф гардида, ба ҳамон дараҷа низоми сиёсӣ намояндагони худро барои ба даст овардани комёбӣ бар асоси хислатҳои тамаъкорӣ, ғаразнокӣ ва ҳатто бешарафӣ ҳавасманд месозад. Аз ин рӯ, барои танзими фаъолияти сиёсӣ ахлоқ воситаи муҳим ба ҳисоб меравад.

1.3. Ахлоқ ҳамчун воситаи танзими фаъолияти сиёсӣ дар афкори фалсафии муосир

Дар зербоби гузашта баён гардид, ки дар баҳсҳои охири илмӣ оид ба таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ дар фалсафаи сиёсӣ, бахусус, дар заминаи назарияи ба ном «реализми сиёсӣ» ду мавқеъ вуҷуд дорад. Дар мавқеи аввал, ки ҳамчун назари «ғайриахлоқӣ» шинохта мешавад, меъёрҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи мустақил ва бетафовут нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ фаҳмида мешавад. Дар мавқеи дуюм, ки «назарияи полоиш» ном дорад, меъёрҳо ва дастурҳои ахлоқӣ метавонанд «аз полоиши сиёсӣ» гузаранд, то ки бо хусусиятҳои асосии сиёсат мутобиқ гарданд. Ҳарчанд, ки назари аввал дар бисёр ҳолатҳо мавриди интиқоди шадид қарор гирифтааст, ҷанбаҳои аслии мавқеи дувумӣ то ҳол норавшан монда, комил нагаштанд. Барои пешбурди баҳс дар бораи ҷанбаи меъёри ахлоқии сиёсӣ, ба масъалаи полоиш ёфтани меъёрҳои ахлоқӣ тавассути сиёсат бояд таваҷҷуҳ намоем.

То имрӯз таҳлили систематикии мавзуъ, ба истиснои кӯшишҳои Чарлз Лармор дар барои фарқ кардани фалсафаи сиёсӣ аз фалсафаи ахлоқӣ кам анҷом ёфтаанд. Вобаста ба афкори муҳаққиқи мазкур дар яке аз зербобҳои гузашта низ маълумоти мухтасар дода будем. Мо аз ин ҷиҳат

таҳлили худ аз таҳқиқотҳои бевосита ба масъалаи матраҳшаванда бахшидаи Ч.Лармор (1857-1942) оғоз карда, баёни ду қазоватро оид ба дидгоҳи ӯ лозим мешуморем.

Мо ба таври интиқодӣ даъвои Ч.Ларморро рад мекунем, ки фалсафаи сиёсӣ бояд машруият (легитимӣ)-ро бар меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷумла адолат бартарӣ диҳад. Ба андешаи мо, ҳеҷ яке аз хусусиятҳои сиёсӣ чунин талаб намекунад, баръакс, равандҳои сиёсии аксар кишварҳо дар солҳои охир нишон медиҳанд, ки сатҳи риояи меъёрҳои ахлоқӣ ба яке аз омилҳои муҳимми устуворӣ ва ҳамзамон ноустувории низомҳои сиёсӣ табдил ёфтааст. Масалан, пошхӯрии низоми ҳукмрони Сурия тавассути шӯришиён қазовати қаблиро ба хубӣ исбот менамояд, ки риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ дар амалҳои сиёсӣ, боиси таназзули машруияти онҳо мегардад.

Имрӯз миёни масоили Ховари Миёна таваҷҷуҳи асосӣ ба Сурия, Лубнон ва навори Ғазза дода мешавад. Маълум аст, ки барои эътирофи ҳукумати нав дар Сурия кишварҳои манфиатдор ва таъсиргузор дар минтақа роҳбари маъмурияти интиқолии Сурия Аҳмад аш-Шарааро ҳамаҷониба пуштибонӣ мекунанд.

Доир ба пуштибонии ҳукумати нав дар минтақа асосан Арабистони Саудӣ ва Қатар аз нигоҳи молиявӣ ва Туркия аз нигоҳи техникӣ Сурияро дастгирӣ доранд. Дар тӯли солҳои нав барои маблағгузории соҳаҳои буҷавӣ бояд ин кишварҳо ба ҳукумати нав кумак намоянд.

Бояд гуфт, ки президенти ИМА Доналд Трамп бори нахуст дар бораи вазъияти сиёсӣ дар Сурия изҳори назар намуда, аз ҷумла, қайд кард, ки дар паси таҳаввулоти нав дар Сурия давлати Туркия меистад. Дар айни замон роҳбари Туркия Раҷаб Тайиб Эрдуғонро мусбат тавсиф намуда, ӯро марди дурандеш ва роҳбаре нишон дод, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ тасмимҳои ҷиддӣ мегирад. Ҳамчунин гуфт, ки Туркия узви НАТО аст ва Эрдуғон тавонистааст, ки як артиши тавоноро ташкил диҳад. Аммо дар бораи ҳузури неруҳои низомии ИМА дар қаламрави Сурия Трамп таъкид намуд,

ки ҳузури неруҳои маҳдуди ИМА дар ҳамоҳангӣ бо Туркия роҳандозӣ мешаванд.

Чанд ҳафта пас аз сарнагун гардидани режими Башор Асад аз ҷониби шӯришчиён, ҳукумати муваққатии онҳо дар Димишқ барои ворид намудани як қатор тағйиротҳо ба барномаи таълимии мактабҳои кишвар чораҳои фаврӣ андешид. Тағйиротҳои мазкур тамоми фанҳои таълимиро фаро гирифтааст.

Ин иқдом аз ҷониби омӯзгорон ва мардуми Сурия зери интиқод қарор гирифт, зеро норозигии онҳо бештаран дар он зуҳур мегашт, ки қабули чунин тағйиротҳо бо онҳо мувофиқат нашудааст ва усули қабули онҳо низ софдилона набуд. Шаҳрвандони давлат дар ин ҳолат хатареро мебинанд, ки мувофиқи он шӯришчиёни собиқ нақша доранд, то ки кишвари фаромиллиро пурра идора намоянд.

Бояд зикр намуд, ки Вазорати маориф баъзе аз тағйиротҳо (масалан, аз матни китобҳои дарсӣ хориҷ намудани ситоиши режими Башор Асад)-ро ба таври муфассал нашр намуд, ки аз ҷониби бисёриҳо дастгирӣ ёфт.

Вазорати маорифи Сурия аз тағйиротҳо ҳимоят намуда, эҳтимолияти он, ки онҳо хусусияти исломӣ доранд ё ба салафия, ки бисёре аз пешвоёни нави кишвар пайрави он мебошанд, рад кард. Тибқи суханони вазири маорифи Сурия ал-Қадрӣ ҳайати кумитаҳои махсус, ки китобҳои дарсиро баррасӣ намуда, тағйиротҳоро пешниҳод намуданд, ҳам аъзои ҳукумати «Ҳайат Таҳрир» дар вилояти Идлиб ва ҳам кормандони маорифи замони Асадро дар бар мегирифт.

Ҳамзамон, раиси иҷроияи ташкилоти ғайридавлатии «The Day After» Муътасим Суфӣ изҳор дошт, ки ҳукумати муваққатӣ кӯшиш менамояд, то ки биниши худро на танҳо ба низоми сиёсии Сурия, балки ба ҳаёти ҷамъиятии он таҳмил кунад.

Бояд зикр намуд, ки Ташкилоти ғайридавлатии «The Day After» соли 2012 аз ҷониби мухолифини Ҳукумати Сурия барои банақшагирии марҳалаи гузариш дар Сурия пас аз суқути эҳтимолии низоми Асад таъсис

ёфта буд. Илова бар ин, Муътасим Суфӣ қайд намуд, ки тағйиротҳо инъикоси равшани дарки маҳдуди ислом аст ва ин бори дигар ба мо гузаштаи гурӯҳеро, ки имрӯз Сурияро идора мекунад, хотиррасон мекунад. Дар ин маврид нуқтаи назари васеъ вуҷуд надорад.

Миёни иштирокчиёни эътироз савол ба миён омад, ки чаро аз матни китобҳои дарсӣ номи маликаи давраи Рум, ки барои роҳбарияти нави Сурия муҳим буд бардошта шуд, дар ҳоле, ки маъмурияти нав бо идоракунии изтирории тамоми кишвар ва барқарорсозии он банд аст.

Масалан, зикри маликаи мустамликаи румии Палмира – Зенобия, ки дар қаламрави Сурияи ҳозира ҷойгир аст, аз саҳифаи китоби дарсии исломшиносӣ барои синфи сеюм бардошта шуд. Сабти пайвастаи он дар феҳристи тағйиротҳои вазорат аз ҷониби бисёриҳо ҳамчун далели он, ки маликаро ҳамчун як шахси сохта меҳисобанд, қабул шуд. Аммо, Ал-Қадри инро рад намуда, зикр намуд, ки ӯ танҳо аз китоби дарсии исломшиносӣ хориҷ карда шуд, зеро малика дар давраи пеш аз ислом зиндагӣ ва ҳукмронӣ мекард, вале аз китобҳои таърих хориҷ нашудааст.

Дар баробари ин, хориҷ кардани номи малика аз китоби дарсӣ баъзе суриягиҳоро ба ташвиш овард, ки онро ҳамчун таҷовуз ба таърихи Сурия меҳисобанд. Дар ин маврид, хонум Майя зикр намуд, ки «агар мо ба ин насл таълим диҳем, ки ӯ як шахсияти сохта буд, пас мо робитаро бо гузашта гум мекунем. Ин маънои онро дорад, ки мо гузашта надорем. Онҳое, ки гузашта надоранд, оянда низ надоранд».

Ба ақидаи баъзе аз суриягиҳо, чунин тағйирот бояд то таҳияи Конститутсия ва баргузории интихобот ба таъхир гузошта мешуд. Онҳо инчунин, бояд мавзуи муколамаи васеи байни табақаҳои ҷомеаи Сурия бошанд, ки дар он намояндагони адён, мазҳаб ва гурӯҳҳои этникии мухталиф ширкат намоянд.

Инчунин, тағйиротҳои дигар низ мушоҳида мегардад, аз қабили аз байн бардоштани истинодҳо ба Башор Асад ва падари ӯ, ки пеш аз ӯ дар Сурия ҳукмронӣ менамуд, нест намудани тасвирҳои худоёни пеш аз ислом

ва ғайра.

Тағйироти дигари барномаи таълимӣ, ки боиси нигаронии мардуми Сурия гардидааст, ин ба тарҷумаи оятҳои Қуръон иртибот дорад. Дар ояти охирини боби якуми китоби муқаддаси мусулмонон дар бораи «гумшудагон» сухан меравад. Дар китоби дарсии қаблии исломшиносӣ барои синфи якум ин ибора ҳамчун «онҳое, ки аз роҳи дуруст баромадаанд» омада буд, аммо тибқи тағйироте, ки ҳукумати нав ворид намудааст, ин ибора ҳоло ҳамчун «масеҳиён ва яҳудиён» маънидод мешавад.

Дар ин маврид, рассомзани 60-солаи мусалмон Манвела Ал-Ҳаким, шиореро бо эътироз ба тафсири нав бардошт: «Мо намехоҳем, ки чизе моро ҷудо кунад. Дар Сурия ҳамеша ҳама динҳо ва ҳама эътиқодҳо буданд».

Рӯзноманигори бознишаста Зиёд ал-Хурӣ, ҳамчун рамзи эътироз ду навиштаҷотро бардошт, ки яке аз онҳо чунин навишта дошт: «ман масеҳӣ ҳастам, на гумшуда». Илова бар ин, ӯ зикр намуд, ки ҳангоми бори аввал шунидани ин тағйирот ӯ ҳайратзада буд. Зеро, ба андешаи ӯ, «ин ишора аз ҷониби ҳукумати нав аст, ки тибқи он мо аз ин кишвар нестем».

Дар заминаи ин тағйиротҳо, дар санаи 5 декабри соли 2024 дар назди бинои Вазорати маорифи Сурия эътироз ба амал омад, ки дар он омӯзгори фанни забони фаронсавӣ Роуз Майяи, инчунин дигар муаллимон, донишҷӯён, духтурон ва рассомон низ бо шиорҳои гуногун ширкат доштанд. Суриягиҳо аз ин вазъият дар ҳайратанд, ки чаро тағйиротҳои мазкур бо назардошти масъалаҳои мубрам, аз қабили ноамнӣ, ихтилофи байни динҳо ва буҳрони иқтисодӣ, ки то ҳол кишвар бо онҳо рӯ ба рӯ аст, бештар барҷаста гардиданд.

Ҳамин тавр, новобаста аз ташкилёбии маъмурияти интиқолии Сурия ва талошҳо барои ба эътидол овардани вазъ, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки то барқарор шудани оромии комил дар Сурия ҳанӯз фурсати зиёд лозим меояд. Вазъияти дохилӣ дар Сурия мураккабу печида боқӣ мемонад. Дар

дохили кишвар задухӯрдҳо ва ноамнӣ зиёд аст. Задухӯрдҳои хунин ва нооромиҳо аслан миёни гурӯҳҳои мусаллаҳи тарафдорони ҲТШ ва неруҳои боқимондаи низоми пештара сурат мегирад. Нооромиҳо дар шаҳрҳои Идлиб, Ҳама, Ҳомс ва Латакия ба мушоҳида расиданд. Чанд генерали баландпояи ҳукумати қаблӣ дастгир шуданд, ки дар кушторҳои солҳои 2011-2014 гунаҳгор дониста мешаванд.

Дар саросари Сурия, бо вуҷуди он, ки мардум сарнагун гардидани режими бераҳмона ва худкомаро истиқбол карданд, инчунин, нигаронӣ нисбат ба ояндаи кишвар ва фаъолияти ҳукумати исломӣ низ вуҷуд дорад.

Бо такя аз таҳлили равандҳои сиёсӣ метавон гуфт, ки таркиби ҳар як назарияи асосноки сиёсӣ ҳатман аз усулҳои бунёдии ахлоқӣ низ иборат аст. Азбаски усулҳои сиёсӣ ба танзими ниҳодҳои асосӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ-сиёсӣ равона шудаанд, онҳо наметавонанд ҳамчун усулҳои бунёдӣ хизмат кунанд. Усулҳои бунёдӣ аз ҷомеа ё низоми сиёсӣ мустақил буда, меъёрҳои асосии сиёсатро муайян мекунанд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ҳар як назарияи асосноки сиёсӣ бояд дар мавриди муайян ба пешфарзҳои ахлоқӣ такя кунад. Зеро аз баҳсҳои ҷорӣ дар бораи меъёрҳои сиёсӣ чунин бармеояд, ки фаҳмидани он ҳамчун як намуди меъёри ғайриахлоқӣ (ё ихтиёран ахлоқӣ) як шакли бунбаст аст. Яъне мақолҳои маъмул дар бораи он ки барои сиёсат риояи меъёрҳои ахлоқӣ муҳим нест, на ҳамеша дуруст буда метавонанд.

Аммо дар баробари қазоватҳои боло ин масъала низ муҳим аст, ки чӣ гуна меъёрҳои ахлоқӣ дар ташаккули меъёрҳои сиёсӣ нақш доранд? Реалистоне, ки пурра меъёрҳои ахлоқиро рад намекунанд, чунин иддао доранд, ки меъёрҳои ахлоқӣ тавассути сиёсат «покиза» мешаванд [265; 264], «бо ин маъно, ки вазн, самт ва аҳаммияти омилҳои гуногун ба таври системавӣ тавассути хусусиятҳои конститутсионии сиёсат тағйир меёбанд» [268]. Ин фикр аз бисёр ҷиҳат мантиқӣ ба назар мерасад, аммо дар баробари ин, исботи маънои мушаххаси он муҳим аст ва то имрӯз яке

саволҳои таҳлилӣ боқӣ мемонад.

Дар робита бо ин, яке аз роҳҳои ҷавоб ба ин савол таҳлили он аст, ки чӣ чиз таҳқиқи меъёрҳои ахлоқиро дар фалсафаи сиёсӣ мубрам сохтааст? Имрӯз иддаи ками олимон фалсафаи сиёсиро як зеркатегорияи фалсафаи ахлоқ ё танҳо «фалсафаи амалӣ»-и ахлоқӣ медонанд. Аммо миёни муҳаққиқон пайваста ин масъала мавриди баҳс аст, ки чӣ тафовут байни таҳқиқотҳои фалсафаи сиёсӣ бо фалсафаи ахлоқӣ вуҷуд дорад? Таърихан, фалсафаи сиёсӣ аксар маврид қисми васеътари фалсафаи ахлоқӣ дониста мешуд. Аммо, тавре ки Ч.Лармор таъкид мекунад, фаҳмиши дурусти фалсафаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки он аз фалсафаи ахлоқӣ хеле бештар фарқ мекунад [234, с.3].

Тибқи як назар, хусусияти фарқкунандаи фалсафаи сиёсӣ дар он аст, ки он рафтори дастаҷамъиро танзим мекунад. Масалан, қабули қарорҳои дастаҷамъона ё ҳалли мушкилоти ҷамъиятиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар ҳоле ки фалсафаи ахлоқӣ рафтори инфиродиро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дар сатҳҳои гуногун танзим мекунад [247]. Вобаста ба ин метавон қайд намуд: «гарчанде ки ин амал аксар вақт дуруст аст, як назарияи ахлоқӣ метавонад ба рафтори дастаҷамъӣ низ мутамарказ гардад (масалан, амалҳои ахлоқии як субъекти дастаҷамъӣ). Масъалаҳои марбут ба агентии дастаҷамъона дар фалсафаи ахлоқӣ аксар вақт бо баҳсҳо дар бораи масъулият, амал ва одоб рабт доранд. Ин баҳсҳо ба гурӯҳҳо ё субъектҳои дастаҷамъона (ба монанди ширкатҳо, миллатҳо ва гурӯҳҳои ташкилшуда) ва қобилияти онҳо дар амалҳои ахлоқӣ ё ғайриахлоқӣ, бо ирода ё беирода ва инчунин масъулияти ахлоқии онҳо марбутанд» [213].

Равиши дигари беҳтар муайян кардани аломатҳои фарқкунандаи масъалаҳои дар фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ баррасишаванда ин муқоисаи масъалаҳое мебошанд, ки чӣ гуна онҳо ба мавзуъҳои хос тааллуқ доранд. Тибқи ин назар, фалсафаи сиёсӣ ҳамеша бо масъалаҳои марбут ба идоракунии низоми сиёсӣ, ба монанди давлат ё ниҳодҳои асосии ҷомеа

машғул аст. Ин ҷанбаи фарқкунандаи фалсафаи сиёсӣ аст, зеро фалсафаи ахлоқӣ аслан бевосита бо ин масъалаҳо сарукор надорад ва танҳо ба сатҳи афзалиятдиҳии меъёрҳои ахлоқӣ дар ин равандҳо таваҷҷуҳ менамояд. Саволу масъалаҳои маъмуле, ки аз ин нигоҳ дар фалсафаи сиёсӣ баррасӣ мешаванд, иборатанд аз: беҳтарин шакли ҳукумат кадом аст; адолат дар низоми ҷамъиятии ин ва ё он кишвар чӣ гуна татбиқ мешавад ва амсоли инҳо.

Аз диди фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ омӯзиши масоили идораи институтҳои ҷомеа хусусияти дигари муҳимми онро дорад, ки перомуни дурустию нодурустӣ ва некию бадӣ ихтилофи амиқ вуҷуд дорад, инчунин дар бораи табиати неку бад низ ихтилофоти амиқ дида мешавад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои марказии фалсафаи сиёсӣ муайян кардани он аст, ки чӣ гуна метавон тартиби сиёсиро ба таври асоснок ташкил ва ташаккул дод, бо дарназардошти он ки натанҳо дар бораи адолат, балки дар бораи худи табиати ахлоқ ихтилофи назарҳои асоснок вуҷуд дорад. Дар воқеъ, қабл аз даврони муосир, ин мушкилот тамоман эътироф намешуд, зеро ихтилофи назарҳо дар бораи масъалаҳои ахлоқии дар ҳаёти сиёсии ҷомеаҳо ҷойдошта кам ё тамоман ба назар гирифта намешуд. Ба ҷойи ин, ақидаи риоя ва истифодаи ҳатмии неруи ақлии инсон, аз ҷумла нухбагони сиёсӣ ҳукмрон буд, ки дар ниҳоят ба ваҳдат ва иттифоқи ҷомеа ва назарҳо хоҳад овард [234, с.60].

Ҳамин тавр, дар баҳси мавзуи фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ таносуби ду масъалаи хеле муҳим барои таъмини ҳастии низомҳои сиёсӣ, яъне сатҳи афзалияти қонуният ва адолат дар равандҳои ташкил ва идоракунии ҳаёти ҷомеаҳо аҳаммияти хос пайдо мекунад. Бо назардошти он ки ин мавзуъ дар ҳаёти давлатҳои муосир ба яке аз масъалаҳои мубрам баҳри таъмини суботи онҳо табдил ёфтааст, мо зарурати таҳлили васеътари онро муҳим мешуморем. Зеро баъзан ба таври умумӣ андешае роиҷ аст, ки бо таъмини расмии масъалаи машруият пояҳои суботи сиёсии ҷомеа таъмин мегарданд.

Таҳлили ҳаёти сиёсии аксар ҷомеаҳои ба мушкилот дучоршуда дар замони муосир гувоҳи он аст, ки воқеан масъалаи мазкур мураккаб буда, ба инобат нагирифтани таъмини асосҳои ахлоқии ташкил ва идоракунии равандҳои ҷамъиятӣ ба суботи ҷомеа таъсири номатлуб мерасонад. Масалан, муҳаққиқи муосири ин масъала Чарлз Лармор ба ин боварӣ аст, ки қонуният бояд «объекти асосии фалсафаи сиёсӣ» бошад, зеро он ба «шароите дахл дорад, ки тибқи онҳо қоидаҳои иҷрошаванда метавонанд бо асосмандӣ ба аъзои ҷомеа таҳмил карда шаванд» [234, с.54]. Ба ин хотир, қонуният дар мавқеи аввал қарор гирифта, адолат бошад нисбат он мақоми дуюмро касб намояд. Агар дар давлат қонуният дуруст татбиқи худро ёбад, ҳатман барои амалишавии адолат низ мусоидат хоҳад кард. Маҳз бунёди ҷомеае, ки дар он қонун ҳукумат мекунад, ба татбиқи адолат шароитҳо муҳайё карда мешаванд.

Ба андешаи Лармор иллати таваҷҷуҳ ба қонуният ба хотири он мебошад, ки ҳар кадом давлати дар пояи қонуният қарордошта метавонад барои бартарафкунии муноқишаҳо ва муназзамӣ дар давлат роҳи мусоидро пешниҳод кунад, ҳатто агар он барои татбиқи адолат равона гардида бошад. Қонуният ба давлат ҳуқуқи истифодаи зӯриро медиҳад, то шаҳрвандон ба он итоат кунанд. Ин итоаткунии шаҳрвандон метавонад дар асоси дарки боадолатии қонунҳо ва ё аз бими ҷазо мебошад, дар ҳоле қонунҳо барои ба тартиб даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рафтори шаҳрвандон равона карда шудаанд.

Ҳамин тавр, масъалагузории мазкур аз он далолат мекунад, ки ахлоқи сиёсӣ танҳо бо баррасии фаҳмишҳои шахсӣ дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷумла адолат дар ҳаёти ҷомеа маҳдуд намешавад, балки нақши онҳоро дар ташкил ва идоракунии сиёсии ҷомеа васеътар баррасӣ менамояд. Аз ин рӯ, дар дараҷаи дуюм қарор доштани баҳси ин масъала тибқи андешаи Ч.Лармор, ки ҳарчанд ба равиши реализми фалсафаи сиёсӣ марбут аст, на ҳамеша ба воқеият дуруст меояд. Барои пайравони равиши реализм дар

фалсафаи сиёсӣ ҳадафи асосии низоми сиёсӣ таъмини тартибот ва субот мебошад, ки танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар дар ҷомеа як ҳокимияти қонунии эътирофшуда вуҷуд дошта бошад. Аз ин рӯ, қонуният таҳкурсии зарурӣ барои расидан ба ҳама гуна ҳадафҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ, аз ҷумла, адолат шуморида мешавад.

Мунаққидони ин равиши таҳлили масъала ба он таъкид менамоянд, ки яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсат риояи дастрасии боадолатонаи мардум ба сарчашмаҳои ҳаёти шоиставу сармояи рушд дар ҷомеа маҳсуб мебошад. Бинобар ин, ташкили риояи боадалотонаи ин манбаъҳо аз афрод ва ниҳодҳои нисбат ба ин масъалаҳо тасмимгиранда, аз он иборат аст, ки онҳо бояд пеш аз ҳама маҳаки фаъолияти хешро рӯйи меъёрҳои ахлоқӣ устувор созанд. Аз ин ҷиҳат агар мо чунин дар назар дошта бошем, ки танҳо қонуният бояд аввал қарор гирад, пас ин метавонад асоси тасмимгириҳои васеътарро дар бораи адолат ва баробарии сиёсии шаҳрвандонро нодида гирад. Пеш аз он ки мо ба масъалаи тақсимоти одилонаи неъматҳо ва уҳдадориҳо бирасем, бояд муайян кунем, ки дар кадом шароит чунин тартиби тақсимот бо истифодаи иқдоми давлатӣ қонунист.

Бо назардошти ҷанбаи усулӣ доштани масъалаи зикршуда, зери танқид қарор додани маданияти сиёсии ташаккулнаёфта мақсадеро дорад, ки он аз арзишҳои ахлоқӣ саршор гардад. Соҳибназарони соҳа бар андешае мебошанд, ки яке аз сабабҳои рушди нобаробари низомҳои сиёсӣ маҳз аз арзишҳои ахлоқӣ дурӣ доштани онҳо мебошад. Вокуниши аввалин ба ин назарияи «афзалияти қонуният» он аст, ки на қонуниятро «пеш» аз адолат баррасӣ намоем, балки баръакс, маҳз адолатро барои таҳлили шароити қонуният истифода барем. Мумкин аст гуфта шавад, ки «усулҳое, ки ҳуқуқи давлатро барои татбиқи қудрати маҷбурӣ нисбат ба гурӯҳи мушаххаси одамон муайян мекунанд, усулҳои адолат мебошанд. Яке аз намояндагони маъруфи ин равия Райнер Форст бошад. Ба гуфтаи Райнер

Форст, мо наметавонем молҳоро ҳамчун захираҳои пешакӣ мавҷудбуда ё «неъматҳои аз осмон афтода» баррасӣ кунем, зеро онҳо қабл аз амалияҳои иҷтимоӣ, ки онҳоро эҷод мекунанд, вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, Форст баҳси адолатро аз меҳвари тақсимоти захираҳо фаротар бурда, ба таҳлили амиқи шароити иҷтимоӣ, ки барои ҷомеаи одилона заруранд, мегузаронад [207]. Аз ин рӯ, мувофиқи ин назар, усулҳои қонуният ва адолати тақсимотӣ дар як сатҳ қарор доранд ва ҳарду ба принсипҳои ахлоқии бунёдӣ вобастаанд.

Ҳамин тавр, асоси бунёдии ин равиши фикрӣ аз он иборат аст, ки принсипҳои қонуният ва адолати тақсимотӣ ба усулҳои ахлоқии амиқтар вобастаанд. Райнер Форст чунин мешуморад, ки мо наметавонем молу неъматҳоеро, ки тақсим мешаванд, ҳамчун як чизи пешакӣ мавҷудбуда ё як навъ «неъмати осмонӣ» шуморем, зеро онҳо пеш аз он ки тақсим карда шаванд, бояд тавассути амалиётҳои иҷтимоӣ тавлид гарданд. Агар мо сохторҳои иҷтимоиро, ки нобаробариро эҷод мекунанд, таҳлил накунем, пас баҳси адолати тақсимотиро дуруст дарк намекунем. Аз ин рӯ, Форст хулоса мекунад, ки принсипҳои қонуният ва адолати тақсимотӣ ҳарду ба принсипҳои ахлоқии амиқтар вобастаанд ва афзалияти қонуният аз рӯйи ин далел заиф мешавад.

Ба андешаи мо бо вуҷуди саҳеҳияти андешаҳои Р.Форст инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки тақсимот на танҳо ба неъматҳои моддӣ, балки ба масоили дигар, мисли таъсири баробар дар сиёсат, қабули баробари ҳокимият ва ҳуқуқи баробар барои асосноккунии қонунҳо дахл дорад. Бинобар ин, қонуният ва адолат набояд дар муқобили ҳам гузошта шаванд, балки бояд ҳамчун ду унсури ҳамбастаи фалсафаи сиёсӣ дониста шаванд. Агар мо қонуниятро ҳамчун як шарт барои амалӣ кардани адолати тақсимотӣ қабул кунем, пас адолати тақсимотӣ низ метавонад ҳамчун асоси ҳалли ихтилофи назарҳо дар бораи қонуният хидмат кунад. Ба ин маъно, фалсафаи сиёсӣ набояд танҳо ба як тарафи баҳс тамаркуз кунад, балки бояд ба ҳамгироии ҳарду унсур кӯшиш намояд.

Дар амалияи ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосири Тоҷикистон, мо бештар ба

ҳамгироии ҳарду унсур, яъне таносуби баробарвазни адолат ва қонуният дар мавриди тасмимгириҳои сиёсӣ мувоҷеҳ мегардем. Чунин таносуби баробарвазни адолат ва қонуният дар мавриди тасмимгириҳои сиёсӣ тӯли солҳои истиқлолияти давлатӣ тавонист суботи ҷомеа ва рушди онро заминасозӣ намояд.

Дар маҷмуъ, дарки муҳтавои мунозираи дар боло баёншуда ба мо имкон медиҳад, ки сатҳи воқеии нақши мулоҳизаҳои ахлоқиро дар сиёсат дарк кунем ва инчунин мафҳуми «поксозӣ аз тариқи сиёсат»-ро фаҳмем. То ҳол, мо аз як далели нисбатан маъмулӣ ҳимоя мекардем, ки барои мулоҳизаҳои меъёрии хусусияти ахлоқидошта дар фалсафаи сиёсӣ муҳимманд. Дақиқтараш, ду навъи меъёрҳо мавриди таваҷҷуҳанд – меъёрҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ. Ҳоло, масъалаи нақши меъёрҳои ахлоқӣ дар назарияи сиёсат ба таври табиӣ вобаста ба он аст, ки чӣ гуна мо хатти фарқиятро байни меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ вобаста ба сатҳи татбиқи сиёсати дохилию хориҷии кишварҳо мекашем.

Аз як ҷиҳат мо метавонем ҳама меъёрҳои танзимкунандаро, ки ба хосиятҳои зарурӣ барои бақои ҷомеаи сиёсӣ, масалан, сатҳи ҳадди ақалли тартибот ва субот, ё ба дигар «ҳадафҳои сиёсат» дахл доранд, ахлоқӣ ҳисоб донем. Бо вуҷуди ин, чунин дарк, қариб ҳамаи арзишҳо ва меъёрҳое, ки дар асри охир дар назарияи сиёсӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд, ҳамчун меъёрҳои ахлоқӣ дониста мешаванд ва қариб ҳамаи усулҳое, ки дар фалсафаи сиёсӣ пешниҳод шудаанд, бояд ҳамчун усулҳои ахлоқӣ на сиёсӣ дониста шаванд. Дар ин сурат, принсипҳои адолати Ролз усулҳои сиёсӣ не, балки принсипҳои ахлоқӣ мегарданд. Ҳарчанд чунин фаҳмиш метавонад бенуқсон бошад, он баҳсро маҳдуд ва нодуруст нишон медиҳад.

Тавре ки қаблан ишора шуд, мо марзбандии ҷолиби байни фалсафаи ахлоқӣ ва сиёсиро чунин дарк мекунем, ки охирин ба масъалаҳои идоракунии сохтори сиёсӣ, ба монанди давлат ё ниҳодҳои асосии ҷомеа, таваҷҷуҳ мекунад. Пас, усулҳои ин хосиятҳо бояд ҳамчун усулҳои сиёсии

дар робита бо меъёрҳои ахлоқӣ қарордошта бошанд. Ҳар як усули сиёсие, ки эътибор дорад, ҳадди ақалл аз фарзияи ахлоқии асосӣ дастгирии асосноккунанда дорад. Ба ибораи дигар, меъёрҳо ё усулҳои ахлоқӣ дар асосноккунии ҳар меъёри сиёсӣ нақши бунёдӣ мебозанд. Мо ду роҳро барои исботи ин даъво пеш мегирем: яке диалектикӣ ва дигаре техникӣ.

Роҳи аввал, «диалектикӣ», он аст, ки назарияҳои илмҳои сиёсӣ воқеан дар асосноккунии усулҳои сиёсӣ аз кадом далелҳо истифода кардаанд. Ҳатто фалсафаи сиёсие, ки зидди ахлоқисозии назарияи сиёсӣ аст, асосноккунии худро дар арзишҳои ахлоқӣ пайдо мекунад. Ба таври маъмулӣ, мутахассисони асосии фалсафаи сиёсӣ, ки барои усулҳои адолат ва қонунмандӣ бо таваҷҷуҳ ба арзишҳои баробарӣ ва озодӣ баҳс мекунанд, аз фарзияҳои ахлоқӣ истифода мебаранд.

Роҳи дуюм, «техникӣ», ин баҳс аз нуқтаи назари Ҷ.А. Коген бармеояд ва иддао мекунад, ки далелҳо наметавонанд дар ниҳоят усулҳоро асоснок кунанд, чунки барои ҳар як далел бояд усули дигаре мавҷуд бошад, ки онро шарҳ диҳад ва чаро он далел асосноккунанда аст. Дар натиҷа, мо ҳамеша бояд ба усулҳое такя кунем, ки аз далелҳо мустақиланд. Аз ин бармеояд, ки усулҳои сиёсӣ танҳо бо такя ба усулҳои ахлоқии аслӣ асоснок мешаванд.

Ҳамин тавр, мо ба хулоса меоем, ки дар назарияи сиёсӣ меъёрҳои ахлоқӣ ҳамеша нақши асосноккунандаи бунёдиро мебозанд. Дар баробари ин чунин ақида ҳам вуҷуд дорад, ки дар сиёсати хориҷии давлатҳо, бахусус давлатҳои абарқудрат амалҳову иқдомҳо на ҳамеша дар доираи барномаи ахлоқии тарҳрезишуда сурат мегирад. Дар ин ҷо ҳамеша манфиат ва қудрат бо ҳам ҳаракат мекунанд. Баҳсҳо атрофи ин масъала баробари ба сари қудрат омадани Трамп, фош гардидани тарҳҳои маблағгузории лоиҳаҳои «инқилобҳои ранга» аз ҷониби ЮСАИД, ҷонибдорӣ аз гурӯҳҳои даргир дар Ховари Миёна ва ғайра бештар гардид. Дар ин маврид суханони вазири дифои ИМА расонӣ шуд, ки мегуяд: «ӯ ба ҳеҷ ҳуқуқшиносе, ки дар мавриди дурустию нодурустии тасмимгирии ҳарбиён

доварӣ намояд, ниёз надорад» [253].

Дар баҳсҳои имрузаи илмӣ, инчунин масъалаи тафовут миёни виҷдони сиёсӣ ва фиреби сиёсӣ ҳамчун ҷанбаҳои муҳимми ахлоқи сиёсӣ аз ҷониби олимон ба миён гузошта мешавад. Онҳое ки виҷдони сиёсиро ҳамчун гарави ба манфиати ҳамагон хидмат намудани низоми сиёсӣ мешуморанд, бештар ба андешаҳои Арасту такя менамоянд. Ин ба он алоқаманд аст, ки Арасту сиёсат ва ахлоқро бо ҳам наздик медонад ва ҳарду ҳам баҳри пешрафти инсоният равона гаштаанд. Арасту дар китоби «Сиёсат» қайд мекунад, ки сабаби асосии ташкили ҷомеаи сиёсӣ эҷоди шароите мебошад, ки барои рушди ҳама аъзои он мусоидат кунад. Рушди инсон вақте имконпазир мешавад, ки дар ҷомеа шароити мусоид барои зиндагии шоиста ва некӯаҳволии ҳама таъмин шавад.

Ин шароитро баъзе мутафаккирон ҳамчун манфиати умумӣ таъриф мекунанд. Аз ин рӯ, тамомияти ахлоқӣ нақши муҳимми расидан ба ҳадафи баланд, яъне беҳбуд бахшидани зиндагии инсон тавассути таҳкими манфиати умумӣ мебозад. Аз ин рӯ, тамомияти ахлоқӣ сифати рафторест, ки яклухт ва пайваста арзишҳо ва усулҳои ахлоқии баландро бо ҳадафи таҳкими манфиати умумӣ риоя мекунад. Бар асоси ахлоқи фазилати Арасту, гарчанде ки тамомияти ахлоқӣ метавонад худ арзиш бошад, он бояд ҳадафи муайян дошта бошад. Арасту дар «Ахлоқи Никомах» таъкид мекунад, ки дар маркази ҳама фазилатҳо эвдеймония, яъне рушду камоли инсон қарор дорад. Аз ин рӯ, шахсе, ки тамомияти ахлоқӣ дорад, одатан аз худ қаноатмандӣ эҳсос мекунад, ки аз худпазир будани он ишора мекунад. Аммо, он ҳамчунин ба некӯаҳволии инсон мусоидат мекунад, ки онро арзиши асбобӣ низ месозад.

Тибқи назари таҳлилгарони муосир, Арасту ба андешаҳои мазкур аз он ҷиҳат мерасад, ки ба андешаи ӯ, сиёсат ба идоракунии корҳои ҷамъиятӣ рабт дорад. Одатан, шахсе, ки чунин корҳоро идора мекунад, захираҳои ҷамъиятии аз тарафи аҳолӣ якҷоя ҷамъ овардашударо истифода мебарад ё

бевосита аз табиат гирифта мешаванд ва бинобар ин, бояд аз тарафи ҳама баробар истифода шаванд. Ин захираҳо шомили қобилиятҳои инсонӣ, захираҳои молӣ, неруҳои амниятӣ, маъданҳо ва об мебошанд. Аз ин рӯ, шахсе, ки идоракунии ин захираҳоро ба уҳда дорад, аз ҷиҳати ахлоқӣ вазифадор аст, ки онҳоро барои манфиати умум истифода барад. Манфиати умум он вақт таъмин карда мешавад, ки роҳбарон сиёсати умумиро пеш баранд, ки ҳадафи пешрафти некӯаҳволии мардум аст.

Арасту боварӣ дорад, ки ҳадафи ҷомеаи сиёсӣ таъмин намудани неъматҳое мебошад, ки барои шукуфоии ҳамаи аъзо заруранд, ки онро маъмулан «некӯаҳволии инсонӣ» меноманд: «Возеҳ аст, ки ҳамаи иттиҳодҳо ба сӯйи як неъмат равона шудаанд ва иттиҳоди сиёсӣ, ки аз ҳама муҳимтар аст ва ҳамаи дигаронро дар бар мегирад, махсусан барои расидан ба беҳтарин неъматҳои умум равона шудааст. Ин иттиҳод шаҳр ё ҷомеаи сиёсӣ номида мешавад» [21].

Мафҳуми «манфиати умум»-ро Афлотун, Арасту, Ситсерон ва Аквинат шарҳ додаанд. Дар замони муосир, он асосан бо Ҷон Ролз алоқаманд аст. Ин мафҳум маҷмуи шароити заруриро дар бар мегирад, ки барои аъзои ҷомеа баҳри расидан ба некӯаҳволӣ ва зиндагии комил лозиманд. Ролз манфиати умумиро ҳамчун «шароити умумие муайян мекунад, ки ба маънои мувофиқ барои ҳама манфиатнок мебошанд» [248]. Ин мафҳум асосан шомили ниҳодҳо, низомҳои иҷтимоӣ ва муҳити зист мебошад, ки ҳамаи инсонҳо ба онҳо такя мекунанд.

Мафҳуми манфиати умумӣ се хусусияти асосӣ дорад, ки фаҳмиши онҳо ба маънои ин мафҳум равшанӣ медиҳад:

1. Манфиати умумӣ сарфи назар аз мақоми ишғолкардаи иҷтимоии одамон ба тамоми аҳли ҷомеа равона шудааст. Ин некӯаҳволӣ на танҳо моддӣ аст, балки инсонро аз ҷиҳати ахлоқӣ, зеҳнӣ ва равонӣ рушд медиҳад. Ҳадафи он инкишофи хислатҳои хосси инсонӣ ва таъмини зиндагии босаодат ва пурбаракат аст.

2. Манфиати умумӣ танҳо маҷмуи некӯаҳволии инфиродӣ нест, балки он барои тамоми ҷомеа муштарак аст. Аз ин рӯ, барои баҳраманд шудан аз манфиати умумӣ, иштироки фаъолонаи аъзои ҷомеа зарур аст.

3. Манфиати умумӣ бо ваколати сиёсӣ зич алоқаманд аст. Гарчанде ки ҳамаи аъзои ҷомеа ба манфиати умумӣ саҳм мегузоранд, ваколати сиёсӣ нақши асосӣ дорад, зеро ба он захираҳои ҷамъиятӣ супорида шудаанд. Аз ин рӯ, ҳокимияти сиёсӣ бояд захираҳоро ба барномаҳои равонашуда ба манфиати умумӣ масраф намояд, ки ин ҳадафи асосии ахлоқии он мебошад [249, с.34].

Бо такя аз равиши мазкур, муҳаққиқони муосири масъала ҷонибдори мавқеи бебаҳси ахлоқ дар сиёсат мебошанд, ки усулҳои ахлоқиеро коркард ва пешниҳод намудаанд, ки тамомияти ахлоқӣ дар сиёсат бояд бар асоси онҳо устувор бошад. Пеш аз ҳама, агар ҳадафи ахлоқии расидан ба мансаби сиёсӣ, тавре ки дар боло тавсиф шудааст, амалӣ шавад, бояд идоракунии корҳои ҷамъиятӣ бар асоси усулҳои муҳимми ахлоқӣ устувор бошад – усулҳое, ки қарорҳои сиёсӣ ва амалҳоро роҳнамоӣ мекунанд. Аз ин рӯ, усулҳо меъёрҳои асосӣ, умумӣ ва умумиҷаҳоние мебошанд, ки дигар ормонҳои ахлоқӣ бар асоси онҳо ташаккул меёбанд. Дар ин маврид пеш аз ҳама усули эҳтиром ба ҳаёти инсон аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд.

Бар асоси итминон ба он ки ҳаёт муқаддас аст, ин усул эҳтиром ба ҳаёти инсонро дар ҳама ҳолатҳо талаб мекунад [375]. Танҳо бар асоси ин усул ҷомеа вуҷуд дошта метавонад: «бе одамони зинда ҷомеа нест мешавад» [214]. Дар сиёсат, ин усул ду вазифаи асосиро барои мудирони корҳои ҷамъиятӣ таъкид мекунад. Аввалан, ин усул вазифаи манфии мудирони корҳои ҷамъиятиро барои эҳтиром ба ҳаёти шаҳрвандон тавассути худдорӣ аз амалҳое, ки метавонанд онро зери хатар гузоранд, таъкид мекунад: «маҳрум кардани шахс аз ҳаёт аз ҷониби мақомоти давлат масъалаи ҷиддии бузург аст. Қонун бояд ҳолатҳое, ки дар онҳо шахс метавонад аз ҷониби мақомоти давлат аз ҳаёт маҳрум шавад, қатъиян

назорат ва маҳдуд кунад» (Шарҳи умумии 6-уми Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ).

Дуюм, ин усул аз мудирони корҳои ҷамъиятӣ талаб мекунад, ки барои ҳифзи ҳаёти мардум бе ягон табъиз чораҳои мусбат андешанд. Инчунин, он масъулияти сиёсатмадоронро барои таҳияи механизми идоракунии амалҳои номатлуби мақомоти амниятие, ки ба ҳаёти шаҳрвандон таҳдид мекунанд, таъкид мекунад. Ғайр аз ин, дар ҳолатҳое, ки ҳаёт беасос маҳрум шудааст, бояд механизми дастрасӣ ба адолати ҳуқуқӣ тавассути баррасии мустақил, бетараф ва одилона, новобаста аз мансубияти сиёсӣ вуҷуд дошта бошад. Аз ин рӯ, амалҳои зӯроваронаи сиёсие, ки ҳаёти одамонро таҳдид мекунанд, нишондиҳандаи норасоии тамомияти ахлоқии сиёсатмадорон мебошанд. Илова бар ин, вуҷуд надоштани низоми ҳифзи ҳаёти мардум боиси дастгирии амалҳои ҷиноятӣ мегардад, ки метавонанд ба марги одамон оварда расонанд.

Ҳамин тавр, дар заминаи ин баҳсҳо диди махсуси муҳаққиқон оид ба поквиҷдонии ахлоқӣ дар сиёсат ҳамчун мафҳуми фарқкунанда аз меъёрҳои маъмулии ахлоқӣ аз ҷониби муҳаққиқон ташаккул ёфт. Ҳарчанд ин бо назари бадахлоқӣ (аморалистӣ) аз нигоҳи он ки ҳар дуи онҳо истифодаи бозиҳои қудратро ба манфиати сиёсатмадорон асоснок мекунанд ба ахлоқи сиёсат наздик аст, аммо тафовути калидии онҳо дар он аст, ки дар сиёсатҳо бадахлоқии ахлоқ комилан рад карда мешавад, дар ҳоле ки ин назар ба нақши ахлоқ дар сиёсат иқрор мекунад, вале бар он пофишорӣ мекунад, ки бояд фарқияти байни меъёрҳои маъмулии ахлоқӣ ва меъёрҳои ахлоқии махсуси сиёсӣ вуҷуд дошта бошад. Ғайр аз ин, гарчанде ҳарду равиш аз бозии қудрат истифода мекунанд, сиёсатмадороне, ки ахлоқи махсуси сиёсатро ҷонибдорӣ мекунанд, ҳатман худхоҳ нестанд: онҳо баъзан аз усулҳои сахтгирона ё зӯроварӣ истифода мебаранд, аммо инро барои манфиати шаҳрвандон анҷом медиҳанд. Ин назар дар тафаккури ахлоқии натиҷагароёна (консеквенсиализм) инъикос меёбад, ки дар он амалҳои

сиёсатмадорон бо натиҷаҳои онҳо арзёбӣ карда мешаванд.

Файласуфони муосире чун Исайя Берлин (1909-1997) ва Стюарт Гемпшир (1914-2004) ин мавқеъро ҷонибдорӣ намудаанд [188; 218]. Дар замони муосир, ин назар боз ҳам аз тарафи файласуф Деметрис Тиллис густариш дода шудааст [286]. Онҳо ба андешаи маъмул, ки сиёсати муосир аз камбуди виҷдон ранҷ мебарад, мухолиф мебошанд. Онҳо бар он таъкид мекунанд, ки дурӣ аз ахлоқи комил дар сиёсат набояд ҳамчун камбудии виҷдон арзёбӣ шавад. Ба гуфтаи Тиллис тасаввур перомуни поксозии ҳаёти сиёсӣ комилан ба бартарафкунии фасод бурда мерасонад, ғалат аст. Тарафдорони ин назария бовар доранд, ки ахлоқи сиёсии воқеӣ набояд бо меъёрҳои ахлоқии абстрактӣ доварӣ шавад. Инсон бояд миёни поквиҷдонии шахсӣ ва иштироки фаъол дар сиёсат интихоб кунад, аммо наметавонад ҳар дуи инро якҷоя нигоҳ дорад.

Мантиқи андешаҳои мазкур ҷонибдорони ин назарияро ба коркарди маҳакҳои арзёбии ҷеҳраи ахлоқии афроде, ки фаъолона вориди сиёсат мешавад, раҳнамуд сохтааст. Паҳлуҳои асосии ин чеҳрасозии ахлоқии симои сиёсатмардонро аз нигоҳи ин олимон тасниф кардан мумкин аст.

Бар асоси ин назар, барои доварӣ ба поквиҷдонии сиёсатмадорон, бояд ба се омил таваҷҷуҳ кард:

а) Маҳдудияти шароити сиёсие, ки сиёсатмадор дар он фаъолият мекунад.

б) Арзишҳое, ки ба ҳаёти сиёсӣ хос мебошанд.

в) Хусусиятҳои шахсие, ки барои комёбӣ дар сиёсат заруранд.

Онҳо бар ин бовараанд, ки сиёсат дорои хислатҳои манфӣ, аз қабили хиёнат, душманӣ, фиреб, дасисабозӣ ва рақобати носолим мебошад. Барои муваффақ шудан дар сиёсат, шахс бояд маҳз ҳамин хусусиятҳоро ба кор барад. Ба гуфтаи С.Гемпшир: «Поквиҷдонии сиёсӣ ба поквиҷдонии дузде шабоҳат дорад, ки вақте монеаеро дар торикӣ мебинад, самти худро тағйир медиҳад». Ба ин маънӣ, шахсе, ки мехоҳад бо риояи садоқат, вафодорӣ ва ростқавлӣ фаъолияти сиёсӣ барад, ба шикаст рӯбарӯ хоҳад

шуд» [218]. Тиллис ҳушдор медиҳад: «Агар касе бихоҳад бидуни фиреб, хиёнат ва макр дар сиёсат фаъолият кунад, пас беҳтар аст, ки аз сиёсат канораҷӯйӣ намояд. Ахлоқи пок ва садоқат метавонад барои ҳаёти шахсӣ муфид бошад, аммо онҳо дар сиёсат на камбудӣ, балки айб аст» [231].

Ба ин тартиб, аз рӯйи ин назар, виҷдони сиёсӣ бо қобилияти сиёсатмадор дар истифодаи роҳу усулҳои сиёсӣ, аз ҷумла, фиреб, хиёнат ва макр, барои муваффақ шудан ва хидмат ба мардум алоқаманд аст. Ин назар сиёсатро аз рӯйи натиҷаҳо арзёбӣ мекунад ва бар он таъкид мекунад, ки сиёсатмадори дорои виҷдони сиёсӣ касест, ки ин «фазилатҳои сиёсӣ»-ро пайваста ва устокорона истифода мебарад. Донишмандон исрор мекунанд, ки поквиҷдонӣ дар сиёсат бояд аз мавқеи маъмулии ахлоқӣ баррасӣ шавад, дар ҳоле ки дигарон бар онанд, ки сиёсат аз ҳама гуна арзишҳои ахлоқӣ озод аст, зеро ба он фитна, хиёнат ва дигар зуҳуроти рақобати носолим хос аст. Онҳо чунин мешуморанд, ки сиёсат соҳаи хосси фаъолият аст, ки ахлоқаш набояд бо меъёрҳои анъанавии ахлоқӣ чен карда шавад, балки бояд бо истифода аз меъёрҳои прагматикӣ, ки ба сиёсатмадор барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани қудрат ба хотири хидмат ба шаҳрвандон кумак мерасонад, муайян шавад.

Новобаста аз маҳбубияти консепсияи фавқуззикр дар фалсафаи ахлоқи муосир кам нестанд олимоне, ки ба афзалияти ҷанбаи ғайриахлоқии амалҳои сиёсӣ таъкид меварзанд. Онҳо бар ин назаранд, ки сиёсат аз ҳама гуна арзишҳои ахлоқӣ озод аст, зеро ба он фитна, хиёнат ва дигар зуҳуроти рақобати носолим хос аст. Аз ин рӯ, мутафаккирони фавқуззикр ба андешаи инҳо, ин нуктаро ба назар намегиранд, ки сиёсат аз ҷомеа ва шахсияти инсон ҷудо нест, ки дорои пайомадҳои ҷиддии ахлоқӣ мебошад.

Муносибати сиёсатмадорони консепсияи бадахлоқӣ (аморалистӣ) бо дигаронро Мартин Бубер (1878-1965) ҳамчун муносибати «Ман – Он» тавсиф мекунад, ки дар он инсон ҳамчун шахси дорои ҳуқуқҳо дида намешавад, балки ҳамчун як ашё ё воситаи манфиат истифода бурда

мешавад. Дар натиҷа, чунин муносибат инсонҳоро аз ҳуқуқ ва шаъну шараф маҳрум месозад ва онҳоро танҳо ба объектҳои истифода табдил медиҳад [192].

Зимни бадахлоқии сиёсӣ (аморалистӣ), роҳбарон тамоми чораҳоро меандешанд, то шаҳрвандонро таҳти назорат нигоҳ дошта, аз дигар тараф, дар баробари манфиатҳои онҳо бетаваҷҷуҳ мемонанд. Онҳо бо истифода аз ниҳодҳои давлатӣ, қонунҳо ва дастгоҳҳои қудратӣ манфиатҳои шахсии худро пиёда месозанд. Барои расидан ба ҳадафҳои худ, сиёсатмадорони бадахлоқ бо қудрат бозӣ мекунанд [208].

Ба назари намояндагони ин равиши таҳлилӣ аз ахлоқи сиёсӣ сиёсатмадорон барои истифодаи сиёсат ба хотири манфиати худ аз бозиҳои гуногуни ғайриахлоқии қудратталабона васеъ истифода мебаранд. Дар ин радиф мақоми махсусро фиреб, найрангҳои сиёсӣ, ташкили ниҳодҳои пинҳонии ҳокимият ва истифодаи таҳдиду зуроварӣ касб менамояд.

Найрангбозӣ дар сиёсатҳои зиддиахлоқӣ як усули пинҳонии бозии қудрат мебошад, ки М.Фуко онро хеле муфассал дар осораш баён намудааст. Дар ин мавридҳо ходимони сиёсӣ қонунҳоро рад мекунанд ва ё ба онҳо тағйиротҳо ворид мекунанд, ки дар зери ҳамаи он мақсади ворид намудани қудрати худ ва паст кардани овози рақибони худ мебошад. Инчунин, онҳо ниҳодҳои давлатро зери таъсири худ қарор медиҳанд, то сиёсат танҳо манфиатҳои шахсии ҳокимонро пиёда созад. Грант ин рафтори найрангбозиро чунин тасвир мекунад: «Барои ба даст овардани пуштибонии дигарон, лозим аст, ки онҳоро бо хушомадгӯӣ, фиреб ва вонамуд кардани ғамхорӣ нисбат ба онҳо идора кард. Ҳокими макиавеллистӣ мекӯшад, ки ҳамеша идоракунанда бошад, на идорашаванда» [215].

Бояд таъкид кард, ки аз бисёр ҷиҳат таълимоти Н.Макиавелли илҳомбахши пайравони равияи мазкур мебошад. Макиавелли бар ин назар буд, ки «беҳтар аст, ки роҳбар аз мардум тарсад, на дӯстор бошад» ва то даме, ки роҳбар иттиҳод ва вафодории шаҳрвандонро нигоҳ медорад,

набояд аз бераҳмӣ хавотир шавад» [235]. Бар асоси ин назар, сиёсатмадорони бевиҷдон ҳар гуна шахс ё гурӯҳеро, ки қудрати онҳоро зери хатар мегузорад, таҳдид мекунанд. Ҳатто барои фишор овардан ба мухолифон, онҳоро бо иттиҳомҳои сохта ба мисли барангехтани нооромиҳо ва хиёнат ба давлат айбдор мекунанд [271].

Илова бар ин, сиёсатмадорони бевиҷдон истифодаи қувваҳои амниятии давлатӣ ва ғайридавлатиро низ раво мешуморанд, то бо зӯроварӣ ҳар гуна садои мухолифон хомӯш карда шавад. Ин рафтор, махсусан, дар ҳолатҳои зерин бештар қобили қабул аст: тафтиши эътирозҳо ва гирдиҳамоиҳо; зӯроварӣ бар зидди мухолифони сиёсӣ ва ҷонибдорони онҳо ҳангоми маъракаҳои интихоботӣ; муноқишаҳои шадид дар парлумон ҳангоми баррасии қонунҳое, ки ба оромии низом таъсир мерасонанд ва ғ.

Дар баъзе ҳолатҳо, шиканҷаи даҳшатбор ва ҳатто қатли мухолифон низ ба андешаи ҷонибдорони ин равияи таҳлилӣ, бояд дар рӯзномаи амалҳои сиёсӣ қарор гирад. Бо мақсади ҳақ баровардани амалҳои худ намояндагони ҷараёни ғайриахлоқии сиёсӣ аз ахлоқи сиёсӣ барои худ бурҳон меоранд, ки ҳамаи амалҳои онҳо баҳри кафолати низоми ҷамъиятӣ ва бехатарӣ равона карда шудаанд. Аммо амалия нишон медиҳад, ки ҳақиқати аслии ин амалиёт аксар маврид фишор овардан ва тарсонидани мардум барои ҳифзи қудрат мебошад.

Бадахлоқии сиёсӣ решаи худро аз назарияи умумии «реализми сиёсӣ» ё «сиёсати воқеӣ» мегирад. Ин ҷаҳонбинӣ решаҳои таърихии худро аз афкори файласуфи қадим – Фукидид (тақрибан соли 460-400 пеш аз милод) мегирад, ки консепсияи «сиёсати қудрат»-ро баён намуда, таъкид мекунад, ки тавоноён бояд бар заифон ҳукмронӣ кунанд, зеро онҳо қудрат доранд [273]. Ин андеша минбаъд дар китоби «Шоҳзода» (Государь) аз ҷониби Никколо Макиавелли (1469-1527) такмил ёфтааст.

Дар маркази бадахлоқии сиёсӣ фарзияе қарор дорад, ки қудрат

ҳадафи асосии сиёсат аст. Ба таври аслӣ, ин назар бо андешаи Афлотун мувофиқат мекунад, ки мегӯяд: «Адолат ҳамон чизест, ки ба нафъи тавоноён аст», ё «қудрат ҳақро муайян мекунад» [245]. Мутобиқи ин андеша, қудрати сиёсӣ на восита, балки ҳадафи асосӣ мебошад ва набояд бо арзишҳое, чун адолат, ахлоқ ё некӯаҳволии ҷомеа алоқаманд бошад [235].

Дар маҷмуъ далелҳои асосии бадахлоқии сиёсӣ аз инҳо иборат мебошад: ба даст овардан, ҳифз кардан ва густариши қудрат ҳадафи асосии сиёсат аст; роҳбарон бояд бо ҳар васила қудрати худро ҳифз ва таҳким бахшанд. Дар натиҷа аз ин далелҳо чунин хулоса метавон бароварда, ки равиши аслии сиёсатмадорони бадахлоқ манфиати шахсӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои дигаронро ба назар намегирад. Сиёсатмадори бадахлоқ танҳо манфиати худро пайгирӣ мекунад, агар манфиати дигарон ба манфиати шахсии ӯ созгор набошад, пас ӯ онро комилан нодида мегирад.

Ба андешаи мо, мушкилоти равонасозии шуури ахлоқӣ ва ахлоқи рафтор бештар дар даврaҳои гузариш ошкор мешаванд, вақте ки ихтилоли (номутавозунии) ахлоқӣ байни меъёрҳои мавҷудаи аксари ҷомеа ва ҷаҳони атроф ташаккул меёбад. Зеро номувофиқӣ байни намунаҳои арзёбӣ ва намунаҳои рафтор боиси амалҳое мегардад, ки мувофиқи назариёти релятивистӣ ва партикуляристӣ ба ахлоқ аз ҳудуди раво берун мебароянд, вокунишҳои манфӣ ва муносибатҳои номатлубро нисбат ба амалҳои сиёсатмадорон ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа, ташаккули идеалҳои ахлоқӣ ва ҳадафҳои стратегии ҷомеа ба мушкилоти объективӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки боиси тӯл кашидани буҳронҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ мегардад. Инро бояд дар раванди табдили ҳамаҷонибаи ҷомеаи мо низ ба назар гирифт, то ин ки арзишу идеалҳои баландпояи ахлоқӣ коҳиш наёбанд.

Ин ҳолат арзиш ва аҳаммияти ахлоқии ҳама гуна гуфторҳои сиёсӣ ва ғоявиро, ки берун аз манфиатҳои аксарияти ҷомеа қарор доранд, барҳам мезанад. Маҳз ҳамин аст, ки нақши анъанаҳо ҳамчун шакли оқилонаи

нигоҳ доштани таъсир ва якпорчагии шуури ахлоқии шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ боз ҳам муҳимтар мегардад. Таҷрибаи ислоҳоти ҷомеаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳар гуна меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқие, ки маҷбурӣ қорӣ мегарданд, бо тафаккури шаклгирифтаи аксарияти ҷомеа дар мухолифат қарор мегиранд ва ҳамзамон мувозинат байни ахлоқ ва сиёсатро халалдор месозанд. Барои ҳамин ба инобат гирифтани сатҳи мафкураи ҷомеа дар татбиқи арзишҳои ахлоқӣ баҳри пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат хоҳад намуд.

Андешаҳои ахлоқӣ дар осори мутафаккирони классикии тоҷику форс ба таври васеъ баррасӣ гаштаанд ва андешаҳои ахлоқию сиёсии бузургони мо аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ дар замони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

1.4. Ҷойгоҳи ахлоқи сиёсӣ дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик ва пажуҳиши он дар замони истиқлолият

Масъалаҳои вобаста ба ахлоқи сиёсии дар таърихи фарҳангии халқҳои тоҷику форс мавҷудбуда аз тарафи муҳаққиқони таърихи фалсафаи ватанӣ мавриди таҳқиқи васеъ қарор гирифтааст. Онҳо дар ин самт аз мутахассисони соҳаи ҷомеашиносӣ ва улуми сиёсӣ дастовардҳои ҷолибро соҳиб гардида, асарҳои арзишманд эҷод намудаанд. Аз таҳқиқотҳои анҷомёфта аён мегардад, ки масоили тарғибу ташвиқи фазилатҳои ахлоқӣ дар рафтори сиёсии аҳли ҷомеа, бахусус сарварони сиёсии замон дар мероси мутафаккирони мо ҷойгоҳи махсусро ишғол намуда, ҳамзамон дидгоҳҳои гуногун оид ба ин масъала вуҷуд доштааст. Дар ин самт таҳқиқотҳои анҷомёфта вобаста ба таълимоти Ибни Сино, Абубакри Розӣ, Носири Хусрав, Мавлоно Балхӣ ва дигарон хеле ҷолиб мебошад.

Тибқи андешаи аксари олимони мо дар таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик мавзуи муҳимме, ки дар ахлоқ таваҷҷуҳи онҳоро ба худ ҷалб намуда буд – ин ақл ва мақоми он дар пешрафту ислоҳи муносибатҳои

сиёсӣ мебошад. Зеро ба андешаи мутафаккирони мо ақл сарчашмаи кулли донишҳо ва сифатҳои ҳамидаи сиёсӣ буда, барои ривоҷу равнақи низоми давлатдорӣ саҳми асосӣ дорад. Он инсонро аз сифатҳои нопок дур намуда, дар тинати ӯ сифатҳои беҳтаринро парвариш медиҳад.

Аз зумраи мутафаккироне, ки олимони мо вобаста ба масъалаи болозикр дар осорашон бештар таваҷҷуҳ намудаанд ин Абубакр Закариёи Розӣ ва Ибни Сино ба шумор мераванд. Вобаста ба ин масъала Т.Муродова чунин ишора менамояд, ки «Закариёи Розӣ аз он мутафаккиронест, ки дар атрофи ин масоили муҳимми ҳамарӯзаи давру замонҳо, яъне ахлоқ низ саҳмгузорӣ намудааст, ки андешаҳои ӯ перомуни ин мавзуъ то имрӯз ҳам қурб ва ҳам моҳияти худро гум накардааст. Аз ҷумла, такаббур ва худписандӣ аз мақулаҳои ахлоқи зишт аст, ки бо кумаки нафси инсонӣ ташаккулу такомул меёбад. Андар ин масъала Закариёи Розӣ менависад, ки «ҳар инсоне дӯстдори нафси худ мебошад. Баъзан ӯ дар ҳаёту зиндагии худ беш аз зарурият нафсашро дӯст дошта, фавқулода меписандад. Дар натиҷа фасоди нафсро ҳамчун аъмоли зишт пай намебарад» [100, с.109].

Аз ин дидгоҳ ӯ тафовути аслии байни инсон ва дигар мавҷудотро чунин тавсиф менамояд, ки инсон аз дигар ҳайвонҳо бо сифатҳое чун дониш, ҳунар, ки натиҷаи андешаи инсон аст ва инчунин, кору талош барои ба даст овардани рӯзӣ фарқ мекунад ва инсон бо ин сифатҳо аз дигар махлуқот бартарӣ низ дорад. Дар ҳақиқат, тафовути инсон аз дигар ҳайвонҳо сифати иҷтимоии ӯст, яъне одамон бо ҳам зиндагӣ карда, бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд. Ҳамин тавр, пас аз баёни фарқияти инсон аз ҳайвонот ҷойгоҳи инсон, ҷомеа ва зиндагии иҷтимоии инсон муайян карда мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқони осори З.Розӣ ӯ барои ислоҳи сифатҳои номатлуби инсон таъсири муҳити солими иҷтимоиро муҳим меҳисобад. Дар муҳити солим инсон таҳти таъсири атрофиёну ба инобат гирифтани маслиҳаташон метавонад худро ба ахлоқи писандида наздик намояд. Аз ин

ҷиҳат як хусусияти муҳимми таълимоти З.Розӣ аз он иборат аст, ки андешаҳои ахлоқии ӯ бо андешаҳои иҷтимоию сиёсияш алоқамандии ногусастанӣ касб карда, дар он ғамхорӣ зоҳир кардан барои беҳтарсозии аҳволи мардум арзиши муҳим дорад. Муҳаққиқони осори Ибни Сино ҳам таъкид менамоянд, ки ин ҷанбаи таълимоти ахлоқии З.Розиро минбаъд ӯ рушд додааст.

Дар таълимоти ахлоқии З.Розӣ ва Ибни Сино ишора ба он меравад, ки сабаби баъзе аз костагиҳои ахлоқии одамон аз он вобаста аст, ки онҳо ба камолоти ақлӣ нарасида, ҳанӯз ташаккул наёфтаанд. Ибни Сино сифатҳои иҷтимоии инсонро аз маҳоратҳое иборат медонад, ки барои иҷрои муносиби фаъолияти ҷамъиятӣ хизмат менамоянд. Дар байни сифатҳое, ки аз назари ӯ барои зиндагӣ дар ҷомеа муҳимманд инҳоро зикр менамояд: фазилат, накукорӣ, меҳнатқаринӣ, эҳтиром ба дигарон, сарфакорӣ, эътимодмандӣ, масъулиятнокӣ, устувории психикӣ, майл ба ҳамкорӣ, худтатбиққунӣ ва ғайра. Дар «Китоб-уш-Шифо» ва дигар осораш, ӯ идеали ҳокими одилро, ки бояд мувофиқи қонунҳои илоҳӣ ва адолат амал кунад, баррасӣ кардааст. Ба гуфтаи ӯ, ҳоким бояд баробарӣ ва суботи ҷомеаро нигоҳ дорад, то ҷомеаи солим ва устувор рушд кунад. Ӯ бовар дошт, ки илму фалсафа дар ташаккули ҷомеаи идеалӣ нақши муҳим доранд.

Дар ин дидгоҳҳо чеҳраи маънавии шахсияти сиёсӣ ҳамчун намунае барои такмили ахлоқу одоб арзёбӣ мегардад. Яке аз чунин мутафаккирони бузурги гузаштаи форсу тоҷик, ки осораш аз ҷониби олимони мо таваҷҷуҳи зиёдро ба худ равона кардааст, Абунасри Форобӣ ба шумор меравад. Форобӣ андешаҳои сиёсӣ ва ахлоқиашро дар «Рисола перомуни назари аҳли мадинаи накукорон» баён кардааст. Форобӣ роҳбарии мадинаи накукоронро ба ҳокиме муносиб медонад, ки сифатҳои баланди инсониро дар худ таҷассум мекунад. Маҳз ҳамин гуна шахси хушахлоқро ӯ инсони аввали мадинаи фозила ва ҳокими тамоми навоҳии маскуни замин медонад.

Дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони ватанӣ он андеша бартарият дорад, ки Форобӣ ба шахсияти сиёсӣ хусусиятҳоеро хос медонад, ки бо доштани онҳо роҳбар аз дигарон тафовут дошта, ӯ шахси пурзӯр, боирода, накукор, бофаросат, забони ширин ва дӯстдори илм бошад. Аз лаззатҳои дунявӣ даст накашад, аммо ростгӯйӣ, боадолатӣ ва дигар сифатҳои накуиро соҳиб бошад, халқ барои ӯ аз ҳама боло қарор дошта, нотарс ва роҳнамои дигарон бошад.

Назари худро Абунасри Форобӣ дар бораи табақабандии зинаҳои ҳукумат чунин тасниф мекунад:

1. Роҳбар ;

2. Наздикони роҳбар;

3. Касоне ки ба ду гурӯҳи болозикр тобеъ мебошанд ва ба дигарон дастури ироашудро медиҳанд.

Форобӣ дар ин ақида аст, ки дар мадинаи фозила бояд ҳамин гуна тобеияти зинавӣ ё ин ки силсилаи маротиб ба кор гирифта шуда, ҳатман риоя гардад, зеро саодат, ки ғояти зиндагӣ аст аз тариқи риояи аҳкоми ахлоқӣ ҳосил мешавад. Яъне ахлоқи худро такмил додани ҳоким ва аҳли ҷомеа имконпазир дониста мешавад, ки «Тибқи назари Форобӣ, аҳли ҷомеа, аз ҷумла ҳоким ахлоқи худро такмил дода, нафси хешро поку латиф нигоҳ дошта, аз илму фазилат самар бардошта, метавонад аз ҳар гуна зулму ситами иҷтимоӣ ва маънавӣ озод гардад. Ӯ ба Афлотун ва Арасту пайравӣ намуда, имкони некӯшавии ҳаёти ҷомеаро ба фаъолияти шахсони алоҳида, хусусан подшоҳон алоқаманд меҳисобад. Форобӣ категорияи адолатро, пеш аз ҳама, барои ифодаи баҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ мавриди истифода қарор додааст» [103, с.55].

Асари машҳури ӯ «Мадинаи фозила» (Шаҳри некӯкорон) идеали давлат ва ҷомеаи одилонаро шарҳ медиҳад. Ӯ ҳокими идеалиро «файласуф-подшоҳ» номида, таъкид мекард, ки идоракунӣ бояд бар асоси хирад ва дониш бошад.

Аз ҷониби муҳаққиқони муосири тоҷик осори Ибни Сино низ аз нигоҳи хусусиятҳои муҳимми дидгоҳи ӯ ба масъалаи ахлоқ ва таъсироти байниҳамдигарии он бо сиёсат ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [54]. Тибқи таҳлили онҳо Ибни Сино дар асл ҷамъияти бенуқсеро дидан мехост, ки дар он фазилатҳои ахлоқӣ ҷойгоҳи хос дошта бошанд. Махсусан ин андешаҳо дар «Рисола андар ахлоқ» хеле муфассал баён шудаанд. Дар ин ҷо махсусан чунин аломатҳои фазилат ба монанди саховат, сабру қаноат, карам, ҳалимӣ, покдоманӣ, бахшандагӣ, олиҳиммативӣ, хушбаёнӣ, дурандешӣ, ростгӯйӣ, вафодорӣ, дӯстию меҳрубонӣ, накӯаҳдӣ, фурӯтанӣ ва ғайра арзёбии хосро касб кардаанд. Вобаста ба ин муҳаққиқи тоҷик Назар М.А. чунин таъкид менамояд, ки «Ибни Сино ҳамчун мутафаккири гуманисти замони худ дар муносибатҳои иҷтимоӣ ҷой доштани зулму ситам, беадолатӣ, кинаю адоватро маҳкуму мазаммат карда, фазилатҳои неки инсонӣ – хайрандешӣ, накукорӣ, адолати иҷтимоӣ, эҳтироми ҳамдигарӣ ва дигар сифатҳои неки инсониро ташвиқу тарғиб намудааст. Ин мутафаккири бузург бо идеяҳои пешқадами худ ба рушд ва нумуи минбаъдаи афкори ҷамъиятию сиёсии мамлакатҳои Шарқи исломӣ таъсири бузург расонидааст» [103, с.61].

Таҳқиқотҳои ҳамсон оид ба ҷойгоҳи ахлоқи сиёсӣ дар мероси фарҳангии мардумони форсу тоҷик аз ҷониби як зумра муҳаққиқони дигар, аз ҷумла М.Муҳаммадҷонова, С.Афғонов, А.Атоев, Х.Камолова, Р.Усанов ва дигарон дар солҳои истиқлолият ба анҷом расонида шудааст [374; 377; 379; 385; 389; 393; 397].

Дар бештари ин таҳқиқотҳо гуфта мешавад, ки аҷдодони хирадманди мо ҷаҳонбинии суннатӣ доштанд ва тибқи он эътиқоде пойбарҷо буд, ки ҳама чизе, ки рӯй медиҳад, натиҷаи иродаи Худост. Яъне меъёрҳои ахлоқи сиёсӣ ҳам ба ҳамин принсип асос меёфт ва тарғиб мегардид. Намунаи хеле боризи ин принсип дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ифода ёфтааст ва онро муҳаққиқони мо низ ишора кардаанд: «Чора набошад подшоҳро аз он ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазолим бишинаду дод аз бедодгар биситонаду

инсоф бидиҳад ва сухани раият бишунавад бевосита ва чанд қисса, ки муҳимтар бувад, бояд ки арза кунад ва дар ҳар як мисоле диҳад. Чун ин хабар дар мамлакат пароканда шавад, ки Худованд мутазаллимону додхоҳонро пеш мехонаду дар ҳафтае ду рӯз сухани эшон мешунавад ва золимонро шикаста медорад, дастҳои эшон кӯтоҳ шавад ва кас наёрад бедодӣ кардан аз бими уқубати он» [109, с.6].

Чунин тамоюли фикрӣ ба андешаи муҳаққиқон бар он асос меёфт, ки ахлоқ ҳамчун як системаи арзишҳо ва меъёрҳои динӣ тасдиқи динии худро гирифтааст, дар чорчӯбаи шадиди идеологӣ ва динӣ ҷойгир карда шудааст, ки дар он озодфикрӣ ва ҷустуҷӯйи озодонаи роҳнамоии идеологӣ амалан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, мавзуи марказии он, мисли мавзуи асосии тамоми фалсафаи он давра – масъалаи инсон ва Худо аст.

Наздик ба ҳамин гуна андешаро метавон дар пажуҳишҳои олимони тоҷик оид ба таълимоти намояндагони дигари даврони гузаштаамон мушоҳида намуд. Зарурияти чунин таҳлил аз ҷониби Камолова Х.Қ. дар рисолаи «Масъалаҳои ахлоқи сиёсӣ дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои X-XI» чунин баён шудааст: «Аз нигоҳи назариявӣ омӯзиши ин мавзуъ бо он алоқаманд аст, ки таҳлили ҳамаҷониба ва амиқи таърихи ахлоқи ватанӣ, ки фарогири таҷрибаи тӯлонии тарбиявию ахлоқӣ мебошад, аҳаммияти бузургро касб намуда, таҳқиқи паҳлуҳои амалии ахлоқ заруриӣ мебошад. Онҳо масъалаҳои ахлоқи сиёсӣ («насиҳати ҳокимон») ва масъалагузориҳои доираи ҳокимиятро фаро мегиранд, нақш ва аҳаммияти онҳо барои фарҳанги форсу тоҷик, дарки бомуваффақияти қонуниятҳои рушди ахлоқи сиёсии муосир ва шуури ахлоқии ҷомеаи муосири тоҷик муҳим мебошад, чунки ба воситаи онҳо дастрасӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва арзишҳои умумибашарӣ ва дар айни замон, ҳалли беҳтарин ва оқилонаи мушкилоти ахлоқие, ки дар назди илми ватанӣ қарор гирифтааст, имконпазир мегардад» [386, с.3].

Омили дигари дар чорчӯбаи сахти идеологӣ ва динӣ ҷойгир кардани масъалаҳои ахлоқи сиёсӣ дар таълимоти мутафаккирони мо тибқи

пажуҳишҳои ватанӣ аз он бармеояд, ки «ҷудонопазирии ҳама чиз, аз ҷумла сиёсат ва ахлоқ, маънои онро надошт, ки ахлоқ ё умуман амрҳои сиёсӣ воҳид ва якумра ҷудонашавандаанд, балки ахлоқ танҳо як шарт ё ҳатто як ҷузъи муваффақияти сиёсӣ буд. Ба ибораи дигар, дар таълимоти мутафаккирони мавриди омӯзиш, бо ҳифзи хусусияти хосси худ «андешидан дар бораи он чизе ки дуруст аст», ки ахлоқ ба як абзори ҷиддӣ дар стратегияи ҳаётии роҳбарон ва ҳокимон табдил ёфта буд. Ғайр аз ин, дар баробари анъана, расму оин, қонун ва шаклҳои зӯроваронаи таъсир он ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои инсонӣ, рафтор ва шуур ба ҳайси вазифаи комилан сиёсӣ баромад мекард» [386, с.15].

Аммо дар баробари андешаҳои дар боло зикршуда ҷанбаи дигари муҳимми мероси гузаштаи мо аз он иборат аст, ки сиёсат на танҳо тавассути қувваю қудрат, балки бо такя ба арзишҳои ҷомеа, аз ҷумла адабу одоби баланди инсонӣ низ амалӣ мегардад. Бинобар ин арзишҳои сиёсӣ набояд дур аз воқеият бошанду мавҷудияти мустақил аз ҳаёти воқеии ҷомеа дошта бошанд. Зеро ҳангоме ки зарбаи ногаҳонӣ ба пояи муносибатҳое, ки таназзулнопазир дониста мешаванд, ворид карда шавад, пас дар он вақт низом ноустувор мегардад. Ҷойгоҳи ин андешаҳоро пажуҳишгарони ватанӣ дар осори адабии мутафаккирони тоҷику форс бештар пайгирӣ кардаанд. Дар ин радиф пажуҳишҳои анҷомдодаи М.Муҳаммадҷонова ва А.Атоев хеле арзишманд ба назар мерасад. Онҳо таъкид менамоянд, ки таҳлили рисолаҳои мутафаккирони форсу тоҷик дар асрҳои X-XI нишон медиҳад, ки «дастурҳо ба ҳокимон» дар шакли маслиҳатҳо ва насиҳатҳои дидактикӣ сохта шудаанд, ки қариб ҳама ҷанбаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҳокимони асримиёнагиро фаро мегиранд. Бештари ин андешаҳо дар пояи осори бадеӣ баён шуда, масъалаҳои марбут ба сиёсати иқтисодӣ ва молиявӣ, муносибати ҳоким бо шахсони боэътимоди худро низ баррасӣ мекунанд [389; 393; 397].

Ин як равиши нисбатан маъмул буд, ки дар афкори адабии мо

ҷойгоҳи махсус дошт ва таҳлили он дар ҷилди V, қисмҳои 1 ва 2-юми «Таърихи фалсафаи тоҷик (фалсафаи адабиёт)» муфассал оварда шудааст. Таъкид мегардад, ки ахлоқи сиёсӣ дар осори намояндагони адабии гузаштаи мо нақши муҳим дорад. Масалан, «Амир Хусрав феълу атвори подшоҳони замони худро хуб медонист, аз аҳволу атвори аҳли дарбор низ огоҳии комил дошт. Яке аз корҳои номақбуле, ки боиси зулму ситами мардум ва дар ниҳоят пирӯзии душманон бар давлати подшоҳон мешуд, аз андоза зиёд ба исроф ва айшу ишрат машғул шудани онҳо буд. Бинобар ин, Амир Хусрав барои подшоҳон ҳушёрӣ, хирадмандӣ ва дурандеширо хислатҳои муҳим медонад ва онро яке аз сабабҳои бақои ҳокимият мешуморад» [138, с.21].

Ҳамин гуна мазмунро муаллифони ин асари гаронбаҳо дар осори Камоли Хуҷандӣ низ фаровон нишон медиҳанд: «Бо андешаҳои ирфониаш Камол, аз як тараф, ба таассуби динӣ муқобил баромада, холиқу махлуқро дар ваҳдат бубинад, аз ҷониби дигар, савияи худшиносию башардӯстии ӯ иртиқоъ ёфта, мақоми инсонро дар ҷомеа хеле боло мебардорад. Модоме ки инсонҳо ҳомили ҷузъе аз ҷавҳари илоҳианд, набояд ба ҳам бо чашми ҳақорат бингаранд, зеро дар дунё ҳама баробаранд ва дар як мақоманд ва пешгаҳу поин вуҷуд надорад» [138, с.497].

Масъалаи дигари муҳимми дарки моҳияти ахлоқи сиёсии осори ниёконамон дар пажуҳишҳои ватанӣ ин таъсири табиат ва мероси гузашта дар ҳаёти одамон аст. Ин ҷиҳатро дар асари қаблан зикршуда муаллифон дар мероси Ҳофиз дарёфтаанд: «Орифон ба тасфияи ботин ва таҳзиби ахлоқ ба ҳақиқат мерасанд. Барои Ҳофиз муносибати инсон бо олам, равобити байни олами сағиру кабир, барқарор намудани ҳамоҳангӣ ва муносибати инсонҳо бар асоси рукнҳои ахлоқ сурат мегирад. Дар маркази андешаҳои Ҳофиз инсон ва такомули ӯ меистад, ки ин такомул ба воситаи ахлоқи ҳамида сурат мегирад ва фозилтарин ашхос ҳамонҳое мебошанд, ки дар раванди зиндагӣ моҳияти худро шинохтаанд. Аз назари Ҳофиз ин

арзишҳои ахлоқӣ инсонро ба такомули маънавӣ расонида, ба роҳи ҳақиқат раҳсипор мекунанд» [138, с.553-554].

Ҳамин тавр, чуноне мушоҳида мешавад дар пажуҳишҳои олимони мо таваҷҷуҳи амиқ ба дарки табиати муҳити ахлоқи сиёсии вазъияте, ки ба меъёрҳои ахлоқии мо мувофиқат мекунад, равона гардидааст. Аз ин ҷиҳат назари тоза андохтан ба ин пажуҳишҳо дар даврони мураккаби имрӯза хеле муҳим ба назар мерасад. Бояд қайд намуд, ки дар ҷаҳони исломӣ робитаи тарафайни дин ва сиёсат яксон набуда, бо фазои ҷомеаи мушаххас ва фарҳанги он робитаи ногусастанӣ дорад ва ин навъ омӯзишҳо баҳри пажуҳишҳои илмӣ аҳаммияти калонро соҳиб мебошанд. Дар ин маврид, ин пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки дин ва сиёсат дар тӯли таърих бо ҳам робитаи амиқ доштанд. Маҳз мероси гузашта нишон медиҳад, ки афкори сиёсии исломӣ дар заминаи дине ташаккул ёфтааст, ки на танҳо барои имон ва ахлоқи шахсӣ роҳнамоӣ медиҳад, балки принсипҳое барои идоракунии ҷомеа низ пешбинӣ мекунад. Яке аз ҷанбаҳои асосии ин муносибат мафҳуми хилофат мебошад, ки ба низоми ҳокимияте ишора мекунад, ки пас аз вафоти паёмбар таъсис ёфтааст. Дар асрҳои аввали ислом, хилофат ҳам ниҳоди сиёсӣ ва ҳам мазҳабӣ буд, ки дар он халифа ҳамчун раҳбари сиёсӣ ва руҳонӣ амал мекард. Ин ҳамгироии дин ва сиёсат асоси афкори сиёсии исломиро ташкил дод. Афкори сиёсии исломӣ инчунин аз фиқҳи исломӣ сарчашма мегирад, ки чорчӯбае барои фаҳмидани уҳдадориҳои динӣ ва масъулияти мусалмононро дар паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ, аз ҷумла идоракунии давлат, пешниҳод мекунад. Олимони исломӣ ҳамеша бо масъалаҳое рӯ ба рӯ будаанд, ки ба нақши давлат, ҳуқуқ ва масъулияти ҳокимон ва шаҳрвандон, инчунин принсипҳои адолат ва машварат (Шуро) дар қабули қарорҳои сиёсӣ марбут мешуданд.

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ таҳқиқи андешаҳои сиёсии мусалмонӣ якчанд бурҳонҳо дорад, чун андешаҳои намояндагони илмии исломӣ дар марҳалаҳои мухталифи таърихӣ аз тарафи олимони намоён

идома ва рушд дода шудаанд. Онҳо бо осори худ асосҳои сиёсати исломӣ, адолат, ҳокимият ва идоракунии давлатиро таҳлил намудаанд. Дар аввал, он дарки пешрафти таърихӣ ва эволютсияи афкори сиёсиро аз дидгоҳи ислом осон мегардонад. Омӯзиши муҳаққиқоне, ки ба андешаҳои сиёсии исломӣ машғул буданд, гузашта аз ин, бо шарофатии баррасии матнҳо, афкор ва консепсияҳои онҳо, донишмандон метавонанд равандҳои зеҳнӣ ва фалсафии таъсиррасон ба ҷомеаҳои мусалмонро беҳтар дарк кунанд. Дувуман, омӯзиши афкори сиёсии исломӣ дар фаҳмидани муносибати дин ва сиёсат дар ҷомеаҳои мусалмонӣ нақши муҳим мебозад. Ин таҳқиқот ба принсипҳо ва арзишҳое равшанӣ меандозад, ки қабули қарорҳои сиёсӣ, сохторҳои идоракунӣ ва ҳуқуқу масъулияти ҳокимон ва шаҳрвандонро ташаккул медиҳанд. Севуман, фаҳмидани афкори сиёсии исломӣ барои таҳлили ҷунбишҳо ва мафкураҳои сиёсӣ дар ҷаҳони исломӣ аҳаммияти бузург дорад. Он ба дарки гуногунии нуқтаи назарҳо ва тафсирҳои мавҷуд дар анъанаи исломӣ мусоидат намуда, муҳокимаҳои амиқтар ва боидрокро оид ба масъалаҳое чун демократия, ҳуқуқи инсон ва фаъолиятҳои сиёсӣ имконпазир мегардонад.

Илова бар ин, омӯзиши фикри сиёсии исломӣ ба муколамаи байнидинӣ ва байнифарҳангӣ мусоидат мекунад. Он фаҳмиш ва эҳтироми байни анъанаҳои динӣ ва фарҳангиро тавассути таҳлили роҳҳои ҳамкории фикри сиёсии исломӣ бо низомҳои дигари андеша дар тӯли таърих ташвиқ менамояд. Дар маҷмуъ, омӯзиши фикри сиёсии исломӣ барои дарки амиқи низомҳои сиёсӣ ва идоракунии ҷомеаҳои мусалмонӣ, мероси зеҳнии ислом ва равобити васеътари дин ва сиёсат нақши муҳим дорад.

Талоши аксари пажуҳандагони мо ба мутобиқ сохтани таълимоти ислом ба шароити замони муосир таъкид мекунад. Онҳо барои тафсири нав (иҷтиҳод) ва мутобиқсозии қонунҳои исломӣ бо таҳаввулоти иҷтимоӣ, демократия, ҳуқуқи инсон ва адолати иҷтимоӣ даъват мекунанд. Масъалаҳое чун ҳуқуқи занон, баробарии иҷтимоӣ ва озодиҳои шаҳрвандӣ

дар маркази таваҷҷуҳи онҳо қарор дорад.

Дар баробари ин олимони дар фарқият аз мавқеи баъзе мутафаккирони гузашта бар назаре ҳастанд, ки дин бояд аз сиёсат ҷудо бошад ва ҳукумати дунявӣ бояд бар асоси плюрализм, демократия ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ ташкил ёбад. Онҳо таъкид мекунанд, ки ислом бештар як ҷанбаи шахсӣ ва ахлоқӣ дорад, на сиёсӣ.

Аз ин хотир, дар замони муосир, ки ҳадафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таҳкими робатиҳои нави ҷамъиятӣ мебошад, омӯзиши андешаҳои назариётчиёне, ки соҳаи мазкурро ба таври айнӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд, арзиш ва маҳиммияти бештар дар худ гирифтааст. Ин пажуҳишҳо ба он нигаронида шудаанд, ки арзишҳое ки ба меъёрҳои ахлоқи сиёсии имрӯзаи мо вобаста ба сатҳи мувофиқату номувофиқатияшон мавриди арзёбӣ қарор гиранд ва аз кӯшишҳои такрори номуносиби роҳи паймудашуда дар оянда худдорӣ карда шавад. Мақсади асосӣ дар он аст, ки он чизе, ки имрӯзҳо рух дода истодааст, шакли ниҳоии мавҷудияти тамаддуни башарӣ нест. Ва табиати кӯтоҳмуддати вазъияте, ки ба амал меояд пайваста моро ба зарурияти баҳодиҳии мунсифонаи мероси фарҳангӣ роҳнамун месозад.

Олимони тоҷик дар пояи таҳқиқотҳои пештара андешаҳои сиёсии мутафаккирони мусулмонро мавриди баррасӣ қарор дода, сарчашмаҳои андешаҳои онҳо, принсипҳо ва мафҳумҳои таълимотҳои онҳо, намояндагони машҳури онҳо ва муҳтавои таълимотҳои асосии онҳо диққати бештар медиҳанд. Омӯзиши ин таълимотҳо ба мо имкон медиҳанд, ки таносуби дин ва сиёсатро дар ислом муайян намуда, асосҳои таърихии рушди робитаҳои онҳо таҳлил карда шаванд ва перомуни давлатҳои таъсисшуда дар он замонҳою тартиби низоми ҳуқуқӣ ва сиёсии онвақта хулосагириҳо карда шаванд.

«Вобаста ба ин мафҳумҳои асосии афкори сиёсии исломӣ, аз ҷумла мушовара (Шуро), адолат (адл) ва манфиати ҷомеа мавриди таҳлил қарор

гирифта, арзёбии амиқи ҳар яке аз ин мафҳумҳо пешкаш мешавад. Арзишмандии арзёбии дигари олимони мо аз таҳқиқи масъалаи ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқи сиёсӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс аз он иборат аст, ки дар андешаҳои мутафаккирони мавриди назар арзишҳои ахлоқи сиёсӣ аз дидгоҳи табиати эволютсионӣ (раванди рушд) доштанашон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, таъкид мегардад, ки андешаи сиёсӣ дар тамаддуни мо ҳеҷ гоҳ статикӣ ё муқаррарӣ набуда, ҳамеша дар ҷавоб ба доираҳои таърихӣ ва иҷтимоию сиёсӣ рушд намудаанд. Давраи классикии андешаҳои сиёсӣ дар тамаддуни мо шоҳиди рушд ва таҳияи назарияҳо ва моделҳои гуногуни ҳукуматдорӣ, ба монанди шоҳаншоҳӣ, хилофат, салтанат, аморат ва ғайра буд» [163]. Ҳатто дар ҳамин давра, баҳсҳо ва тафсирҳои мухталифи табиат ва нақши ҳокимияти сиёсӣ мавҷуд буданд. Маҳз омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи мазкур ва тафовут дар мавқеъгирии муҳаққиқони соҳа сабаб гашт, ки дидгоҳҳои нав дар олами ислом ба вуҷуд омададанд ва бо шарофатии онҳо афкори исломӣ боз ҳам ғанӣ гардонида шуд. Мутафаккироне ба монанди ал-Афғонӣ, Муҳаммад Иқбол ва дигарон кӯшиш кардаанд, ки принсипҳои ахлоқи сиёсии мутафаккирони мусалмонро дубора тафсир кунанд ва онҳоро бо воқеиятҳои ҷаҳони муосир мутобиқ намоянд.

Вижагии баҳсҳои муосир ва нуқтаи назарҳои гуногунро дар андешаи сиёсии кишварҳои мусалмонтабор дар ҳамин замина нишон дода мешавад. Ин баҳсҳо шомили муколамаҳо дар бораи демократия, нақши аҳкоми шариат дар ҳукуматдорӣ ва зарфияти вокуниши арзишҳои ахлоқи сиёсии мо ба равандҳои муосир мебошанд. Ин гуногунӣ дар нуқтаҳои назар нишон медиҳад, ки арзишҳои ахлоқӣ дар андешаи сиёсии мо як табиати доимии рушдёбанда ва динамикӣ дорад. Дар маҷмуъ, дар ин пажуҳишҳо таъкид мешавад, ки мероси андешаи сиёсии мо яктарафа нест, балки як анъанаи гуногун ва рушдёбанда мебошад. Он аҳаммияти тафаккури интиқодӣ ва фаҳмиши контекстуалӣ дар тафсир ва истифодаи принсипҳои

арзиши ахлоқиро дар соҳаи сиёсӣ таъкид мекунад.

Аз ин хотир андешаҳои ахлоқӣ ва сиёсии мутафаккирони тоҷику форсро муҳаққиқони ватанӣ омӯхта, татбиқи онҳоро дар ҷомеаи муосир баҳри пешрафти ҷомеа аввалиндараҷа меҳисобанд. Маҳз амалишавии танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар таҷрибаи таърихӣ барои таърихи сиёсии тоҷикон аҳаммияти бузургро касб мекунад.

БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪСИРИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ БА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СИЁСИИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

2.1. Амалияи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар таҷрибаи таърихии сиёсии тоҷикон

Танзими ахлоқӣ дар муносибат ба фаъолияти сиёсӣ аз дарки он бармеояд, ки ин шакли фаъолият, ба монанди шаклҳои дигари он, мавҷудият ва аҳаммияти худро мутобиқ ба арзишҳо ва меъёрҳои дар ҳар ҷомеаи мушаххас мавриди қабулбуда, пайдо менамояд. Дар аксар маврид аҳаммияти танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар ҳамин нуҳуфтааст, зеро мутобиқ ба бархурди иҷтимоӣ-фалсафӣ, фаъолияти сиёсӣ чун шакли хосси фаъолияти ҳаёти иҷтимоӣ, меъёр ва арзишҳоеро дар бар мегирад, ки дар ҷомеа устувор мебошанд. Танзими мақсадноки фаъолияти сиёсӣ, дар баробари арзишҳои сиёсӣ, ҳамчунин бар мабнои меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба амал меояд.

Пайдоиши мафҳуми «танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ» бар он асос меёбад, ки сиёсат натанҳо ба азхудкунии амалии маънавии воқеияти иҷтимоӣ, балки ба тағйир, таҳаввул ва ҳифзи шароити зиндагии инсон дар ҷомеа равона гардида аст. Дар баробари дар назар гирифтани манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, сиёсат саъй менамояд арзёбии мусбати афкори ҷамъиятиро дар бораи ба мақсад мувофиқ будани воситаҳои расидан ба ҳадафҳои худ ба даст биёрад.

Андешаҳо перомуни он ки дар марҳалаҳои мухталифи таърихӣ сиёсат чун соҳаи махсуси фаъолияти инсонҳо чӣ тавр ба худ хусусиятҳои ахлоқиро касб намудааст, ҳама вақт мавриди баррасӣ соҳибназарон буд. Масъалаи дигари баҳснок, масъалаи то чӣ андоза мувофиқ будани меъёрҳои ахлоқӣ бо фаъолияти сиёсии унсурҳои ҳаёти ҷамъиятӣ буд. Дар ин маврид доимо таъкид мегардад, ки агар фаъолияти сиёсӣ ҷавобгӯйи манфиатҳои воқеии одамон бошад, пас онро метавон сиёсати устувор ба

арзишҳои ахлоқӣ номид, вале агар сиёсат воқеиятро таҳриф намуда, бар макру фиреб, қаллобӣ ва ғайра устувор бошад, пас онро метавон ҳамчун кирдори бадахлоқона арзёбӣ намуд.

Вуҷуд надоштани ягонагӣ дар мавриди посух ба саволи қаблан гузошташуда, дар аксар маврид аз он бармеояд, ки як идда олимон бар он назаранд, ки танзими фаъолияти сиёсӣ бо меъёрҳои ахлоқӣ ғайриимкон аст, зеро ин фаъолият табиатан маҷбур аст манфиати як гурӯҳро бар зарари гурӯҳи дигар ҳимоя намояд. Маҳз бадахлоқии ботиниро хислати муҳимми фаъолияти сиёсӣ медонанд.

Бар хилофи ин, ақидаи дигар вуҷуд дорад, ки бар зарурияти ахлоқии фаъолияти сиёсӣ таъкид менамояд. Ин маънои онро дорад, ки зарур аст фаъолияти сиёсӣ бар ақлу хирад ва ахлоқ асос ёфта, ба меъёрҳои ахлоқӣ мутобиқат доштани фаъолияти сиёсӣ бошад бар асоси арзишҳои таҳаммулпазирӣ, адолат, манфиати умум, виҷдон, инсоф ва ғайра баррасӣ гардад. Дар ин асос бамаврид мебуд ибораи машҳури И.Кант (1724-1804)-ро дар бораи он ки «сиёсати ҳақиқӣ бидуни қаблан савгандхурии ахлоқӣ гоме ба пеш гузошта наметавонад» [77, с.49] зикр намуд.

Ҳамзамон аксарият бар он ақидаанд, ки чунин ҳадаф хаёлӣ (ормонӣ) буда, дар ҳаёти воқеӣ амалӣ намудани он ғайриимкон аст. Ин аз он бармеояд, ки қоидаҳои зарурии рафтори инсониро И.Кант императивӣ номида буд. Императивҳо дар навбати худ метавонанд фарзӣ ва қатъӣ бошанд. Императивҳои фарзӣ аз таҷриба бармеоянд; онҳо сабабгори саъю кӯшиш барои расидан ба мақсадҳои муайяну мушаххас, масалан саодати шахсӣ мегарданд. Лекин ин амал ҳеҷ гоҳ муайянкунандаи асосии иродаи инсонӣ буда наметавонад.

Дар баробари императивҳои фарзӣ императивҳои қатъии рафтори инсонӣ вуҷуд дорад. Императиви қатъӣ қонуни маънавӣ дониста мешавад. Ин дастуруламали бечунучаро дар бораи рафтори зарурии инсон ҳамчун махлуқи боақл, дорои иродаи мустақилу озод, ки амри ҳатмӣ ва мутлақи ақлаш барои расидан ба ҳар гуна мақсадҳои хусусӣ ва инфиродӣ равона

нагардида аст. Императиви қатъӣ аз ақли ҳар зоти инсон маншаъ гирифта, барои ҳамин маънои қарзи ҳатмӣ барои ҳама ва ҳар фардро дорад [130, с.24].

Ҳамин тариқ, масъалаи чӣ гуна танзими ахлоқии фаъолияти сиёсиро метавон ноил гардид дар ҳама давру замон дар равияҳои фаласафӣ-иҷтимоӣ, чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони муосир, мавриди баҳс қарор дошт. Дар ин консепсияҳо роҳҳои гуногуни ҳалли масъала, аз тобеъ намудани сиёсат ба ахлоқ то ба мутобиқ намудани ахлоқ ба ҳадафҳои сиёсӣ пешниҳод мегардиданд.

Пешниҳоди дувумӣ, чӣ тавре маълум аст, бо равияи макиавеллизм иртибот дорад, ки мутобиқи он барои ба даст овардани мақсадҳои муайяншуда, дар фаъолияти сиёсӣ аз ҳар гуна имконияту воситаҳо истифода намудан ҷоиз аст. Дар баробари ин, мавқеи мобайнӣ ҳам вуҷуд дошт, ки дар он роҳҳои мувофиқ ва қабли қарорҳо баҳри татбиқи амалҳои сиёсӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ омӯхта мешуданд.

Дар ин маврид, барои муайян намудани моҳият ва мазмуни нуқтаи назар дар бораи ҷустуҷӯйи роҳҳои танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ, зарур медонем ба таҷрибаи таърихии ҳосилшуда дар дарки иҷтимоӣ-фалсафии ин масъала таваҷҷуҳ намоем.

Зарур аст таъкид намоем, ки бори аввал масъалаи мазкур дар афкори ҷамъиятии аҳди қадими юнонӣ ва аҳди бостону асримиёнагии тоҷику форс мавриди баррасии амиқ қарор гирифта буд. Масалан, дар зардуштия омадааст: «моҳияти зиндагӣ аз он иборат аст, ки дар фаъолияти рӯзмарра сифатҳои инфиродӣ ошкор карда шуда, ибтикор зоҳир гардад. Фаъолияти хайрхоҳона, шавқу рағбат, ҷӯшу хурӯш бояд барои зуҳури сифатҳои нек ва матлуб, ки дар ботини ҳар фард нуҳуфтаанд, равона гарданд.

Раванди идрок, ки боиси ба даст овардани таҷриба, малака, донишҳои нав дар бораи муҳити атроф мегардад, ба бознигарии худ, ба худшиносии табиат, кайҳон, Худо шабоҳат дорад. Ворид шудан ба асрори ин ё он унсур ва падида, маънои барқарор намудани робитаҳои ҳасанаро

дорад. Ҳарчанд инсон раванди рушди умумии табиату кайҳонро халалдор карда, ба умқи асрори Коинот ворид гардад, ба ҳамон андоза заминаи зиндагӣ ва неъматҳои моддиро афзоиш медиҳад. Бар мабнои ахлоқи зардуштӣ арзишҳои салоса – пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек меистад, ки ғояи асосии тамоми Авасто мебошад» [72, с.348-349].

Зардуштия ҳамчун таълимоти динӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва махсусан ахлоқӣ дар ташаккули фарҳангу ҷаҳонбинии мардуми форсу тоҷик таъсири мусбат гузошта, аз таърихи куҳан ва бузурги аҷдодони мо дарак медиҳад. Ҷанбаҳои ахлоқии зардуштия дар таҳкими арзишҳои ахлоқӣ оғоз аз даврони қадим то кунун дар тарбияи насли мардумон таъсиргузор буда, арзиши худро гум накардаанд ва омӯзишу татбиқи арзишҳои ахлоқӣ барои насли имрӯза низ аз аҳаммият холӣ нест.

Агар зардуштия аз нахустин динҳои яккахудоӣ маҳсуб шавад, пас дар ҷанбаи ахлоқии он санавият ба мушоҳида расида, мубориза байни қувваҳои хайр ва шарр, некию бадӣ сурат мегирад. «Мувофиқи хусусияти ахлоқии таълимоти зардуштия меҳвари асосии шаклбандии ахлоқӣ ин «хумата, хухта, хваршта» ба ҳисоб мераванд, ки ҳосили маънои он «гуфтори нек, пиндори нек ва кирдори нек» буда, тамоми шаклгирии ахлоқӣ дар таълимот маҳз дар пояи ин устура ё қолаб қарор гирифтааст. Дар муқобили онҳо «дуҷмата, дуҷухта, дуҷваршта» қарор доранд, ки маънои «гуфтори зишт, пиндори зишт ва кирдори зишт» [12, с.19]-ро ифода мекунанд. Маҳз вобаста ба аъмоли нек ва ё зишт инсон ояндаи худро мушаххас хоҳад кард. Ба ин хотир, одамон дар тӯли ҳаёти дунявии худ бояд кӯшиш намояд, ки аз гуфтор, қалб ва рафтори нек истифода намояд, то сифатҳои некӣ бар бадӣ дар ӯ бартарӣ дошта бошанд. Ҳадафи асосии зиндагии инсон низ дар таълимоти зардуштия ин ҳамоҳангӣ бо Аҳурамаздо дар мубориза бар зидди Аҳриман мебошад. Дар ин мубориза инсон бояд фаъол бошад, чун ғайрифаъол будан, алоқаманд бо кирдори дурӯғ аст, ки он ба Друҷ (ифодакунандаи дурӯғу бадӣ) рабт дорад.

Аз ин рӯ, дар таълимоти зардуштия перомуни бисёр арзишҳои

ахлоқӣ, махсусан ба некӣ ва бадӣ, ростгӯй ва дурӯғ ва ғайра маълумот дода шудааст. Мувофиқи таълимоти зардуштия Худованд ростию росткориро талқин намудааст ва инсонҳо дар раванди ҳаёти худ мустақилона аз ду роҳе, ки пешниҳод гаштааст: ростӣ ва дурӯғ якеро интихоб мекунанд. Чунончи «Омӯзишҳое, ки Худои бахшанда аз роҳи Ростӣ меомӯзонад, барои касе, ки дармеёбад, беҳтарин оин аст. Ӯ фарзонаи пешравандаест, ки монанди ту, эй Доно, аз хираде, ки Маниши нек арзонӣ медорад, омӯзишҳои жарфро дармеёбад» [45, с.64]. Яъне дар таълимоти зардуштия интихоби роҳи ростӣ ё дурӯғ, кори хайр ё шарр ба ихтиёри худи шахс вогузор шудааст.

Ин далел бар он аст, ки инсон соҳиби озодии ирода буда, он дар таълимоти зардуштия комилан мушаххас нишон дода шудааст ва ҳар шахс вобаста ба дарк ва тарбияи худ роҳеро барои худ дуруст шуморида, онро интихоб мекунад. Тасдиқи ин фикрро дар «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров низ мушоҳида намудан мумкин аст: «Нақши инсон дар зардуштия аз рӯйи консепсияи оид ба иродаи озод, ки дар «Готҳо»-и Зардушт асоснок шудааст, муайян мегардад. Инсон некӣ ва бадиро худ интихоб менамояд ва амалиёти ӯ дар рафти муборизаи ҷаҳонии мабдаъҳои неку бад аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Роҳи некиро дини поки ба замин овардаи пайғамбар – Зардушт нишон медиҳад» [52, с.85].

Дар интихоб шахс комилан соҳибихтиёр мебошад ва сатҳи савод, тарбия ва дарки маърифати ӯ нақши муҳимро анҷом медиҳад. Дар раванди ҳаёти дунявӣ ихтиёр намудани ҷониби ростию некӣ ё бадию дурӯғ аз интихоби бевоситаи инсон вобаста аст. Аз ин рӯ, шахс роҳи нек ва бадро бояд дуруст интихоб кунад ва фаромӯш накунад, ки Аҳуро Маздо интихобкунандагони роҳи некро меписандад. Ин мавзуъ дар Авасто возеҳ омадааст: «Бишнавед бо гӯшҳо [и хеш] беҳтарин [суханон]-ро ва бубинед бо маниши равшан ва ҳар як аз шумо – чӣ мард, чӣ зан, пеш аз он ки рӯйдоди бузург ба коми мо поён гардад, аз миёни ду роҳ [якеро] барои хештан

баргузинед ва ин [паём]-ро [ба дигарон] биомӯзед.

Дар оғоз он ду Менуи ҳамзод ва дар андешаву гуфтору кирдор [яке] нек ва [дигаре] бад бо якдигар сухан гуфтанд. Аз он ду некогоҳон ростро баргузиданд на дужогоҳон» [13, с.64]. Яъне дар зардуштия категорияи «некӣ» ва интихоби он маънои наҷоти инсон аз гумроҳӣ, роҳгумзадагӣ ва ҷаҳолат мебошад. Мувофиқи таълимоти зардуштия агар аз як тараф ба инсон озодии интихоб дода шуда бошад, аз тарафи дигар, вобаста ба интихоби кардаи инсон бояд ногузир подошашро интизор бошад.

Агар инсон амали нек ва ростиро интихоб карда бошад подоши некиро мегирад ва дар сурати ба кори бад ва дурӯғ даст задан, аз тарафи Худо ба ӯ ҳатман ҷазо муқаррар мегардад. Яъне, фирор аз подош вобаста ба аъмоли мусбат ва манфӣ будани он номумкин аст, чун ин подошро ба инсон Худованд муайян кардааст. Аз ин рӯ, одамон бояд амалҳои неку ростиро анҷом диҳанд, вагарна бо амри Яздон ҳатман муҷозот хоҳанд шуд.

Яъне, дар зардуштия инсон барои амалаш ҳатман подош мегирад ва ин аз он вобастагӣ дорад, ки инсонҳо дар раванди ҳаёти хеш ба кадом роҳ рафтаанд, яъне онҳо роҳи рост ва некӣ ва ё роҳи бад ва дурӯғро пеша кардаанд. Аз ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки дар баробари ихтиёри ирода масъалаи тақдирро набояд фаромӯш кард. Дар зардуштия тақдир низ эътироф карда мешавад, аммо тақдир он муқаррароте нест, ки инсонҳо бевосита ба он итоат намоянд. Маҳз озодӣ ва ихтиёри ирода ба одамон имконият медиҳад, ки онҳо дар интихоб ва раванди ҳаёти дунявӣ соҳибихтиёр бошанд.

Агар инсон ба тарафи бадӣ, дурӯғ ва амалишавии он ворид гардад, пас дурӯғ инсонро аз асли ӯ дур мекунад ва метавонад, ки ӯро ба бадбахтиҳо гирифтор кунад.

Чуноне дар «Готҳо» омадааст: «Эй мардону эй занон, дар ин ҷаҳон ин рост аст, ки дурӯғ дилрабо вменамояд, вале ин ҳам рост аст, ки он шуморо аз хештан дур мегардонад. Анҷоми он бадномӣ ва нооромист. Он шодии дурӯғкоронро табоҳ месозад. Он ростиро мешиканад. Бо чунин корҳост, ки

шумо зиндагонии минуиро барбод медиҳед» [45, с.79]. Дар таълимоти зардуштия инсонҳоро ҳушдор медиҳад, ки барои манфиатҳои муваққатӣ, ба хотири хушнудиҳои яклаҳзаина ва фиреби дигарон ба роҳи дурӯғ пой нагузоред, чун агар дар як марҳала аз дурӯғу фиребгарӣ чизе ба даст оварда бошед, худро фиреб накунед, чун амали манфӣ фош мешавад ва инсонҳо аз шумо рӯ мегардонанд ва дигар ба суханону амалҳои шумо эътимод намекунанд. Дар баробари он, ки инсон дар назди одамон обрӯю эътибори худро аз даст медиҳад, амали дурӯғ боис мегардад, ки натиҷаи бади он дар дунёи дигар низ ба инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Амали зишт инсонро ҳеҷ гоҳ ба зинаҳои баланд намебарад ва зина ба зина ба мақоми шахс дар ҷомеа латма ворид мекунад. Амалҳои зишт чунин хусусиятҳо доранд, ки одамон ба зудӣ аз онҳо вобастагӣ пайдо мекунанд ва барои аз онҳо дур шудан иродаи қавӣ лозим мешавад, ки аз он на ҳар инсон бархурдор аст. Одами дурӯғгӯ ҳеҷ гоҳ соҳиби иродаи қавӣ нест ва заифиаш дар он зуҳур мегардад, ки ба роҳи нодуруст рафтааст. Барои ба роҳи ростӣ ва дуруст қадам мондан ба мавқеи устувор ва ақли солим бартарӣ медиҳад ва аз ин хотир Аҳуромаздо ба одамон ақл додааст, то дар раванди ҳаёти худ аз он дуруст истифода намоянд ва дар интихоби худ байни неку бад ва ростиву дурӯғ тафовут гузошта, дар ҷониби ростӣ қарор бигиранд.

Барои тира намудани ақли одамон Аҳриман кӯшишҳои бади худро ҳама вақт амалӣ мекунад ва дар ин амалҳои худ ҳатто ба натоиҷе мерасад, чун гурӯҳи одамон воқеан аз ақли солим дур мешаванд ва дар зиндагии худ ба корҳои зишту дурӯғ даст мезананд, ки ин амалҳои онҳо натиҷаи кӯшишҳои Аҳриман мебошад.

Барои дурӣ ҷустан аз ғуломии дасисаҳои Аҳриман, одамон бояд роҳи ростиро интихоб намуда, аз роҳи каҷ изтизҳор кунанд. Албатта, дар ибтидо Аҳуромаздо ба одамон хусусиятҳо ё неруҳои ботиниеро ато намудааст, ки инсон агар аз онҳо дуруст истифода намояд дар раванди

ҳаёти худ ҳеҷ гоҳ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ нахоҳад шуд.

Чӣ тавре зикр гардид, дар таърихи афкори иҷтимоӣ-фалсафӣ, дар масъалаи зарурати ҳар навъ мутобиқ сохтани ахлоқ ба мақсадҳои сиёсӣ, андешаҳои Н.Макиавелли мақоми хос доранд, гарчи ӯ бовар дошт, ки сиёсат бо ахлоқ ҳеҷ гоҳ мувофиқат надоранд. Ба ақидаи ӯ, ахлоқи ҳокимияти давлатӣ ҳамеша аз ахлоқи шахси алоҳида тафовут дорад. Ходими давлатӣ, ки барои ҳифзи ҳокимияти худ саъй мекунад, шояд накукор набошад, вале амалҳои ӯ баҳри афзун кардани иқтидор ва қудрати давлат ҳақ шумурда мешаванд. Ҳамзамон якеро мукофот ва дигареро муҷозот дода, вай бояд маҳорат дошта бошад худро дар назди аксарият хайрхоҳ ҷилва диҳад.

Бархурди меъёрии аз ҷониби намояндагони маорифпарварони аврупоӣ пешниҳод гардида, муносибати макиавелчигиро, ки мехост ахлоқро ба мақсадҳои сиёсӣ мутобиқ созад, зери интиқоди шадид гирифта буд. Дар ин робита бамаврид мебуд ба таълимоти Ж.-Ж. Руссо (1721-1778) рӯ овард, ки бар усули ягонагии меъёр ва қоидаҳои ахлоқӣ ва сиёсии рафтор таъкид мекард: «Гузариш аз ҳолати табиӣ ба ҳолати шаҳрвандӣ дар ботини инсон тағйироти назаррасро ба вуҷуд меорад, дар рафтори ӯ одатро ба адолат иваз мекунад ва ба амалҳои ӯ хислати маънавӣ, ки қаблан аз он маҳрум буданд, медиҳад. Танҳо замоне ки садои масъулият майли шаҳвонӣ, ҳуқуқ бошад майлу рағбатро иваз намуд, инсоне, ки то ин лаҳза бо худкифоӣ қаноат мекард, маҷбур гардид мутобиқ ба усулҳои дигар амал намояд, бо шуури худ созгор гардад, қабл аз он ки аз пайи майлу ҳаваси худ равад.

Гарчи инсон худро дар ин ҳолат аз бештари бартариҳои аз табиат гирифта маҳрум месозад, вай дар баробари ин бартарии зиёд пайдо мекунад; қобилият ва малакаҳои вай такмил ёфта рушд менамоянд, таассуроти вай васеъ мегардад, эҳсосоти хушахлоқии вай нумуъ ёфта, руҳи вай то ҳадде воло мегардад, ки агар гумроҳӣ дар аксар маврид ӯро ба ҳолати аз ин пасттар, ки аз он берун рафта буд, бирасонад ҳам, пас вай ин

лаҳзаи некро шукргузорӣ менамояд, зеро ӯро аз ин ҳолат барои ҳамешагӣ раҳо карда, аз махлуқи бефаросат ва каммаърифат, мавҷуди боақл – инсон халқ намуд» [129, с.151].

Ж.-Ж. Руссо ходимони давлатиеро, ки аз мавқеи «мақсад муҳим аст, на восита» баромад намуда, ба зарурати инкор намудани арзишҳои ахлоқӣ аз тарафи ҳокимон дар лаҳзаҳои тақдирсози давлат таъкид менамуданд, интиқод менамуд. Ж.-Ж. Руссо муҳимтарин хислати ходими далатиро адолатпарварӣ, поквичдонӣ ва маҳорати аз будаш зиёд баҳо надодани имкониятҳои худ медонист.

Агар ходими давлатӣ зарурати муқоиса намудани кирдори худ бо арзишҳои ахлоқӣ, ки мақсади он маҳдуд сохтани худсарӣ аст, сарфи назар намояд, пас ҷомеа ба рукуд ва карахтӣ дучор меояд. Жан-Жак Руссо роҳи берун рафтан аз ин вазъиятро дар тобеъ намудани ҳама афрод ба меъёр ва қонунҳои ахлоқӣ медид: «Бар илова аз он ки дар бораи дастовардҳои инсон дар ҳолати шаҳрвандӣ гуфта шуд, метавон бар озодии ахлоқӣ таъкид кард, ки инсонро дарвоқеъ соҳиби худ мегардонад; зеро таҳти таъсири майлу рағбати худ амал кардан ғуломӣ аст, вале тобеи қонуне, ки худ барои худ муқаррар намудаӣ, озодӣ аст» [129, с.152].

Мавзуи бо меъёрҳои ахлоқ ва қонун маҳдуд сохтани фаъолияти сиёсӣ дар таълимоти Ш.Монтескйе (1689-1755) мақоми хос дорад. Ӯ иброз медошт, ки озодии сиёсии эҳтимолӣ ҳеҷ гоҳ маънои содир кардани хостаҳои худро надорад, баръакс, вай бо риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ ва қонунӣ бояд амалӣ гардад: «Чӣ тавре барои ҷумҳурӣ роҳбари хайрхоҳ ва барои мутлақият шараф зарур аст, ҳамин гуна, барои ҳукумати истибдодӣ тарсу ҳарос лозим аст. Ин ҳукумат ба роҳбари хайрхоҳ муҳтоҷ нест, шараф бошад барои он хатар дорад» [97, с.178]. Мутобиқи таълимоти Монтескйе таъмини самараноки бартарии меъёрҳои ахлоқӣ дар танзими фаъолияти сиёсӣ танҳо бар асоси қонун имконпазир аст.

Бархурди меъёрӣ дар баррасии фаъолияти сиёсӣ дар таълимоти

И.Кант равшан ба назар мерасад. Дар таълимоти мутафаккир андешаҳо дар бораи табиати танзимкунандаҳои иҷтимоӣ, бояду шояд дар равобити ҷамъиятӣ ва умуман дар бораи фаъолияти инсон, аз ҷумла, фаъолияти сиёсӣ мақоми хос доранд. Вай ақида дошт, ки инсон новобаста аз вуҷуд доштани қонуни маънавӣ дар шуури ҳар фарди боақл, метавонад бо ихтиёри худ бар хилофи қонуни маънавӣ амал намояд.

Ин амалҳо дар ҳолати зуҳури худсарӣ ва зулму истибдод дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ метавонанд зиёновар бошанд, барои ҳамин ҳам, бо роҳи қабул ва нашри қонунҳо ин ҳолат бояд пешгирӣ гардад. Зарур аст, ки худсарии фард аз тарафи ҷомеа дар ҳудудҳои муайян бо мақсади пешгирӣ ва поймол накардани ҳуқуқҳои дигарон, маҳдуд карда шавад: «Зоҳиран чунин рафтор намоед, ки озодона зоҳир гардидани худсарии ту бо озодии ҳар фарди дигар мутобиқ ба қонунҳои умумӣ созгор бошад» [79, с.140]. Ин чунин маъно дорад, ки меъёрҳои ахлоқӣ дар шуури инсон ҷой дошта, ҳангоми содир намудани дилхоҳ фаъолияти ҷамъиятӣ мадди назар гирифта шаванд. Дар ин ҳолат, бояд инсон ҳамеша аз қоидаҳои зерин пайравӣ намояд: «Танҳо мутобиқи одобе амал намо, ки онро роҳнамои худ намуда, ҳамзамон хоҳиши ба қонуни муошрати умум табдил ёфтани он бошӣ [78, с.260].

Бар асоси таълимотҳои иҷтимоӣ-фалсафии қаблан баррасӣ гардида, дар бораи асосҳо ва афзалиятҳои танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ, зарур медонем ба моҳият ва мазмуни мафҳумҳои «танзими ахлоқӣ» ва «танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ» таваҷҷуҳ намоем.

Тавре маълум аст, дар фалсафаи иҷтимоӣ ахлоқ натанҳо ҳамчун илми соҳаи арзёбии рафтори инсон бар асоси арзишҳои некӣ ва бадӣ, балки ҳамчун шакли хосси шуури иҷтимоӣ баррасӣ мегардад, ки тамоми ҳаёти иҷтимоиро муайян менамояд. Аз ин ҷо, сифат ва мазмуни раванди ташаккул ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, муносибатҳои сиёсӣ, дар алоқамандӣ ва бо дар назардошти меъёр ва мақсадҳои ахлоқӣ,

мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо меъёрҳо, арзишҳо ва дастурҳои ахлоқӣ ҷузъи танзимкунандаи ахлоқ мебошад. Дар мавриди вазифаи танзимкунандаи ахлоқ ҳарф зада, мо бояд ҳамин тақсимбандӣ, яъне вазифаи танзимкунандаи қонун нисбат ба фаъолияти сиёсиро дар мадди назар дошта бошем.

Ин бархурд ба яке аз масъалаҳои муҳимми фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони муосир камтар омӯхта шудааст, низ дахл дорад, гарчӣ зарурати ба назар гирифтани чунин тақсимбандиро мо дар таълимоти Монтескйе дучор меоем. Мутобиқи ин ақида, нишондодҳои ахлоқӣ асосан ба афкор, арзёбӣ, эътиқодҳои ҷамъиятӣ, ормонҳои некиву бадӣ, адолат ва беадолатӣ ва ғайра асос меёбанд. Барои ҳамин, аз тарафи иштирокчии ҳаёти ҷамъиятӣ риоя нагардидани қоидаҳои ахлоқӣ боиси муҷозот ва дигар чораҳои таъқибкунӣ намегарданд. Онҳо ба ин ва ё он талабот ва мақсадҳои матлуби ҷамъиятӣ муроҷиат менамоянд.

Ин масъала дар шакли муфассал дар асари Э.Дюркгейм (1858-1917) «Таърифи омилҳои ахлоқӣ» арзёбӣ гардида аст. Вай таъкид менамояд: «Ман нагуфтам, ки эътибори ахлоқии ҷомеа аз нақши қонунгузории ахлоқии ӯ бармеояд, зеро ин бемаънӣ мебуд. Ман фикри баръакси онро гуфтам, маҳз ин ки, он бояд нақши қонунгузориро бозад, зеро дар назди мо эътибори устувори ахлоқӣ дорад. Таъбири «эътибори ахлоқӣ» ба ифодаи «эътибори ахлоқӣ», афзалияти ҷисмонӣ муқобил меистад. Эътибори ахлоқӣ – воқеияти равонӣ, дарк аст, хеле баланд ва васеъ, назар ба мо; мо дарк менамоем, ки шуури мо аз он вобаста аст» [58, с.63].

Ҳамин тариқ, ба ақидаи Э.Дюркгейм, ахлоқ ҷанбаи объективӣ ва субъективӣ дорад. Дар ҳар давра ҳар миллат арзишҳои муайяни ахлоқӣ дорад, ки ба онҳо такя намуда, ниҳодҳои шаҳрвандӣ ҳукми худро содир менамоянд. Бинобар ин, ба ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ, мутобиқ ба ҷаҳонбинии онҳо ахлоқи муайян хос аст.

Ба ин нигоҳ накарда, онҳо ба амалӣ гардидани меъёрҳои

умумиэътирофшудаи ахлоқӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд, садди роҳ намешаванд: «Дар асл, ҳар фард, ҳар шуури ахлоқӣ ба таври хос ахлоқи умумиро ифода менамояд; ҳар фард онро дарк менамояд, аз нуқтаи назари гуногун ба он муносибат мекунад; ҳеҷ як шуур, эҳтимол меравад, комилан ба ахлоқи замони худ пурра мутобиқ набуда, метавон гуфт дар баъзе муносибатҳо шуури ахлоқӣ, ки баъзе ҷанбаҳои он бадахлоқона набошанд, вуҷуд надорад. Ҳар як шуур таҳти таъсири муҳит, тарбия, ирсият ба қоидаҳои ахлоқӣ ба назари худ менигарад» [58, с.30].

Барои Э.Дюркгейм ҷанбаи объективии ахлоқ аҳаммияти хос дорад, зеро танҳо он роҳнамо барои арзёбии амал мебошад. Аз ин рӯ: «Ахлоқ ҳамчун ҷамъи одоб ва қоидаҳои рафтор ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, қоидаҳои берун аз ахлоқ вуҷуд доранд, ки тарзи муайяни рафторро ба мо нишон медиҳанд. Ҳама амалҳои манфиатпарастона бо низоми қоидаҳои мушобеҳ танзим мегарданд» [58, с.32].

Дар тафовут аз танзими ахлоқӣ, ки сабаби он дарки инфиродии қарзи виҷдон ва масъулият дар назди ҷомеа ва дигар аъзои он аст, танзими ҳуқуқии рафтори сиёсӣ ба истифодаи чораҳои ҳуқуқӣ такя намуда, хислати зарурии иҷборӣ дорад. Барои ҳамин, барои амалӣ намудани механизмҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти сиёсӣ ниҳодҳои хосси расмӣ ташкил дода мешаванд, ки вазифаи онҳо татбиқ намудани ин меъёр ва қоидаҳо мебошад. Барои риоя нагардидани ин меъёр ва қоидаҳо чораҳои ҳатмии ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд ва барои ҳамин онҳо нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ камтар вайрон мешаванд. Риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ дар ҳар ҷомеа боиси маҳкум гардидан аз тарафи афкори ҷамъиятӣ ва аъзои дигари ҷомеа ва ғайра мегардад.

Бо вуҷуди ин, гуфтаҳои боло маънои онро надоранд, ки низомҳои сиёсӣ дар бораи пайравӣ кардани аъзои онҳо аз меъёрҳои шоистаи ахлоқӣ дар амалҳои худ ғамхорӣ зоҳир наменамоянд. Аз сатҳи ба назар гирифтани меъёрҳои ахлоқӣ дар робитаҳои мутақобилаи байни одамон суботи ҳаёти

иҷтимоӣ вобаста мебошад. Барои ҳамин, низоми сиёсӣ бештар ба он диққат медиҳад, ки шаҳрвандон то кадом андоза арзишҳои баланди ахлоқиро аз бар намудаанд ва вобаста ба дарки дурусти онҳо дар мавридҳои зарурӣ чӣ хел амал мекунанд.

Ниҳоди муҳимми амалӣ намудани вазифаҳои низоми сиёсӣ сохтори маориф мебошад. Бар илова аз низоми маориф, барои боло бурдани сатҳи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ ибрати инфиродии тарбиявии шахс ҳамчун ҳадафи таъсири сиёсӣ нақши калон мебозад. Ба назар мерасад, ки ибрати шахсӣ барои татбиқ дар ҷомеаи Тоҷикистон имконияти бештар дорад, чунки дар он арзишҳои анъанавӣ аз инсон баҳри риояи меъёрҳои рафтори матлуби ҷомеа масъулиятро талаб менамоянд.

Ин ақидаро мутобиқ ба ҷомеаи анъанавӣ мутафаккири аҳди қадими Чин Конфутсий (551-479 т.м.) иброз намуда буд. Ӯ намунаи тарбияи ҳокимро шабеҳи рафтори волои ахлоқии падар нисбат ба дигар аъзои оила медонист. Ба саволи Тсзи Кан-Тсзи дар бораи ҳукмфармоӣ мутафаккир чунин посух дода буд: «Ҳукмфармоӣ – худ тасҳеҳ аст. Агар шумо барои дигарон намунаи ибрати росткорӣ нишон диҳед, пас кӣ метавонад худро ростқавл нишон надиҳад?» [83, с.187].

Конфутсий гуфта буд: «Агар худи ҳоким боадаб бошад, пас мардум беамру фармон (он чи зарур аст) иҷро мекунад, вале агар худи ҳоким дурустрафтор набошад, пас, агар ҳатто ӯ амр диҳад ҳам, ӯро фармонбардорӣ намекунанд» [83, с.195].

Мутафаккир таъкид намуда буд: «Агар ҳокиме, ки саршор аз дарки қонуният бошад, пас аз сипарӣ гардидани як аср (як насл) башардӯстӣ барқарор мегардид» [83, с.198]. Дар ин маврид то ҳол чунин суханони Конфутсий садо медиҳанд: «Агар шахсе ислоҳ гардад, пас кадом мушкилӣ дар роҳи ширкат дар идора вуҷуд дошта метавонад? Вале агар шахсе қодир ба ислоҳшавии худ нест, пас чӣ гуна метавонад дигаронро ислоҳ созад?» [83, с.198].

Бояд тазаккур намуд, ки дар қаринаи масъалаи мазкур, барои дарки амиқи раванди робитаи мутақобилаи сиёсат ва ахлоқ, қабл аз ҳама, зарур аст ба он таваҷҷуҳ намоем, ки гарчи онҳо танзимкунандаи рафтори инсонҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошанд, дар баробари ин, онҳо ба ниҳодҳо ва шаклҳои мустақили шуури ҷамъиятӣ тааллуқ доранд. Ин чунин маъно дорад, ки амали онҳо мутобиқ ба қонун ва қоидаҳои ба худ хос мегузарад. Дар аксар маврид, ҳангоми муайян кардани ин хусусиятҳо ба ҷанбаҳои зерин таваҷҷуҳ менамоянд:

- сиёсат ба қувва, маҷбурсозӣ, зӯроварӣ такя менамояду ахлоқ бошад асосан ба инсофу қарзи виҷдон, ки инсонро ба накукорӣ, садоқат, поквиҷдонӣ ва ғайра ҳидоят менамоянд;

- сиёсат асосан хислати маҳдуд дошта, меъёрҳои ахлоқӣ хислати умумӣ доранд, зеро ахлоқ нисбат ба сиёсат, ки бо барпо гардидани давлатдорӣ пайдо гардида аст, қадимтар аст;

- талаботи ахлоқ ҳамеша хислати ормонӣ (хаёлӣ) дорад ва комилан ба онҳо комёб шуда, онҳоро пурра амалӣ намудан ғайриимкон аст.

Дар тафовут аз ахлоқ, талаботи сиёсат дар амру дастурҳои расмӣ, қонун, фармонҳо, эъломияҳо ва ғайра, ки амали ҳатмӣ доранд, шакл мегиранд.

Вазифаи танзимкунандаи ахлоқ дар дилхоҳ ҷомеа ба таври гуногун, вобаста ба шароити зиндагии инсонҳо, таҷрибаи андӯхта, сатҳи умумии ахлоқи аъзои ҷомеа, таҷрибаи таърихии ташаккулёфтаи робитаи мутақобили одамон, давлат ва ғайра амалӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки ин анъанаҳо ба тарзи нав дар шуури одамон дарк ва густариш ёбанд. Танҳо дар ин сурат, анъанаҳои мазкур дар танзими ахлоқии рафтори одамон нақш дошта метавонанд.

Ба эътибор нагирифтани ин ҳолат ба зиддият ва низоъҳо дар равандҳое, ки моҳияти ҳаёти ҷомеаро дар марҳалаҳои тақдирсози он муайян менамоянд, оварда мерасонад. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки дар

аксар маврид дар чунин марҳалаҳо арзишҳои анъанавӣ моҳияти амалӣ ва ҳаётии худро гум карда, ғояҳои матлуби нави некӯкорӣ ва адолатпарварӣ ҳанӯз дар шуури ҷамъиятӣ реша нагирифтаанд. Чунин давраи тақдирсози ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон ба солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ рост омада буд. Минбаъд қонунҳои нав қабул гардида, барои ба шуур ва рафтори сиёсӣ ҷой гирифтан, роҳ ёфтани меъёр ва қоидаҳои ба анъанаҳои миллӣ асосёфта, дар ҳаёти ҷомеа замина фароҳам сохтанд.

Дар робита ба ин, хотирасон намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба маврид мебошад. Перомуни қонуни аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуда буд: «Дар ҳамаи зинаҳои таълиму тарбия ва такмили ахлоқу маънавият масъулияти асосӣ бар дӯши падару модар аст. Зеро падару модар дар саргаҳи ташаккули андешаву эҳсос ва рушди ҷаҳонбинии кӯдак қарор доранд, фарзандон дунёро бо чашму дили онҳо мебинанду мешиносанд ва муносибати худро ба олами атроф, қабл аз ҳама, аз дидгоҳи падару модар муайян мекунанд» [9]. Чунин ҳолат натанҳо ҳисси меҳри фарзандии ҷавонро ба волидайн устувор месозад, балки сатҳи одобу ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқии сиёсатро боло мебарад.

Ба ҷанбаи маънавии меъёрҳои ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар таълимоти муосири ахлоқӣ аҳаммияти калон медиҳанд, зеро: «Аввал, ин пешниҳод кардани барномаи муайяни меъёрӣ мебошад, ки он дарвоқеъ ифодаи дурусти ахлоқ аст. Меъёри ахлоқӣ собит месозад, ки арзишҳо ва усулҳои ба он дохилшуда нисбат ба арзишҳо ва усулҳои ғайриахлоқӣ объективӣ, умумӣ ва афзалиятдошта мебошанд. Дувум, ин маънои барқарор гардидани ҳамоҳангии мутақобилаи талаботҳои инфиродии ба барномаи меъёрии пешниҳодгардида воридшуда мебошад.

Чунин ҳамоҳангӣ низоъҳои меъёриро аз байн бурда, ҳамзамон имкон медиҳад бо танзими ахлоқӣ он соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, ки берун аз чорчӯбаи дарки ибтидоӣ ва муқаддамотии ин барномаи меъёрӣ монда буданд, фаро гирифта шаванд» [324].

Барои бартараф сохтани низоъҳои меъёрӣ дар раванди танзими ахлоқии рафторҳо, ҳамоҳангсозии гурӯҳҳо ва умумиятҳои иҷтимоӣ истинод ба арзишҳои маънавӣ аҳаммияти калон пайдо мекунанд. Олими тоҷик С.С. Ятимов ин масъаларо дар қаринаи рақобатҳои идеологӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик баррасӣ намуда, қайд менамояд: «Худи идеяҳо ҳамчун маҳсули тафаккур бар асоси эҳсосот, фаҳмишҳо ва тасаввурот ва ҳамчунин дар асоси тафаккури мантиқӣ ба вуҷуд меоянд. Маҳз идеяҳо дар раванди рушди инсонӣ нақши калидӣ мебозанд. Пайдо намудани идеяҳо ба ҳамагон хос нест, ки баъзеҳо ба чунин фикранд» [171, с.51-52].

Дар тобишҳои гуногуни робитаҳои шахсии ҳаёти гуногунранги инфиродӣ ахлоқ танзимкунандаи комилан дуруст мебошад. Аз он ҷо ки мувофиқати ҳар воқеаи ҷудогона бо гурӯҳи калони ҷамъиятӣ ва манфиатҳои миллӣ дар шароити осоишта он қадар мустақим нест, робитаи онҳо мутобиқ ба шароитҳои мушаххас бештар амиқ мегарданд.

Робита ва мухолифати сифатҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ дар фаъолияти сиёсии ашхос инъикосгари мухолифат байни ахлоқ ва сиёсати табақа ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ (бо ташкилоти сиёсии онҳо) дар шароити мушаххаси таърихӣ мебошад. Вобаста ба шароит, як идда сифатҳои ахлоқӣ ба осонӣ ташаккул ёфта, метавонанд барои дастовардҳои сиёсии ходими муайян бошанд, вале ҳамзамон сифатҳои дигар бо мушкилӣ ташаккул ёфта, бевосита комёбии сиёсиро таъмин накунанд.

Мутобиқ ба мансубияти сиёсатмадор ба табақа ва ташкилоти сиёсӣ, шароите, ки дар он фаъолият менамояд ва сатҳи фишори демократия ба вай, сиёсат дар баъзе маврид метавонад ба ҳиссиёти ахлоқии сиёсатмадор зарар расонад, дар мавридҳои дигар бошад, барои рушди ахлоқиаш мусоидат намуда, меъёрҳои ахлоқии ӯро такмил диҳад. Хусусан вобаста ба

мақсадҳо, воситаҳо ва амалияи гурӯҳ ва ташкилоти муайян, қоидаҳои ахлоқии ба рафтори сиёсатмадорон таъсиргузор, метавонанд то андозае ба талаботи ахлоқии онҳо мутобиқат ва ё мухолифат намоянд. Робитаи мутақобилаи байни ахлоқ ва сиёсат, байни амалҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ, аз вижагиҳои сохтори ҷомеа вобаста мебошад, аз он ки дар ҷомеа таҳаввулот ба таври осоишта ва тадриҷӣ ба амал меоянд ва ё ҷомеа дар вазъи изтирорӣ қарор дошта, тағйиротҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дар вазъияти буҳронӣ ба амал омада, зарурати истиқрор ва ҳимояи усулҳои бунёдии иҷтимоиро тақозо менамоянд.

Ҳамин тавр, ба ахлоқ рӯ овардани сиёсат маънои таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои соҳаи сиёсӣ ва афзоиши истифодаи ахлоқ барои фаҳмонидани мақсадҳои сиёсат ва ҳалли мушкилиҳои сиёсиро надорад, гарчи ин амал дар ин марҳалаи таърихӣ барои гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Сиёсишавии ахлоқ маънои ҷорӣ намудани усул ва меъёрҳои сиёсӣ барои танзими муносибатҳои байни одамон, ҳамчунин, байни гурӯҳҳо ва афроди алоҳида бо роҳи иваз намудани ахлоқ бо сиёсатро дорад. Дар соҳаҳое, ки ахлоқ бояд нақши нисбатан мустақилро бозад, вай бо сиёсат ҳаммонанд мешавад ва ё таъсири он бо ҳолатҳои хатарнадошта ва бо сиёсат зиддият пайдонакарда, маҳдуд мегардад. Чунин шакли сиёсишавӣ ба давраи инқилобҳо ва таҳаввулоти бузурги иҷтимоӣ хос аст, дар шароите, ки инсони алоҳида бо зарурати иштирок дар мубориза барои ҳаёту мамот, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои умумии табақа ва миллат, дучор мегардад.

Дар чунин ҳолат барои танзими ахлоқии фаъолиятҳои сиёсӣ нақши ниҳодҳои иҷтимоӣ муҳим мебошад, чун онҳо метавонанд, ки муносибатҳои сиёсиро дар ҷомеаҳои миллӣ дар пояи арзишҳои ахлоқӣ дуруст ва самаранок ба роҳ монанд.

2.2. Нақши ниҳодҳои имрӯзаи иҷтимоӣ дар танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии ҷомеаи миллӣ

Ҳар як инсон дар системаи муайяни арзишҳо, ашёҳо ва зуҳуротҳое

зиндагӣ мекунад, ки вазифадор аст барои қонеъ гардонидани талаботҳояш мусоидат намояд. Алоқамандии шахс ва арзишҳои иҷтимоӣ дар вақтҳои охир диққати муҳаққиқонро бештар дар қаринаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои бозоргонӣ ҷалб намуда истодааст. Аслан чунин тасаввур мегардад, ки аз нигоҳи мафҳумӣ арзиш тарзи зуҳури шахсиятро дар ҷомеа ифода мекунад. Зимнан арзишҳои мухталиф барои вай аҳаммияти гуногун доранд ва бо ин васила, мартабаи гуногуни арзишҳои ӯ ташаккул меёбад. Ҳамчун арзишҳо сохтори гуногунмартабаи онҳо низ аз хусусиятҳои мухталифи мушаххаси таърихӣ ва шахсӣ бармеояд.

Барои ҳамин арзишгузории шахс аз ҷаҳони ботинии ӯ вобастагӣ дошта, дар амал ва рафтори худ таҳти таъсири он фаъолият мекунад ва хусусиятҳои инсон нисбат ба он ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, ин тамоюлоти арзишӣ дар асл асосҳои тафаккур ва рафтори шахсро заминагузорӣ намуда, бевосита ба рушди минбаъдаи вай таъсир мерасонанд.

Зеро таҷрибаи рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намуд, ки ҷомеапазирии шахс дар худ азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, фаъолияти шахс ва рушди ӯро дарбар мегирад. Ормону меъёрҳо ва воситаю ҳадафҳое, ки ба сифати арзишҳои шахс баромад мекунанд, дар маҷмуъ, маҳаки амал ва рафтори инсонро ташкил медиҳанд. Дар ин маврид, яке аз соҳаҳои зуҳури фаъолияти инсони муосир, ҳаёти сиёсии ҷомеа ба шумор меравад ва аз ин мавқеъ, мо дар рисола мақсади таҳқиқи ҳаматарафаи ин масъаларо гузоштаем. Яке аз ҷанбаҳои навоварии рисола дар он аст, ки мо зуҳури фаъолияти инсонро дар шароити имрӯзаи таҳаввули ҷомеа, қабл аз ҳама ба таъсири дигаргуниҳои муҳити иҷтимоӣ медонем.

Тибқи ин ҷомеапазирии шахс, пеш аз ҳама, бо омилҳои тағйирёбии муҳити иҷтимоӣ алоқаманд аст, яъне дигаргуниҳои арзишии шахс танҳо ба тамоюлоти ихтиёрии шахсӣ вобаста набуда, балки маҳсули мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ ва рафтори амалии ӯ мебошанд. Зеро мутлақсозии арзишҳои инфиродӣ боиси шиддатёбии бегонашавии шахсият аз ҷамъият

мегардад. Таҳлили муқоисавии арзишҳои сиёсии инсони муосир аз ин нигоҳ аҳаммияти хос пайдо мекунанд.

Таҳқиқи ин масъалаҳо дар доираи таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ хеле муҳим мебошад. Зеро бо мурури вусъати таҳаввулоти иҷтимоии имрӯза дар ҳаёти сиёсии ҷомеа вазъияте ба вуҷуд омадааст, ки модел (тарҳ)-и анъанавии танзими амалҳои сиёсӣ дигар таъсирбахш нест. Ба ақидаи мо, ҳолати мавҷудбуда ба таври ҷиддӣ омӯхта нашуда, рушди тарҳҳои нави рафторҳои ҷамъиятӣ бо шароити нав дуруст баҳогузорӣ нашудааст, ки муҳиммияти онро коста мегардонад. Ин муҳиммият, бинобар вусъатёбии ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ, вақте ки гузариши гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ тавассути фазои маҷозӣ бемамониат ба муошират рамзӣ бо аъзоёни ҷомеаҳои дигар ворид мешаванд, бештар мегардад. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки мо ба фазои тамаддуни иттилоотӣ дохил мешавем ва дар он ҳудудҳои марзгузории арзишӣ худро ба тадриҷ ноустувор мегардонанд. Таҳқиқи масъала аз нигоҳи назариявию амалӣ барои илмҳои иҷтимоии мо, аз ҷумла, фалсафаи иҷтимоӣ зарур ва пуарзиш аст.

Дар илмҳои ҷамъиятшиносӣ ба ин мавзуъ муҳаққиқон дар нимаи дувуми асри XX майл намуда, бисёр илмҳои гуманитарӣ назарияҳои худро оид ба он корбаст намудаанд, ки дар замони муосир зарурат ва истифодаи онҳо боз бештар гаштаанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои гузошташуда, ҳанӯз пурра таҳқиқ нашудаанд. Пеш аз ҳама, ба таври мукаммал вижагиҳои зуҳури рафтори арзишии шахс дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, ки зимни онҳо амалҳои иҷтимоии инсон дар шароити гузариш аз як низоми иҷтимоӣ ба низоми иҷтимоии дигар хусусияти хосро ба худ касб мекунанд, таҳқиқ нагардидаанд.

Ошкорсозии хусусияти арзишии амалҳои иҷтимоии инсон дар шароити гузариш аз як низоми иҷтимоӣ ба низоми иҷтимоии дигар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи баҳси ин зербоби рисола ба шумор меравад.

Ҷомеаҳои дар марҳалаи гузариш қарордошта ҷомеаҳое мебошанд, ки дар натиҷаи таҳаввулоти гуногун ва сершумор маъмулан бо мухолифатҳо ва зиддиятҳои гуногун дар сохторҳо ва зерсохторҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дучор мешаванд. Номувофиқӣ ва рушди номуназзами унсурҳои моддӣ ва ғайримоддии фарҳанг дар чунин ҷомеаҳо, боиси сар задани монеаҳо ва мушкилот дар мутобиқшавии иҷтимоӣ гардидааст. Дар чунин ҷомеаҳо барои мутобиқшавии одамон ба муҳити атроф ва ҳамқадамӣ бо таҳаввулоти нав ва босуръат душвор ва пурихтилоф мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи рушд қарор дошта, аз ҷомеаи анъанавӣ ба сӯйи ҷомеаи муосир меравад, махсусан, дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бо таҳаввулоти босуръат ва густурда дар сохторҳои худ рӯ ба рӯ шудааст. Дар натиҷаи дигаргуниҳои босуръат ва тағйироти сохторӣ, ки дар ҷанбаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба амал меоянд, ҷомеаи мо бо мушкилоти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дучор гардидааст. Ба чунин осебпазирӣ ва таҳдидҳо бекорӣ, буҳрони ҳувият, фарсудашавии сармояи иҷтимоӣ, худкушӣ, афзоиши ҷиноятҳои ҷинсӣ, кӯдакони бепарастор, фирори мағзҳо, камбизоатӣ, равандҳои табақабандии иҷтимоӣ, нобаробарӣ ва беадолатии иҷтимоӣ, фасоди молиявию маъмурӣ, ришвахорӣ ва харидуфурӯши одамон, зӯроварӣ нисбат ба занон, талоқ, муҳоҷират ва дигар падидаҳои номатлуб дохил мешаванд.

Баҳри ташаккул ва инкишофи ҳар давлат ҳолатҳои муътадил бештар рост мегирад, аз ин рӯ, мушаххас кардани хатарҳо ва зиёнҳои мухталиф ба давлат, баррасии дурусти протсессу майлонҳои мухталифи он, хусусиятҳои тағйирёбӣ ва авлавиятбандии онҳо дар замони ҳозира ва оянда, на танҳо роҳи барномарезии миллиро ҳамвор месозад, балки боиси андешидани тадбирҳои мушаххас ва қабули қарорҳои дуруст пеш аз вуқуи ҳар гуна буҳронҳо гардида, то ҳадди имкон ҳифзи амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоиро таъмин менамояд. Дар шароите, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳамчун як кишвари дар ҳоли рушдбуда бо хусусиятҳои ахлоқӣ ва фарҳангии худ ба тартиб, тавозун, таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ ниёз дорад, пас шинохт ва муайян намудани таҳдидҳо ва осебпазириҳои иҷтимоии даҳсолаи охири аср ба унвони як кишвари дар ҳоли тавсеа бо хусусиятҳои ахлоқию фарҳангии хосси худ ниёз ба назму мувозинат ва ҳифзи амнияти миллӣ ва мавҷудияти ҳастии шинохти худ дорад. Шинохту авлавиятбандии таҳдидҳо ва осебпазириҳои иҷтимоии даҳаи охири асри ҷорӣ на танҳо шароити мусоидро барои муқовимати усулӣ ва бунёдӣ бо буҳронҳои иҷтимоӣ фароҳам меорад, балки заминаи барномарезии дарозмуддат ва дурнамои стратегиро муҳайё месозад.

Баррасӣ ва ҳалли ин мушкилотҳо бо такя аз назарияи коркардгароӣ ё функсионализм хеле муносиб аст, зеро бар асоси дидгоҳи коркардгароии сохти ҷомеа низоми аз бахшҳои ба ҳам алоқаманд дар ҳамоҳангӣ бо якдигар дар таъмини ҳифзу амният ва тавозуни иҷтимоӣ амал мекунанд. Аз манзари ин дидгоҳ ҳар ниҳоди иҷтимоӣ дар ҷомеа нақши муҳим дошта, ба ниҳодҳои дигар таъсир мегузорад. Коркардгароён барои таърифи таъсири аносири иҷтимоӣ бар ҷомеа истилоҳоти коркардгароиро ба кор мебаранд. Агар аносири иҷтимоӣ ба суботи ҷомеа кумак кунад – коркардӣ (функсионалӣ) ва агар суботи ҷомеаро халалдор намояд – нокоркардӣ (дисфунксионалӣ) номида мешавад.

Ду назарияи асосии масоили таъсири арзишҳои ахлоқӣ ба коҳиш додани осебҳо ва таҳдидҳои иҷтимоӣ аз дидгоҳи коркардагароии сохторӣ вуҷуд дорад. Дидгоҳе, ки бештар ба ҷанбаи зиддиятҳо таваҷҷуҳ дорад, бар хилофи дидгоҳи коркардгароии сохторӣ, ки ҷомеаро муташаккил аз бахшҳои мухталиф мебинад, ҷомеаро ба сурати гурӯҳҳо ва манофеи мухталиф мебинад, ки барои дастёбӣ ба қудрату манобеъ бо ҳам рақобат мекунанд. Маҳз дар заминаи ҳамин рақобатҳо эътибори арзишҳои ахлоқӣ дар рафтори ширкаткунандагони асосӣ коҳиш ёфта, манфиатҳо ҷойгоҳи муҳимро пайдо менамоянд, ки мавҷудият ва фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ

инро нишон медиҳанд.

Тарзи татбиқи баҳамравобитҳои рамзӣ дар муқобили нигоришҳои пештара тарафдори назари микросотсиология буда, назареро дастгирӣ мекунад, ки мувофиқи он обрӯ ва муҳиммият, дар ҷараёни протсесси баҳамвобастагиҳои рамзӣ ба рафтори одамон таъсиргузор буда, дар таносуб бо дигарон ташаккул меёбанд. Тасаввуре, ки инсон аз худ дорад, дар асоси мушоҳидаи он ки дигарон чӣ гуна бо ӯ бар пояи арзишҳои муайян муносибат мекунанд ва чӣ гуна дар бораи ӯ тасаввур доранд, ташаккул меёбад.

Бар асоси дидгоҳҳои матраҳшуда дар ҷомеашиносии инҳирофӣ, чорчӯбаи назарии таҳқиқ бо ҳадафи таъриф ва шинохти осебҳо ва таҳдидҳои иҷтимоии ҷомеа, асосан бар дидгоҳи коркардгароии сохторӣ (функсионализми сохторӣ) устувор аст. Тибқи ин дидгоҳ ва таърифҳои гуногуне, ки дар илмҳои иҷтимоӣ оид ба осебҳои иҷтимоӣ коркард шудаанд, ниҳодҳои масъули фарҳанги иҷтимоӣ бояд бо такя ба таҳқиқот ва додаҳои мавҷуда ба шиносоӣ ва арзёбии осебҳо ва таҳдидҳои иҷтимоии ҷомеа машғул мебошанд.

Вусъати равандаи осебҳои рафторӣ таҳти шароитҳои гуногун дар миёни ҷавонон таваҷҷуҳи коршиносони соҳаҳои мухталифи илми ҷомеашиносиро ба худ ҷалб кардааст. Бинобар ин, дар ахлоқи сиёсӣ пайдоиши ин падидаи ҷамъиятӣ ва омиле, ки метавонад заминасози он бошад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Агар оила аввалин муҳите ҳисоб шавад, ки дар он кӯдак ба воя мерасад, пас ҳамаи камбудиҳои дар он вуҷуддошта, ба монанди номуросогии волидайн, ихтилофҳои миёни тифлон, ҳис накардани муҳаббати волидайн, камиштирокӣ ё дур будани падар дар ҳаёти фарзандон, қонунро риоя накардани намояндагони оила, бадрафторӣ ва амсоли инҳо ба психологияи кӯдак таъсири манфӣ расонида, натиҷаи чунин осеб дар оянда низ др онҳо боқӣ хоҳад монд. Дар баробари ин, мушкилотҳои иқтисодӣ, камтарбиягӣ, бо кор таъмин набудан ё кори дӯстдошта надоштан, ба бисёр масъалаҳои ҷомеа, аз ҷумла

масъалаҳои сиёсӣ хунукназарӣ кардан ва амсоли инҳо низ таъсири манфии худро дар ояндаи фарзанд мегузоранд.

Раванди босуръати саноатишавии кишварҳо, густариши раванди шаҳрсозӣ ва пайдоиши ҳошиянишинии шаҳрҳо ва дар натиҷа паст гаштани сатҳи фарҳанги умумӣ ва миллӣ, инчунин маҷбуршавии мардум барои зиндагӣ дар канораҳо, бинобар вазъи душвори иҷтимоӣ-маишӣ аз ҷумлаи мушкилоти бузурги ҷомеаи имрӯза аст. Раванди босуръати шаҳрнишинӣ ва саноатишавӣ танҳо ба ҷомеаи мо хос набуда, балки ҷомеаҳои гуногунро низ ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ кардааст. Ба миён омадани мушкилотҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, қонуншиканӣ, каҷрафтории иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ниҳоятан ба буҳронҳои иҷтимоӣ табдил мешаванд ва аз ҷумлаи пайомадҳои манфӣ мебошад, ки раванди саноатишавӣ ба ҷомеаи шаҳриро ба бор меорад. Мутаассифона, ин раванд чунон бо суръати баланд сурат гирифта истодааст, ки минбаъд натиҷаҳои иҷтимоиеро ба бор меорад, ки мушкилотҳои нав ба навро эҷод намуда, барои бартарафкунии онҳо ҳатто қарорҳои ҷиддӣ низ на ҳама вақт натиҷаи мусбатро медиҳанд.

Дар таҳқиқотҳои амалигашта дар заминаи таъсири беэътиноӣ ба арзишҳои ахлоқӣ ва афзоиши сатҳи қонуншиканиҳо робитаи наздик миёни шароити номусоиди зиндагӣ ва муҳити оилавии ҷавонон бо осебҳои рафторӣ муайян шудааст. Таҳқиқоти зиёд шоҳиди ин воқеа аст, ки дар паси аксари беэътиноии ҷавонон ба арзишҳои ахлоқӣ оилаи носолим ва таназзулёфта пинҳон аст.

Шакк нест, ки оила аввалин поягузори шахсияти фард аст, ки нақши муҳим дар муайян намудани сарнавишт ва зиндагии ояндаи ӯ дорад ва ахлоқ ва саломатии руҳии фард то андозаи зиёд аз он вобаста аст, зеро фард пас аз таваллуд шудан таҳти таъсири афкор, ақида ва рафтори аъзои оила қарор мегирад. Аз ин рӯ, оила аввалин омил аст, ки дар рафтори фарзанд таъсиргузор аст. Ба таври куллӣ, тарзи тафаккури волидон ё дигар аъзоёни оила ба ҳар шакле, ки бошад, каму беш ба фарзанди онҳо таъсир мерасонад. Он чи ки дар ин ҷо бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор

гирифтааст, нуқсони шароити оила аст, ки ба дигар хусусиятҳои аъзоёни оила таъсир мерасонад.

Дар дохили оила, дар муқоиса бо дигар аъзоёни он, модарон нақши бештар ва муассирро дар салоҳияти фарзандон ба уҳда доранд, чунки заминаи тарбияи тифл аз рӯзи таваллуд шуруъ мешавад. Дар ин хусус, аз Паёмбари акрам (с) ҳадис омадааст, ки фармудаанд: «Саодат ва шақовати ҳар кас аз замоне шуруъ мешавад, ки дар раҳми модар зиндагӣ мекунад».

Аз ҷониби дигар, модар аз оғоз уҳдадори рафъи ниёзҳои кӯдак аст, ҳар навъ таҷзияи ӯ, рафтори хуб ва ношоистаи вай ба фарзанд таъсири зиёд мерасонад. Кӯдак аз ибтидо бо ҳисси тақлидпазирии қавӣ, ҳаракат ва рафтори атрофиёнро дар замираш ҷо менамояд ва ба тадриҷ шахсияти ӯ комил мешавад. Ба ҳамин далел: «баъди соҳибшавии истиқлолият дар давлат ҷойгоҳи зан баланд бардошта шудааст, ки яке аз паҳлуҳои боризи сиёсати Президети кишварро бозгӯ менамояд ва метавон онҳоро хусусиятҳои хосси ниҳоди сарварии Пешвои миллат номид. Ба сифати «Соли оила» таҷлил гардидани соли 2015 идомаи мантиқии сиёсати Пешвои миллат ва хусусияти хосси сарварии ӯ дар мавриди таваҷҷуҳи давлатӣ нисбат ба занон ба шумор рафта, вижагиҳои дар боло дарҷшудаи мактаби давлатдории Пешвои миллат ҷанбаи муҳимми ниҳоди сарварии Пешвои миллатро ташкил кардаанд, ки омӯзиши амиқтари ин масъала мубрам ва зарур аст» [91, с.247].

Таъсири оила дар тарбияи ахлоқии фарзандон танҳо бо айёми тифлӣ маҳдуд намешавад, балки он дар навҷавонӣ ва ҳатто ҷавонӣ низ барои ислоҳи костагиҳо ва нодурустии тарбия таъсир гузошта, дар рафтор баръало инъикос мегардад. Бо таваҷҷуҳ ба нақши оила дар тарбияи ахлоқии фарзандон, дар давраҳои мухталифи рушд низоми сиёсӣ ҳам барои таъмини суботи худ аҳаммияти хосса медиҳад.

Ҳолатҳое, ки метавонад боиси зуҳури беэътиноии фарзандон ба риояи арзишҳои ахлоқии низоми сиёсӣ шаванд, ихтилофи волидайн, муҳоҷират ва муносибати дигар аъзоёни оила бо ҳамдигар аст. Гоҳе мушкилоти

оилавӣ сабаби он мегардад, ки яке аз волидон оиларо тарк менамояд ва ин боиси носозгорӣ дар оила ва расондани таъсири бад ба ҳолати руҳии фарзандон мегардад. Агар фарзанд дар муҳити хонаи худ якдигарфаҳмӣ, оромӣ, сафо ва самимиятро, ки омилҳои асосии оила мебошанд, надошта бошад, берун аз хона ба дунболи корҳои нодуруст мегардад ва бо эҳтимоли зиёд мумкин аст, ки ба домӣ афроди фасод афтода, амалҳои ғайриахлоқиро ихтиёр мекунад. Яъне, оилаи пурра бо падару модар ва фазои ором ва бомуҳаббат дар тарбия ва ташаккули фарзанд таъсири мусбат мерасонад.

Ба ҳар ҳол, носозгории падару модар ба ҳолати руҳии аъзоёни оила таъсири номатлуб мегузорад. Баъзан, бо сабаби халалдоршавии оромии руҳӣ, дар оила нисбат ба таҳсил ва кор беаҳаммият мешаванд ва ҳатто аз манзил фирор мекунанд, саранҷом дар онҳо барои ба қонуншиканӣ даст задан шароити мусоид фароҳам меояд. Барои ҳамин, дар пешрафти ҳаматарафаи фарзанд оилаи солим нақши боризро иҷро карда, мақоми фарзанд, интихоби ояндаи он ва умуман роҳи интихобнамудаи фарзанд ва баъдан шахсият мушаххас мегардад.

Оила ва ҷомеа дар ташаккули шахсият бештар мусоидат мекунанд ва барои ҳаёт, рушд, тарбия ва ташаккули сифатҳои шахсияти инсон муҳити муайянкунанда мебошанд. Шахсият ҳамон лаҳзае ба рушди худ оғоз мекунад, ки ба дунё меояд. Дар ин сурат, агар таваллуд ҳамчун ибтидои ташаккули шахсият гирифта шавад, пас дар он ҷойгоҳи оила назаррас мебошад. Дар оила фард тарбия мегирад, рафтор ва муносибатҳои аввалинро меомӯзад, вобаста ба сатҳи фарҳангу маданияти оила шахс низ онҳоро дар худ касб мекунад, тарзи гуфтору маҳоратҳои мухталифро меомӯзад.

А ин рӯ, оила маконе мебошад, ки шахс дар он натанҳо зиндагӣ мекунад, инчунин тамоми ояндаи он мушаххас мегардад, чун маҳз дар ин ҷаҳон олами ояндаи худи шахс ҳам замина ва ҳам бунёд гузошта мешавад. Барои кӯдак дунёи аввалин ё ҷамъияти аввалин аз хонавода оғоз мегардад ва вобаста ба сатҳи ин ҷаҳон тамоми зиндагии минбаъдаи кӯдак роҳандозӣ

ва рангу бор мегирад. Нақши авлавиятдори оила дар рушди шахс дар он зуҳур мегардад, ки ахлоқ, тарбия, арзишгузорӣ, интихоби чизҳои аввалиндараҷаю дувумдараҷа, ҷаҳони маъонӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллию инсонӣ маҳз дар он ташаккул меёбанд. Гузашта аз ин, чӣ қадаре пойдевори устувор ба фарзанд дар оила гузошта шавад, ҳамон қадар таъсироти манфии муҳити атроф ва ашхоси бад дар фарзанд камтар таъсир гузошта, рафтору муносибатҳои хуби шахс бештар намудор хоҳанд гашт. Аз ин рӯ, оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ сифатҳои ба худ хосро соҳиб буда, дар назди ҷомеа масъулият, сатҳи тарбия ва ахлоқи аъзоёни он, робитаҳои тарафайни моддӣ ва дигар сифатҳоро доро мебошад. Дар бунёд ва самаранокии фаъолияти оила нақши падару модар хеле муҳим мебошад, чун ҳар таълиму тарбия ва бештар хусусиятҳое, ки дар фарзандон мушоҳида мегарданд бо шарофати таълиму тарбия онҳо гузошта шуда, онҳо ба фарзандон муносибатҳои иҷтимоӣ, баҳогузорӣ ба арзишҳои ҷомеа, урфу одат ва ҳувияту фарҳанги миллиро талқин мекунанд. Агар ҷомеаро қисмати оғозии ҷомеа ҳисоб кунем, пас бисёр иқдомҳое, ки хосси ҷамъият мебошанд, аз қабили амалҳои коллективӣ, хусусятҳои ҳамарофарогиранда ва ба аксарият мувофиқ, арзишҳои фарҳангии ба ҳам наздик ва амсоли инҳо аз оила шуруъ гашта, дар ҷамъият таҳким ва устувор мегарданд. Барои ҳамин дабистони аввалаи кӯдак оила ба ҳисоб рафта, мутобиқшавии аввалаи ӯ дар оила имкониятро фароҳам меорад, ки дар пояи онҳо дар ҷамъият низ натиҷа дода, баъдан дар фаъолияти мустақилонаи фарзанд баҳри мутобиқшавӣ дар ҷомеа кумак расонад ва аз ин хотир мақоми падару модар дар ташаккули насли ояндаи ҷамъият хеле муҳим мебошад. Яъне, фарзанд дар ибтидо хусусиятҳои заруриро дар оила соҳиб гашта, баъдан онҳоро дар ҷамъият ба ҳайси таҷриба истифода ва татбиқ менамояд. Бартарии оила дар ташаккули шахсият махсусан дар он зоҳир мегардад, ки фарзанд худро дар он боамн ҳис мекунад ва маҳз дар пояи он амалкард нишон медиҳад ва дар ҳамин ҳолат ҳамаи таъсиррасониҳое, ки ӯ

мегирад ба фарзанд таъсири бузург расонида, шахсияти он пайдо мегардад ва гомҳои асосии ташаккули он гузошта шуда, дар ҷамъият онҳо устувор ё заиф мегарданд. Яъне, аввал ҳамаи амалҳо аз оила оғоз гашта, пешрафт ё таназзули онҳо дар фаъолияти минбаъдаи фарзанд дар ҷомеа мушаххас карда мешаванд.

Вобаста ба ин, метавон оиларо дар шакли давлати кӯчак тасаввур намуд, ки як зумра мутафаккирон пайдоиши давлатро дар пояи муттаҳидшавии оила тасниф мекунанд: «Ба ақидаи Афлотун, оилаи патриархалӣ устувор ва ячейкаи ҷамъиятӣ буда, давлат дар асоси муттаҳидшавии оила ба вуҷуд омадааст. Албатта, таҳлили ақидаҳои Афлотун нишон медиҳад, ки ӯ дар ақидаҳояш оид ба оила устувор набудааст. Дар баробари ин, таҳлили ақоиди ӯ аз он дарак медиҳад, ки дар бобати оила на ҳама вақт назари ягонаро пиёда кардааст. Тасдиқи ин гуфтаҳо ин аст, ки дар «Давлати идеалӣ» Афлотун роҳҳои расидан ба ягонагии ҷомеаро асоснок карда, ба амал баровардани умумигардонии занҳо, фарзандон ва моликиятро пешниҳод мекунад» [356]. Албатта, Афлотун аз андешаи умумигардонии занҳо баъдан даст мекашад, аммо аз дигар шаклҳои умумигардонӣ, аз он ҷумла умумигардонии фарзандон даст намекашад. Рушди ояндаи ақоид нисбати оилаи патриархалиро, ҳамчун ячейкаи ибтидоии ҷомеа ва сатҳи болоравандаи он, дар асарҳои Арасту баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Ба қавли Арасту, оиларо сокинони ибтидоӣ ташкил кардаанд ва муттаҳидкунии ин сокинон давлатро ба вуҷуд меорад. Оид ба нақши оила чун ниҳоди муҳимми рушд ва ташаккули шахсият, мутафаккирони бузург, аз зумраи Т.Кампанелла, А.Макаренко, Ж.-Ж. Руссо, В.Сухомлинский ва дигарон ақоиди худро иброз намудаанд. Муҳаққиқи рус А.Антонов мегӯяд: «Оила дар асоси фаъолияти умумиоилавӣ, умумияти одамоне таркиб ёфтааст, ки бо риштаи издивоҷ-падарӣ-оиладорӣ пайваст буда, ба воситаи он одамон бо ҳам пайваст мешаванд ва идомаи наслии оилавиро таъмин намуда, иҷтимокунии фарзандон ва мавҷудияти аъзоёни оиларо низ ҳифз менамояд» [17, с.66].

Дар ин маънидодкунӣ ба се хусусият: издивоҷ (никоҳ) – падарӣ – оиладорӣ диққат дода мешавад ва маҳз дар мавҷуд будани онҳо тарбияи дурусти ахлоқию эстетикиро ба роҳ мондан мумкин аст. Ба ақидаи ӯ, агар яке аз ин хусусиятҳо вуҷуд надошта бошанд, пас оила ноқис аст ва онро Антонов А.И. гурӯҳҳои оилавӣ меномад.

Чунин фаҳмиши оила бо фаҳмиши анъанавии он дар баъзе ҷомеаҳои ғарбӣ рост намегирад ва онҳо зиндагии оилавиро тамоман дигар хел мефаҳманд, ки барои оила дар фаҳмиши мо бегона мебошад. Ин тарзи зиндагӣ шояд барои ҷомеаҳои муосири ғарбӣ ба як чизи анъанавӣ табдил ёфтааст, аммо барои ахлоқу фарҳанги мо бегона мебошанд ва кӯшидан лозим аст, ки чунин одату омилҳо ва чунин навъҳои «оила» ба ҷомеаи мо дастрасӣ пайдо накунанд. Чунин навъҳои оила дар ҷомеаи мо чун оилаи солим қабул карда намешавад. Дар сурати пайдо шудани ин шакли оилаҳо ҷомеаи моро хатари фалокатвор таҳдид мекунад. Барои ба ин ҳолат имконият надодан, баланд бардоштани фарҳанги оиладории шаҳрвандон, махсусан ҷавонон ба маврид мебошад. Аз оилаи солим насли солим ба вуҷуд меояд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якканикоҳӣ махсус қайд карда шудааст ва акнун иҷроиши бечунучарои он зарур мебошад… Гузашта аз ин, равандҳои ҷаҳонишавии муосир барои паҳн намудани фарҳангҳои ғарбӣ ба дигар ҷомеаҳо мусоидат намуда истодаанд ва дар сурати мусбат қабул накардани усулҳои зиндагии онҳо, ба давлатҳо фишор меоранд. Дар ин авқот давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ заиф дар назди чунин фишороваҳо ба таври зарурӣ тоб намеоваранд.

Фаромӯш набояд кард, ки ахлоқ дар фаҳмиши ғарбӣ ва шарқӣ аз ҳам тафовут дорад. Ахлоқи ғарбиро мазаммат намекунем, аммо аз диди фарҳангу дини шарқӣ ахлоқи шарқӣ барои мардуми Шарқ, алалхусус барои тоҷикон мувофиқтар мебошад. Воқеан, имрӯз омилҳои фарҳанги ғарбӣ ба фарҳанги мо вуруд шуда истодааст ва насли муосири тоҷик бештар хусусиятҳои манфии фарҳангу ахлоқи ғарбиро ба худ гирифта

истодааст. Инро бевосита дар муносибати кӯдакон, наврасон ва ҷавонон мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардани қонун оид ба масъулияти падару модар дар тарбия фарзанд хеле ба маврид мебошад.

Дар баробари шаклҳои зикршудаи оила, боз навъи «оилаҳои фаррох»-ро низ ҷудо мекунанд, ки дар онҳо зану шавҳар, фарзандон, бобою бибӣ ва дигар аъзоён низ зиндагӣ мекунанд. Дар баъзе оилаҳои тоҷикӣ (дар оилаҳои тоҷикӣ чунин навъҳои оила зиёд мушоҳида мешавад) ҳатто чанд оила дар рӯйи як ҳавлӣ ё хона зиндагӣ мекунанд. Дар чунин ҳолат низ барои дуруст тарбия кардани фарзандон бояд роҳи дурусту самаранокро интихоб намуд, аммо аз сабаби зиёд будани аъзоёни оила, ба корҳои дигар машғул шудани волидайн ва ғайра, одатан бобою бибӣ бо усули худ набераҳоро дар шакли умумӣ тарбия мекунанд, ки дар баъзе мавридҳо барои дуруст ташаккул додани шахсияти кӯдак номувофиқ мебошад. Махсусан, дар оилаҳои тоҷикӣ бобою бибӣ кадом усулеро интихоб накунанд, аъзоёни дигари оила барои наранҷонидани онҳо ба камбудиҳои онҳо чашм мепӯшанд, дар ҳоле агар зарур бошад, бояд мо низ ба падару модари худ, яъне ба бобою бибии фарзандонамон дар тарбияи фарзанд кумак расонем. Масалан, барои он ки дар оянда фарзанд дар назди дигарон хиҷолат накашад, бояд ба ӯ номи хубу нек гузорем, аммо дар оилаҳои тоҷикӣ мушоҳида мешавад, ки ба фарзандон бисёр авқот бобою бибӣ ном интихоб мекунанд ва мувофиқи одатҳои пештара, ба кӯдакон номҳои нолоиқро интихоб мекунанд, ки фарзанд аз ин номи худ дар оянда шарм мекунад. Як хусусияти дигари менталитети мо дар он зуҳур мешавад, ки барои пешгирӣ намудани чунин амалҳо ва анъанаю одатҳои куҳнашуда ё хурофотиамон ҳатман бояд давлат ин ё он қонун қабул кунаду баъд мо ислоҳ шавем. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни нав қабул шуд, ки мувофиқи он, ба фарзандон гузоштани номҳои хиҷолатдиҳанда ва номҳои ғайритоҷикӣ манъ аст.

Дар бунёди оилаи муосир сарфи назар аз он, ки дар асоси принсипҳои

умумӣ ба роҳ монда шудааст, бояд оинҳои миллӣ низ ба назар гирифта шаванд. Махсусан дар замони муосир, ки дар он равандҳои глобализатсионӣ ҳукумат мекунанд, фаҳмиши оила яксон нест. Инро бештар дар фишори фарҳангҳои бегона ба фарҳанги миллӣ баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Хуб мешуд, ки барои бунёди оила дар баробари розигии зану мард, сабти давлатӣ, инчунин омили динӣ барои ҳифзи тозагии оила мусоидат намояд. Дар баробари ин, тайёр набудани оиладоршавандаҳо, яъне марду зан, ба он оварда мерасонад, ки оилаи онҳо ноустувор буда, дер давом намекунанд ё насли дар ин оила тавлидшуда дар чунин муҳити оилавӣ худро нороҳат ҳис мекунад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд гардидааст, ки «Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2014 аз 95500 ақди никоҳи ба қайд гирифташуда 9 ҳазори он бекор шудааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 9,5 фоиз зиёд аст. Сабаби ин ҳолат, пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона мебошад.

Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад» [5].

Сарфи назар аз он, ки оила нисбатан мустақил мебошад, лекин он ячейкаи ҷомеа, яке аз ниҳодҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, нисбат ба оила қонуҳои мушаххаси гуногун қабул карда мешаванд, то ки робитаи онро бо ҷомеа ва давлат дар сатҳи зарурӣ таъмин карда тавонанд. Барои баланд бардоштани ҷойгоҳи оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои зиёд қабул карда шуданд, ки ҳадафи онҳо фароҳам овардани шароити муфид барои рушду такомули оила мебошад. Масалан, қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзандон» масъулияти оиларо барои назорат ва тарбияи фарзанд фаъол мегардонад. Қонуне қабул шуд, ки тибқи он барои оиладор шудан бояд зану мард аз

ташхиси тиббӣ гузаронида шаванд, то насли ояндаи миллат саломат таваллуд шавад, пеши роҳи никоҳи хешу таборӣ гирифта шавад. Чунки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шакли никоҳҳо хеле зиёд мебошанд ва чун натиҷа, аз онҳо фарзандони маъюб ва носолим ба дунё меоянд. Қонуни мазкур пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳои ногуворро дар назар дорад.

Давлат оиларо ҳаматарафа ҳимоя ва дастгирӣ намуда, муносибати он ба оила дар қонуни асосии давлат, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушаххасан дар моддаи 33-и он омадааст: «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар барбарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст» [1]. Моддаи зикршуда баробарҳуқуқии марду зан ва интихоби онҳоро кафолату таъмин менамояд. Дар баробари ин, дар гузаштаи наздик (мутаассифона, баъзан имрӯзҳо низ мушоҳида мешавад) падару модар фарзандонро бидуни розигии онҳо хонадор мекарданд. Ин кор на ҳама вақт натоиҷи мусбат медод ва яке аз сабабҳои барҳамхурии оилаҳо низ мешуд. Имрӯз аксари волидайн инро дарк намудаанд ва интихобро аслан ба фарзандон вогузор намуда, худ ба сифати маслиҳатчӣ баромад мекунанд. Аз фарзандон низ талаб карда мешавад, ки дар оиладорӣ ҳатман таҷрибаю насиҳатҳои волидайнро ба инобат гиранд, то ки оилаи устувор дошта бошанд. Пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани маданияти оиладории ҷавонон кӯшиш намудан лозим аст, то худи оиладоршавандаҳо масъулияти ҷиддии оилаю фарзанддориро дуруст дарк намоянд. Дар моддаи 34-уми Конститутсия қайд шудааст: «Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмину падару модар масъуланд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд» [1].

Тарбияи фарзандон яке аз вазифаҳои муҳимми оила мебошад. Дар

раванди муносибатҳои тарафайн бо волидайн кӯдак аввалин таҷрибаи ҳамзистиро ба даст меорад, ки дар асоси принсипҳои олии ахлоқӣ, маданияти муошират, ҳурмати эҳтироми тарафайн бунёд ёфтааст. Тарбияи оилавиро қонунҳои рушди ҷамъиятӣ, фаъолияти омилҳои сершумори айнию зеҳнӣ муайян мекунанд, ки дар шахсияти аъзоёни оила зуҳур шуда, раванди дуҷонибае мебошад, ки дар он муносибатҳои тарафайни волидайн ва фарзандон ва таъсири онҳо ба якдигар назорат мешаванд. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки оила муҳити таъсиррасон ба кӯдак ва субъекти раванди тарбиявӣ мебошад. Имкониятҳои тарбиявии оила аз омилҳои мухталиф, аз қабили тайёр будани волидайн ба тарбияи кӯдак, дараҷаи маданияти умумӣ ва педагогии аъзоёни калонсоли оила, имкониятҳои амалинамоии онҳо, сохтор ва навъи оила, доштани вақтҳои холию шаклу усулҳои гузаронидани онҳо, характери муносибатҳои тарафайн ва дараҷаи мувофиқати волидайн дар масъалаи тарбия, хусусиятҳои фардии онҳо (сифатҳои ахлоқӣ, қобилиятҳои иртиботгирӣ, вазъи саломатӣ) ва ғайра вобастагӣ дорад. Вобаста ба рушди ҷомеаҳои мушаххас, дар ҳар кадом ҷомеа усулҳо ва методҳои гуногуни тарбия амалӣ мешаванд, ки дар онҳо тафовутҳои табақавӣ, синфӣ, динӣ, минтақавӣ, оилавӣ ва ғайра баръало зуҳур мешаванд.

Тарбия дар оила фардро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваст менамояд, ки дар натиҷа сифатҳои ахлоқии ӯ муътадил мешаванд. Волидайн дар ин муддат метавонанд роҳи дурусти тарбияро интихоб намоянд, ки аз сифатҳои лозимаи ҳаётӣ бархурдор бошад ва фарҳангу анъаноти мушаххас риоя шавад. Тарбия кори саҳл набуда, аз волидайн талаб мешавад, то роҳеро интихоб намоянд, ки фарзанд воқеан он мақсаду ҳадафи гузоштаи хонаводаро дуруст дарк намояд ва тавонад, ки онро дар амал татбиқ намуда, амалу рафтори фарзанд сазовори таҳсин бошанд, на мазаммати дигарон. Ба ин хотир, гоми аввалае ки хонавода ба фарзанд медиҳад, ин муҳаббат мебошад, чун фарзандони маҳрумшуда аз муҳаббати

волидайн, махсусан агар падару модар дар ин ҳолат гунаҳгор бошанд, яъне ба фарзанд дуруст диққат надиҳанд, пас дар ҳаёти минбаъдаи фарзанд ҳатман ин норасоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Қадами дигар ба фарзанд тарбияи дуруст дода, волидайн бояд аз саломатии ӯ бехабар набошанд. Барои он ки фарзанд тарбияи дурустро соҳиб гардад, бояд худи волидайн барои тарбияи фарзанд омода бошанд ва сатҳи тарбияву ахлоқи худи онҳо басандагӣ намояд. Волидайн бояд бо савод таъмин будани кӯдакро муҳайё намоянд ва фарзанд аз ибтидо аз боғчаю мактаби миёнаю баъдан маълумоти донишгоҳӣ воқиф бошад. Мактаби миёна дар аксари давлатҳои ҷаҳонӣ ройгон мебошад, аммо ҳоло ҳам оилаҳое вуҷуд доранд, ки фарзандонро дуруст ба чунин мактабҳои ройгон ҷалб карда наметавонанд. Дар ин гурӯҳ фарзандон камбудии савод мушоҳида мегардад ва онҳо тамоми умр аз вазъияти худ хиҷолат мекашанд. Саводи дуруст сатҳи ахлоқ ва малакаҳои фарзандро рушд медиҳад ва ӯ мавқеи худро дар ҷомеа пайдо мекунад.

Дар шароити имрӯза на ҳамаи оилаҳо шароитҳои заруриро барои тавлиду тарбия фарзандон муҳайё карда метавонанд. Оилаҳои имрӯзаро метавон ба сарватманд ва камбизоат ҷудо намуд. Гузашта аз ин, танҳо сатҳи иқтисодии оила кафили дуруст тарбия кардани фарзанд шуда наметавонад. Имрӯзҳо мушоҳида мешавад, ки на ҳамаи фарзандони беодоб, ҷиноятқор, дузд ва ғайра аз оилаҳои камбизоат баромадаанд. Баромади чунин фарзандон аз оилаҳои сарватманд низ кам нестанд. Барои ҳамин тарбияи дуруст фарзандро аз роҳи бад медорад ва камэътиборӣ дар тарбия ин бемасъулиятии хонавода мебошад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни демографӣ қабул карда шуд, ки то андозае муносибатҳои оилавиро ба танзим медарорад.

Инсоният ногузир ба масъалаи давом додани насл диққати хосса медиҳад ва халқияту миллатҳои гуногун давомёбии наслро ба таври худ пиёда менамоянд. Таърихи рушди оилаю оиладорӣ нишон медиҳад, ки

муносибатҳои дохилиоилавӣ вобаста ба замон метавонанд тағйир ёбанд.

Умуман, дар замони муосир, чун замонҳои қаблӣ, оила дар ташаккули шахсияти насли нав саҳми намоёнро мебозад ва дар ҳоли дуруст пиёда намудани фарҳанги оилавӣ ва хуб будани вазъияти иҷтимоию иқтисодии оилаҳо фарзандон тарбияи дуруст гирифта, дар оянда ҷойгоҳи худро дар ҷомеа пайдо мекунанд.

Дар баробари омилҳои зикршуда дар тарбияи ахлоқи сиёсии аъзоёни ҷомеа нақши муҳити таълим, бахусус, мактаб хеле бузург аст. Бинобар ин, бо мурури ташаккули давлатҳои миллӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона гашта буд, ки барои таъмини субот ва дарки зарурияти риояи арзишҳои сиёсии амалишаванда бояд масъалаи ба мактаб ҷалб кардани аъзоёни ҷомеа матраҳ мегардид. Маҳз ба асоси ҳамин дурнамо, омӯзиш ва парвариши умумӣ густариши бештар пайдо кард ва ҳатто қонуни таълимоти иҷборӣ дар аксар кишварҳо ба тасвиб расид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имрӯз таҳсили пурра дар мактабҳои миёна ба таври ҳатмӣ вуҷуд дорад, ки барои саводнок кардани аҳолӣ дар зинаи аввал хеле муҳим мебошад. Дар натиҷа, дар аксари кишварҳо афроди ҷомеа таҳсилкарда мебошанд ва барои мубориза бо бесаводӣ дар кишварҳои гуногун иқдоми муҳим ва муассир амалӣ мегардад.

Ҳамзамон барои татбиқи босамари ин ҳадаф, ба роҳ мондани масъалаи таълим ва тарбия аҳаммияти хос дорад, чун дар пояи он адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ дар арзишҳои ахлоқӣ мақоми баландро касб мекунад ва риояи эҳтироми он аз тарафи ҳукумат дар сиёсати давлатӣ мақом пайдо хоҳад кард.

2.3. Эҳтиром ба адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ ҳамчун самараи афзалияти арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мафҳуми «шарафи инсонӣ» дар ахлоқи сиёсӣ муддати тӯлонӣ мавзуи баҳс буд. Ҳарчанд аксари муҳаққиқон онро аз дидгоҳи ахлоқӣ дида, риояи

комили арзишҳо ва усулҳои ахлоқиро талаб мекунанд, баъзе донишмандон, бахусус, Никколо Макиавелли ва пайравони ӯ бар он назаранд, ки сиёсат, умуман, аз баррасиҳои ахлоқӣ холӣ мебошад. Дигарон, аз ҷумла, Деметрис Тилларис, сиёсатро тарзи ҳаёти ҷудо меҳисобад, ки меъёрҳои ахлоқии он аз меъёрҳои маъмулии ахлоқӣ фарқ мекунад. Ҳама ин андешаҳо ба фаҳмишҳои гуногуни ҳадафи қудрати сиёсӣ ва тарзи рафтори сиёсатмадорон асос меёбанд.

Аз ин ҷиҳат, истифодаи равиши ахлоқии меъёрӣ, ки ба назарияҳои мухталиф такя менамояд, ба мо имкон медиҳад дар таҳлили масъала то андозае ба фаҳмиши ҳамаҷониба дар бораи ҷойгоҳи шарафи инсонӣ дар таркиби ахлоқи сиёсӣ бирасем. Сиёсате, ки онро Никколо Макиавелли ва дигар файласуфон эҷод кардаанд, яъне сиёсате мебошад, ки онро бидуни ахлоқ ҳамчун меъёри воло муаррифӣ мекунад. Дар асари машҳури худ «Шоҳзода» («Государь»), Макиавелли усулҳои бадахлоқиро барои ҳаёти сиёсӣ муҳим медонад ва ин тарзи тафаккур то имрӯз аз ҷониби аксар сиёсатмадорон пазируфта ва амалӣ мешавад.

Макиавелли бар ин ақида буд, ки беҳтар аст, ҳокимон зердастонро бештар тарсонанд, на барои онҳо дӯстдошта бошанд. Ба гуфтаи ӯ, то даме роҳбар шаҳрвандонашро муттаҳид ва содиқ нигоҳ медорад, набояд аз он нигарон бошад, ки ӯро бераҳм меноманд, зеро ин ба нигоҳ доштани қудрати ӯ кумак мекунад. Мутобиқи ин ақида, сиёсатмадорони бадахлоқ, ё ин ки беэътиноии ахлоқӣ, аксар вақт ба ҳар касе, ки қудрати онҳоро зери хатар мегузорад, таҳдид мекунанд.

Бештари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки пойбандии сиёсатмадорон ба арзишҳои ахлоқӣ, ба монанди адолат, ростқавлӣ ва ҳисоботдиҳӣ, ба таври назаррас танҳо дар даврони муосир коҳиш ёфтааст. Барои исботи ин қазоват, онҳо таҷрибаи сӯиистифодаҳои гуногуни сиёсӣ, аз ҷумла, тақаллубкорӣ дар интихобот, ғасби амволи ҷамъиятӣ, сӯиистифода аз қонун, хушунат нисбат ба рақибони сиёсиро дар мамлакатҳои мухталиф

мисол меоранд. Масалан дар баъзе аз кишварҳои ғарбӣ имрӯз шаҳрвандон сиёсатмадоронро ҳамчун афроди ахлоқӣ носозгор мешуморанд [235].

Чунин эродгирӣ аз он сарчашма мегирад, ки иддаи шаҳрвандон сиёсатро ҳамчун фазое мешуморанд, ки онро дурӯғгӯён ва фиребгарон идора мекунанд ва чунин афрод наметавонанд бидуни камбудӣ зиндагӣ кунанд. Аз сабаби риоя нашудани арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсат, ноумедии сиёсӣ дар ҷомеа афзоиш меёбад. Дар ҷомеаҳое, ки сӯиистифодаи сиёсӣ бештар аст, эътимоди шаҳрвандон ба ҳукумат коҳиш ёфта, эътирозоти сиёсӣ боло меравад. Дар натиҷа, боварӣ ба сиёсат ва сиёсатмадорон коста мешавад ва фарҳанги норозигии сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Муҳаққиқи муосир М.Флиндер ин ҳолатро чун раванди «беқадршавии сиёсатмадорон» тавсиф мекунад, ки дар натиҷа сиёсатмадорон ҳамчун афроде тасвир мешаванд, ки аз ҳама хислатҳои мусбати ахлоқӣ маҳрум мебошанд» [205].

Муносибатҳои дар ҳаёти сиёсӣ баамаломадаро мушоҳида ва таҳлил намуда, хулосагирӣ намудан мумкин аст, ки дар баъзе авқот аз ахлоқ хабаре нест ва шахсиятҳои дар руҳияи ахлоқи баланд тарбиягирифта онро дастгирӣ намекунанд. Аммо, як қатор донишмандон ин нуқтаи назарро ба баҳс кашида, ишора мекунанд, ки сиёсат соҳаи махсус аст ва бояд бо меъёрҳои хосси худ арзёбӣ шавад.

Аммо, бо такя аз назарияи ахлоқи фазилатӣ дар анъанаи Арасту, метавон ба дарки амиқу нисбатан воқеии ҷойгоҳи шарафи инсонӣ ҳамчун категорияи муҳимми ахлоқӣ дар сиёсат наздик шуд. Ин таҳлил ба мафҳуми манфиати умум, ки ба усулҳои асосии ахлоқӣ дар танзими корҳои ҷамъиятӣ пайравӣ мекунад, такя менамояд. Масъалаи манфиати умумӣ моро водор мекунад, ки нисбат ба камбизоатон ва қишрҳои осебпазири ҷомеа диққати махсус диҳем. Ин усул бо усули фарқияти Ҷон Ролз (1921-2002) шабоҳат дорад. Мақомоти давлатӣ бояд сиёсати худро бо назардошти манфиати камбизоатон ва гурӯҳҳои осебпазир амалӣ кунанд. Онҳое, ки мақоми ҷамъиятӣ доранд, бояд ҳамеша аз ҳуқуқи гурӯҳҳои

беовоз ва бетаъсир ҳимоя кунанд.

«Эҳтиром ба шаъну шарафи инсон маънои муносибат бо инсонҳо ҳамчун ҳадафи худи онҳоро дорад, на ҳамчун восита барои расидан ба ҳадафҳои дигарон» [75, с.151]. Ин усул истифодаи инсонро ҳамчун абзор бо роҳи фиреб, таҳдид, зӯроварӣ ё маҷбуркунӣ маҳкум мекунад. Аз ин рӯ, дар низомҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бояд озодии шахс ҳифз шавад, то шаҳрвандон тавонанд эътиқод, ақида ва тарзи ҳаёти худро озодона интихоб намоянд.

Дар баробари ин аз сиёсатмадорон ё ходимони сиёсии асил талаб карда мешавад, ки дар фаъолиятҳои худ перомуни тамоми қишрҳои ҷомеа дуруст андешаронӣ ва муносибат намоянд. Маҳз муносибати онҳо нисбат ба қишрҳои аҳолӣ арзиши худи сиёсатмадорро дар давлат муайян мекунад. «Сиёсатмадорони ботаҷриба набояд амалҳое анҷом диҳанд, ки ҳуқуқи инсонро, бахусус, ҳуқуққҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро маҳдуд намояд, зеро онҳо асоси дифои дигар ҳуқуққҳои муҳим, аз ҷумла ҳуқуққҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Эҳтиром ба ҳуқуқи инсон сиёсатмадоронро вазифадор мекунад, ки таҳаммулпазирӣ ба гуногунандеширо ҳамчун арзиши асосӣ дар ҷомеаи озод риоя кунанд» [123, с.126].

Илова бар ин, эҳтиром ба шаъну шарафи инсон равиши идоракунии сиёсиро бо роҳи мувофиқат бо шаҳрвандон таъмин мекунад. Агар ин мувофиқат ба даст оварда шавад, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар умури ҷамъиятӣ бояд устувор бошад. Қарорҳои сиёсӣ, ки ба манфиати ҷомеа таъсир мерасонанд, бояд тавассути машварат ва ҳамфикрӣ, на бо зӯрӣ ё фиреб қабул карда шаванд. Ин маънои онро дорад, ки ҳукмронии иҷбории фард ё гурӯҳи хурд бар аксарият, бо эҳтироми шаъну шарафи инсон мувофиқат намекунад ва нишонаи норасоии тамомияти ахлоқии сиёсӣ мебошад.

Ин усул инчунин сиёсатмадоронро вазифадор мекунад, ки ниёзҳои моддии шаҳрвандонро баррасӣ намуда, идеали адолати иҷтимоӣ ва тақсимотиро риоя кунанд. Шахсе, ки дар шароити душвори иқтисодӣ

қарор дорад, аз эҳтироми шаъну шараф маҳрум мегардад. Аз ин рӯ, идоракунии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд ба эҳтироми шаъну шарафи инсон мутобиқ бошад.

Тибқи ин усул, ҳамчунин сиёсатмадорон вазифадор ҳастанд, то захираҳои ҷамъиятиро бо масъулият ва самаранокӣ ба манфиати соҳибони аслии онҳо, яъне шаҳрвандон, идора кунанд. Зарур аст, ки сиёсатмадорон аз истифодаи захираҳои ҷамъиятӣ барои манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ худдорӣ кунанд. Барои ин, сиёсати шаффоф ва ҳисоботдиҳӣ бояд риоя шавад, то шаҳрвандон тавонанд фаъолиятҳои ҳукуматро назорат карда, аз онҳо тасмиму масъулиятро талаб намоянд.

Аз ин рӯ, амалҳое чун фасод, сӯиистифода аз қонун ва сохторҳои давлатӣ, инчунин қонуншиканиҳо дар маъракаи интихоботӣ хиёнат ба тамомияти ахлоқӣ дар сиёсат мебошанд. Зеро тавассути ин амалҳо, мансабдорони давлатӣ захираҳои ҷамъиятиро барои расидан ба ҳадафҳои шахсии худ истифода мебаранд.

Сиёсатмадорон ба рафторҳои ғайриахлоқӣ, аз қабили азхудкунии маблағҳои давлатӣ, ришва ва иртиботи хешутаборӣ даст мезананд, то ки худ ва аъзои оила, дӯстону ҳамсафонашонро сарватманд гардонанд. Онҳо инчунин фасоди сиёсиро барои ба даст овардан, ҳифз ва густариши қудрат истифода мебаранд. Ин корро тавассути идоракунии муассисаҳои давлатӣ бо таъйин ва ҳавасмандгардонӣ, додани ришва ба интихобкунандагон ва масъулони маъракаи интихоботӣ, истифодаи захираҳои молиявӣ ва инсонӣ барои ташкили маъракаҳои интихоботӣ, сохтани низоми ҳимоятгарӣ ва мизоҷпарварӣ, хешутаборгароӣ, пуштибонии ширкатҳои тиҷоратӣ барои дастгирии сиёсӣ, ҳамчунин фасодкорӣ дар низоми додгоҳию қонунгузорӣ ва ғайра анҷом медиҳанд.

Ба ҷойи он ки захираҳои давлатӣ барои қонеъ гардондани ниёзҳои шаҳрвандон истифода шаванд, сиёсатмадорони бадахлоқ онҳоро дар аксар маврид барои ҳифзи низоми ҷоринамудаи худ сарф мекунанд. Аз ин рӯ, ба

таҳкими неруҳои мусаллаҳ ва сарватманд сохтани аъзои ҳукумат афзалият дода мешавад, то онҳо дар таҳкими қудрат кумак кунанд. Ҳамаи ин боиси бесамар гардидани идораи умури давлатӣ мегардад ва ҳаёти инсонро дар шароити вуҷуд надоштани хизматрасониҳои зарурӣ коҳиш медиҳад. Бо вуҷуди ин, чандин низомҳои бадахлоқона (аморалистӣ) барои ҷалби дастгирии мардум ва нигоҳ доштани қудрат вуҷуд доранд, ки захираҳои мавҷударо барои таъмини хизматрасониҳо масраф мекунанд.

Аз ин рӯ, барои ҷавобгӯ будани рафтори сиёсатмадор ба меъёри шарафмандӣ, вай бояд ба арзишҳо ва усулҳои баланди ахлоқӣ такя кунад. Инҳо, аз ҷумла адолат, ростқавлӣ, таҳаммулпазирӣ ва устуворӣ мебошанд. Ӯ бояд аз сифатҳои манфӣ, ба монанди тамаъҷӯйӣ, бераҳмӣ, фиреб ва беадолатӣ даст кашад. Бо ин вуҷуд, гарчанде ин таъриф шарти асосии шарафмандиро муайян мекунад, он ҳадафи эътибордиҳӣ ба эҳтироми шарафи инсонии субъекти дигарро равшан намесозад. Ба ибораи дигар, чунин таъриф шарафмандиро танҳо сифати арзиши дохилӣ тасвир мекунад, вале нақши амалӣ ва таъсиргузори онро дар ҷомеа, сарфи назар менамояд. Аз ин рӯ, танҳо комилият, мутобиқат ва пойбандӣ ба арзишҳои баланди ахлоқӣ барои таърифи пурраи эҳтироми шарафи инсонӣ зарур мебошад.

Дар партави пайгирӣ аз таълимоти Арасту, маълум мешавад, ки эҳтиром ба каромати инсонӣ, яъне фазилат – сифати ахлоқии матлуб дар муносибатҳои сиёсӣ мебошад. Зарур аст, ки ҳадди ин матлубият низ арзёбӣ шавад. «Барои асоснок намудани масъала дар ахлоқшиносӣ арзишҳои ахлоқӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: арзишҳои ботинии (intrinsic) нек ва арзишҳои абзории (instrumental) нек. Қайд мегардад, ки агар чизе арзиши ботинӣ дошта бошад, ин маънои онро дорад, ки он танҳо аз сабаби таҷрибаи неки он аст. Ҳамин тариқ, шахсе, ки шарафмандӣ дорад, аз хислати худ қаноатманд мешавад. Ин собит месозад, ки шарафмандӣ дорои арзиши ботинист. Бо вуҷуди ин, шарафмандӣ на танҳо барои худи инсон хуб аст, балки неъмати абзорӣ низ мебошад, зеро ба ҳадафи воло

хизмат мекунад» [209].

Мувофиқи ақидаҳои ахлоқшиносии Арасту, гарчанде эҳтиромгузорӣ ба шарафи инсонӣ метавонад самарабахш бошад, он набояд барои худаш ташаккул ёбад. Ба ибори дигар, тарбияи шарафмандӣ бояд ҳадаф дошта бошад. Арасту дар асари «Ахлоқи Никомах» мегӯяд: «...асоси ҳама фазилатҳо мафҳуми eudaimonia (гулгулшукуфоии инсон) мебошад» [182]. Пас, азбаски шарафи инсонӣ ба гулгулшукуфоии инсон ё некӯаҳволии ӯ мусоидат мекунад, он арзиши абзорӣ низ дорад.

Аз ин ҷо, вобаста ба хулосаи зер саволе пеш меояд, ки гулгулшукуфоӣ ё некӯаҳволии инсон чист? Дар асари «Сиёсат»-и Арасту гуфта мешавад, ки «сабаби асосии ташкили ҷомеаи сиёсӣ фароҳам овардани шароити лозима барои пешрафти ҳамаи аъзоёни он мебошад. Некӯаҳволии инсон вақте ба даст меояд, ки шароити зарурӣ барои рушди ҳама дар ҷомеа фароҳам ва ҳифз шавад. Ин шароити нек чизест, ки баъзе мутафаккирон онро «манфиати умум» (common good) меноманд» [248]. Аз ин рӯ, шарафмандӣ дар ахлоқи сиёсӣ нақши муҳим ва абзорӣ дорад, зеро он некӯаҳволии инсонро бо роҳи таъмини манфиати умум, ки ҳадафи асосии ҷомеа мебошад, таҳким мебахшад.

Риояи арзишҳо ва усулҳои баланди ахлоқӣ, аз ҷумла, эҳтиром ба шарафу каромати инсонӣ, ҳамчун рафтори доимӣ бояд дар доираи ахлоқи баланд сурат гирад. Ҳадафи манфиати умум – рафторе, ки мутобиқ ба ахлоқи воло мебошад ва бояд манфиати умумро дар назар дошта бошад. Аз ин рӯ, поквиҷдонӣ сифати рафторест, ки устуворона ва мутобиқона арзишҳои ахлоқии баландро риоя намуда, ҳадафи он таъмини манфиати умум мебошад. Тафсири ҳамаҷонибаи поквиҷдонӣ бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад: рафтори солим ва доимӣ; поквиҷдонӣ бояд рафтори мутобиқ ва устуворро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт дар назар гирад.

Масъалаи баҳсбарангезе, ки дар ин маврид ба вуҷуд меояд, ин аст ки поквиҷдонӣ бояд дар сиёсат нақш дошта бошад ё не? Агар дошта бошад,

пас он чӣ нақш аст? Агар не, чаро? Ин масъала се посухи асосӣ дорад: «Назари ахлоқгароёна (моралистӣ) – сиёсат бояд бо меъёрҳои ахлоқӣ ҳукм карда шавад, на бо ҳаёти шахсӣ. Назари амалгароёна (практикӣ) – сиёсат аз ахлоқ ҷудо мебошад ва набояд онро бо меъёрҳои ахлоқӣ маҳдуд кард. Назари ахлоқи махсуси сиёсӣ – сиёсат ахлоқи худро дорад, ки аз ахлоқи шахсӣ фарқ мекунад» [248].

Бо такя аз назарияҳои номбаршуда метавон гуфт, ки аксари онҳо чунин мешуморанд, ки ахлоқи сиёсӣ бояд бо ахлоқи шахсӣ ҳамгун бошад. Яъне, амали сиёсатмадорон, аз ҷумла, дар мавриди эҳтиром ба шарафи инсонӣ бояд бо ҳамон меъёрҳои ахлоқӣ ҳукм карда шаванд, ки шахсони одӣ доранд. Масалан, Иммануил Кант ва дигар пайравонаш ин нуқтаи назарро тақвият мебахшанд. Онҳо таъкид мекунанд: «...сиёсатмадор бояд новобаста аз натиҷаҳо, вазифаҳои ахлоқии худро иҷро кунад» [75]. Чунончи, сиёсатмадоре, ки усули ростқавлиро қатъиян риоя мекунад ва ба поймолсозии каромати инсонӣ монеъ мешавад, қобили дастгирӣ мебошад.

Бояд эътироф кард, ки ҳарчанд назари ахлоқгароёна ба поквиҷдонӣ дар сиёсат оварда, ба назари ахлоқӣ ва шоистаи таҳсин менамояд, аммо таҳлили амиқ нишон медиҳад, ки он бо назардошти ҷанбаҳои сиёсати амалӣ нуқсонҳои ҷиддӣ дорад. Чунин мушкилӣ, пеш аз ҳама, дар ҷомеаи гуногунандеш (плюралистӣ) мушоҳида мегардад. Дар ҷомеаҳои кушода ва гуногунандеш маҳдуд кардани сиёсати давлатӣ ба риояи қатъии меъёрҳои ахлоқӣ метавонад мушкилзо бошад. Бинобар ин, бархе аз сиёсатмадорони ахлоқгаро метавонанд меъёрҳои ҷудогона, масалан, одоби либоспӯшӣ ё ахлоқи байнинаслиро таблиғ кунанд, ки барои баъзе гурӯҳҳои ҷомеа ғайриқобили қабул ва барои дигар, баръакс, қобили қабул мебошад. Карл Поппер (1902-1994) таъкид мекунад, ки «ҷомеа бояд гуногунандеширо эҳтиром кунад ва таҳмил кардани арзишҳои муайян метавонад ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон халал расонад» [124].

Мушкилоти дигари ҷойдошта вобаста ба сатҳи маҳдудияти озодиҳо

ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон мебошад. Агар низоми сиёсӣ меъёрҳои қатъии ахлоқиро бидуни истисно талаб кунад, он метавонад боиси маҳдудсозии озодиҳои инфиродӣ ва демократӣ гардад. Масалан, таҳмил кардани низоми ягонаи ахлоқӣ ба ҳама шаҳрвандон метавонад гуногунандеширо зери хатар гузорад, ки ин дар навбати худ бар хилофи принсипҳои ҷомеаи демократӣ мебошад.

Ҳамчунин таваҷҷуҳ ба зарурати мутамарказгардонии арзишҳои умумиинсонӣ нисбат ба арзишҳои мазҳабӣ муҳим аст. Барои он ки як низоми сиёсӣ бо поквиҷдонӣ мувофиқ бошад, он бояд на ба арзишҳои маҳдуд ва хосси мазҳабӣ, балки ба арзишҳои умумиинсонӣ такя кунад. Ба ҷойи таҳмил кардани қоидаҳои ахлоқии махсус, низоми сиёсӣ бояд усулҳои адолат, озодӣ, ҳуқуқи инсон ва шаффофиятро таблиғ кунад, ки аз ҷониби аксарияти шаҳрвандон пазируфта мешаванд. Таваҷҷуҳ ба ҷанбаи ин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баҳри устуворсозии давлати дунявӣ саъю талоши зиёд дорад, муҳим мебошад.

Аз ин ҷиҳат метавон хулоса намуд, ки бо вуҷуди он ки назари ахлоқгароёна риояи қотеонаи ахлоқро барои сиёсатмадорон талқин мекунад, он нуқсонҳои ҷиддӣ низ дорад, зеро метавонанд ба озодиҳо, гуногунандешӣ ва ҳуқуқи инсон таҳдид кунанд. Аз ин рӯ, барои сиёсати воқеӣ зарур аст, ки бояд арзишҳои умумиинсонӣ ва ахлоқӣ, на арзишҳои маҳдуд ва таҳмилии ахлоқиро пешбарӣ кунанд.

Бояд зикр кард, ки ҳарчанд меъёрҳои ахлоқии устувор дар сиёсат метавонанд шоистаи таҳсин бошанд, татбиқи иҷбории онҳо метавонад бар зарари ҷомеа низ бошад. Масалан, дар сиёсати амалӣ аҳёнан мушкилии риояи қатъии ростқавлӣ (садоқат) зуҳур мегардад. Гарчанде ростқавлӣ яке аз арзиши асосии ахлоқӣ мебошад, ошкор кардани баъзе маълумот метавонад сабаби ноороми, тарс ва изтироб дар ҷомеа гардад. Дар мавридҳои ҳассос, ҳангоми сар задани буҳронҳои амниятӣ ва молиявӣ сиёсатмадорон бояд эҳтиёт намоянд, то иттилооти интишоршаванда бар

зарари ҷомеа набошад.

Ба ин хотир, ба таври пурра татбиқ гаштани ин ё он мавқеъ, дар мисоли мо назари ахлоқгароёна бар нафъи давлат ва шаҳрвандон хотима намеёбаду рушди ояндаи давлат ва вазъи зиндагӣ беҳтар гаштанаш мушкил мегардад. Сиёсат бояд миёни ахлоқ ва амалгароӣ тавозунро ҳифз кунад, то адолат ва манфиати ҷомеа ҳифз шаванд.

Талоши сиёсатмадор барои хидмат намудан баҳри некӯаҳволии мардум яке аз ченакҳои муҳим барои арзёбии ҷанбаи ахлоқии сиёсати пешгирифта ва арҷгузорӣ ба каромати инсонӣ ба шумор меравад. Мафҳуми манфиати умумӣ (common good) аз афкору таълимоти Афлотун, Арасту, Ситсерон ва Фомаи Аквини сарчашма мегирад. Дар замони муосир, ин мафҳум асосан бо афкори Ҷон Ролз пайвандӣ дорад. Он маҷмуи шароитҳое мебошад, ки барои расидан ба фаровонии иҷтимоӣ ва зиндагии пурмазмун барои аъзои ҷомеа зарур мебошад. Ҷон Ролз манфиати умумиро чунин таъриф мекунад: «Маҷмуи ҳолатҳои умумие, ки ба таври баробар ба манфиати ҳама мебошанд» [248].

Манфиати умумӣ аз ниҳодҳо, низомҳои иҷтимоӣ ва муҳити зист иборат аст, ки ҳама инсонҳо барои манфиати умумӣ ба онҳо такя мекунанд. Аз ин ҷиҳат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ пайваста чораҳои судманд андешида мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон перомуни ин масъала қайд мекунад: «Бо дарназардошти имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва зарурати боз ҳам беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ супориш медиҳам аз 1-уми сентябри соли 2026:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ 25 фоиз, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд;

– музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,

хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 1300 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ аз 1-уми сентябри соли 2026 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ дар сатҳи таваррумии соли 2025, вале на кам аз 15 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия (зиёд) карда шаванд» [7]. Чунин намуди дастгириҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амали якборамалкунанда ва муваққатӣ набуда, ҳамасола аз тарафи он дар Паёмҳо ба Парлумони кишвар пешниҳод карда мешавад, то вазъияти шаҳрвандон дар соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ боз хубтар гардад. Яъне, ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри пешрафти мамлакат ва дастгирӣ ба шаҳрвандон ҳамасола чораҳои заруриро меандешад. Ин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар татбиқи сиёсати давлатӣ баҳри ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ талошҳои зиёд мекунад, ки иллати хуб гаштани вазъи зиндагии шаҳрвандони ҷумҳурӣ мегардад. Чунин дастгириҳои ҳукумат аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузорӣ карда мешаванд ва шоистаи таҳсин мебошад, ки онҳо марҳала ба марҳала баланд карда мешаванд: «барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд мешавад. Аз ҷумла, соли 2024 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба 19 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба буҷети соли 2023 беш аз 2 миллиард сомонӣ зиёд буда, 43 % хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад» [6].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи худи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соҳаи илм ва

маорифро дар мавқеи аввал қарор додааст. Аввал бояд дар назар гирифт, ки давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ сатҳи имрӯзаи рушди худро бо шарофатии пешрафти соҳаи илм ба даст овардаанд. Аз ин рӯ, дар сатҳи байналмилал ҳамон давлат ба ҷойгоҳе мерасад, ки дар пештоқи сиёсати худ – илмро ҷойгир намудааст. Агар имрӯз бештари давлатҳои рушдкардаи ҷаҳонӣ қиёс карда шаванд, пас мушоҳида мешавад, ки онҳо на аз нигоҳи сарватҳои табиӣ, балки аз ҷиҳати дастовардҳои илмӣ ба иқтисодиёти пешрафта дастрасӣ пайдо намудаанд. Ҳатто давлатҳое, ки аз нигоҳи сарватҳои табиӣ бой мебошанд, ба дурустӣ дарк намудаанд, ки чунин шароити онҳо абадӣ нест ва дар оянда метавонанд ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ гарданд, чун он сарватҳои табиӣ хусусияти баитмомрасиро соҳиб мебошанд. Аз ин хотир, аксари чунин давлатҳои соҳиби сарвати зиёди табиӣ аз ҳисоби даромадҳои бадастовардаи давлат як қисмати муайяни онро баҳри рушди соҳаҳои мухталифи илмӣ харҷ намуда истодаанд, ки дар панҷоҳсолаҳои оянда ҳатман подоши мусбати онро соҳиб хоҳанд шуд. Яъне, маблағгузориҳои бомуваффақияти имрӯза дар соҳаи илм ояндаи пешрафти давлатро таъмин хоҳад намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи давлатҳои аз нигоҳи сарватҳои табиӣ бой дохил намешавад, аммо барои пешрафти илм дар давлат саъю талош мекунад. Хурсандибашх он аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон чунин сиёсатро дастгирӣ мекунад ва ба соҳаҳои дахлдори давлатӣ оид ба пешрафти илм ва маориф ҳамасола дастуру супоришҳо медиҳад, то барои бунёди муассисаҳои томактабӣ баҳри кӯдакони то мактабӣ ва таъмиру бунёди мактабҳои миёна барои насли ояндаи кишвар кӯшиш намоянд. Маблағгузориҳои чунин иқдомҳо натанҳо аз ҷониби худи Ҳукумат, инчунин аз тарафи сармоягузорони ватанӣ самаранок ба роҳ монда шудааст. Яъне, сармоягузорони ватанӣ баҳри хизмат намудан ба ватанӣ худ омодабош ҳастанд ва чунин амалҳои онҳоро ҳукумат низ дастгирӣ намуда, тамоми монеаҳои он бартараф карда мешаванд. Маҳз чунин амалҳои тарафайн вуҷуд доранд, ки бунёд ва

таъмири муассисаҳои мухталифи соҳаҳои номбаркардашуда дар қиёс ба даврони шӯравӣ чандин маротиба зиёд мебошанд, ки аз дастовардҳои мусбати имрӯзаи ҳукумат ва пешрафти ҷумҳурӣ дарак медиҳад. Яъне, дар даврони истиқлолияти сиёсӣ талошҳои давлат баҳри пешрафти соҳаи илм хеле зиёд мебошанд. Вобаста ба масъалаи мазкур бояд ёдрасӣ гардад: «...дар солҳои Истиқлоли давлатӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта ба истифода дода шуд. Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла, 170 литсею гимназия, яъне муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд» [6].

Табиист, ки дар сурати такя намудан ба илм ва мақсади пешрафти он танҳо истифодаи сарватҳои дохилӣ басанда нест, чун илм маҳсули дастовардҳои тамоми инсоният мебошад ва аз илми ҷаҳонӣ дур будан монеаи пешрафти илми ватанӣ мегардад. Илми ватанӣ гуфта, дастовардҳои олимони ватанӣ дар назар дошта мешавад, на он ки илми мо аз илми ҷаҳонӣ тафовут дошта бошад. Илм хусусияти айниро касб намуда, ба ҳамаи инсоният тааллуқ дошта, ҳамон давлату ҷомеаҳое ба он бештар дастрасӣ пайдо хоҳанд намуд, ки ба омӯзиши он бештар машғул мебошанд. «Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала, мо мақому манзалати илм, олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа аз нигоҳи иҷтимоӣ, маънавӣ ва молиявӣ давра ба давра баланд бардоштем. Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд» [6]. Аз ин хотир, ҳадафи Ҳукумати мамлакат ба пешрафтҳои илмӣ дастрасӣ пайдо намудани олимони тоҷик, дар маҷмуъ пешрафти ҷумҳурӣ дар пояи дастовардҳои илмӣ мебошад.

Яке аз бахшҳои такмилдиҳандаи илми ватанӣ ин ҷалби ҷавонони кишвар ба илму дониш дар хориҷи давлат мебошад. Имрӯз низ ҷавонони тоҷик дар давлатҳои дигар ба омӯзиши илм машғул мебошанд ва ҳукумат ба ин масъала диққати ҷиддиро равона намудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаи мазкур хотирасон намуд: «...дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 % онҳо духтарон мебошанд» [6]. Ин кӯшишу дастгириҳо сабаб мешаванд, ки сатҳи илм дар давлат пеш равад. Албатта, набояд фаромӯш кард, ки барои дар воқеъ пеш рафтани илм ислоҳотҳо ва кӯшишҳо бояд ҳамаҷиҳата, саривақтӣ, самаранок ва воқеӣ бошанд, дар сурати дигар онҳо натиҷаҳои заруриро ба бор намеоранд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар дохили давлат низ ҳамаи сохторҳои давлатӣ ва намояндагони соҳаи илму маориф дар ин ҷода саъю талошҳои худро содиқона равона кунанд. «Мавриди зикр аст, ки дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон, истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба беҳбудӣ ниёз доранд» [6]. Барои ҳамин саъю талошҳои тамоми сохторҳои давлатӣ маҳз ба пешрафти соҳаҳои номбаркардашуда равона карда мешаванд, то натоиҷи мусбати амалӣ ба даст оварда шавад. Воқеан дар ин бахш аз ҷониби сохторҳои мухталифи қудратию соҳаҳои илму маориф қадамҳои устувор гузошта мешавад ва натиҷаҳои мусбати онро дар оянда мунтазир хоҳем шуд.

Барои татбиқи мақсадҳо дар бахши омодакунии кадрҳои илмӣ «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои

солҳои 2021-2030» аз нав дида баромад шуд. Умуман, тайёр намудани кадрҳои илмӣ, махсусан омӯзгорӣ дар мавқеи меҳварӣ қарор гирифта, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ҳалли мушкилоти соҳаи мазкур сохторҳои дахлдор вазифадор гардиданд: «Бинобар ин, мо бояд барои ҳарчи бештар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсилот, яъне омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим аз ҳоло чораҷӯйӣ намоем.

Ба ин мақсад, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки вазъи амалишавии Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030-ро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, онро тибқи ҳадафҳои нави дар ин самт гузошташуда такмил диҳад» [7]. Тамоми кадрҳои дар давлат фаъолиятмекарда ин маҳсули мактабу маориф ва омӯзгорон мебошанд. Аз сатҳи сифати омӯзгорон сатҳи сифати кадрҳои тайёркардаи онҳо низ вобастагии бузург доранд. Барои ҳамин чӣ қадаре давлат ба соҳаи илму маориф диққати дуруст диҳад, ҳамон қадар кардҳои омоданамуда босифат баромада, барои давлат содиқона хизмат мекунанд. Ин аст, ки умқи ин масъаларо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дуруст дарк карда, бамаврид қайд намуд: «Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад. Таърих гувоҳ аст, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ дар тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки рушди давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки аз сифату сатҳи некуаҳолии мардум вобаста мебошад» [6]. Дар роҳи расидан ба сатҳи баланди рушди тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ нақши давлат ниҳоят калон аст. Гузашта аз ин, дар ҳар кадом масъалаи бузург, ки соҳаи илму маориф низ ба он шомил мегардад, ҳамроҳ гаштани давлат бар нафъи кор

аст. Маҳз ҳадафҳои бузург бо кумаки давлат ҳатман натиҷаҳои мусбатро медиҳанд ва иҷроиши онҳо дар кутоҳтарин муддат ба даст меояд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст: «рушди фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ мебошад. Агар соли 2000 аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод. Тайи 33 соли истиқлоли давлатӣ дар кишвар 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона бунёд ёфта, имрӯз ба мардуми Тоҷикистон хизмат менамоянд. Танҳо дар се соли охир дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 167 иншооти фарҳангу фароғат бунёду азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ бароварда шуд» [6]. Барои ҳамин, ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам дар хориҷи он барои пешрафти соҳаи фарҳанг тамоми кӯшишҳо ба харҷ дода шуда истодаанд ва ба шарофати ҷашни 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тамоюлот боз бештар суръат гирифта, натиҷаҳои мусбатро дар рушди соҳаи фарҳангӣ дода истодааст: «Соли равон бо саъю талошҳои кишвари мо 11 ёдгории мероси фарҳангии Хуттали қадим (дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Данғара, Восеъ, Фархор ва Ховалинги вилояти Хатлон) ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

Дар ин радиф, аз ҷониби ЮНЕСКО қабул шудани қатъномаҳо дар мавриди эътирофи шаҳри Панҷакент ҳамчун «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ барои сӯзанидӯзӣ» ва бузургдошти 1050-солагии Робияи Балхӣ дар солҳои 2026-2027 далели ҷойгоҳи хоссаи меросу арзишҳои фарҳангиву маънавии тоҷикон дар тамаддуни умумибашарӣ мебошад.

Ҳамчунин, танзими ҳамоишҳо зери унвони «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи гуногунрангии фарҳангӣ» (аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният) боиси ифтихору сарбаландии

миллати ориёии мо мебошад» [7].

Масъалаи ҳифзи солимии аҳолӣ дар ҳамаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба таври васеъ ва фарогир инъикос меёбад, чун аз ҳифзи саломатии аҳолӣ рушди тамоми давлату миллат вобастагӣ дорад: «Дар даҳ соли охир дар кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 1300 иншооти соҳаи тандурустӣ ба маблағи беш аз 5,3 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Агар маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2015-ум 1 миллиарду 37 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2025 ба 4 миллиарду 300 миллион сомонӣ расонида шуд. Яъне буҷети соҳа дар ин давра беш аз 4,2 баробар зиёд гардида, дар даҳ соли охир 26 миллиарду 300 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки масъалаи мукаммалсозии низоми маблағгузории соҳаи тандурустӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, гузариш ба низоми ғайринақдии пардохти хизматрасониҳо ва дигар масъалаҳои соҳаро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намояд» [7]. Дар баробари ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин, барқарорсозӣ ва бунёди иншоотҳои тиббию тандурустӣ тамоми маблағгузориҳоро ҷудо намуда, сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббиро барои аҳолии мамдакат баланд карда истодааст.

Мавриди таваҷҷуҳи Президенти кишвар масъалаи афзоиши шумораи аҳолии қобили меҳнат ва таносуби таъмини онҳо бо кор мебошад: «Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат муайян гардидааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар беш аз 4,1 миллион ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Ҳоло бо мақсади танзими самараноки бозори меҳнат зарурати таҳияи сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ ва механизмҳои самарабахши ташкиливу иқтисодии бунёди ҷойҳои нави корӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба миён омадааст. Илова бар ин, дар муҳлати ду сол барои пурра ба кор даровардани корхонаҳое, ки аз фаъолият бозмондаанд, чораҷӯйӣ карда шаванд» [6].

Гузашта аз ин, дар давлат ҷалб ва таъмин намудани шаҳрвандон, махсусан ҷавонон бо ҷойи кор аз масъалаҳои авлавиятдоштаи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҷалби шаҳрвандон бо ҷойи кор сабаб мешавад, ки пеши роҳи муҳоҷирати аҳолӣ ба давлатҳои хориҷӣ гирифта шавад ва самараи меҳнати онҳо ба худи давлат боқӣ монад, на ба давлатҳои бегона расад. Албатта, ин заруратро пеш меорад, ки шаҳрвандон бо касбу корҳои мухталиф муҷаҳҳаз бошанд, то соҳаҳои гуногуни кишвар танқизии кадрҳоро ҳис нанамоянд. Бахши шуғли аҳолӣ дар ҳолатҳои зарурӣ шаҳрвандонро метавонанд бо курсҳои кутоҳмуддат сафарбар намуда, баъди итмоми чунин курсҳо ба соҳаҳои мухталиф барои кор ҷалб намоянд. Ин сабаб мешавад, ки пеши роҳи бекории аҳолӣ гирифта шавад ва шаҳрвандоне, ки аз бекорӣ танқизӣ мекашиданд, аз чунин мушкилот раҳоӣ ёфта, вазъияти иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии оилавии худро беҳтар кунанд. Барои ҳамин давлат ҳама вақт баҳри беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ иқдомҳо мекунад ва барои бартарафкунии сатҳи бекорӣ дар давлат кӯшиш мекунад.

Барои баланд бардоштани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон Ҳукумати мамлакат, махсусан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон диққати бештар дода, дар баробари дигар масъалаҳои мубрам ба масъалаҳои касбомӯзӣ ва забономӯзӣ диққати хосса медиҳад: «дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои таълими калонсолон таъсис дода, то имрӯз дар онҳо беш аз 700 ҳазор шаҳрвандон ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 1 миллиону 100 ҳазор нафар шаҳрвандон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон ба касбомӯзӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ ҷалб шудаанд. Илова бар ин, имрӯз дар 54 муассисаи касбомӯзии калонсолон 80 000 шаҳрвандон ба омӯхтани касбу ҳунар машғул мебошанд. Танҳо дар як соли охир 4 маркази касбомӯзию хизматрасонӣ ва рушди малакаҳо

мавриди истифода қарор дода шуд, ки фаъолияти онҳо дар соҳибкасб гардонидани шаҳрвандон ва бо сертификатҳои байналмилалӣ таъмин кардани касбомӯзон нақши муҳим дорад. Марказҳои зикршуда метавонанд дар як сол беш аз 8000 нафар сокинони мамлакатро ба касбомӯзӣ ва забономӯзӣ фаро гиранд» [6]. Дар шароити кунунӣ барои бо кори дуруст таъмин будан шахс бояд саводи хуб дошта бошад, ягон забонро донад, касбу ҳунари арзанда ва зарурӣ дошта бошад. Барои ҳамин солҳои охир мушоҳида мегардад, ки худи шаҳрвандон барои касбомӯзӣ ва махсусан забономӯзӣ ҷидду ҷаҳд мекунанд. Махсусан ин тамоюл дар миёни ҷавонон фаъол гашта, онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳадди ақалл аз ду забон: русӣ ва англисӣ воқиф бошанд ва барои сафар ба хориҷи кишвар ин ду забонро ба таври забонҳои асосии муошират аз худ намуда истодаанд. Донистани забони хориҷӣ ва соҳиби касбу ҳунар будан барои худи шахс хуб буда, фард мақоми худро дар муносибатҳои иҷтимоӣ тезтар пайдо карда, ояндаи мавҷудияташро таъмин мекунад.

Барои ҳамин, таъмин намудани манфиати умумӣ дар ҷомеа пеш аз ҳама мақсади асосии сиёсати давлатиро ташкил медиҳад. Барои дарки амиқтар, метавон ба се хусусияти асосии он назар кард: «Манфиати умумӣ ҳадафи фароҳам овардани некӯаҳволии ҳамаи аъзои ҷомеа, новобаста аз мавқеи иҷтимоии онҳоро дар назар дорад. Ин некӯаҳволӣ на танҳо ҷисмонӣ, балки рушди инсонро аз ҷиҳати ахлоқӣ, зеҳнӣ ва руҳӣ низ дар бар мегирад. Мақсади он такмил додани сифатҳои хосси инсон мебошад, то шахс тавонад зиндагии пурмазмун дошта бошад» [182]. «Манфиати умумӣ танҳо маҷмуи некӯаҳволии инфиродӣ нест, балки манфиати муштараки ҳамаи аъзоёни ҷомеа мебошад. Ин маънои онро дорад, ки манфиати умумӣ бо манфиатҳои шахсӣ маҳдуд намешавад. Барои баҳрабардорӣ аз ин манфиат, иштироки фаъолонаи тамоми ҷомеа бояд таъмин шавад» [201]. Баръакс, шахс дар муносибатҳои ҷамъиятӣ амал намуда, манфиату мақсадҳои худро метавонад боз самараноктар татбиқ намояд.

Манфиати умумӣ бо сиёсати давлатӣ ва ҳокимияти сиёсӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Ҳарчанд ҳамаи аъзоёни ҷомеа дар рушду пешрафт саҳм мегузоранд, вале ҳокимияти сиёсӣ нақши муҳимтарро мебозад, зеро масъулияти идоракунии захираҳои давлатиро ба уҳда дорад. Барои ҳамин, ҳадафи муҳимми сиёсати давлатӣ барои расидан ба манфиатҳои умумӣ равона намудан ва назорати захираҳо мебошад, ки аз ахлоқи ҳокимият дарак медиҳад. Бинобар ин, усули эҳтиром ба шарафи инсонӣ барои ҳар низоми сиёсии ахлоқӣ ва адолатпарвар муҳим аст. Агар роҳбарони сиёсӣ ин меъёрро сарфи назар кунанд, онҳо на танҳо ба шаҳрвандон хиёнат мекунанд, балки ба ояндаи ҷомеа низ зарар мерасонанд. Сиёсатмадори варзида дар назди худ ҳамеша озодӣ, баробарӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсонро дар мадди аввал мегузорад.

Таваҷҷуҳи зарурӣ ба қишрҳои камбизоат ва осебпазири ҷомеа низ дар ин маврид аҳаммияти хос дорад. Манфиати умумӣ дар назар дорад, ки нисбат ба табақаҳои камбизоат ва осебпазири ҷомеа ғамхории бештар зоҳир намоем. Ин усул ба усули тафовутии Ҷон Ролз шабоҳат дорад. Мақомоти давлатӣ бояд сиёсати худро бо таваҷҷуҳи хос ба манфиати камбизоатон ва осебпазирон таҳия ва равона намояд. Онҳое, ки мақоми баланди ҷамъиятӣ доранд, бояд ҳамеша ҳимоятгарони афроди бечора ва нотавон дар ҷомеа бошанд. Тадбирҳо бояд тавре роҳандозӣ шаванд, ки ниёзҳои хосси гурӯҳҳо қонеъ гарданд ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок намоянд ва ҳамчун инсонҳои комил зиндагӣ намоянд. Аз ин рӯ, зимни таҳияи сиёсати давлатӣ, таваҷҷуҳи хос нисбат ба қишрҳои камбизоат ва осебпазири ҷомеа равона гардида, ин қишрҳои ҷомеа дар барномаҳои онҳо бояд дар мадди аввал қарор гиранд. Дар асл, чуноне ки Ҷон Ролз дуруст таъкид мекунад, ахлоқи ҳар ҷомеа аз рӯйи сатҳи ғамхории он нисбат ба аъзоёнии осебпазири он арзёбӣ мешавад.

Масъулияти идоракунии захираҳои ҷамъиятӣ барои татбиқи ҳадафҳо муҳим аст. Ин усул роҳбарони сиёсиро вазифадор мекунад, ки захираҳои

ҷамъиятии дар ихтиёр қарордоштаро бо самаранокӣ ва самарабахшӣ ба манфиати соҳибони ҳақиқии онҳо, яъне аъзоёни ҷомеа равона кунанд. Хусусан, ин усул роҳбарони сиёсиро водор месозад, ки аз истифодаи захираҳои ҷамъиятӣ барои манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ, ё барои нигоҳ доштани қудрат худдорӣ намоянд. Дар доираи риояи ин метод, ходимони сиёсии дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ дар фаъолиятҳои худ роҳбарии дуруст ва возеҳиятро нигоҳ дошта, перомуни фаъолиятҳои худ ба шаҳрвандон маълумот дода, амалҳои худро зери назорати онҳо қарор диҳанд, мардум аз қарорҳои онҳо ва иҷроиши корҳо маълумот гирифта, худашон қиёс мекунанд, ки ҳукумати мавҷуда воқеан ваъдаҳо ва вазифаҳои худро вобаста ба манфиати умум иҷро мекунад, ё на.

Маҳдудсозии дастрасии аъзои ҷомеа ба иттилоот боиси густариши фасод гардида, имконият медиҳад, ки доираҳои ғайрирасмӣ хароҷоти давлатро на ба манфиатҳои аксарият, балки ба манофеи ақаллият сарф намоянд. Аз ин рӯ, амалҳои тасарруфи маблағҳои ҷамъиятӣ, таҳрифи қонунҳо ва қонуншиканӣ дар муассисаҳои давлатӣ, инчунин қонуншиканиҳо дар маъракаҳои интихоботӣ хиёнат ба арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсат дониста мешавад, зеро тавассути онҳо афроди масъул аз захираҳои ҷамъиятӣ барои расидан ба ҳадафҳои шахсии худ истифода мебаранд.

Аз ин хотир омӯзиши мавқеи роҳбарони сиёсӣ, ё нухбагони сиёсӣ пеш меояд, то муайян карда шавад, ки онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба манофеи умум то кадом андоза хизмат карда, аҳаммияти худро барои наздиккунии ҷомеа нишон медиҳанд.

БОБИ 3. АХЛОҚ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДҲОИ МУОСИРИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

3.1. Афзалиятҳои арзишии нухбагони сиёсии муосир барои расидан ба ҳамгироии ҷомеа

Нухбагони сиёсии ҳар ҷомеа на танҳо ҳимоятгари арзишҳои гурӯҳӣ, балки тамоми ҷомеа ба шумор мераванд. Барои расидан ба ин мақсад, онҳо аз захираҳои гуногуни дар ихтиёри ҳокимият қарордошта васеъ истифода мебаранд, вале амали он барои татбиқи ин ҳадаф, танҳо бо истифодаи захираҳои ҳокимият маҳдуд намешавад. Яке аз манбаи муҳимми нухбагони сиёсӣ барои ҳифзи арзишҳои ҷомеа, ба даст овардани ҷонибдории васеъ дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа мебошад. Иҷрои ин амалро элитаи сиёсӣ на танҳо ҳамчун амали зарурӣ барои таъмини суботи сиёсӣ медонад, балки дар аксар маврид, ҳамчун вазифаи ахлоқии худ медонад.

Бинобар ин, мо наметавонем таъкид намоем, ки мулоҳизаҳои ахлоқӣ дар фаъолияти элитаҳои сиёсӣ ҷой надоранд, зеро онҳо танҳо ба танзими умури ҳаёти ҷамъиятӣ машғуланд. Баръакс, чунин мафҳумҳо, ба монанди «вазифаи ахлоқӣ» «адолат» ва «ростқавлии миллӣ» ҳамеша тӯли асрҳо ба сиёсати давлатҳо таъсир доштанд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе маврид шиорҳои ахлоқӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, на ҳамчун омили муҳимми таъсиррасон ба ташаккули низоми идоракунии сиёсии ҷомеа истифода мешуданд.

Аз ин ҷо, арзишҳои афрод гуногунанд, арзишҳои аз ҷониби элитаҳои сиёсӣ риояшаванда низ яксон нестанд. Муҳаққиқон сабаби инро дар он мебинанд, ки нухбагон перомуни равандҳои сиёсии ҷаҳон аз нигоҳи мутафовут мулоҳиза менамоянд. Аз муҳтавои ин равандҳо арзишҳои элитаҳои сиёсии ҳар кишвар пешбинишаванда буда, онҳо аз тариқи мулоқоту изҳоротҳо ва осори интишорнамуда равшан иброз мегарданд [143].

Нигаришҳои арзишии нухбагони сиёсӣ шакл гирифта, хусусияти функсионалӣ доранд, зеро онҳо ба зиндагӣ ва ҷаҳонбинии қишрҳои гуногуни ҷомеа таъсир мерасонанд. Ба андешаи Р.Инглхарт, «онҳо роҳнамоҳоеро фароҳам меоранд, ки ба афрод имкон медиҳанд дар шароити мушаххас зиндагии худро идора намоянд. Меъёрҳои фарҳангӣ дар марҳалаҳои аввали ҳаёт тамоюли дохилшавӣ (интериоризатсия) доранд ва бо гузашти замон тавассути абзорҳои иҷроиш бо роҳи ғайриақлонӣ тақвият меёбанд. Қудрати ин абзорҳо на дар ақлонӣ будани онҳо, балки дар моҳияти онҳост, зеро поймол намудани меъёрҳо эҳсоси гуноҳ ва шармандагиро ба вуҷуд меорад ва маҳз ҳамин чиз низоми зиндагии инсониро нисбат ба ҷазоҳои моҳияти ҳуқуқидошта хеле пурқувват месозад» [70, с.23].

Ин ақида ба он ишора мекунад, ки арзишҳои ахлоқӣ ба таври мустақил нуфузи доимӣ ва мустақил ба ҳаёти сиёсӣ надоранд. Сатҳи нуфузи арзишҳои ахлоқӣ ба ҳаёти сиёсии ҷомеа ба татбиқшавии маҷмуи ба ҳам алоқаманди муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста аст, ки ба таври объективӣ амалӣ мегарданд. Дар амалӣ гаштани ин муносибатҳо ва самти татбиқи онҳо, дар баробари омилҳои объективӣ, инчунин нақши шахсиятҳои сиёсӣ барҷаста аст. Маҳз фаъолияти нухбагон оммаро аз бисёр ҷиҳат ба самти дуруст раҳнамоӣ месозад. Ин хулоса нисбат ба нухбагони ҳоким ва мухолиф дахл дорад.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки дар масъалаи ҳифзу барқарор нигоҳ доштани меъёрҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тафовутҳои зиёд миёни фаъолияти сиёсии нухбагону оммаи мардум вуҷуд дорад. Таҳқиқотҳо роҷеъ ба ин масъала нишон медиҳанд, ки ҳаракати нухбагон дар ин самт ҳамеша огоҳона, низомнок ва ҳадафмандона мебошад. Ба он системанокию ҳадафмандӣ дар ҷаҳони имрӯз, пеш аз ҳама, омилҳои миллӣ таъсиргузор аст. Нишонаҳои таъсиргузории омилҳои миллиро, масалан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти саъю талоши роҳбарияти олии кишвар баҳри

тақвияти ҳувияти миллӣ ва истеҳкоми пояҳои давлатдории миллӣ мушоҳида кард. Муайянкунандаи ҷойгоҳи арзишҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеа марбут ба сатҳи муроҷиати одамон ба онҳо барои барқарорсозии муносибат бо дигарон, ташкили беҳтари зиндагии фардию дастаҷамъӣ ба шумор меравад. Барои вазъи кунунии ҷомеаи тоҷик афзалияти арзишҳои марбут ба сулҳу субот дар радабандии арзишҳои одамон гувоҳи муҳиммияти онҳо барои таъмини шароити дилхоҳи муҳити зисти ҷомеа мебошад.

Дар ҳамин марҳалаи таърихӣ бо талошҳои ҳукумати кунунӣ, махсусан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар пояи таърихи давлатдории ниёгон давлати миллии тоҷикон бо назардошти арзишҳои миллӣ ва ҳувияти миллӣ давлати навин қомат баланд намуд. Маҳз барои бунёди давлати миллӣ тамоми саъю талоши ҳам ҳукумати мамлакат ва ҳам халқи тоҷик равона гардидааст, ки натиҷаҳои воқеиро дар бунёди давлатдории навин мегузорад.

Барои бунёди давлатдори рамзҳои давлатӣ низ зина ба зина барқарор ва мукаммал карда мешуданд, ки баҳри пешрафти давлат равона гашта буданд. Ҳамаи ин иқдомҳо сабаб мешаванд, ки ҳувияти миллӣ ташаккул ёбад ва ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ худро дар Тоҷикистони орому соҳибистиқлол бо амният ва дурнамои босаодат тасаввур намояд. Тамоми шаҳрвандони кишвар новобаста аз мансубияти миллию динӣ худро тоҷикистонӣ ҳисоб мекунанд ва тамоми ҳуқуқу озодиҳои онҳо баробар таъмин карда мешавад. Баъди истиқлолияти сиёсӣ ва таъмини арзишҳои миллӣ дар давлат пули миллӣ таъсис ёфт, ки мустақилияти давлатро боз ҳам устувор гардонида, минтақаю шахсиятҳои бузурги давлатӣ дар рӯйи он таҷассум гаштаанд, ки баҳри баланд бардоштани худшиносии миллии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Дар ин росто суботи сиёсию иқтисодӣ барқарор гардида, ҳисси ватанпарастии мардум боло меравад. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки фарҳанги оммаи мардум ва нухбагони сиёсӣ вобаста ба арзишҳои ахлоқии

бунёдӣ умдатан бар ҳамдигар асос меёбанд. Ин амр натоиҷи муҳимро дар пай дорад ва аз мустаҳкамшавии машруияти ҳокимият иборат аст.

Таҳқиқотҳои анҷомёфта нишон медиҳанд, ки мавқеъҳо ва ақидаҳои сиёсӣ дар арзишҳои шахсии одамон реша доранд ва ҳамеша нухбагони сиёсии кишварҳо талош менамоянд, ки ба мундариҷаи онҳо таъсиргузор бошанду онро ба манфиати сиёсияшон истифода баранд. Ҳарчанд ин табиӣ ба назар мерасад, вале зиёдаравиҳо дар ин маврид тамоюли авомфиребонаро афзоиш дода, воқеиятро қурбони арзишҳои муҳофизакорона, новобаста аз идеологияи чап ё рост месозад. Масалан, муваффақияти васеи интихоботии азҳоби популистӣ имрӯзҳо манзараи сиёсиро дар Аврупо ба тадриҷ тағйир дода, таваҷҷуҳи олимонро ҷалб намудааст. Дарки он ки чаро одамон азҳоби популистиро дастгирӣ мекунанд ва оё ҷонибдорони ғояҳои популистӣ хусусиятҳои беназири муштарак доранд, ки унсурҳои асосии популизмро берун аз идеологияи чап ва рост инъикос мекунанд дар адабиёти илмии муосир ҷиддӣ мавриди баҳс қарор дорад.

Дар доираи таҳқиқоти популизм аз нигоҳи талабот, ки ба нақши эътиқодҳо, мавқеъҳо, арзишҳо ва тамоюлҳои идеологии интихобкунандагон равона шудааст ва ба нақши арзишҳои шахсӣ, ки ҳамчун ҳадафҳои амиқи шахсият барои қабули қарор ва рафтори сиёсӣ баррасӣ мешаванд, камтар таваҷҷуҳ шудааст.

Аз дигар тараф, арзишҳо ҳамчун «унсурҳои маърифатии дилхоҳ ҳадафҳо, абстрактӣ ва фаромавқеӣ, ки ҳамчун принсипҳои роҳнамо дар ҳаёти одамон хизмат мекунанд» ва «метавонанд аз лиҳози аҳаммияти нисбӣ дараҷабандӣ шаванд» муайян мешаванд [263].

Арзишҳо усулҳои асосӣ мебошанд, ки мавқеъҳо ва ақидаҳои шахсро ташкил медиҳанд: онҳо роҳнамои амиқу устувор мебошанд, ки аз рӯйдодҳои воқеӣ камтар таъсир мегиранд ва нисбат ба мавқеъҳо ва ақидаҳо бештар устувор ҳастанд. Аз ин рӯ, онҳо ибтидои силсилаи сабабии

қабули қарорҳо мебошанд [254]. Ин хусусияти арзишҳо – тарзи ташаккули онҳо дар мавқеъҳо ва пайвастагии онҳо бо амали овоздиҳӣ – онҳоро махсус барои омӯзиши ангезаҳои оммавӣ, ки асоси овоздиҳӣ ба фоидаи ҳизбҳои популистиро ташкил медиҳанд, мувофиқ месозад.

Мавқеъҳои авомфиребона дар унсурҳои асосии популизм реша доранд: мардумигароӣ, нухбазудоӣ ва ихтилоф байни мардум ва нухбагон ё антиплюрализм. Ин натиҷаҳо муҳим мебошанд, зеро мавқеъҳо ва ақидаҳои сиёсӣ таҳти таъсири арзишҳои шахсии одамон қарор доранд. Ҷомеашиносони аврупоӣ робитаи байни арзишҳои шахсӣ ва овоздиҳӣ ба фоидаи ҳизбҳои популистиро дар 13 кишвари Аврупо таҳқиқ кардаанд. Ҳангоме ки ин таҳқиқот тамоюлҳои муштараки интихобкунандагони тарафдори азҳоби популистиро равшан мекунад, он бештар ба муносибати байни арзишҳои алоҳида ва овоздиҳӣ ба фоидаи популистҳо таъкид кардааст. Аз ин рӯ, он ба назар намегирад, ки арзишҳо дар ҳолати ҷудогона амал намекунанд, балки дар як низоми зиддият ва мувофиқат ҷой доранд.

Муҳаққиқони зикршуда авомфиребиро ҳамчун «идеологияи маҳдуд, ки ҷомеаро чун ду гурӯҳи якхела ва ба ҳам зид – «мардумони пок ва доно» бар зидди «элитаи фасодзада» мебинанд ва таъкид мекунанд: сиёсати давлатӣ бояд ифодаи иродаи умумии мардум бошад». Сиёсатмадорон ба амалҳои ғайриахлоқӣ, аз қабили, азхудкунии ғайриқонунии маблағҳои давлатӣ, порахӯрӣ ва ҳамраъйи хешутаборӣ даст мезананд, то худ, аъзои оила, дӯстон ва ҳампаймонҳояшонро сарватманд гардонанд. Онҳо инчунин фасоди сиёсиро барои ба дастоварӣ, нигоҳдорӣ ва густариши қудрат аз роҳҳои гуногун истифода мебаранд. Барои мустаҳкам кардани муассисаҳои давлатӣ аз таъсири манфии ин гуна падида Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияю барномаҳоро таҳия ва амалӣ менамоянд.

Дарки авомфиребӣ ҳамчун идеология барои таҳлили ҳаракатҳо ва ҳизбҳои популистӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меорад: бо вуҷуди «маҳдудиятҳо», ғояи популистӣ метавонад унсурҳои дигар идеологияҳоро

дар бар гирад, дар ҳоле ки ҳанӯз онҳо ҳамчун «популистӣ» шинохта мешаванд ва байни ҳизбҳои ба назар гуногун шабоҳат нишон медиҳанд. Маҷмуи арзишҳое, ки дастгирии ҳизбҳои популистиро таҳрик медиҳанд, эҳтимолан дар ҳастаи таълимоти популизм реша доранд, ки унсури асосии он диди монистии ҷомеа ҳамчун ду гурӯҳи ба ҳам зид мебошад. Новобаста аз маъноҳои гуногуни «мардумони поку доно» ва «элитаи фасодзада» дар дохили идеологияи амиқ, ки дар он ҳизб фаъолият мекунад, он чи доимӣ боқӣ мемонад, ин тақсими ҷомеа ба ду гурӯҳи муқобил, фаҳмидани сиёсат ҳамчун ифодаи иродаи умумии «мардум» ва дар натиҷа, ивазкунии мафҳуми «тамоми ҷомеа» бо яке аз қисмҳояш, яъне «мардумони поку доно» мебошад. Ин унсурҳо бо арзишҳои худгузар (self-transcendent values) мутобиқанд ва бо арзишҳои муҳофизакорона (conservation values) номувофиқанд.

Р.Инглхарт (1931-2021) арзишҳоро ҳамчун «намоишҳои когнитивии ҳадафҳои дилхоҳи абстрактӣ ва бурунмавқеӣ тасвир мекунад, ки барои методҳои роҳнишондиҳанда дар ҳаёти одамон истифода мешаванд» ва «вобаста ба сатҳи муҳиммияташон, ки бо навбати худ муназзам шудаанд» шарҳ медиҳад. Назарияи арзишҳои Инглхарт 10 арзиши шахсиро муайян мекунад, ки дар Ҷадвали 1 тавсиф ёфтаанд. Дар сатҳи таҳлилӣ, ин арзишҳо санҷида шуда, дар 67 миллат татбиқ шудани онҳо нишон дода шудааст, ки имкон медиҳад муқоисаи байни кишварҳо гузаронда шавад.

Ҷадвали 1. Тавсифи арзишҳои шахсӣ тибқи қолаби Р.Инглхарт

Арзиш	Тавсиф
Қудрат	Вазифаи иҷтимоӣ ва нуфуз, назорат ё ҳукмронӣ бар одамон ва захираҳо
Дастоварда	Муваффақияти шахсӣ тавассути нишон додани салоҳият тибқи меъёрҳои иҷтимоӣ
Гедонизм	Лаззат ва қонеъшавии ҳиссиёти шахсӣ

Идомаи ҷадвали 1.	
Ҳаяҷон	Оғоз, навгонӣ ва мушкилот дар зиндагӣ
Худидоракунӣ	Тафаккур ва амалкарди мустақил: интихоб, эҷод, таҳқиқ
Универсализм	Фаҳмиш, қадршиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳифзи некӯаҳволии ҳама одамон ва табиат
Некхоҳӣ	Нигоҳдорӣ ва беҳбуди некӯаҳволии ашхосе, ки шахс бо онҳо тамоси доимӣ дорад
Суннат	Эҳтиром, садоқат ва қабули урфу одат ва ғояҳое, ки фарҳанги анъанавӣ ё дин ба шахс диҳад
Ҳамоҳангӣ	Маҳдудкунии амалҳо, майлҳо ва ангезаҳо, ки эҳтимолан дигаронро ба нороҳатӣ оварда, меъёрҳои иҷтимоиро халалдор мекунанд
Амният	Бехатарӣ, ҳамоҳангӣ ва устувории ҷомеа, муносибатҳо ва шахс

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки арзишҳо бар асоси ниёзҳои умумиинсонӣ ва ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, таносуби муносибатҳои динамикии мувофиқат ва мухолифатро дар худ нишон медиҳанд ва онҳоро ҳамчун континууми даврии ангезишӣ донист. Умуман, арзишҳо метавонанд дар ду ченаки муқобил ва ба ҳам зид ташкил карда шаванд: арзишҳои худтакмилдиҳӣ (self-enhancement values) ва арзишҳои худгузар (self-transcendent values). Арзишҳои худтакмилдиҳӣ амал барои манфиатҳои шахсиро ташвиқ ва қонунӣ мекунанд; онҳо бо арзишҳои худгузар, ки ғамхорӣ ба некӯаҳволии дигаронро таъкид мекунанд, мухолифанд. Аз тарафи дигар, арзишҳои кушода (openness values) таҳаввулро ҷонибдорӣ мекунанд ва ҷустуҷӯйи ғояҳо ва таҷрибаҳои навро

ташвиқ менамоянд, дар ҳоле ки арзишҳои муҳофизакорона (conservation values) ҳифзи вазъи мавҷуда ва пешгирии таҳдидро авлотар медонанд [69].

Ин таносуби зиддият ва мувофиқати арзишҳо имкон медиҳад, ки на танҳо арзишҳои алоҳида, балки омӯзиши робитаи тамоми низоми арзишҳоро бо дигар тағйирёбандаҳо анҷом диҳем. Илова бар ин, рафтор ё мавқеъҳое, ки бо арзиши муайян мутобиқанд, бояд бо арзишҳои ҳамсон низ мувофиқ бошанд, вале бо арзишҳои муқобил зиддият доранд. Азбаски арзишҳо дар ҷудогӣ амал намекунанд ва дар низоми зиддият ва мувофиқат қарор доранд, такя ба арзишҳои алоҳида метавонад зиддият ва танишҳои муҳиммеро, ки ба таҳаввули арзишҳо ва рафтор таъсир мерасонанд, нодида гирад.

Ҷанбаи дигари зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар рафтори нухбагони сиёсӣ бо мафҳуми фиреби сиёсӣ ифода меёбад. Фиреби сиёсӣ ё манипулятсия дар сиёсатҳои ғайриахлоқӣ як навъи бозии қудрат аст, ки онро М.Фуко ҳамчун равиши ниҳонӣ ё муътадил тавсиф мекунад [208]. Доираҳои ҳоким қонунҳои мавҷударо бекор ё тағйир медиҳанд, ё қонунҳои нав ҷорӣ мекунанд, ки бо мақсади таҳкими қудрати худ ва саркӯб кардани мухолифон анҷом дода мешавад. Онҳо ҳамчунин ба ниҳодҳои давлатӣ таъсир мерасонанд, то сиёсати ба худ мувофиқро таҳия ва амалӣ намоянд. Ин сиёсатҳо чунон таҳия карда мешаванд, ки ба назар мерасад, гӯё бар асоси равандҳои қонунӣ ва ба нафъи ҷомеа қабул шудаанд. М.Фуко рафтори манипулятивиро дар сиёсатҳои ғайриахлоқӣ ба таври возеҳ шарҳ медиҳад: «Барои ба даст овардани пуштибонии тарафи дигар, таърифу тавсиф, найрангбозӣ ва вонамуд кардани таваҷҷуҳ ба ниёзҳои ӯ лозим аст. Ҳокими макиавеллӣ мекӯшад, ки ӯ худ найрангбоз (манипулятор) бошад, на шахсе, ки дигарон ӯро фиреб диҳанд. Ӯ бо ин мақсад қудрати кофӣ ҷамъоварӣ меорад, то худкифоӣ ва ба «силоҳи шахсии худ» такя намояд» [208, с.13].

Барои равшан намудани ҷанбаҳои назариявӣ, арзишҳо бояд аз сохторҳои мушобеҳ, ба монанди хислатҳои шахс, фарқ карда шаванд. Дар

ҳоле ки хусусиятҳо басомад ва шиддатеро, ки шахс рафторро иҷро мекунад, нишон медиҳанд, арзишҳо аз аҳаммият далолат мекунанд, ки шахс ба ҳадаф ҳамчун дастури амал афзалият медиҳад. Ба ибораи дигар, арзишҳо нияти ниҳонии рафтори шахсро ифода мекунанд, ё «он чиро, ки одамон муҳим меҳисобанд», дар ҳоле ки хислатҳо майлҳои устувор мебошанд, ё «он чӣ гуна шахс аст». Як роҳи дигари фарқ кардани арзишҳо аз хислатҳои шахсият дар он аст, ки арзишҳо бештар тағйир меёбанд; чунон ки Инглхарт онро ҳамчун «таъсири мутақобила байни шароити берунӣ, арзишҳо ва қаноатмандии субъективӣ» тавсиф мекунад [69, с.447]. Таҳаввули ҷомеа одамонро водор месозад, ки ба ҳадафҳои нав аҳаммият диҳанд: ин табиати динамикӣ ва таҳаввули арзишҳо, дар муқоиса бо хислатҳои устувори шахсият, собит месозад, ки арзишҳо метавонанд барои фаҳмидани сабабҳои тағйири мақсади одамон ва тасмимгирӣ дар овоздиҳӣ ё тарки сафи ҳизби популистӣ муфид бошанд.

Ҳамин тавр, таҳлили масъалаи ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар рафтори нухбагони сиёсӣ нишон медиҳад, ки байни арзишҳои шахсӣ ва афзалиятҳои сиёсӣ пайванди мустақим нест, аммо бисёриҳо ба нақши калидии арзишҳо ҳамчун асоси арзёбиҳои сиёсӣ бовар доранд. Афзалият ба арзишҳои шахсӣ, арзишҳо ва муносибатҳои сиёсиро шакл медиҳанд ва аз ин рӯ, арзишҳо ва муносибатҳои сиёсӣ робитаи байни арзишҳо ва рафтори сиёсиро муайян мекунанд. Муҳим аст, ки арзишҳои шахсӣ тавонистаанд интихоби сиёсиро дар доираи муҳити фарҳангӣ ва низомҳои сиёсии гуногун пешгӯӣ кунанд. Ин дар амалияи идоракунии сиёсӣ аҳаммияти хос дорад. Далелҳои зиёд мавҷуданд, ки арзишҳои шахсӣ манбаи сохтори муносибатҳои сиёсӣ ва рафтор мебошанд.

Масъалаи эътибор ва ба инобат гирифтани арзишҳои ахлоқӣ дар амалияҳои сиёсӣ, дар баробари дигар омилҳо, инчунин ба омили зарфияти давлатҳо вобастагии зиёд дорад. Масалан, муҳаққиқи амрикоӣ Ҷон Миршаймер чунин меҳисобад, ки давлатҳои абарқудрат ҳамеша нисбат ба

якдигар бо нобоварӣ менигаранд ва аз ҳамдигар иқдомҳои ғайриинтизоршавандаро интизор ҳастанд. Аз ин ҷиҳат, муносибати байниҳамдигарии онҳо дар камтарин маврид дар чаҳорчӯбаи арзишҳои ахлоқӣ меғунҷад ва онҳо ба ин эътибори ҷиддӣ намедиҳанд. Масалан, ҳарчанд қисми муайяни ҷомеаи Амрико рафтори Д.Трампро дар мавриди маҳрум кардани Украина аз дастгириҳое, ки дар даврони Ҷ.Байден бархурдор буд ҳамчун амали шармовар арзёбӣ намоянд, вале маъмурияти Трамп дар ҷавоб ба ин эродҳо, зарурияти ба эътиборгирии манфиатҳои кишварро таъкид мекунад. Чунин ихтилофи назарҳо аз дидгоҳи ахлоқӣ, инчунин вокуниши ҷомеаи Амрико нисбат ба муносибати маъмурияти Трамп ба Канада, Иттиҳоди Аврупо ва дигар шарикони сиёсии пештараро аз худ нишон медиҳад. Лозим ба зикр аст, ки чунин муносибат ба воқеияти сиёсӣ, ки онро сирф аз дидгоҳи арзишҳои ахлоқӣ мусбат арзёбӣ намудан душвор аст, дар амалияи идоракунии сиёсии абарқудратҳои дигар, чӣ дар сатҳи дохилӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ дучор меояд. Масалан, ҳарчанд Федератсияи Россия тӯли амалиёти махсуси ҳарбии худ (СВО), ҳамеша аз омодагӣ ба оташбас ба хотири ҳифзи ҷони инсонҳо изҳор медошт, вале бо мурури пайдо шудани заминаи воқеии эълони оташбас, пас аз гуфтушунидҳои ҷониби амрикоию украинӣ дар Арабистони Саудӣ аз ин мавқеаш қафо гашт. Рӯзи 13 марти соли 2025 В.Путин изҳор дошт, ки нақшаи тарҳрезишудаи эълони оташбас хуб аст, вале барои татбиқи он Федератсияи Россия шартҳои худро дорад. Ин шартҳо аз он бармеоянд, ки Федератсияи Россия ба ҷониби дигар эътимоди комил надорад ва чунин мешуморад, ки онҳо Федератсияи Россияро мисли пештара мехоҳанд фиреб диҳанд.

Барои баҳо додан ба ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар рафтори нухбагони сиёсӣ муҳаққиқон инчунин, аз мафҳуми поквиҷдонии сиёсӣ низ истифода мебаранд. Покандешии ахлоқӣ дар сиёсат аз меъёрҳои ахлоқии умумӣ ҳамчун мафҳуми ҷудогона истифода бурда мешавад. Ин назария ба

дидгоҳи бадахлоқӣ дар сиёсат наздик аст, зеро ҳарду нақши бозиҳои қудратро дар татбиқи манфиатҳои сиёсатмадорон эътироф мекунанд. Аммо, фарқи аслӣ дар он аст, ки дар сиёсатҳои баахлоқона ба ахлоқ тамоман эътино намекунанд, дар ҳоле ки ин назария нақши ахлоқ дар сиёсатро эътироф мекунад, аммо дар назар дорад, ки миёни меъёрҳои ахлоқии маъмулӣ ва ахлоқи ҳаёти сиёсӣ фарқ вуҷуд дорад.

Гузашта аз ин, гарчанде ҳарду дидгоҳ бозиҳои қудратро қобили қабул медонанд, сиёсатмадороне, ки сиёсатро ҳамчун мафҳуми ҷудогона медонанд, худхоҳ нестанд. Онҳо дар бисёр ҳолатҳо бо баҳонаи он ки ин амалҳо барои манфиати мардум анҷом дода мешаванд, аз шеваҳои қатъӣ ё ҳатто зӯроварона истифода мекунанд. Ин назария ба тафаккури ахлоқии пайомадгароёна (консеквенсиалистӣ) иртибот дорад, ки дар он амалҳои сиёсатмадорон аз рӯйи натиҷаҳои бадастовардаи онҳо арзёбӣ мешаванд.

Дар гузашта файласуфон ин мавқеъро ҷонибдорӣ кардаанд, дар замони муосир бошад, онро такмил додаанд [188; 218; 199]. Онҳо ба ақидаи роиҷ, ки сиёсати муосир аз камбуди пекандешии ахлоқӣ мушкилӣ доранд, мухолифанд. Ба гуфтаи онҳо, вуҷуд надоштани ахлоқи сиёсати идеалӣ ва таъкид бар он ки сиёсат аз камбуди пекандешӣ ранҷ мекашад, иштибоҳ аст. Тиллирис тасаввур кардани поксозии комили сиёсат аз бадиҳоро хато медонад. Ӯ бар чунин андешааст: «Буҳрони мо ҷанбаи ахлоқӣ надорад, балки бештар баҳси фалсафист; он ба мафҳумҳое иртибот дорад, ки мо онҳоро истифода мебарем, яъне хислатҳои шахсият ва муҳите, ки ҳангоми баррасии ахлоқи сиёсӣ ва пекандешӣ дар назар дорем». Файласуфони ба ин дидгоҳ моил, бар ин назаранд, ки сиёсат бояд ҳамчун мафҳуми мустақил баррасӣ шавад, бо дар назар доштани талабот, амалияҳо ва меъёрҳои пекадешӣ, ки аз худи сиёсат сарчашма мегиранд, на аз меъёрҳои ахлоқии абстрактӣ. Ба назари онҳо тасаввур кардан мумкин аст, ки дар сиёсат бо риояи ахлоқи комил амал намуд, аммо он нишонаи нодонӣ аз талаботи воқеии ҳаёти сиёсӣ аст. Барои Исайя Берлин шахс бояд миёни нақоти руҳи

худ тавассути покандешӣ дар зиндагӣ ва фаъолияти сиёсӣ интихоб кунад, вале наметавонад ҳар дуи онҳоро якҷоя иҷро намояд.

Покандешии ахлоқӣ дар сиёсат зарурати муносибати воқеъбинонаро тақозо менамояд. Тарафдорони ин назария бар он андешаанд, ки барои арзёбии дурусти покандешии сиёсатмадорон ба амалҳои ходимони сиёсии воқеӣ, сифатҳои шахсии онҳо, арзишҳои муҳимми ахлоқӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ зарурӣ мебошанд, такя намудан лозим мебошад. Онҳо таъкид мекунанд, ки ба сиёсат маъмулан сифатҳое, ба мисли хиёнат, душманӣ, фиреб ва рақобати носолим хос аст. Аз ин рӯ, барои муваффақ шудан дар сиёсат, шахс бояд як қатор фазилатҳои сиёсиро рушд диҳад, ки бо меъёрҳои ахлоқии маъмулӣ доварӣ карда намешаванд.

Ба таври мушаххас, сиёсатмадор бояд маҳорати истифодаи фиреб, хиёнат ва дасисаро дошта бошад, то дар фаъолияти сиёсии худ муваффақ гардад ва ба шаҳрвандон хидмат кунад. Ба гуфтаи Гемпшир: «Покандешии сиёсӣ ... ба покандешии дузде монанд аст, ки дар торикӣ ба монеа дучор шуда, бояд самти худро тағйир диҳад». Ин маънои онро дорад, ки агар шахс дар сиёсат комилан ростқавл, вафодор ва одил бошад, пас сиёсатмадори ноком хоҳад буд. Тиллирис огоҳ мекунад: «Риояи покандешии ахлоқӣ ва пойбандӣ ба вафодорӣ ва ростқавлӣ метавонад барои ҳаёти шахсӣ намунаи хуб бошад, аммо дар сиёсати амалӣ боиси нотавонӣ ва заифӣ мегардад. Агар касе ноогоҳона худро ба покӣ ва покдомании ахлоқӣ машғул созад, беҳтар аст, ки умуман ба сиёсат наояд. Бегуноҳӣ, покӣ ва устуворӣ метавонанд аз ҷиҳати ахлоқӣ шоиста бошанд, аммо онҳо фазилатҳои сиёсӣ нестанд, балки нуқсонҳо мебошанд.

Тибқи ин таълимот, барои муваффақшавӣ дар сиёсат, бояд воқеиятҳои сиёсатро дарк кард ва фазилатҳои сиёсиро, ки малакаи ҳилагарӣ, ба роҳ мондани муомила ва истифодаи фиреб, хиёнат ва риёкориро дар ҳолатҳои зарурӣ талаб мекунанд, бояд риоя кард. Умуман, ин назария сиёсати амалӣ ва утилитаристӣ (манфиатгароёна)-ро

ҷонибдорӣ мекунад, ки мувофиқи он амалҳои сиёсатмадорон на аз рӯйи ахлоқи шахсӣ, балки аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти иҷтимоии онҳо арзёбӣ мешаванд. Ҳамин тавр, аз нигоҳи ин назария, сиёсатмадори поктинат касест, ки пайваста аз фазилатҳои сиёсӣ, аз ҷумла, найрангбозӣ, фиреб, хиёнат ва риёкорӣ истифода мебарад, то қудрат ба даст оварда, онро нигоҳ дорад.

Аз ин ҷиҳат ахлоқи комил дар сиёсат бояд аз нуқтаи назари маъмулии ахлоқӣ дида шавад ва он аз ҳама гуна арзишҳои ахлоқӣ озод нест, зеро он бо зуҳури рафтори носолиму ғайриахлоқӣ тавсиф намешавад. Чунин хулоса инкор намекунад, ки сиёсат соҳаи алоҳида мебошад ва ахлоқи онро набояд бо меъёрҳои анъанавии ахлоқӣ, балки бо истифода аз меъёрҳои амалгароёна шарҳ дод ва ин дар навбати худ ба ходими сиёсӣ шароит муҳайё мекунад, то соҳиби қудрати сиёсӣ гашта, онро ба манофеи аҳли ҷомеа равона намояд.

Ин нуқтаи назар сиёсатро вобаста ба замони имрӯза маънидод карда, диққат ба он медиҳад, ки сиёсат ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа ва инсоният буда, зуҳур ва амали он дар навбати худ пайомадҳои ҷиддии ахлоқӣ дорад. Фарогирии ахлоқи комил дар сиёсат бояд маънои ҳифзи устувори манфиати умумро дошта бошад, ки бо роҳи риояи усулҳои ахлоқӣ, аз ҷумла эҳтиром ба ҳаёти инсон ва шаъну шарафи инсон, муомилаи нек бо қишрҳои камбизоат ва осебпазир ва идоракунии дурусти захираҳои давлатӣ дар амал татбиқ гардад. Бар асоси бовари нисбат ба муқаддас будани ҳаёт усули ахлоқии эҳтиром ба каромату шарофати инсон талаб мекунад, ки ҳаёти инсон дар ҳама ҳолатҳо эҳтиром карда шавад. Мавҷудияти ҷомеа маҳз бар асоси ин усул имконпазир аст, зеро бидуни одамон, ҷомеа вуҷуд дошта наметавонад.

Ба гуфтаи И.Кант уҳдадории эҳтироми одамон аз моҳияти онҳо сарчашма мегирад, зеро онҳо соҳиби қобилияти олии ақлу хираданд, ки малакаҳои зеҳнӣ ва ирода доранд. Одамон худ ба хулоса меоянд, ки

мустақилияти онҳоро нишон медиҳад ва ин худ қобили эҳтиром аст. Одамон мақсади худро доранд, вобаста ба он амал мекунанд, на ба хотири олоти дигарон будан [76].

Умуман, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур мегарданд. Аз ин хотир, онҳо метавонанд вобаста ба марҳалаи мушаххаси таърихӣ аз ҳамдигар тафовут дошта бошанд. Барои ҳамин, арзишҳои ахлоқӣ таъсири худро дар шуури ҷамъиятии марҳалаи мушаххас, аз он ҷумла замони муосир дар пояи омилҳои гуногун мерасонанд, ки таҳлили ҳамаҷиҳатаи онҳо ба масъалаи мазкур равшанӣ хоҳад дод.

3.2. Хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятии замони муосир

Дар таҳқиқотҳои илмҳои сиёсӣ ва иҷтимоии муосир мушоҳида мешавад, ки мавзуи аз ҳама бештар мавриди таваҷҷуҳ ин масъалаи роҳу усулҳои таъмини мавҷудияти низомҳои муосири сиёсӣ ба шумор меравад. Мубоҳисаҳои илмӣ перомуни низоми кунунии ҷаҳонӣ бар он бармехуранд, ки муносибатҳо миёни давлатҳои ҷаҳонӣ ва худи вазъи кунунӣ дар арсаи байналмилал мисли пештара набуда, дигаргуниҳои моҳиятии зиёд рух додааст. Бо вуҷуди пурихтилоф будани ин раванд ва тағйиротҳои олами муосир набояд фаромӯш кард, ки рушди фарҳангии инсоният шахсро ба муҳити нисбатан устувори муносибатҳои ахлоқӣ мерасонад. Аз ин ҷиҳат, бо талоши воситаҳои ахбори оммавӣ ва равобити байни халқҳо, ҷудоии маънавӣ миёни ҷомеа ва нухбагони сиёсӣ тадриҷан коҳиш меёбад. Сиёсат наметавонад аз арзёбии ахлоқӣ дур бошад, дар ҳоле, ки ахлоқ наметавонад бидуни сиёсат боқӣ монад [62]. Ахлоқ ҳамчун шакли шуури иҷтимоӣ бо ҳуқуқ шабоҳати зиёд дорад. Ҳуқуқ ва ахлоқ дар баробари ҷанбаҳои дохилӣ, инчунин, сатҳи самаранокии фаъолияти нухбагони сиёсиро инъикос мекунанд, ки маҷмуи қоидаҳои нисбатан устувор ва дастурамал оид ба арзишҳову меъёрҳои муайянро дар бар мегиранд.

Бо вуҷуди ин, тафовути ҷиддӣ миёни ахлоқ ва ҳуқуқ вуҷуд дорад. Ҳуқуқ, пеш аз ҳама, маҷмуи қоидаҳои сабтёфта дар созишномаҳо ва

шартномаҳои расмӣ мебошад. Ахлоқ бошад, маҷмуи арзишҳои нонавиштааст, ки дар афкори ҷамъиятии ҷаҳонӣ устувор мебошанд. Аз ин рӯ, маҳдудиятҳои ахлоқӣ аз маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ фарохтар буда, татбиқшавии васеъ доранд. Қарорҳо дар арсаи байналмилалӣ бояд на танҳо аз рӯйи қонунҳо, балки аз рӯйи усулҳои ахлоқ низ қабул карда шаванд.

Ахлоқ аз ҳуқуқ фаротар аст, зеро он озодии воқеиро талаб мекунад. Ахлоқ танҳо дар он шароит метавонад рушд кунад, ки инсонҳо ва давлатҳо мустақилона, бо иродаи худ масъулияти ахлоқии худро эҳсос намоянд. Дар ниҳоят, ахлоқ аз ҳуқуқ тафовути муҳим дошта, он ҳамеша аз амалҳои шахсӣ бармеояд. Ахлоқ дар сатҳи давлат аз рафтори шаҳрвандонаш, на танҳо аз изҳороти роҳбаронаш вобаста аст. Ҳар шахс дар баҳогузории ахлоқии рӯйдодҳои ҷаҳонӣ масъулият дорад ва наметавонад ин масъулиятро танҳо ба сиёсатмадорон вогузор кунад.

Ҳамин тавр, муносибатҳои байналмилалӣ бояд на танҳо бо қонун, балки бо арзишҳои ахлоқӣ танзим шаванд. Танҳо дар ҳамин сурат, мо метавонем ояндаи устувор ва бидуни ихтилофро таъмин намоем. Барои ба воқеият табдил додани ин ғоя робитаҳои муосири байналмилалӣ дар таҳаввули дохилӣ қарор доранд, зеро дар таркиби он тавозуни байни ахлоқ ва ростқавлӣ дар аксар маврид мутаассифона халалдор мешаванд. Хусусияти хосси муқаррар намудани меъёрҳои ахлоқӣ дар таркиби равобити муосири байналмилалӣ дар он аст, ки онҳо танҳо замоне меъёр мешаванд, ки ҳар шахс онҳоро ба виҷдони худ мутобиқ созад. Умуман, ин раванд ба осонӣ намегузарад, балки бо муқовимати ботинӣ, ихтилофи виҷдон ва зарурати ҳалли ин ихтилоф, қабули қарори устуворро талаб мекунад.

Дар аксар маврид паси изҳоротҳо масъалаҳои зиёди тақдирсоз аз назари мардум дур мемонанд. Аз ин ҷиҳат, маҳз дар робитаҳои байналмилалӣ аз ҳама бештар низоъҳои ахлоқӣ бо авомили сиёсӣ мушоҳида мегардад. Ҳадди ақалл се навъи низоъҳои ахлоқӣ аз ин нигоҳ

мавҷуданд. Якум, талаботи ахлоқӣ метавонанд бо асли меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда мухолиф бошад. Баъзан мебинем, ки созишномаи байналмилалӣ ё шартнома, гарчанде бо риояи тамоми қоидаҳои байналмилалӣ тасвиб шудааст, ба назар беадолатона ва яктарафа менамояд. Ин амал махсусан дар муносибатҳои байни кишварҳои абарқудрат ва кишварҳои миёнаю хурд мушоҳида мешавад. Дуюм, талаботи ахлоқӣ метавонанд бо манфиатҳои фаврӣ ва ниёзҳо ихтилоф дошта бошад. Оё қудратҳои бузурги ҷаҳон метавонанд таъмини аслиҳаро ба ҷонибҳои даргир дар марҳалаи имрӯзаи тақдирсоз аз лиҳози ахлоқӣ асоснок кунанд?

Ниҳоят, имкони сар задани ихтилоф байни низомҳои гуногуни арзишҳои ахлоқӣ вуҷуд дорад. Ин навъи низоъ мушкилтар ва дарднокtар мебошад, зеро онро танҳо шахс метавонад ҳал кунад. Дар арсаи ҷаҳонӣ, ин низоъ дар шакли бархурди ахлоқи «анъанавӣ» ва ахлоқи ҷомеаи даврони либералӣ сурат мегирад. Ахлоқи анъанавӣ, пеш аз ҳама, таъмини амнияти кишвари хеш ва танҳо баъд ҳалли мушкилоти байналмилалиро талаб мекунад. Аммо ахлоқи либералӣ бо шиорҳои глобалистӣ ба самти амнияти умумиҷаҳонӣ ҳаракат мекунад, ки танҳо он кафили амнияти миллӣ буда метавонад. Ахлоқи анъанавӣ таълим медиҳад, ки ихтилофҳо ва низоъҳо байни миллатҳо бояд ба манфиати кишвар истифода шаванд, дар ҳоле ки ахлоқи либералӣ таълим медиҳад, ки бояд манфиатҳои шахсӣ барои манфиати умумии инсоният абстрактӣ нисор шаванд.

Ҳалли низои ахлоқӣ дар равобити байналмилалӣ ба ҳалли бозии шоҳмот ё қазияи ҳуқуқӣ шабоҳат надорад. Инсон низои ахлоқиро хеле амиқ эҳсос мекунад. Мо бисёр вақт ранҷу азоб кашида қабули тасмими зарурiро ба таъхир меандозем. Мо бетараф мемонем, умедворем, ки муноқиша бо мурури замон худ аз худ аз байн меравад ё касе (давлат, коршиносон, ҳуқуқшиносон, таърих ва ғайра) онро ба нафъе ҳал мекунад. Аммо, дер ё зуд, мо маҷбур мешавем, ки қарор қабул кунем ва масъулиятро ба уҳда гирем. Мисоли ин дар талоши ҷустуҷӯйи ҳалли қазияи низои

Украина равшан ба назар мерасад.

Бешубҳа, низоъҳои ахлоқии вобаста ба ваъзи мураккаби равобити сиёсӣ танҳо хусусияти шахсӣ надоранд. Онҳо метавонанд байни гурӯҳҳои бузурги одамон, ҳизбҳои сиёсӣ, табақаҳои иҷтимоӣ ва ҳатто давлатҳо рух диҳанд. Дар чунин маврид, интихоби шахс метавонад осонтар бошад – вай метавонад танҳо ба як ҷониб бипайвандад. Аммо ин қарор ҷасорати шахсиро талаб мекунад ва метавонад ба низои ботинии ахлоқӣ оварда расонад.

Дарки воқеии ин равандҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки мо набояд ҷаҳонро бо ранги сиёҳу сафед бубинем, ки гӯё ҳама фазилатҳои ахлоқӣ дар як тараф ва ҳамаи бадӣ дар тарафи дигар ҷамъ шудаанд. Масъалаи асосӣ ин аст, ки мо набояд танҳо бо меъёрҳои ахлоқи гурӯҳӣ амал кунем, балки бо ахлоқе, ки ба сатҳи эътиқоди миллӣ расидааст. Танҳо дар ин сурат меъёрҳои ахлоқии байналмилалӣ метавонанд ба эътиқоди миллӣ табдил ёбанд ва низоми ҷаҳоние сохта шавад, ки ба ҳамсоягии нек ва ёрии ҳамдигар асос ёфта бошад.

Аз ин рӯ, илм, ҳуқуқ, стратегияҳои низомӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ наметавонанд ҷойгузини меъёрҳои ахлоқии амали сиёсии давлат бошад. Барои ҳамин, ҳеҷ коршинос ва мутахассис наметавонад моро аз масъулияти қабули тасмимҳои ахлоқӣ, ки ояндаи кишварҳои мо ва тамоми инсониятро муайян мекунанд, озод кунад.

Бинобар ин, дар амалишавии сиёсати давлатҳо самтҳои мухталифе вуҷуд доранд, ки ҳам дар сиёсати дохилии давлат ва ҳам дар сиёсати арсаи ҷаҳонӣ таъсиргузор мебошанд. Бахусус, агар кишварҳо дар сатҳи минтақа ва ё ҷаҳонӣ таъсиргузор бошанд, ҳудуди таъсири арзишҳои сиёсатҳои онҳо ба кишварҳои дигар низ меафзояд. Масалан, дар атрофи буҳрони Украина ду кишвари абарқудрати ба навбат воридшуда, яъне ИМА ва Федератсияи Россия, пайваста таъкид мекунанд, ки онҳо барои пуштибонӣ аз арзишҳои муайяни ахлоқӣ талош меварзанд. Чунин даъво аз омилҳои муҳимми ҳақ баровардани ширкат дар низоъ ва расонидани кумак ба ҷониби дигар

меҳисобанд. Аз ҷониби Россия ин масъала хеле васеъ дар андешаҳои файласуфи сиёсӣ А.Дугин мушоҳида мегардад. Ба андешаи ӯ «ба назар чунин мерасад, ки касе аз он ки дар тӯли 40 соли охир қариб ҳамон як нухбагони рус борҳо идеологияи худро ба тарафи дигар иваз кардааст, нигарон нест, аммо бо чеҳраи оқилона ва худписанд, ки ҳоло хокистарранг ва фарсуда аст, онҳо ба мардуми карахт дар бораи ғояҳои худ, ки камфаҳманд, таълим медиҳанд. Мо наметавонем ба касе, бахусус, ба худамон фаҳмонем, ки чӣ тавр як узви комсомол озодандеш мешавад ва як озодандеш бар зидди озодандеши дигар ватандӯст ва сипас эҳтимолан боз озодандеш зидди ватандӯст мешавад» [359].

Дар амалияи сиёсии Амрико ва умуман эътилофи кишварҳои ғарб таъкид бар дуруст будани талошҳои онҳо баҳри ҳифзи арзишҳои муайяни ахлоқӣ дар равобити муосири байналмилал зиёд аст. Онҳо аксаран ин баҳсҳоро дар қолаби рақобати арзишҳои ахлоқии хос ба низомҳои демократӣ ва ғайридемократӣ пеш мегузоранд. Таҳлили асосҳо ва ҳадафҳои чунин сиёсатгузориҳои эътилофи кишварҳои ғарб аз ҷониби олими тоҷик Х.Усмонзода хеле барҷаста нишон дода шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ бархурди манфиатҳо ва норозигии давлатҳои бузурги сайёра хатари задухурди воқеии онҳоро дар дурнамои таърихӣ суръат бахшида истодааст. Дар баробари ин, номувофиқии идеологии онҳо роҳи ҳалли осоиштаи мушкилотҳоро камтар менамояд, чун арзишҳои қабулгаштаи ҷомеаҳои мухталиф аз ҳам тафовут дошта, бор намудан ва қабули онҳо дар давлатҳо яксон набуда, бисёр мушкилию нофаҳмиҳоро эҷод мекунанд. Ҳатто як зумра давлатҳо барои ҳифзи арзишҳои миллиашон дар давлатҳои ҳамҷавори худ ин ё он амалиётҳои ҳарбиро оғоз намуда, бо ин амал ба татбиқи амалии арзишҳои ҷомеаҳои аҷнабӣ дар марзи худ роҳ намедиҳанд ва барои дифои манофеи миллии худ аз тамоми усулҳо истифода мекунанд.

«Новобаста аз гуногунии мавқеъҳо нуктае, ки зеҳни андешамандони дар фазои баҳсҳои зикршуда фаъолро то андозае ба сӯйи ҳамфикрӣ низ

меорад, ин аст ки бояд башарият қисмати хешро пурра ба дасти ҳаводиси мураккаби олами имрӯз насупорад, баръакс, бидуни ҳаросу ақибнишинии зеҳнӣ барои ояндаи беҳтар талош варзад. Баҳри ноил омадан ба ин ҳадаф мебояд, байни низомҳои гуногун бар ивази рақобати ба нестӣ тамоюлдошта табодул сурат гирад ва рушди фарогирро пайгирӣ намоянд. Чунин ғояи мафкураи оянданигарӣ дар таркиби ҳадафҳои тарҳи чунин «ҳамқисматии ояндаи башарӣ» хеле хубу моҳирона аз нигоҳи геополитикӣ ғунҷонида шудааст. Ғояи мазкур бар ивази тамоюли леберализми раванди ҷаҳонишавӣ пешниҳод гардида, зарурияти хусусияти ҳамшарикию фарогир касб кардани рушдро барои таъмини суботи ҷаҳонӣ таъкид месозад» [350, с.22-23].

Шиддати баҳсҳои зикршуда дар солҳои охир минбаъд боиси зуҳури як назарияи хос таҳти унвони «равобити байналмилалии бар усули риояи тартиби эътирофшуда» гардид. Назарияи мазкур дар давлатҳои ҷаҳони ғарбӣ баҳри ҳимояи арзишҳои эътирофкардаи элитаи байналмилалӣ дар саҳнаи сиёсати глобалӣ ташкил карда шудааст. Ин арзишҳо дар баробари риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин, коҳиши таъсири арзишҳои анъанавӣ, эътирофи ҳуқуқи ақаллиятҳои ҷинсӣ ва ғайраро дар назар доранд. Бинобар ин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва аксари кишварҳои ҷаҳони сеюм ба чунин амалҳои сиёсӣ дар равобити байналмилалӣ розӣ нестанд ва ҷонибдорӣ ҳам намекунанд.

Хусусан онҳо таваҷҷуҳро ба асоси кофӣ надоштани назарияи «риояи тартиби эътирофшуда» равона сохта, таъкид менамоянд, ки бояд бар пояи усули муносибатҳо дар равобити кишварҳо меъёру арзишҳое бошанд, ки тамоми давлатҳо эътироф намудаанд. Чунин усули бунёдӣ, ки муносибати байниҳамдигарии давлатҳоро муайян месозад, санадҳои СММ мебошанд.

Баръакси меъёрҳои арзишҳои назарияи «риояи тартиби эътирофшуда»-ро танҳо эътилофи як гурӯҳи давлатҳо барои ҳимоя ва ҳифзи ҷойгоҳи афзалиятдодаашон дар низоми равобити байналмилал ба миён гузоштаанд. Санади тасдиққунандаи қабули чунин меъёру арзишҳо

ба таври расмӣ вуҷуд надорад ва аз ин рӯ, кишварҳои дигар аз татбиқи он худдорӣ менамоянд.

Зиддиятҳои ҷойдошта нисбат ба таъсири номуносиби арзишҳои низоми неолибералӣ ба арзишҳои фарҳанги суннатии ҷомеаҳо, на танҳо берун аз ҷомеаи ғарбӣ, балки дар дохили давлатҳои ғарбӣ низ меафзояд. Мухолифони арзишҳои низоми неолибералӣ аслан дар атрофи ҳаракатҳои муҳофизакорон ҷамъ омадаанд. Аксари ин ҳаракатҳо ба тадриҷ ҷонибдорони худро афзоиш дода, тавонистанд солҳои охир низоми идоракуниро дар баъзе аз кишварҳо ба дасти худ гиранд. Дар сари қудрат мондани сарвазири Маҷористон В.Орбан солҳои тӯлонӣ дар он замон ва ҳамчунин интихоби дубораи Д.Трамп мисоли равшани ин падида мебошад.

Ҳамин тавр, бо тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ дар равобити муосири байналмилалӣ, зарурияти таҳлили амиқи ин падида аз нигоҳи асосноки илмӣ меафзояд. Бинобар ин, аз ҷониби аксари муҳаққиқон тавсия мешавад, ки такя ба назарияи реализми сиёсӣ дар ин маврид то андозае самаранок ба назар мерасад. Пеш аз он ки ба баҳси муҳтавои ин назария ворид шавем, ҳаминро таъкид намудан зарур аст, ки ба андешаи намояндагони барҷастаи ин назария муносибат ба ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсат бо такя аз равишҳои роиҷёфтаи анъанавӣ он қадар дуруст нест.

Фаҳмиши маъмул оид ба реализми сиёсӣ, хусусан дар миёни мунаққидони он, реалистҳоро ҳамчун шахсоне муаррифӣ мекунад, ки саъй менамоянд меъёреро бо номи «маҳаки хосси сиёсӣ» пайдо намоянд, ки он ҳамчун падидаи ғайриахлоқӣ тафсир мешавад. Аз нигоҳи мухолифон, ахлоқгароён онҳое мебошанд, ки чунин равишро рад мекунанд ва бар ин ақидаанд, ки маҳаки сиёсӣ ҳамчун шакли ахлоқ боқӣ мемонад. Аз ин сабаб, мунаққидон талош доранд исбот намоянд, ки ҷустуҷӯйи маҳаки ғайриахлоқии сиёсӣ ба нокомӣ дучор мешаванд ва агар дуруст бошад, пас метавонад тамоми кӯшишҳои реалистонро бесамар гардонад.

Арзёбии тафовути байни реализми сиёсӣ ва ахлоқгароӣ ҳарчанд кори мушкил аст, вале он аҳаммияти калон дорад. Ин мушкилӣ асосан аз тафсири нодурусти ҳадафҳои реализми сиёсӣ аз ҷониби мунаққидон маншаъ мегирад. Дар қадами аввал, мо дар ин маврид андешаҳои намояндагони маъруфи муосири ин равияи илмӣ Ҷонатан Лидер Майнард ва Алекс Ворснипро таҳлилу баррасӣ мекунем, ки ба таври хос баҳси мазкурро онҳо дар мақолаи «Оё маҳаки сиёсӣ хусусияти хос дорад?» матраҳ намудаанд, то нишон диҳанд, ки ин гуна нофаҳмӣ чӣ тавр рух медиҳад [237].

Бо вуҷуди он ки гурӯҳе аз реалистҳо воқеан кӯшиш кардаанд, ки маҳаки сиёсиро аз ахлоқ ҷудо намоянд, ин равиш тамоми таълимоти реализми сиёсиро ифода намекунад ва муҳим он аст, ки мунаққидон ба ҳамин гурӯҳи маҳдуд таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро ба тамоми равияи реализм нисбат додаанд. Реалистони маъруф бештар ба он майл доранд, ки назарияи сиёсиро бо сатҳи баланди мустақилият аз ахлоқ бунёд кунанд, бидуни он ки ин маънои ҷудо кардани комили маҳаки сиёсиро дошта бошад.

Ин баҳсро минбаъд дар шакли густурда Бернард Уилямс, ки аксар ҳамчун асосгузори ин баҳс дониста мешавад, идома додааст [278]. Таҳлили таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ нишон медиҳад, ки тафовути асосӣ миёни реализми сиёсӣ ва ахлоқгароӣ дар масъалаи онҳо ба робитаи байни ахлоқ ва амалияи сиёсӣ, на дар талоши муайянсозии маҳаки ғайриахлоқӣ нуҳуфтааст. Аз ин рӯ, баҳсҳои тӯлонӣ оид ба маҳаки ғайриахлоқии сиёсӣ каҷравии нолозим ва бесамар буда, таваҷҷуҳро аз баҳсҳои воқеан муфиди назариявӣ дур месозанд. Бинобар ин, Лидер Мейнард ва Алекс Ворснип суоле ба миён мегузоранд, ки: «Оё як маҳаки сиёсӣ бо хусусияти фарққунанда вуҷуд дорад?». Вале онҳо «фарққунанда»-ро ба маънои мустақил тафсир мекунанд, ки тибқи он маҳаки сиёсӣ бояд ғайриахлоқӣ бошад, то ки чунин шинохта шавад, сипас ба хулоса меоянд, ки реализм ба ин талабот ҷавобгӯ нест. Албатта, тибқи таъриф, кофист, ки маҳаки сиёсӣ

бар тафовут аз ахлоқ ғайриахлоқӣ бошад. Аммо, ин шарти ҳатмӣ нест ва мафҳуми тафовут набояд ҳатман чунин маъно дошта бошад. Бисёр падидаҳо метавонанд тафовут дошта бошанд, вале ҳамзамон дар шаклҳои гуногун шабоҳат низ доранд. Ҳамин тавр, маҳаки сиёсӣ метавонад тафовут дошта бошад, бидуни он ки ғайриахлоқӣ бошад. Ин нуқтаи равшан ҳамчунин аз ғояҳои макиавеллизм бармеояд, ки тибқи он дар вазъияти мушаххас дурустии ба асли худ такя кардани иродаи қабули қарори сиёсиро ифода мекунад.

Аз ин рӯ, тибқи назари реалистӣ, дарки воқеии манфиатҳо талаб мекунад, ки сиёсат аз ахлоқ пурра мустақил бошад ва изҳор медорад, ки «имконият вуҷуд дорад, ки ҳукмҳои маҳаки сиёсӣ танҳо аз арзишҳои хосси сиёсӣ гирифта шаванд. Ин мавқеъ бар он ақида асос меёбад, ки на ҳама арзишҳои сиёсӣ ва дар меҳвари қабули қарори сиёсӣ ҷойдошта ахлоқӣ ҳастанд ва аз ҳама муҳим, чунин арзишҳои сиёсӣ метавонанд ва бояд сиёсатро роҳнамоӣ кунанд, дар ҳоле ки арзишҳои ахлоқӣ барои ин мувофиқ нестанд» [256; 255]. Чунин натиҷагирӣ бештар аз осори Раймонд Гойс илҳом гирифтааст, ки ақидаҳои ӯ бо назарияи танқидӣ робитаи наздик дорад ва бештар муҳтавои осораш бо реалистони «радикалӣ» пайвандӣ дорад [210; 211].

Гарчанде ин равия асоси фаъолияти реалистони муосирро ташкил медиҳад, он ҳамоно равиши нисбатан хос боқӣ мемонад. Барои нисбат ба ахлоқ наздик нишон додани амалияи қабули қарорҳои сиёсӣ, намояндагони ин мактаб, имрӯзҳо чунин андешаро пайгирӣ менамоянд, ки воқеан ахлоқ дар сиёсат ҷой дорад, аммо, тавре ки Вилямс мегӯяд: «он мекӯшад як равишеро равшан кунад, ки ба тафаккури хосси сиёсӣ бештар мустақилият медиҳад» [241]. Дар ин мавқеъ, зиддияти қавӣ байни сиёсат ва ахлоқ вуҷуд надорад ва ахлоқ метавонад дар фароҳам овардани манбаи маҳаки сиёсӣ нақш бозад.

Ҳамин тавр муҳтавои сиёсати байналмилалӣ на танҳо иборат аз аносири моддӣ (манфиат, қудрат), балки аз унсури ғайримоддӣ, ба

монанди эҳсосот, тасаввурот ва арзишҳои ахлоқӣ низ иборат мебошад. Бинобар ин, агар дар баррасии аносири моддии сиёсати байналмилалӣ мо ногузир бояд мулоҳизоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомиро мадди назар дошта бошем, зеро ҷанбаҳои ахлоқии сиёсатҳо дар заминаи ин муносибатҳо ифода ёфтани арзишҳои муайянро нишон медиҳад.

Ниҳоят, ҳамин нуқтаро бояд баён дошт, ки ҷанбаҳои моддӣ ва ахлоқии сиёсати байналмилалӣ ба мисли дигар сатҳҳои татбиқи сиёсат дар ихтилоф ба якдигар зуҳур мекунанд, ки вобаста ба иқтидори қудрати иқтисодию низомии кишварҳо мебошад. Кишварҳои пуриқтидор талош меварзанд бештар бо такя аз аносири моддӣ сиёсати худро татбиқ намоянд. Аз ин рӯ, арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ дар ҷомеаҳои миллӣ таъсиррасон буда, фаъолиятҳои инсонҳоро ба танзим медароранд.

3.3. Ҳамбастагии арзишҳои ахлоқию сиёсӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои ҷомеаҳои миллӣ

Дар сиёсат натанҳо манфиатҳо, балки арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун воситаи танзими фаъолияти инсонҳо мақоми хос доранд. Меъёрҳои ахлоқӣ ба фаъолияти сиёсии инсонҳо маънии ахлоқӣ бахшида, онро саъю кӯшиш барои расидан ба адолати иҷтимоӣ тавсиф менамояд. Барои ҳамин, дарки табиати фаъолияти сиёсӣ, ки ҷанбаи ахлоқӣ дорад, дар сатҳи муайян маънои дарки соҳаи зуҳури манфиатҳои ба ҳам зидро дорад.

Дар фаъолияти сиёсӣ риояи арзишҳои ахлоқӣ имкон медиҳад, ки пайомадҳо ва натоиҷи фаъолияти сиёсӣ натанҳо аз нигоҳи судмандӣ ва самаранокӣ, балки аз нигоҳи адолати иҷтимоӣ ва некӯкорӣ баррасӣ шаванд.

Аксар маврид таъкид мегардад, ки дарк ва арзёбии фаъолияти сиёсӣ бо истифода аз нигоҳ ва тақозои ахлоқии воқеияти зиндагии таърихи башарият амри мушкил аст ва чунин фаҳмиш на дар воқеият, балки асосан дар хулосаҳои иҷтимоӣ-сиёсии умумӣ ҷой дорад.

Бо дарки табиати фаъолияти сиёсӣ, табиист, ки тафсири он аз нигоҳи

ахлоқӣ ба мадди дувум гузаштааст. Ҳамзамон вазъи муосири рушди ҷомеаи инсонӣ зарурати болоравии аҳаммияти амали меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсӣ ба хотири расидан ба мақсад ва ормонҳо, ҳадафҳо ва интизориҳои зиндагии инсонҳоро равшан нишон медиҳад. Ҷараёни болоравии ҷанбаҳои башардӯстона дар мазмуни робитаҳо ва алоқаҳои сиёсӣ ҳамчунин сабабгори вусъат гирифтани ин раванд гардида аст.

Аз ин хотир, диққати равшанфикрону соҳибназарон ба таҳқиқи масъалаҳои амалишавии аввалиндараҷаи ахлоқӣ дар амалҳои сиёсӣ ва фаъолнамоии ҷойгоҳи онҳо дар фаъолиятҳои сиёсии одамон равона гардидааст. Заминаи болоравии нақши арзишҳои ахлоқӣ дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ, демократикунонӣ ва ошкорбаёнӣ мебошад.

Агар дар гузашта сиёсат ба манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида бо мақсади таъсиррасонӣ ба афкори ахлоқӣ ва маҷбуран талқин кардани меъёрҳои муайян амалӣ мегардид, пас имрӯз демократикунонӣ ва ошкорбаёнӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва афкори ахлоқӣ таъсир мегузоранд. Сиёсат ба маънои муайян таҳти таъсири ахлоқ қарор дошта, тамоми равандҳоро аз лиҳози интизориҳо ва талаботи ахлоқӣ маънидод менамояд. Демократикунонӣ аз ҳама бештар метавонад асос ва заминаи мусоид барои пешрафти ахлоқ гардад.

Демократия ва ахлоқ аз мустақилияти инсон, аз ҳуқуқи интихоб намудани ӯ ва таҳаммулпазирии тафовутҳо вобаста мебошанд. Ҳарчанд низоми демократӣ бештар рафтори шаҳрвандро дар чорчӯбаи қоидаву қонунҳо танзим намояд, ба ҳамон андоза имконияти тавсеаи чунин сифатҳои ахлоқӣ ба монанди шараф, эътибор, масъулият ва накукорӣ камтар мегардад. Демократия ба сифати усули асосӣ – озодии шаҳрванд, ҳуқуқи интихоб ва дарки масъулиятро мепазирад.

Аз ин лиҳоз, демократия воситаи маҳдуд сохтани соҳаи амали сиёсат ва меъёрҳои сиёсӣ, ҳамзамон амали меъёрҳои ахлоқиро вусъат медиҳад. Рушди иқтисоди омехта ва озодии шаҳрвандон дар идораи шаклҳои

гуногуни моликият – моликияти шахсӣ, мудирият ва истифодабарии амвол асоси муҳим барои таҳаввули арзишҳои ахлоқӣ ва ҳавасмандсозии меҳнат мебошад. Арзёбии ахлоқии ниҳод ва ташаббусҳои иқтисодӣ низ тағйир меёбад.

«Дар ҷомеаи сотсиалистӣ баробари «ҷонибдорӣ аз сохтмони сотсиализм» усули асосии «кодекси ахлоқи бинокори коммунизм» «коллективизми сотсиалистӣ» дониста мешуд, ки аз «инфиродгароии буржуазӣ» тафовут дошт» [306, с.160]. Дар асл бошад, он коллективизм маънои берун аз робитаҳои воқеии иқтисодии байни афроди гурӯҳҳои иҷтимоиро дошт, ки ҳуқуқ ва озодиҳои кофии сиёсиро надоштанд, шиори ахлоқӣ барои тобеъсозии ҳамагонӣ буда, шаҳрвандро аз ҳар гуна сифатҳои инфиродӣ маҳрум месохт.

Озодии иқтисодӣ ва сиёсӣ барои рушди инфиродӣ мусоидат менамоянд. Замоне ки чунин инфиродгароӣ натиҷаҳои мусбии иҷтимоӣ ба бор меорад, вай нисбат ба унсурҳои коллективистӣ афзалиятҳои инкорнопазир дорад. Танҳо инсони озод ва шахси инкишофёфта метавонад дар гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ фаъолона иштирок намуда, ягонагии онҳоро таъмин ва аз усулҳои бунёдии ахлоқӣ пайравӣ намояд.

Усулҳои бунёдии сиёсии ҷомеаи «сотсиализми воқеӣ» аз лиҳози имконияти иштирок дар пешрафти иҷтимоӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ тақсимбандӣ шуда буданд. Чунин дониста мешуд, ки синфи коргар бевосита ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул буда, коргарони саноатӣ дорои имтиёзҳои иҷтимоӣ буданд ва ин мақом онҳоро ба неруи пешбаранда ва пешқадами доимӣ табдил медод.

Арзишҳои ахлоқӣ, дарки манфиатҳои умумӣ ва зарурати боло бурдани сатҳи некӯаҳволӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ аниқ ва воқеитар буданд. Бо дар назар гирифтани ин шароит синфи коргар аз лиҳози сиёсӣ ва ахлоқӣ нисбатан огоҳтар дониста мешуд.

Чунин тақсимбандии табақотӣ беасос набуд, зеро аз лиҳози донишу

заковат зиёиён дар мақоми аввал ҷой доштанд, вале ҳамзамон дар сатҳи муайян аз лиҳози қобилияти ахлоқии аъзои ҷомеа дар вазъи баробар қарор дошта наметавонанд ва барои ҳамин ҳам, ба таври механикӣ аз мавқеи гурӯҳи иҷтимоӣ, ки ба он тааллуқ доранд, тақсимбандӣ шуда наметавонанд.

Дар даврaҳои гузаштаи тамаддуни инсонӣ марз байни табақаҳо, қишрҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ нисбатан устувор ва душворгузар буд ва аз ин лиҳоз тафовутҳои ҷиддӣ байни арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ метавонистанд рушд ёбанд. Дар ҷомеаҳои саноатӣ ва пасосаноатӣ бо муназзамӣ ва печидагии марзҳо байни ҷомеаҳои иҷтимоӣ, тафовут байни арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ он қадар калон нест. Аз ин ҷиҳат, дар асосноксозӣ ва далелёбии мантиқии арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ, ки ҳаёти инсонҳоро роҳнамоӣ менамоянд, таҳаввули ҷиддӣ ба амал меояд.

Дар собиқ ҷомеаҳои «сотсиализми воқеӣ» меъёрҳои калидии асосноксозии арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқии ормонҳои оянда, бахусус, ҳадафҳои ҳизби коммунист дониста мешуданд. Дар шароити муосир як идда ниҳодҳои сиёсӣ пайдо мешаванд, ки арзишҳои умумиро дар мадди аввал мегузоранд. Ин гуна арзишҳо ба усули таҳаммулпазирии тафовут ва озодии ифодаи ҳама гуна афкор асос меёбанд.

Симои ахлоқии сиёсатмадор барои бақо ва муваффақияти фаъолияти сиёсии ӯ аҳаммияти фавқулода пайдо менамояд. Дар шароити гуногунандешии сиёсӣ ва низоми бисёрҳизбӣ ин арзишҳо, ба монанди муколамаи баробар, эҳтироми мутақобил, омода будан ба созиш ва ҳамкорӣ бо неруҳои мухолифи мухталиф, аҳаммияти ҷиддӣ пайдо менамоянд. Баръакс ба ин, муносибати риёкорӣ, дағалӣ бо рақибони сиёсӣ, забони қабеҳ доштан дар сиёсат, фиребгарӣ, худхоҳӣ ба он оварда мерасонад, ки сиёсатмадор шуҳрат ва боварии дигаронро дар сиёсат аз даст медиҳад.

Гузаштан аз низоми худкома ба низоми демократӣ ва иқтисоди

бозаргонӣ боиси шиддат гирифтани муносибат байни ахлоқ ва сиёсат гардид. Агар низоми худкома бо сиёсӣ гаштани ахлоқ алоқаманд бошад, пас раванди таҳаввули иҷтимоӣ бо сиёсишавии ахлоқ алоқаманд аст. Дар марҳалаи гузариш низоми куҳнаи сиёсӣ корношоям гашта, низоми нав ҳанӯз ташаккул наёфтааст.

Инсонҳо майл доранд мустақим ба сиёсат машғул бошанд, вале аз он сабаб, ки онҳо сиёсатмадор нестанд, ба осонӣ сиёсати воқеиро бо ахлоқ иваз менамоянд: шуури оммавии ахлоқӣ ба талқин намудани сиёсат оғоз менамояд.

Ивазшавии сиёсат ба ахлоқ, чӣ гунае ки дар баъзе ҷомеаҳо бо максади поксозии сиёсати фасодзадаи низоми худкома пеш гирифта мешавад, хатари зиёд дорад. Ахлоқ ҳамчунин метавонад инсонҳоро қурбон созад ва ҳамин тариқ, дар таърихи инсоният, эҳтимол дорад, нисбат ба он, ки дар задухӯрд бо ниҳодҳои амниятӣ одамон бештар кушта шаванд.

Барои арзёбӣ ва ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ усули мантиқии «ё ки – ё ин ки», дар сиёсат бошад усули мантиқии «ва – ва»-ро истифода мебаранд, зеро нисбатан нармтар мебошанд. Дар ҷое ки ахлоқ ба ҷустуҷӯйи ҳолати комил майл дорад, сиёсат бо созиш қаноат менамояд. Фоҷиаи ҳар инқилоб дар иваз намудани сиёсат бо шуури ахлоқӣ ва оштинопазирии оммаи ошӯбзада нуҳуфта аст. Максимилиан Робеспйер (1758-1794) бо шуҳрати инсони «собитқадам» ва дорои ахлоқи ҳамида маъруф буд, вале маҳз ӯ сиёсати даҳшатафканиро ба вуҷуд оварда буд.

Замоне ахлоқ комилан ҷойгузини сиёсат мегардад, вай метавонад дигар судманд набошад. Ин ҷо боз як ихтилоф байни ахлоқ ва сиёсат дар марҳалаи таҳаввулоти иҷтимоӣ дар Аврупои Шарқӣ равшан мегардад. Аз як тараф, дар ҳолати изтирорӣ ва мавҷудияти низоми бисёрҳизбӣ, неруҳои сиёсӣ ба сӯйи ҷомеаи бештар ҷанбаи башардӯстона ва ахлоқидошта даъват мекунанд. Демократикунонӣ бошад сиёсатмадоронро маҷбур месозад дар фаъолияти худ талабот ва ормонҳоро ба адолатхоҳӣ сарфи назар намуда, арзёбии ахлоқии оммаҳои васеи аҳолиро мадди назар гиранд.

Дар ҳаёти сиёсӣ арзёбии ахлоқии сиёсат ва фишори ахлоқии мардум барои ошкоро ифода намудани андешаҳо имконияти бештар фароҳам меоранд. Аз ҷониби дигар, раванди рушди иқтисод ба муносибатҳои бозоргонӣ дар шароити камбудии шадиди молу ашё ва сар задани мушкилоти дигари иқтисодӣ, ки дар тӯли даҳсолаҳо вуҷуд доштанд, ба боло рафтани сатҳи тафриқаи иҷтимоӣ, фасод, таваррум ва афзоиши теъдоди одамони камбизоат оварда мерасонад.

Шуури маънавии оммавӣ, ки дар он қолабҳои анъанавии баробаркунанда мавқеи қавӣ доранд, ба шиддат ба ин равандҳо муқобилият нишон дода, ба афзоиши сатҳи чунин тафриқа муқовимат менамояд. Одатан мушоҳида мегардад, ки дар як зумра давлатҳои ҷаҳонӣ шуури маънавии оммавӣ фасодро қабул надорад ва то метавонад баҳри гирифтани пеши роҳи он муқобилият мекунад. Ин падида дар шароити иқтисоди таназзулёфта ва боло рафтани сатҳи ибтикори инфиродии ашхос, ки то ҳол роҳҳои таъмини назорати он пайдо нагардидаанд, ногузир мебошад. Муносибати муқобил ба фасодкорӣ ва мухолифатҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар фаъолиятҳои сиёсие зуҳур шаванд, ки иллати монеагардӣ дар фаъолнокии ислоҳотҳои иқтисодӣ гарданд.

Ҳарчанд бештари муҳаққиқон бо такя аз мушоҳида ва таҳлили ҳаёти фарҳангию ахлоқии ҷомеаҳои мухталиф муътақид бар онанд, ки фарҳангҳои мухталиф кодексҳои ахлоқии гуногун доранд ва мушкил аст таасаввур намуд, ки ягон ҳақиқати ахлоқии умумиҷаҳонӣ вуҷуд дошта бошад, вале консепсияҳои марбут ба ҷаҳонишавӣ чунин қазоватро пурра қабул надоранд. Онҳо бар ин назаранд, ки урфу одатҳо ва меъёрҳои ахлоқие, ки дар фарҳангҳои гуногун мавҷуданд дар асл аксари онҳо аз ҷониби ҷомеаҳо барои мусоидат ба мутоқибшавии муносибашон ба муҳитҳои иҷтимоӣ сохташуда, ё ин ки конструксияшуда мебошанд. Ин равиш он усули бархурд ба масъаларо, ки ҳар як ҷомеа меъёрҳои худро дорад ва мо наметавонем онҳоро бо ченаки ягона доварӣ кунем, зери суол

мегузорад.

Яъне, дар заминаи равишҳои назарияи ҷаҳонишавӣ нисбиятгароии фарҳангӣ дар муносибат ба дарки арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ қобили эътимоду арзишмандии хос дониста намешавад. Барои дарки возеҳи ин мавзуъ, пеш аз ҳама, назари иҷмолиро оид ба усулҳои бунёдии нисбатгароии фарҳангӣ, ки равиши решадору муътабари илмӣ аст, зарур донем. Нисбиятгароии фарҳангӣ ба принсипҳои зерин такя мекунад:

Ҷомеаҳои гуногун кодексҳои ахлоқии гуногун доранд.

Кодекси ахлоқии як ҷомеа муайян мекунад, ки дар ҷомеа чӣ дуруст ва чӣ нодуруст аст.

Усулҳое, ки асоси равиши ҷаҳонишавиро нисбат ба табиати арзишҳову меъёрҳои ахлоқӣ ташкил медиҳанд дар муқоиса бо усулҳои нисбиятгароии фарҳангӣ аз ҷанбаҳои зерин бармеоянд:

- мо бояд ҳамеша нисбат ба дигар фарҳангҳо таҳаммулпазир бошем;
- баъзе арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ ба ҳама фарҳангҳо хос мебошанд;
- ҷомеаи башарӣ дар даврони муосир ба сӯйи ташаккулдиҳии арзишҳо ва меъёрҳои ягонаи ахлоқӣ ҳаракат мекунад;
- дар дохили ҷомеаҳо ҳар як фард ва гурӯҳи иҷтимоӣ барои пайравӣ аз арзишҳову меъёрҳои ахлоқии писандидааш соҳибихтиёр аст.

Таҳлили муҳтавои ин усулҳои бунёдӣ ба диди назарияҳои ҷаҳонишавӣ нисбиятгароӣ (релятивизм)-и фарҳангӣ дар муносибат ба дарки арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ нишон медиҳад, ки дар байни онҳо зиддият вуҷуд дорад. Масалан, ифтихори назарияи ҷаҳонишавӣ аз таҳаммулпазирии худ, мухторияти фард ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои қабулу пайравӣ аз арзишҳову меъёрҳои ахлоқии писандидаашон дар замони ҳозира нишон дод, ки он на ҳамеша ба суботу пешрафти ҷомеаҳо таъсири мусбат дорад. Аз ҷумла, замонҳои ба сари қудрат омадани ростгароҳои мутаассиб дар кишварҳои ғарбӣ муборизаи онҳо бар зидди арзишҳову меъёрҳои низоми ҷаҳонишавӣ дар арсаи сиёсӣ вусъат гирифт. Онҳо

кодекси ахлоқии глобалистиро танқид намуда, кӯшиш доранд мартабаи кодекси ахлоқи анъанавию суннатиро дар арсаи сиёсӣ баланд бардоранд. Ин амалия дар сиёсати пешгирифтаи маъмурияти нави ИМА таҳти роҳбарии Доналд Трамп равшан мушоҳида мешавад.

Бо вуҷуди ин, ҷонибдорони ҳаракати глобалистӣ аз мавқеи худ оид ба ин масъала даст кашиданӣ нестанд ва диди худро бо ин исбот карданд, ки ягон меъёри воқеии ҳамагонӣ барои арзёбии фарҳангҳои мухталиф вуҷуд надорад. Аз ин ҷиҳат, кодекси ахлоқии ҷомеаи суннатӣ ягон бартарии махсус надорад ва он танҳо яке аз кодексҳое мебошад, ки бояд вобаста ба талаботҳои рушди ҷомеаи демократии либералӣ тағйир ёбад. Яъне, онҳо идеяи пешрафти ахлоқиро далел меоранд ва таъкид менамоянд, ки имконияти ба вуҷуд овардани ҳақиқати ахлоқии умумиҷаҳонӣ вуҷуд дорад. Дар ин маврид глобалистҳо бештар фарқ миёни арзишҳои алоқии хос ба низомҳои демократӣ ва ғайридемократӣ, аз ҷумла, низоми худкомаро мисол меоранд. Бинобар ин, таъкид мегардад, ки арзишҳои ахлоқии дар ин низомҳои вуҷуддошта ба ҳамдигар дар рақобату муборизаи оштинопазир мебошанд.

Нисбиятгароёни фарҳангӣ дар муқобили ин ҷараён, аксар вақт, як далелро пеш меоранд, ки фарҳангҳои мухталиф кодексҳои ахлоқии гуногун доранд. Бинобар ин, ҳақиқати объективӣ дар ахлоқ вуҷуд надорад; дуруст ва нодуруст ақидаҳое ҳастанд, ки дар фарҳангҳои гуногун тафовут доранд. Нисбиятгароии фарҳангӣ аз мушоҳидаи он оғоз мешавад, ки фарҳангҳо дар назарияҳои худ дар бораи дуруст ва нодурустӣ тафовут доранд. Аммо ин фарқиятҳо то чӣ андоза амиқанд? Дуруст аст, ки чунин ихтилофот вуҷуд доранд, вале онҳоро осон метавон муболиға кард. Маънӣ дар он аст, ки омилҳои зиёд дар ташаккули урфу одатҳои ҷомеа таъсир мерасонанд. Танҳо арзишҳои фарҳангӣ муҳим нестанд, балки эътиқоди динӣ, боварҳои воқеӣ ва муҳити иҷтимоӣ низ нақш доранд. Аксар вақт, он чи ки дар аввал тафовути бузург менамояд, дар асл метавонад тамоман чунин набошад.

Нисбиятгароии фарҳангӣ чунин маънӣ дорад, ки ҷомеаҳо ҳеҷ гоҳ

хато намекунанд, ба ибораи дигар, ахлоқи фарҳангҳо ҳамеша дуруст будааст. Аммо, вақте мебинем, ки ҷомеаҳо метавонанд беадолатиҳои даҳшатнокро ҷонибдорӣ кунанд, мо дарк мекунем, ки онҳо низ хато мекунанд, мисли аъзоёни онҳо. Ҳеҷ меъёри воқеӣ барои арзёбии кодекси ахлоқии ҷомеаҳо вуҷуд надорад. Мисле ки, ҳеҷ гуна ҳақиқатҳои ахлоқии умумиҷаҳонӣ вуҷуд надоранд. Душвор аст таъкид намоем, ки оё усули ахлоқие вуҷуд дорад, ки ҳамеша барои ҳама дуруст бошад. Аммо, агар ғуломдорӣ, сангсоркунӣ ё хунрезиро танқид кунем ва ин амалҳоро дар ҳақиқат нодуруст шуморем, пас бояд ба усулҳое такя кунем, ки бо урфу одатҳои фарҳанги мушаххас маҳдуд намешаванд.

Яъне, тибқи ин равиши таҳлилӣ, кодекси ахлоқии ҷомеаи мо ҳеҷ бартарии хос надорад; он танҳо яке аз бисёр кодексҳо мебошад. Ин дуруст аст, зеро ҷомеаи мо ҳеҷ имтиёзи илоҳӣ ё хос надорад. Арзишҳои мо танҳо ба он сабаб бартарӣ надоранд, ки мо дар дохили ҷомеа ба камол расидаем. Аммо таъкид бар он ки кодекси ахлоқии ҷомеаи мо танҳо «яке аз бисёрҳо» аст, чунин маъно дорад, ки ҳамаи кодексҳо баробар ва мушобеҳанд. Воқеият ин аст, ки баъзе кодексҳо метавонанд беҳтар ё бадтар бошанд. Мо аксар маврид ҳангоми танқиди фарҳангҳои дигар мағрур мешавем ва аз мавқеи таҳаммулпазирӣ дур мешавем. Аммо, набояд ҳама чизро таҳаммул кунем. Таҳаммули шиканҷа, ғуломдорӣ ва таҷовуз фазилат нест.

Мо аз таҳлили муҳтавои баҳси равишҳои ба ҳам зид метавонем аз нисбиятгароии фарҳангӣ чӣ омӯзем? То кунун, мо бештар ба нуқсонҳои нисбиятгароии фарҳангӣ таваҷҷуҳ кардем. Таъкид мекунем, ки он ба далелҳои суст такя мекунад, оқибатҳои нофаҳмо дорад ва фарқиятҳои ахлоқии байни ҷомеаҳоро бузург менамояд. Воқеан, ба андешаи мо аз нисбиятгароии фарҳангӣ ду дарси муҳим гирифтан метавонем:

Якум, он моро аз андеша доир ба он, ки ҳамаи урфу одатҳои мо асоси мутлақи ақлонӣ доранд, огоҳ мекунад. Ин дуруст нест. Бисёре аз анъанаҳои мо, танҳо суннатҳои фарҳангии мо ҳастанд ва мо метавонем

инро фаромӯш кунем. Масалан, расму оини дафн дар фарҳангҳо фарқ мекунад. Дар баъзе фарҳангҳо, мисли каллатияриҳо, хӯрдани ҷасади падар ҳамчун рамзи эҳтиром қабул буд, дар ҳоле ки дафн ё сӯзонидани он беэҳтиромӣ дониста мешуд.

Дувум, нисбиятгароии фарҳангӣ ба мо ёд медиҳад, ки дурбин бошем. Вақте ки мо ба балоғат мерасем, нисбат ба баъзе амалҳо эҳсосоти қавӣ пайдо мекунем. Мо баъзе рафторҳоро қобили қабул ва баъзеи дигарро ваҳшиёна медонем. Аммо, баъзан мебинем, ки эҳсосоти мо зери шубҳа қарор мегиранд. Масалан, шояд мо бо ақидаи он ки ҳамҷинсгароӣ амали ғайриахлоқист, ба воя расида бошем. Вале, вақте ки касе ба мо далелҳо меорад, ки дар асл ин кор ҳеҷ бадие надорад, шояд мо ақидаамонро бознигарӣ кунем. Таваҷҷуҳ ба ин масъала дар ҷомеаи имрӯзаи мо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки қисми зиёди ҷавонони дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордоштаи кишварамон дар муносибат ба арзишҳои ахлоқии давлати қабулкунанда мушкилӣ мекашанд. Чунин мушкилӣ дар баъзе ҳолатҳо онҳоро ба иҷрои амалҳои нодуруст раҳнамо месозад, ки боиси маҳкумият аз ҷониби сокинони ин ҷойҳо мегардад.

Нисбиятгароии фарҳангӣ моро аз догматизм эмин медорад. Геродот чунин менависад: «Агар ба касе имконият дода мешуд, ки аз байни тамоми урфу одатҳои ҷаҳон беҳтаринро интихоб кунад, ӯ баъди таҳлили бодиққат бечунучаро анъанаҳои худашро интихоб мекард» [368]. Ҳар кас анъанаҳои фарҳанги худро беҳтарин медонад, аммо ин андеша метавонад танҳо натиҷаи муҳити тарбияи ӯ бошад. Дарк кардани ин метавонад тафаккури моро васеътар созад. Мо метавонем дарк кунем, ки эҳсосоти мо на ҳамеша исботи ҳақиқатанд, балки метавонанд танҳо натиҷаи таъсири фарҳангӣ бошанд.

Ҳамин тавр, мо дарк мекунем, ки чаро нисбиятгароии фарҳангӣ сарфи назар аз нуқсонҳои он ҷолиб аст. Ин назария аҷиб аст, зеро он ба ҳақиқати амиқ асос ёфтааст: бисёр аз амалҳо ва ақидаҳои мо, ки онҳоро табиӣ медонем, танҳо офаридаи фарҳанги мо мебошанд. Ҳамзамон,

эътирофи ин ақида муҳим аст, агар мо хоҳем, ки аз худписандӣ дурӣ ҷӯем мебояд ба қабули ғояҳои нав омода бошем. Ин маънои онро надорад, ки мо бояд тамоми назарияи нисбиятгароии фарҳангиро бечунучаро қабул кунем.

Дар ин маврид реализм ҳамеша фазилати муҳимми инсонӣ барои қабулу пайравӣ аз арзишҳои ахлоқӣ дониста мешавад. Имрӯзҳо аз ин ҷиҳат реализми сиёсӣ аҳаммияти хос пайдо кардааст. Ҳастии минбаъдаи ҳаёт дар сайёра аз татбиқи бевосита ва пайдарпайи усулҳои воқеӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ вобаста аст. Назарияҳо ва амалияи реалистони аслии сиёсати хориҷӣ, монанди Никколо Макиавелли ва Гуго Гротсий, таълимоти намояндагони мактаби «Реалполитик» дар ҷаҳони муосир бештар роиҷ мегарданд. Ин тааҷҷубовар нест, зеро ҳеҷ кас намехоҳад ба роҳи комилан номаълум дар шароити хатарҳои зиёд ба сиёсат ворид шавад. Дар чунин шароит, оянда ҳамчун идомаи хатти гузашта пешгӯӣ мешавад. Ин маънои онро дорад, ки амалҳои имрӯза на аз рӯйи он чизе, ки метавонад рух диҳад, балки танҳо аз рӯйи он чизе, ки аллакай рух додааст ё рух медиҳад, муайян мешаванд. Аммо, чунин вобастагӣ ба гузашта бо воқеияти ҷаҳони муосир чандон мувофиқ нест. Агар чунин шеваи реализми сиёсӣ дар илм, санъат ё ҷомеа татбиқ мегардид, тамаддун суст ва рушднаёфта боқӣ мемонд. Масалан, назарияи ҳаракати сайёраҳои Коперник (1473-1543) аз модели Птолемей бароварда намешавад. Андешаҳои Декарт (1596-1650) дар бораи қонунҳои физикӣ аз фалсафаи Арасту барнамеоянд. Назарияҳои Эйнштейн (1879-1955) дар бораи коинот ҳамчун идомаи бевоситаи физикаи Нютон (1643-1727) ҳисобида намешаванд.

Реализми сиёсӣ, замоне дуруст амалӣ мешавад, ки аз таҳлили воқеии мушкилоти мавҷудаи сиёсӣ оғоз ёфта, сипас интихоби василаҳои асосӣ барои ҳалли он ва ниҳоят, арзёбии воқеии имкониятҳои татбиқи ин ҳадафро дар бар гирад. Новобаста аз он ки имрӯз ҷаҳон ба гуногунандешӣ

ҳаракат мекунад, вале таъмини пойдории асосҳои ахлоқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Пешгӯиҳои глобалистҳо дар мавриди он, ки ҷаҳон ба шакли воҳид ва меъёрӣ ҳаракат мекунад, ҳақиқати ҳолро пурра тасдиқ накарданд. Баръакс, маълум шуд, ки инсоният, вобаста ба сатҳи рушди иҷтимоӣ, метавонад шеваҳои гуногуни зиндагӣ ва муносибатҳои байналмилалиро интихоб кунад. Дигар рӯзгори догмаҳои ҷаҳонии наҷотбахш ва ҷангҳои идеологӣ ба поён расидааст. Гуногунандешӣ на танҳо маънои ихтилоф дар аҳдофҳо, балки манфиатҳои гуногунро низ дорад.

Аксари аз таҳлилгарон бар он назаранд, ки гуногунандешӣ метавонад устувории низоми ҷаҳониро таҳким бахшад. Назарияҳои куҳнаи ҷаҳони «дуқутба» ё «бисёрқутба» дар сиёсати ҷаҳонӣ на танҳо соддаанд, балки дар баробари равандҳои зудтағйирёбандаи муосир аз бисёр ҷиҳат оҷизанд. Дар гузашта, ҳадди аксар даҳ-дувоздаҳ кишвар муносибатҳои байналмилалиро муайян мекарданд, аммо имрӯз беш аз 200 давлат метавонанд дар сиёсат нақши фаъол бозанд. Ин маънои онро дорад, ки муодилаи нави тавозуни қудрат ташаккул меёбад, ки бояд ба шароити нави ҷаҳонӣ мувофиқ бошад. Ҳамзамон, тафовути байни сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ коҳиш меёбад. Дар гузашта, ҷанг воситаи асосии муайян кардани қудрат ва тартиботи ҷаҳонӣ буд. Ҷанг на танҳо қудрати қонунӣ, балки иқтисодӣ ва ахлоқӣ низ буд. Аммо имрӯз, ҷанг симои дигар пайдо кардааст. Дар асри силоҳи ҳастаӣ, ҷанг на танҳо хатои фоҷиабор аст, балки барои таҷовузгар ва қурбонии он роҳи бозгашт надорад. Агар силоҳи ҳастаӣ истифода шавад, он на танҳо инсониятро, балки тамоми ҳаёти рӯйи Заминро маҳв хоҳад кард.

Бинобар ин, имрӯз реализми сиёсӣ бояд ин ҳақиқатро дарк кунад, ки ҷаҳон дигар наметавонад тавассути ҷанг ва зӯрӣ идора шавад. Ҷаҳони муосир ба равиши нав дар муносибатҳои байналмилалӣ ниёз дорад – равише, ки гуногунрангӣ, ҳамкорӣ ва вобастагии тарафайнро ба назар

мегирад. Сиёсатмадорон бояд аз иштибоҳоти гузашта сабақ гиранд ва сиёсати мувофиқ ба асри навро амалӣ намоянд. Инчунин, дигар ҳатто асос барои иштирок дар ҷангҳои маҳдуди анъанавӣ боқӣ намондааст. Ҳар кадоми онҳо метавонад ба истифодаи силоҳи ҳастаӣ табдил ёбад. Дар гузашта, амнияти миллӣ тавассути устувор гардонидани сарҳад ва ташкили давлатҳои буферӣ барои мудофиа аз таҷовузгар таъмин мешуд. Дар асри ҳастаӣ омилҳои ҷуғрофӣ маъно надоранд. Ҷуғрофия ҳеҷ кафолат бар зидди мушакҳои баллистикии байниқитъавӣ намедиҳад. Ғайр аз ин, ҳар низои минтақавӣ, имрӯз хатари фалокати ҳастаиро дорад.

Ин воқеиятҳо хосси замони мо ҳастанд ва маҷбур мешавем, ки инро қабул кунем. Шахс метавонад ба гузаштаи таърихӣ, эътилофҳои муқаддас ва «тавозуни қудрат» дилбаста бошад, аммо ҷаҳон дигар шудааст. Ин воқеиятҳо новобаста ба хоҳишу иродаи шахсии мо рӯй додааст. Ҳоло мо бояд ба ин қувваҳо ҷавобҳои мусбат ва муносиб диҳем. Муқовимат бо роҳи пӯшидани чашм ва ақибнигарӣ ба гузашта, танҳо моро ба ҳалокат мебарад. Илм борҳо исбот кардааст, ки инсон метавонад муҳити худро фатҳ кунад, агар ӯ қоидаҳои табиатро риоя намояд, на ин ки онҳоро нодида гирад. Касе, ки бо ҷаҳидан аз куҳ кӯшиши парвоз мекунад, ҳамчун дигарон ба замин меафтад ва ҳаёти худро хотима мебахшад.

Дар раванди глобализатсия Тоҷикистон чун дигар давлатҳои соҳибихтиёр ба як қатор мушкилиҳое рӯ ба рӯ мегардад, ки ба дурнамои давлатдорӣ ва ҳувияти миллӣ хатарсоз мебошанд. Давлатҳои хурд ва навтаъсис дар марҳалаи глобализатсия асосан барои ҳифзи мустақилияти худ талош мекунанд, чунки ба ин гуна давлатҳо таъсири омилҳои манфии глобализатсия бештар таъсиргузор мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои манфии раванди глобализатсия ҷанбаҳои мусбати онро низ набояд фаромӯш кард. Дар зербобҳои оянда хатарҳои раванди глобализатсия мушаххас карда шуда, роҳҳои пешгирии онҳо таҳлил ва нишон дода мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири садаи XX

соҳиби истиқлолияти давлатӣ гашт, ки ин марҳалаи вазнин натанҳо барои мардуми тоҷик, инчунин ба тамоми ҷаҳон рост омад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ давраи гузаришро ба низомҳои мухталифи идоракунӣ паси сар мекард, ки одатан чунин марҳалаҳо ба осонӣ паси сар намешаванд.

Дар марҳалаи глобализатсия пешрафт ва дастовардҳои технологӣ ба ин раванди ҷаҳонӣ мусоидат намуда, баръакс ба фарҳанги миллӣ ва мафкураи миллӣ хатарсоз мегарданд. Тамоми намудҳои расонаҳои технологӣ, аз Интернет шуруъ намуда, то садову симо, компютерҳою шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ, телефон, вотсап, телеграм, фейсбук ва амсоли онҳо дар ин раванд фаъол гашта, барои идора ва назорати мафкураи одамон олоти пурзӯри таъсиррасон мегарданд, чунки бештари ин шабакаҳоро давлатҳои барандагони идеологияи глобализатсия идора мекунанд. Чунин расонаҳои мухталиф дар раванди глобализатсия ба як қудрати бузурги идоракунӣ табдил ёфтаанд ва кадом давлате, ки аз чунин қудрат бархурдор аст, пас дар ин раванд камтар зарарҳои глобализатсияро дар худ ҳис намуда, баръакс, як нафъе ба худ меорад.

Афсӯс, раванди глобализатсия тамоюлҳоеро низ паҳн менамояд, ки ба анъанот ва фарҳанги миллати тоҷик бегона мебошанд ва дар сурати самаранок паҳн намудани онҳо дар фазои давлат ба он ҳадде мерасем, ки онҳо монеаҳоро барои рушди фарҳанг ва ҳувияти миллӣ эҷод мекунад. Чун зарбаи он ба фарҳанги миллӣ бештар расонида мешавад, пас ҳатман раванди мазкур ба сатҳи ахлоқии ҷомеа хатарҳоро ба миён меорад ва аз ҳама қишри зудтағйирёбандаи он – ҷавонон ин дигаргуниҳоро босуръат қабул мекунанд. Мутаассифона ин қишри ҷомеа нисбат ба ҷанбаҳои мусбати глобализастия бештар паҳлуҳои манфии онро ба худ мегиранд, ки сабаби таназзули муносибатҳои иҷтимоӣ мегарданд. Агар дар ин ҷо ҷанбаҳои мусбати раванди глобализатсияро ба инобат нагирем, пас паҳлуҳои манфии ин раванд ба ҳолати имрӯзаи ҷомеаи тоҷик чунин хатарҳоро ба миён меорад:

1. Хатар ба мафкураи аҳли ҷомеа. Раванди глобализатсия имрӯз мафкураи тамоми аҳли ҷомеа, аз хурдсол то калонсолро дигаргун кардааст ва мутаассифона ин таъсиррасонӣ бештар ба тарафи манфӣ майл дорад. Агар таъсироти манфии он дар қисмати болоии ҷомеа камтар ҳис карда шавад (дар ҳоле, ки дар он қисмати ҷомеа низ таъсироти манфӣ баръало мушоҳида мегардад), дар қисмати поёнии ҷомеа, яъне ҷавонон ин бештар ҳис карда мешавад. Ҷавонон як қишре ба ҳисоб мераванд, ки хусусияти зуд-зуд тағйирёбандагиро дар худ доранд ва барои ҳамин, дар зери таъсироти глобализатсия бештар дигарун мегарданд. Имрӯз баръало мушоҳида мегардад, ки Интернет ва дигар шабаҳои иҷтимоӣ чӣ хел тафаккури ҷавононро дигаргун кардаанд ва дар баъзе мавридҳо мушоҳида мегардад, ки як қисмати ҷавонон «ғулом»-и ин шабакаҳои иҷтимоӣ гашта, мисли манқурт дастуроти ҳаёти худро аз шабакаҳои иҷтимоӣ гирифта, барои онҳо дигарон, аз он ҷумла волидайн ва шахсони босаводу ботаҷриба дигар авторитет ҳисоб намешаванд. Чун ҷавонони мо аз бахшҳои хориҷии интернет, яъне бештаран аз шабакаҳои русӣ ё англисии он истифода мекунанд ва дар ин бахшҳои хориҷии шабакаҳои иҷтимоӣ тарзи зиндагӣ, урфу одатҳои онҳо, тарзи гуфтори онҳо ва умуман хоҳишу талаботҳои хориҷиён (бегонаҳо) пешниҳод карда мешаванд, ки ба менталитети мо созгор нестанд, ҷавонони мо он урфу одатҳо ва иқдомҳоеро пеша мекунанд, ки барои ҷомеаи мо ҳам бегона ва ҳам таҳдидкунанда мебошанд. Табиист, ки ин тамоюлҳо ба ҷавонон таъсири худро мерасонанд ва мафкураи имрӯзаи ҷавонон дар руҳияи нодуруст ташаккул меёбад. Махсусан ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар гуна корҳои номатлуб ва муноқишаҳои мухталиф ташвиқ карда мешаванд ва ҷавонон онҳоро мушоҳида карда, дар амалҳои худ онҳоро такрор мекунанд, ки мисоли барҷастаи он чандин бархурдҳои мактаббачагону ҷавонон дар сатҳҳои гуногун мебошанд, ки боиси гирифтани ҷароҳатҳои мухталиф миёни ҷавонон ва ҳатто ба зиндон кашидани онҳо мегардад. Албатта, бартараф

намудани ин камбудиҳо кори осон нест ва зарур аст, ки сатҳу сифати шабакаҳои иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ баланд намуд. Гузашта аз ин, манъи баъзе шабакаҳои иҷтимоӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани он ташвиқгарон ё ба истилоҳ он блогерҳое, ки бар зарари ҷомеаи мо кор мекунанд ба маврид ва ҳаётан муҳим мебошад. Инчунин аз сохторҳои мухталифи давлатӣ низ талаб карда мешавад, ки дар ин самт корҳоро боз ҳам фаъол гардонанд, чун ин шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан паҳлуҳои манфии онҳо рӯз то рӯз фаъол ва хатарсоз мегарданд.

2. Таҳдид ба ахлоқ ва фарҳанги миллӣ. Дар марҳалаи глобализатсия ахлоқ ва фарҳанги аврупоӣ бо ахлоқ ва фарҳангҳои миллӣ омезиш меёбад. Дуршавӣ аз ахлоқ ва фарҳанги миллӣ ба худшиносии миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳувият ва фарҳанги миллӣ дар Тоҷикистон аз омилҳои аслии якпорчагӣ ва ваҳдати мардум маҳсуб меёбанд. Агар имрӯз ба давлатҳои упупоӣ назар карда шавад, пас дар он ҷо мушоҳида мегардад, ки онҳо он қадар хостори он нестанд. Баҳри ҳифзи он на бояд аз сензура истифода гардаду бояд роҳҳои нав корбаст гарданд.

Барои ҳимоя аз ахлоқи ҷавонон ва либоси миллӣ истифодаи таҷрибаи Ҷопон мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин кишвар барои бонувоне, ки либоси миллиашонро дар бар доранд, имтиёзҳо пешбинӣ кардаанд. Аз ҷумла, барои бонувон дар шаҳрҳо даромадан ба театр, осорхона ва дигар ниҳодҳои фарҳангӣ ройгон аст. Дар Ҷопон мардум ба театру осорхона таваҷҷуҳ доранд ва имтиёзи бепул даромадан ба ин маконҳо арзиши баланд дорад. Дар Тоҷикистон аз ин таҷриба истифода намуда, барои бонувоне, ки дар коргоҳ, донишгоҳҳо ва ғайра либоси миллиро дар бар мекунанд, пешниҳоди имтиёз мувофиқи мақсад мебуд. Аввал, ин таҷриба барои рушди намунаҳои нави либоси миллӣ мусоидат мекунад ва муштарӣ бештар гардида, барои ҳифзи фарҳангу либоси миллӣ мусоидат менамояд.

Баъдан, синамо ва филмҳои тасвирӣ ба ахлоқи наврасону ҷавонони мо таъсири калон мерасонанд. Барои наврасону ҷавонони имрӯза на қаҳрамони филмҳои тоҷикӣ, балки қаҳрамони филмҳои туркиву амрикоӣ

ва ғайра улгӣ буда, тифли тоҷик таҳти таъсири филмҳои тасвирии бегона ба воя мерасад. Хуб мебуд, агар ҳукумат барномаи рушди филми тасвириро дар кишвар таҳия мекард. Дар адабиёт ва таърихи тоҷик садҳо асарҳо мавҷуд аст, ки аз рӯйи он беҳтарин кино ва филмҳои тасвирӣ омода намудан муфид мебуд [392].

Садо ва симои ҷумҳурӣ бояд аз истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ баҳри пахши барномаҳои худ, махсусан он барномаҳое, ки ба мафкураи тамоми аҳли ҷомеа, махсусан ҷавонон таъсиргузор мебошанд, бештар ва самараноктар истифода намоянд. Садою симои ҷумҳурӣ дар ин самт кор карда истодаанд, аммо онро боз бояд фаъол намуд, чун мо ширкатҳои хориҷиро дар ин хусус мушоҳида мекунем, ки чӣ қадар фаъол ва таъсиргузор мебошанд. Пахши барномаҳои телевизиони ватанӣ аз тариқи сомонаҳои интернетӣ имкон медиҳад, ки тоҷикони бурунмарзӣ ба осонӣ барномаҳои телевизиониро тамошо кунанд ва аз хабарҳои ватани худ огоҳ гарданд ва аз ҳама муҳим фарҳанг ва ахлоқи миллиро фаромӯш накунанд. Аз диди аввал ин сода метобад, аммо таъсири воқеии он натанҳо ҷанбаи ахлоқӣ, инчунин сиёсӣ ва идеологиро дар худ касб мекунад. Мо бояд дар ин бахшҳо низ хеле самаранок кору фаъолият намоем.

3. Мавқеи ҷавонон дар марҳалаи глобализатсия. Дар шароити имрӯза як қисмати мушаххаси аҳолии давлат берун аз ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ки ҳам қувваи кориро ташкил медиҳанд ва ҳам ба қишри фаъоли ҷомеа – ҷавонон тааллуқ доранд. Онҳо бо мақсади пайдо намудани рӯзӣ ба хориҷи мамлакат, махсусан ба Федератсияи Россия кӯч бастаанд. Албатта, кору фаъолият намудани ҷавонон дар беруни давлат ҳам тарафҳои мусбат ва ҳам манфиро ба бор меорад. Баъзе ҷавонон маълумоти олӣ надоранд ва пас аз хатми мактаб яку якбора ватанро тарк карда, ба хориҷ мераванд ва дар он ҷо ба бисёр дигаргуниҳо тоб наоварда, худ тағйир меёбанд ва ё ба корҳое даст мезананд, ки дар оянда бар зарари онҳо ҷамъбаст мегарданд. Дар ватан онҳо бо кор таъмин набуданд ва бо пайдо кардани рӯзии кам

ҳам бошад дигар дар ватан буданро қабул накарда, барои худ макони навро дар хориҷ аз кишвар, дар Федератсияи Россия ва ё дигар давлатҳо ҷӯё мешаванд.

Қисми дигари ҷавонони дар Федератсияи Россия зиндагидошта бо истифода аз озодиҳои мавҷуда ба дигар равияҳои мазҳабӣ гароиш пайдо мекунанд. Ин падида дар саҳифаҳои иҷтимоии интернет ба хубӣ мушоҳида мешавад. Баъдан, дар раванди ҷаҳонишавӣ бо таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла, таъсири ҳодисаҳои ҷаҳони араб ҳисси норозигии ҷавонон аз вазъи доштаашон боло меравад. Барои ҳамин, зарурат пеш меояд, ки вазоратҳои дахлдори илмӣ баҳри пешрафти илм дар давлат иқдомҳои лозимаро роҳандозӣ намоянд, то дараҷаи саводнокии ҷавонон баланд бардошта шуда, пеши роҳи ҳар гуна тамоюлҳои харобиовар дар мамлакат гирифта шаванд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳар миллате тавони ҳифзи ҳувияту хусусиятҳои миллии хешро дорад, ки мизони саводи аҳолии он замонавӣ ва баланд бошад, яъне тамоми аҳолӣ саводи муосир дошта бошад. Савод танҳо маънои хондану навиштанро надошта, дар шароити имрӯза ин мафҳум маънои дарки моҳияти равандҳои мухталиф, дарки фарҳанги худ ва фарҳанги мардумони кишварҳои ҳамҷавору дурро дорад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти калон дорад. Барои ба ин мақсад даст ёфтан таҳкими муҳити хонаводагӣ хеле муҳим аст.

Зиндагии хонаводагӣ ва муҳити омӯзишӣ, иҷтимоӣ, беҳдоштӣ ва фарҳангии афроди ҷомеа имкон намедиҳад, ки фарзандони онҳо имконоти камолотро дошта бошанд. Бешак мушкилоти кӯдакон ва навҷавонон натиҷаи таъсири камбизоатӣ (фақр), бемориҳо, ҷоҳилӣ, бадрафторӣ ва нобасомониҳои оилавӣ (хонаводагӣ), инчунин мушкилоти соҳаҳои маориф, фарҳанг ва иҷтимоӣ мебошад.

Аз ҷониби дигар на танҳо тақдиру сарнавишт ва ояндаи кишвару ҷомеа, балки ояндаи ҷаҳон бар дӯши кӯдакон, наврасон ва ҷавонон аст.

Бинобар ин, шинохти ҳарчи бештари ин гурӯҳҳо ба таҳқиқот ва пажуҳишҳои илмӣ зарурат дорад. Масъалаи аслӣ ва муҳим аввал барои оила ва мактаб, ки бо донишомӯзӣ сарукор доранд ин аст, ки ниёзҳои омму хос ва мушкилоти донишомӯзиро ба дурустӣ бишносанд ва пас аз ин шинохт бо шеваҳои илмӣ ва машруъ арзу ниёзҳо ва рафъи мушкилоти онро таъмин намоянд. Мутаассифона то кунун дар заминаи шинохти мушкилоти донишомӯзон кори ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Аз ҳамин сабаб, то замоне, ки вазъ ва мушкилоти донишомӯзон дақиқ мушахас нашаванд, волидайн ва масъулини низоми маориф дар ин самт ба муваффақият ноил намешаванд.

Барои баррасии осебҳои рафтори кӯдакон бояд омилҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таъсири онҳо ба раванди ташаккули рафтор ва пайомадҳои он таҳлил карда шавад. Аз ин рӯ, мо чанд омили муҳим ва таъсиргузорро дар пайдоиши осебҳои рафтори кӯдакон ва наврасон ҷудо намуда, онҳоро ба таври умумӣ баррасӣ мекунем.

Қабл аз ҳама, чанд омили муҳити иҷтимоӣ баррасӣ ва таҳлил мешаванд. Муҳит аз маҷмуи омилҳое иборат аст, ки чизеро иҳота мекунанд, бинобар ин, муҳити инсон мураккаб буда, аз унсурҳои фардро фарогирифта ва иҳотанамуда иборат аст. Инсон аз лаҳзаи ба дунё омадан то дами марг дар муҳит ва ҷомеаҳои гуногуну сершумор ва мухталиф зиндагӣ мекунад ва аксар маврид аз таъсири онҳо огоҳӣ надорад.

Маъмулан тифл вобаста ба таъсири муҳити иҷтимоӣ дар бораи некӣ ва бадӣ тасаввурот пайдо мекунад ва бар ин асос, дар масъалаҳои зиндагӣ тасмим мегирад. Кӯдакон ва наврасон гумон мекунанд, ки андешаҳо ва қарорҳо натиҷаи иродаи худи онҳост, вале дар асл омили асосӣ ва таъсиргузор муҳити иҷтимоӣ аст. Агар кӯдакон дар муҳити солим зиндагӣ кунанд, пас солим ба воя мерасанд ва андеша карада, дучори осебҳои рафтории муҳити худ намегарданд.

Кӯдак аз лаҳзаи ба ҳаёт қадам гузоштан ва то вақти қадам ба мактаб гузоштан, дар ҷаҳони хос, яъне дар оила зиндагӣ мекунад. Дар ин маврид,

сарфи назар аз ғамхории модар, муҳити оилавӣ ҷаҳони аввалаи кӯдак мебошад. Дар ин ҷаҳон нуқсонҳо ва омилҳои муҳим вуҷуд доранд, ки ба кӯдак таъсир мерасонанд, ва ҳар кадоме аз онҳо хусусиятҳои муайян дошта, ба таври хос ба руҳ ва шуури кӯдак таъсир мерасонанд.

Волидайни кӯдак ва хусусиятҳои ҷисмонӣ ва руҳии онҳо, тарзи тарбия ва муносибат ба кӯдак, вижагии муносибатҳои онҳо, тафовутҳо ва мувофиқати ахлоқӣ, ҷойгиршавии хона, пойгоҳи иқтисодии оила ва шуғли падар, ки воситаи пешбурди зиндагии оила аст, вазъи модар, сифати фароғати аъзои оила, сатҳи дониш ва маълумот, инчунин муҳити хона ва сатҳи беҳдошт ва бисёр хусусиятҳои дигар аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки руҳияи кӯдакро ташаккул медиҳанд. Андерсен мегӯяд: «80 фоизи ҷиноятқорон дар хонае умр ба сар бурдаанд, ки дар он аз ишқу муҳаббат хабаре набуд». Тибқи таҳқиқоти анҷомдодашуда, қариб ҳама ихтилофот ва амалҳои номатлуби рафтор натиҷаи муҳити оила ва муносибатҳои кӯдакон бо он муҳит мебошанд. Омӯзиши вазъи кӯдакони душвортарбия собит месозад, ки қариб ҳамаи чунин кӯдакон дар оилаҳои носолим ва муҳити номуносиб ба воя расидаанд.

Агар волидайн эътимоди кӯдакро ба даст оварда бошанд, рафтори кӯдак хеле зуд ба мушобеҳи рафтори онҳо мегардад. Лафзу калимаҳое, ки ӯ истифода мебарад, ҳамон лафзу калимаҳои волидон мебошад. Рушди тафаккури ӯ бар он калимаҳо асос меёбад, ки аз падараш ва модараш шунидааст ва хислатҳои ахлоқи ӯ монанди ахлоқи волидонаш хоҳад буд. Кӯдак бояд эҳсос намояд, ки дар оила қарор дорад, мақсадҳои ӯ дарк карда мешаванд ва нисбат ба ӯ бо меҳр ва самимият муносибат мекунанд.

Осебҳои ахлоқӣ ва рафторӣ дар кӯдакон эҳтимол натиҷаи таъсири муносибати байни падару модар бошанд. Муносибатҳои волидайн барои тарбия ва пешгирӣ аз ихтилофҳои рафторӣ дар амали кӯдакон таъсири мустақим доранд. Агар ин муносибатҳо самимӣ ва дӯстона набошанд, пас доимо ихтилофҳо рух медиҳанд ва ба руҳияи кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад ва онҳоро парешону нигарон мегардонад. Афсус, дар баъзе

хонаводаҳо мушоҳида мегардад, ки волидайн тамоми мушкилотҳои ҳам шахсӣ ва ҳам оилавиро дар назди кӯдакон матраҳ намуда, ба онҳо зарбаи манфӣ мерасонад. Аз ин хотир, дуруст мебуд, ки онҳо фарзандонро аз бисёр масъалаҳои манфӣ дур нигоҳ доранд ва ҳатто мушкилотҳои байниякдигарии оилавиро дур аз онҳо ҳаллу фасл намоянд ва фарзандон худро озод ва хушбахт ҳис намуда, дар фазои муҳаббати хонавода тарбия ва камол ёбанд.

Омили андеша дар наврасон ҳамзамон бо рушди онҳо дар давраи наврасӣ хатари ҷиддии рафториро ба вуҷуд меорад. Таваҷҷуҳи ками волидайн ва мураббиёну омӯзгорон ба ташаккули рафтори дуруст бештар таъсир мерасонад ва баъзан ба ҷойи он ки наврас ва андешаҳои ӯ ба масири воқеӣ роҳнамоӣ карда шаванд, диққат ба рушди эътимоди наврасон ба худ равона мешавад – чизе, ки имрӯз мураббиёну муаллимон ва волидон ба он таваҷҷуҳи хос бояд зоҳир намоянд.

Осебҳои рафторӣ инчунин метавонад натиҷаи арзишҳои номаълуми иҷтимоӣ бошад. Арзиш, ин хулосаи асосӣ, ахлоқӣ ва амалӣ дар бораи он ки чӣ аҳаммият дорад муҳим буда, арзишҳо низоми хосси эътиқоди инсон мебошанд. Арзишҳо ба наврас нишон медиҳанд, ки дар раванди рафтори ӯ чӣ дуруст ва чӣ нодуруст аст. Ин як шакли арзёбӣ дар бораи он аст, ки чӣ чиз дар ҳаёт аз назари ӯ арзиш дорад. Аз ин рӯ, наврас бояд меъёрҳои ақлонӣ ва инсониро дарк намуда, рафтори худро бо арзишҳои қабулшуда дар ҷомеа мувофиқ созад. Ҳамзамон бо рушди синну сол, шинохт ва робитаи ӯ бо муҳити фарҳангӣ тақвият меёбад ва барномарезии фаъолияти таълимӣ бештар ба зиммаи таҳиягарони барномаҳои дарсӣ мегузарад.

Ҳамин тавр, Тоҷикистони муосир чун ҷомеае муаррифӣ мешавад, ки дар марҳалаи гузариш қарор дошта, бинобар таҳаввулоти гуногун бо зиддиятҳо ва ихтилоф дар сохторҳо ва зерсохтҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ аст. Номутобиқӣ ва рушди нобаробари ҷанбаҳои моддӣ ва ғайримоддии фарҳанг дар ҳамоҳангии иҷтимоӣ монеа

ва мушкилот ба вуҷуд меоранд. Дар чунин ҷомеа ба афрод душвор аст, ки худро бо муҳити атроф мутобиқ кунанд, таҳаввул ва дигаргуниҳои навро қабул намоянд, ки ин мушкилӣ дар тағйири арзишҳои ахлоқии ҷомеа равшан мушоҳида мешавад.

Дар баробари арзишҳои номбаркардаи ахлоқӣ рушди арзишҳои сиёсӣ дар ҷомеаи имрӯзаи ҷумҳурӣ муҳим мебошанд, чун баробари дигаргуниҳои марҳалаи нав дар кишвар арзишҳои сиёсӣ низ то андозае дигаргун шуда, омӯзиш ва баррасиро талаб доранд.

БОБИ 4. ТАМОЮЛҲОИ ЗУҲУРИ ҶАНБАҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

4.1. Хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон

«Ибтидои солҳои 90-уми асри XX, замоне тақдири кишвар ва мардуми Тоҷикистон равшан мегардид, дар саҳнаи сиёсӣ неруҳои мухталиф рақобат мекарданд ва мехостанд намунаи хосси рушди ҷомеа ва мутобиқ ба он тарзи ояндаи зиндагии одамонро иҷборан таҳмил намоянд. Сарҳади байни ин неруҳо, дар баъзе маврид, комилан равшан, дар дигар маврид бошад, мутобиқ ба сатҳи муттаҳидшавии онҳо бо мақсади ҳалли вазифаҳои муҳимтар, тағйирёбанда буданд.

Бештари неруҳои сиёсӣ саъй менамуданд тарзи зиндагӣ бар асоси муқаррароти дини исломро барқарор намоянд, ки озодии эътиқодро рад мекард ва аз ин тариқ, фаъолияти сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятиро мутобиқ ба меъёрҳои ахлоқи динӣ танзим намоянд. Дар муқобил ва тафовут аз онҳо, неруҳое вуҷуд доштанд, ки тарафдори арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа буданд.

Марҳалаҳои мухталиф ва қонуниятҳои таърихии «сотсиализми воқеӣ» шаклҳои гуногуни робитаҳои мутақобили ахлоқӣ дар соҳаи сиёсат ва мазмуни муайяни онҳоро ба миён мегузошт. Ҳамзамон мудохилаи ҳокимияти сиёсӣ ва ҳизбӣ ба фаъолияти сиёсӣ густариш меёфт. Заъфи таъсири омилҳои иқтисодӣ бо маъракаҳо ва фаъолияти таблиғотӣ ҷуброн карда мешуд, ки аз як тараф, ҳамчун уҳдадориҳои ахлоқӣ ва аз тарафи дигар ҳамчун талаботҳои сиёсӣ дар соҳаи ҳаёти иқтисодӣ пешниҳод мегардиданд.

Чунин баробарсозӣ эҳсоси адолати ахлоқиро ба вуҷуд меовард, ки ба муқобили ҳама гуна тафриқасозӣ баромад менамуд ва ё ба меҳнат ва малакаи шахсӣ асос намеёфт. Ҳар гуна тафриқасозӣ бухлу ҳасад ва бадандеширо ба вуҷуд меорад: ҳатто Афлотун таъкид намуда буд – дар

ҷомеае, ки баробарӣ ҳукмфармо буда, қобилияти шахсӣ ва натиҷаҳои меҳнати инфиродӣ ба назар гирифта намешавад, ҳасад инкишоф меёбад» [306, с.160].

Дар чунин ҳолат меъёрҳои ахлоқӣ ба мадди дувум мегузарад ва дар чунин ҳолат аксари муҳаққиқон пайваста таъкид менамоянд: «Қаблан чанд сухан дар бораи меъёрӣ будани ахлоқ ва ду вазифаи асосии он: нахуст, ин пешбарӣ ва асоснок намудани барномаи муайяни меъёрии он, ки маҳз ҳамин барномаи меъёрӣ ифодагари воқеӣ, аслӣ ва дурусти ахлоқ мебошад. Ахлоқи меъёрӣ саъй менамояд собит созад, ки арзишҳо ва усулҳои нисбат ба арзишҳо ва усулҳои берун аз ахлоқӣ, холисона, ҳамагонӣ ва бартаридошта мебошанд.

Дувум, ин маънои барқарор намудани танзими мутақобилаи талаботи инфиродӣ ба барномаи меъёрии пешниҳодгардидаро дорад. Чунин танзими муштарак низоъҳои меъёриро аз байн бурда, ҳамзамон, имкон медиҳад, то он фазоҳои фаъолияти инсонро, ки аз чорчӯбаи дарки муқаддимотӣ ва нахустини ин барномаи меъёрӣ берун монда буданд, фаро гирад» [324, с.5].

Бартарӣ доштани моликияти давлатӣ ва дур шудан одамон аз онҳо боиси он мегардад, ки дар фаъолиятҳои меҳнатӣ низ сатҳи ахлоқӣ паст мегардад ва ин дар навбати худ таъсири манфии худро ба дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ низ интиқол медиҳад. Дар мафкураи ҳукмрон вуҷуд надоштани омилҳои ҳавасманкунандаи фаъолияти меҳнатиро бо рамзҳои ғоявӣ ва унвонҳои фахрӣ ҷуброн намуда, мардумро бо шумораи зиёди нишонҳо, лавҳаҳо, парчамҳо ва ифтихорномаҳо сарфароз кардан мехостанд.

Ин ҳолат ба нофаҳмиҳои сабаб мешуд: «Агар ақида дар бораи адолат чунон ифода ёфта бошад, ки барои ҳалли одилонаи музди меҳнат ва масъалаҳои ба ин монанд истифода нашавад, пас савол ба миён меояд: он вақт барои чӣ лозиманд? Адолат дар таъмини музди меҳнат масъалаи ниҳоят муҳим буд, ки то ҳадди зиёд ба манфиати ҳар фард дахл менамояд.

Мову шумо дар муҳити илмӣ фаъолият дорем ва саволе ба миён меояд: барои чӣ доктори илм ва профессори муҳтарам нисбат ба дотсент ва номзади илм маоши бештар мегиранд? Дар ин маврид меъёрҳои гуногунро метавон истифода намуд: аз рӯйи хизмат, шаъну эътибор, саҳми гузошта, натиҷаи кор, донишу таҷрибаи андӯхта ва ғайра.

Чунин ҳолат дар ҳама ҷо ва ҳамеша вуҷуд дошта метавонад. Дар ин сурат вазъияти вуҷуддошта дар соҳаи муайян кардани ҳаҷм ва дараҷабандии музди меҳнат натиҷаи риояи анъана мебошад, вале то чӣ андоза ин анъана дуруст аст ва барои чӣ онро бояд ҳифз намуд? Масъалаи меъёри адолат маҳз ҳамин аст» [324].

Баъд аз соҳибгардии истиқлолияти сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ ҳоло тафаккури одамон пурра ба низоми нави демократӣ мутобиқ нашуда буд. Ҳамзамон, раванди фишороварии як гурӯҳи иҷтимоӣ ба дигар гурӯҳҳо мушоҳида мегардид. Зӯрӣ, ҳатто ба хотири ғояҳои воло ва арзишҳои башардӯстона, чун анъана гӯё баҳри саодати иҷтимоӣ ва зиндагии осоиштаи мардум равона мегашт.

«Таҳлили Алексис де Токвил (1805-1859) ва Э.Берк (1729-1797) аз пайомадҳои инқилоби Фаронса нишон медиҳад, истифодаи ҳар гуна зӯроварӣ ва даҳшат бо мақсади хайр, ҳадди ақалл, эҳтимоли таъсири баргардро дорад, яъне хатари он ки воситаҳои истифодагардида барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, ниҳоят беҳуда анҷом меёбанд. Маҷбурсозӣ ба хотири «манфиати умум» ба осонӣ ба худкомагӣ (тоталитаризм) табдил меёбад.

Дар низомҳои мутамарказ вобастагии якҷонибаи маънавиёт аз сиёсат вуҷуд дорад, яъне ахлоқ ба сиёсат тобеъ аст. Ахлоқ, ваҷҳ ва далелҳои он, ҳамеша бо мақсаду манфиатҳои сиёсӣ алоқаманд буданд.

Хулосаи вобастагии ахлоқ ва сиёсатро В.И. Ленин дар ибораи машҳури худ ниҳоят равшан ифода намуда буд: ҳама он чизе ки ба «кори коммунизм» хизмат менамояд, дар доираи ахлоқ аст. Дар «Кодекси ахлоқи бинокори коммунизм», ки дар замони Н.С. Хрушев таҳия гардида буд,

усули олии ахлоқи «бинокори коммунизм» усули «садоқат ба кори коммунизм» буд» [306, с.160-161].

Дар низомҳои худкома ва тоталитарӣ сиёсат ҳамеша моҳияти воқеии худ, яъне ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ, табақаҳо ва миллатҳоро гум менамояд. Дар ҷойе ки ҳокимияти сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа назорат намешавад, шароит барои бегонашавӣ ва расмиятпарастии манфиатҳои он ба вуҷуд меояд. Ҳукуматдорон дар ин мавридҳо ба шаҳрвандон маҷбуран талаботҳо ва ахлоқи сиёсиеро талқин мекунад, ки бар нафъи шаҳрвандон нест.

«Ҳамин тариқ, давлати мутамарказ ахлоқӣ мегардад, зеро фаъолият ва дастурҳои он ҳамчун «мубориза барои коммунизм» муайян карда мешаванд. Ҳамзамон озодии маҳдуд ҳокимияти сиёсӣ барои ба вуҷуд омадани чунин шароит мусоидат менамояд, ки сабабгори пайдо шудани беэътиноӣ ба эҳсосоти ахлоқии оммаи мардум мегардад. Дар натиҷа, ҳокимияти сиёсӣ аз назорати шуури умумии ахлоқии мардум берун мемонад. Ба он нигоҳ накарда, ҳокимият ба ихтиёри оммаи мардум як қатор меъёрҳои ҳуқуқ ва ваколат вогузор менамояд, вале ба омма имкон намедиҳад, ки таъсир дошта бошанд.

Ахлоқи низоми тоталитарӣ чанд таърифҳои муҳим дорад. Нахуст, таъкид мегардад, ки низоми сиёсӣ барои расидан ба «манфиати умум» равона гардидааст: волоияти манфиатҳои миллӣ, «меҳнаткаши моҳир» ва ғайра. Дувум, таъриф мешавад, ки ашхос ва ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар бораи «манфиатҳои ҳақиқӣ»-и худ дарак надошта, танҳо барои ҳизби «роҳбарикунанда»-и тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ маълум мебошанд. Севум, мустақилияти нисбии соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ, бахусус, маънавӣ ва сиёсӣ, ба сар задани ихтилоф байни онҳо оварда намерасонад. Ҳамин тариқ, ҳизб нақши «роҳбарикунанда»-и худро дар соҳаи ҳаёти маънавӣ, ки бевосита ба сиёсат тобеъ мегардад, дар амал татбиқ менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба хотири барқарор намудани сулҳу осоиш дар кишвар, усули демократиро муайян

намуд, ки ҳамзистии одамони пайрави тарзи ҳаёти ба ҳам муқобилро фароҳам месозад. Моҳияти усул аз он иборат аст, ки ҳеҷ кас наметавонад тарзи ҳаёт, рафтор, мазҳаб ва ё идеология, фарҳанг ва забон, тарзи ҳаёти сиёсӣ ва ё иқтисодии худ, ба ҷуз аз қонунҳои демократӣ ва арзишҳои башарии қабулгардидаро ба касе бо зӯрӣ талқин намояд» [306, с.161].

Дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихи давлат, дар мустаҳкам намудани ин усулҳо дар ҳаёти сиёсӣ Сессияи XVI-уми таърихии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дошт. Дар сессияи XVI-ум самтҳои асосии рушди ҷамъиятӣ барои солҳои минбаъдаи давлат муайян карда шуданд, ки натиҷаҳои мусбатро ба бор оварданд.

«Бо мақсади хотимаи ҷанги шаҳрвандӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ ва аз байн рафтани асосҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии давлат, истиқрори сулҳ ва осоиш, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои мухталиф, созмонҳои ҷамъиятӣ ва аҳзоби сиёсӣ, таъмини фаъолияти муътадил ва мустаҳкам намудани пойгоҳи мақомоти давлатӣ, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси усулҳои башардӯстӣ дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод намудани ашхосе, ки аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои даргириҳои мусаллаҳона, ҷиноят ва ё амалҳои зиддиқонунӣ содир намуда буданд, қарор қабул намуд.

Ин санади муҳим ва қонуни қабулгардида «Дар бораи гурезаҳо» ба шаҳрвандон бехатарии шахсӣ, расонидани кумаки моддӣ ва имтиёз, бори дигар собит намуд, ки ҳукумати Тоҷикистон ҷонибдори сулҳ ва оромӣ буда, барои барпо кардани ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократӣ мутобиқ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ фаъолият намуда, вазифаи асосии худро ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд медонад.

Муҳимтарин дастоварди таърихии давлати навини тоҷикон, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида буд, дар муддати кутоҳ хомӯш намудаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва оғози зиндагии созанда буд. Таҳаввулоти созанда, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ба амал омаданд, баъд аз имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, давраи рушди босуботро оғоз намуданд.

Афзалияти ваҳдати иҷтимоӣ дар равобити мутақобилаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки пас аз имзои ин созишнома, ба миён омад, имкон фароҳам овард, ки тамоми неруи созандаро ба ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона гардонад.

Бояд таъкид намуд, ки ҳаёти иҷтимоӣ то ҳанӯз комилан аз таъсири омилҳое, ки сабабгори сар задани низоъҳо мегарданд, озод нагардида аст. Баръакс, вусъат ёфтани мухолифатҳои иҷтимоӣ дар шароити бартарафсозиии камбизоатӣ, мубориза ба муқобили ҷиноятқорӣ, фасод ва гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир ба сатҳи дигар гузашт» [306, с.161].

Сарфи назар аз проблемаҳои мухталиф дар он марҳалаи таърихӣ мардуми тоҷик дар тӯли ҷанги таҳмилӣ як мактаби бузургро паси сар намуд, ки дар пояи он ҳамаи он бадбахтиҳоро паси сар намуд ва дар шароити муосир ба ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва тартибот дар ҷомеа таваҷҷуҳи асосӣ дода мешавад. «Дар марҳалаи кунунӣ ташаккули хислатҳои демократии фарҳанги сиёсӣ ба зарурати амалияи ҳаёти иҷтимоӣ табдил ёфта аст:

- вуҷуд доштани сатҳи муайяни донишҳо дар бораи сиёсат ба таври умум ва самтҳои гуногуни он;
- вуҷуд доштани малакаи арзёбии мустақили падидаҳои сиёсӣ, фаъолияти ҳизбҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ ва роҳбарони онҳо дар байни шаҳрвандон;
- қобилияти иштирок дар фаъолияти сиёсӣ, ҳимояи мавқеи шахсии сиёсӣ ҳамчун шакли муборизаи сиёсӣ ва ҳам шакли муколама ва созиши сиёсӣ;
- қобилияти ба ангезаву эҳсосот фирефта нагардидан дар раванди фаъолияти сиёсӣ, идора намудани рафтори сиёсӣ, холисона арзёбӣ

намудани амалҳои худ ва фаъолияти мухолифон.

Сатҳи фарҳанги сиёсӣ сатҳи демократияи ҳаёти сиёсиро нишон медиҳад, ки унсури зарурии муттаҳидсозӣ ва ҳамгироии ҷомеа мебошад. Ба таҳлили ташаккули фарҳанги сиёсӣ дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ амиқ ворид нагардида, танҳо таъкид менамоем, ки он дар сатҳи поин қарор дошта, ихтилофи зиёд дошт.

Аз як ҷониб, вай аз пойгоҳи зарурии иттилоотрасонии шаҳрвандон ва иштироки фаъоли онҳо дар сиёсат маҳрум буд, аз ҷониби дигар, аксар аз вуҷуд надоштани донишҳо ва андешаҳои амиқи сиёсӣ ва робитаи заиф бо фарҳанги ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҷомеа бо мушкилӣ мувоҷеҳ мегардид. Ин ҳолат дар вазъияти фавқулодаи гузариш дар нимаи дувуми солҳои 90-ум, замоне ки як қатор арзишу меъёрҳо қариб вазифаи танзимкунандаи худро аз даст дода буданд, арзишҳои дигар бошад ҳанӯз ташаккул наёфта буданд, бахусус, инъикос мекард.

Дар шароити имрӯза ташаккули фарҳанги нави сиёсии бо ҷомеаи шаҳрвандӣ иртибот дошта, касб намудани малакаи фаъолияти идоракунӣ бар мабнои иштироки мустақим дар равандҳои сиёсӣ, бозгашти дарки воқеият (реализм) ба шуури шаҳрвандӣ, муҳимтарин вазифаи ташхиси шуури сиёсии фард мегардад.

Сухан дар бораи фарҳанги сиёсии бар усули гуногунандешӣ асосёфта меравад, ки бидуни он таҳаввулоти демократӣ маънои худро гум мекунад. Бо дар назар гирифтани шароити бавуҷудомада мантиқан дуруст мебуд, агар фарз намуд, ки фарҳанги нави гуногунандешӣ дар ҷомеа танҳо дар давраи тӯлонии гузариш истиқрор гардида, унсурҳои он тадриҷан ташаккул меёбанд» [306, с.161-162].

«Вазъи ахлоқии амалҳои сиёсии субъектҳои асосиро дар ин солҳо таҳлил намуда, қабл аз ҳама, бояд дар назар дошт, ки тағйироти иҷтимоӣ-сиёсии солҳои 90-ум баамаломада, ба ҳолати ахлоқии аксари одамон таъсири манфӣ гузоштанд.

Дар ин солҳо усулҳои ахлоқи анъанавӣ фаромӯш ва беэътибор

гардида, дар саҳнаи иҷтимоӣ унсурҳои ҷиноятпеша равшан зуҳур намуданд. Тасаввури одамон дар бораи адолат тағйир ёфта, арзишҳои қонеъ кардани ниёзҳо, ки гӯё барои беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ зарур мебошанд, боло гирифтанд ва бояд бо ҳар роҳ ба даст оварда мешуданд» [306, с.162].

Болоравии ин падидаҳо тадриҷан пояҳои ахлоқии ҳаёти иҷтимоиро тахриб намуданд. Даъвати барои ҳифзи манфиати умумӣ, ки аз тарафи намояндагони табақаҳои нав садо медоданд, дар асл ба таъмини манфиатҳои шахсии онҳо равона гардида буд. Дар чунин ҳолатҳо ҳар шаҳрванд танҳо ба фикри ҷамъ намудани сарвати зиёд машғул буд ва арзишҳои ҳаётӣ қиммати худро аз даст дода, дар натиҷа дар ҷомеа тамоюлҳои манфие бештар гаштанд, ки сатҳи ахлоқии ҷомеаро хеле коста гардонид. Барои расидан ба ҳадафҳои худ одамон манфиатҳои ҷамъиятиро поймол мекарданд ва мисли пештара ахлоқ дигар вазифаи назоратӣ ва танзимкунандаи ахлоқии худро иҷро карда наметавонист, ки ин ба паст шудани сатҳи натанҳо ахлоқӣ, балки иҷтимоӣ низ мусоидат мекард.

Пас аз истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар, бо мақсади роҳ надодан ба харобшавии сохторҳои ҳаёти иҷтимоӣ таҳти таъсири падидаҳои номатлуб, аксари ходимони ҷамъиятӣ, бахусус, сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон роҳи қабули чораҳои амалӣ барои ба эътидол овардани ҳаёти ҷамъиятиро пеш гирифтанд.

Ҳукумати мамлакат саъю талоши худро баҳри он равона намуда истодаанд, то дар ҳаёти сиёсӣ арзишҳои ахлоқӣ ба ҳамагон таъсири якхела дошта бошанд ва аз талаботҳо ва хоҳишҳои фардӣ вобастагӣ надошта, хусусияти айниро касб намоянд. Агар ин ҳолат татбиқи худро ёбад, пас дар амалҳои дигарон дар баробари риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин меъёрҳои ахлоқӣ низ мушоҳида мегардад.

«Инсон худро меҳвари ахлоқи олам ва қудрати олии тақлид содиркунанда медонад, ки тасмими ниҳоӣ бар дӯши ӯ вогузор аст. Аз вай

албатта дарки он воқеиятҳо талаб карда мешавад, ки то ҳадди ниҳоӣ муҳтавои умумии мазмуни ахлоқ ва омодагӣ барои дар назар гирифтани карахтии онҳоро инъикос менамояд. Лекин, ба ин нигоҳ накарда, дар ихтиёри ӯ сатҳи зиёди озодӣ боқӣ мемонад, зеро ӯ ҳамчун ифодакунандаи сатҳи муносиб аст, ки маъмулан ба сатҳи ҳақиқӣ мутобиқ наменамояд» [124, с.15].

«Ҳамин тариқ, тағйироти иҷтимоӣ-сиёсии дар ҷомеаи Тоҷикистон пас аз касби истиқлолияти давлатӣ баамаломада, аз як тараф, ба фаъол гардидани омили инсонӣ дар ҳаёти сиёсии ҷамъиятӣ, аз тарафи дигар, ба пайдо ва густариши шаклҳои мухталифи фасоди ахлоқӣ ва рафтори зиддиҷамъиятӣ мусоидат намуданд, ки дар навбати худ заъфи шеваҳои санҷидашудаи танзими ахлоқии рафтори сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятиро нишон медиҳад» [306, с.162].

Дар ин маврид, мо ба таҳлили амиқи ин ду майлонҳои гуногунсамт дар раванди танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон намегузарем.

Барои дарки ин падидаҳо, қабл аз ҳама, мо бояд беихтиёр ба фарҳанги аз ниёкон ба мерос мондааст таваҷҷуҳ намоем, зеро дар гузашта ба ахлоқ нисбат ба сиёсат афзалият медоданд. Ҳамзамон, мо бояд ба саволи он ки барои чӣ ва чаро арзишҳои ахлоқӣ мавриди таваҷҷуҳи ҳамзамонони мо мебошанд ва то чӣ андоза онҳо барои худмуайянкунии ҷомеаи мо аҳаммият доранд, ҷавоб гӯем?

Ҷавобҳои эҳтимолӣ ба саволҳои гузошташуда осон нестанд, зеро қаринаи фарҳангӣ-сиёсии ин мерос, нисбат ба давраи ҳозира, тафовути калон дорад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти навсозии ҳаёти иҷтимоӣ пеш рафта, собит месозад, ки давлати демократӣ бунёд менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дастовардҳои муосири фарҳангӣ-сиёсиро бо роҳи ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ, дастгирии омилҳои маънавӣ, ки ба воқеиятҳои муосири иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ ҷавобгӯ

мебошанд, амалӣ менамояд.

Дар манзари ин пешравиҳо рақобати байнитамаддунии афзоянда дар муқобили ҷомеаи мо вазифаи устуворсозии асосҳои маънавии фаъолияти сиёсии субъектҳои асосии ҳаёти сиёсиро ба миён мегузорад ва он бояд манфиати тамоми табақаҳои аҳолиро инъикос намояд.

Агар аз мавқеъ ва миқёси ҷаҳонӣ назар намоем, пас ба осонӣ мебинем, ки пас аз оғози тағйироти ҷиддии иҷтимоӣ-сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, аз соли 2016 ба баъд, тахриби бесобиқаи арзишҳои ахлоқӣ оғоз ёфта, онҳо аз манфиатҳои куллии муайянкунандагони сиёсати ҷаҳонӣ ва кордонҳои дунё сарчашма мегирифтанд. Аксари демократҳои либерал, ки шаҳди роҳбарии худкома, аз ҷумла манфиатҷӯйро чашида, озодии сухан ва матбуотро маҳдуд сохтанд ва даст ба амалӣ намудани сиёсати поймоли ҳуқуқ зада, аз мансаб сӯиистифода менамоянд.

Дар шароити ба инобат нагирифтани амалҳои қаллобии оммавӣ аз ҷониби нухбагони сиёсӣ ва ба вуҷуд овардани фазо барои рафтори ношоистаи ахлоқӣ, эҳтимоли болоравии хатар меафзояд. Чунин ҳолат, қабл аз ҳама, дар фазои сиёсии ҷомеаи амрикоӣ пас аз ба сари қудрат расидани маъмурияти Д.Трамп, ки бо ибтикори он кӯшиши аз байн бурдани кумита оид ба ахлоқ дар Конгресс ба амал омад, равшан ба назар мерасад. Имрӯз шарҳу маънидодҳои нави ахлоқро метавон дар фазои сиёсии бештари ҷомеаҳои ҷаҳон мушоҳида намуд.

Ба назар мерасад, ки барои аксар ҷомеаҳои ҷаҳон масъалаи муайян намудани меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсӣ дигар аҳаммият надорад. Дар ин маврид олими рус С.Медведев таъкид менамояд: …ҳамзамон дида мешавад, ки масъалаҳои ахлоқӣ ҷомеаро сахт ба ташвиш оварда аст ва чунин таваҷҷуҳ сатҳӣ набуда, хеле ҷиддӣ аст. Масъала чунин аст, ки нимсоли охир баҳсҳои калон маҳз дар атрофи мавзуъҳои ахлоқӣ идома доштанд.

Маъракаҳои мухталиф дар шабакаҳои иҷтимоӣ (флешмоб), атрофи

мактаби № 57 шаҳри Москва ҳангома баланд намуд, мавзуи исқоти ҳамл баҳсангез шуд. Дар мавриди намоишгоҳи Ҷон Стерҷес, ки аз тарафи «Афсарони Русия» тахриб гардид, баҳсҳо поин намеёбанд, дар ин робита баҳс дар мавзуи ҳадафи ҳавасҳои шаҳвонӣ гардидани атфол, инъикоси бадани кӯдакон дар санъатнигорӣ, тасвиру аксҳои беҳаё… муҳокима ва маҳкум мешаванд. Гоҳо ҷомеа ба муҳокимаи мавзуъҳои ахлоқӣ даст мезанад: «чунин ба назар мерасад, ки он чӣ аз дар ронда мешавад, пайваста саъй мекунад аз нав аз тариқи тиреза дохил шавад».

Ҳамзамон бо ин, ҳокимият бараъло дар фазои ахлоқӣ ҳузур дорад. Ин, метавонам гӯям, ба мавзуи умумӣ, яке аз ғояҳои асосии муҳлати севуми Путин гардида аст. Мавзуи ахлоқ дар фазои иҷтимоӣ дар моҳи декабри соли 2011, замоне қишри шаҳрнишин дарк намуд, ки ҳаққи интихоботии онҳоро рабуданд, ногаҳон пайдо шуд. Дархости ахлоқӣ дар манзари некӯаҳволӣ (аз рӯйи пирамидаи Маслоу, дар сатҳи баланди он) намудор гардид. Ин маънои дархост ба бошарафӣ ва бовиҷдониро дошт, ки дар давоми чанд моҳи ҳаракати Болотний ва тамоми инқилоби бо ном сафед амалӣ шуд. Барои ҳамин ҳам, замоне Путин моҳи майи соли 2012 ба қасри Кремл баргашт, пас ҷавоби муҳофизакоронаи ахлоқии ҳокимият ба муқобили даъватҳои мухолифин ташаккул ёфтан гирифт. Ин ҷавоб, ба таври умум, бо тренди дар саросари олам паҳнгардидаи муҳофизакорони нав, аз «аксарияти маънавӣ» дар Амрико ва «ҳизби чойнӯшон» оғоз шуда, бо созмонҳои дар Русия мамнуи «ДОИШ» ва «Боко ҳарам» ва дигар лоиҳаҳои бузурги муҳофизакорони нав дар ҷаҳони сеюм баохиррасида, созгор мебошад.

Ҳамин тариқ, ахлоқ яке аз мавзуъҳои муҳимми ҳокимияти имрӯза буда, эҳтимол дорад дар сатҳи баланд то давраи дигари раёсати Путин, пас аз соли 2018 боқӣ мемонад. Дар ин робита аз фазои сиёсӣ аввалин паёмҳо мерасанд: дар ин бора ба вазифаҳои баланди давлатӣ таъйин гардидани занон – Москалкова, Кузнетсова, Василева, даъвати намояндагони давлатии ба калисои православӣ наздик, ки дар байни афкори ҷамъиятӣ ба

баҳсҳои ахлоқӣ доман зада, аз далелу бурҳони ахлоқӣ истифода менамоянд, шаҳодат медиҳанд [323].

Бар асоси матолиби дар боло овардашуда, метавон таъкид намуд, ки новобаста аз шароити мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки дар бистари онҳо мероси фарҳангии мо ташаккул ёфта аст, нақши ин мерос дар муайян кардани арзишҳои ахлоқии фаъолияти сиёсӣ ҳамеша баланд боқӣ мемонад.

Дар даврони муосири давлатдорӣ, ки ҷумҳурӣ роҳи сулҳу субот ва бартарияти арзишҳои ахлоқию сиёсиро интихоб намуда, дар марзи он ҳамаи халқияту миллатҳои дохилии давлат худро озод ва баробарҳуқуқ ҳис менамоянд, роҳи интихобнамудаи беҳтарини давлат аст: «Дар анъанаҳои миллии тоҷикон ҳамеша дастгирии умумӣ ва амалҳои муштарак дар ҳалли ҳама гуна мушкилот мақоми хосса дорад.

Шуури коллективӣ барои бақои миллат дар ҳама гуна шароити иқлимӣ ва низомҳои сиёсии қавмҳои истилогару бегона кумак намуд.

Онҳо дар ин руҳия истилогарони худро тарбия намуданд, ба онҳо малакаи роҳбарии ҷомеаро омӯхтанд ва дар натиҷа, оммаҳои аҳолӣ сиёсати онҳоро дастгирӣ менамуданд. Маҳз барои ҳамин дар анъанаи тоҷикон ҷомеа пойдевори расидан ба ҳама мақсадҳо дониста мешавад» [53, с.96].

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди паси сар кардани фоҷиаи даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ, бояд идеяеро корбаст намояд, ки баҳри ташаккули ҳаёти сиёсии дар пояи ахлоқ пайдогашта ва самтҳое равона карда шаванд, ки ҳадафи онҳо пешрафти давлат бошад. Маҳз дар масири пешрафти ҷомеа ҳамарӯза нақши анъанаҳои маънавӣ-зеҳнӣ ва сиёсӣ афзоиш меёбад.

Аксари таҳқиқотчиёни фалсафаи иҷтимоӣ дар ин мантиқи пешрафти ҷомеа барои расидан ба мақсадҳои рушд, зуҳури қонуни муҳимми иҷтимоӣ, яъне амали қонуни муттасилии иҷтимоӣ ва маънавиро мебинанд, ки дар таърихи башарият нақши асосӣ мебозад: «Агар муттасилӣ дар рушди иқтисодии ҷомеа бар асоси шароитҳои моддии объективии вуҷуддошта идома ёфта, одамон ҳатто дар аксар маврид онҳоро дарк

накарда амалӣ менамоянд, пас хусусияти хосси муттасилӣ дар рушди фарҳанги маънавӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар як намояндаи он арзишҳои маънавии гузаштагон бавуҷудовардаро аз нуқтаи назари танқидӣ таҳдиди назар намуда, онҳоро аз лиҳози тасвири умумии ҳаёти ҷамъиятӣ ва мақоми худ дар он дарк менамоянд. Ҷанбаи фалсафии ин масъала бо дарки диалектикаи инкор алоқаманд аст» [373].

Ин қонуни фалсафаи иҷтимоӣ дар зиндагии халқи тоҷик, ки таҷрибаи ғании ҳамзистӣ байни худ ва дигар гурӯҳҳои қавмиро дорад, равшан зуҳур ёфтааст. Барои ҳамин, дарки муодили иҷтимоӣ-фалсафии чунин таҷриба имкон медиҳад таъкид намоем, ки дар ҳаёти сиёсии халқи тоҷик ҳамеша меъёрҳои ахлоқӣ нисбат ба дигар ҳадафҳо мақоми воло доштанд.

Моҳияти ахлоқии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷик ҳамеша имкон медод, ки дар таърихи аксари халқҳои Осиёи Марказӣ нақши мусбату созанда дошта бошад. Дар ин замина олимони тоҷик таъкид менамоянд: «Эрониён-тоҷикон дар тӯли асрҳои зиёд дар ҳудуди Осиёи Марказӣ рисолати муттафаккирон ва маърифатпарварони мазҳабӣ ва дунявиро ба дӯш доштанд.

Гоҳо аз идораи мустақими сиёсӣ дур буда, тоҷикон то асри XX дар ҳаёти маънавии Осиёи Марказӣ нақши созандаро иҷро менамуданд, ки асосан ба забони модарии онҳо форсӣ-тоҷикӣ амалӣ мегардид. Барои ҳамин аксари истилоҳҳои илмӣ ва динӣ, агар реша аз забони арабӣ дошта бошанд ҳам, қаблан дар забони форсӣ-тоҷикӣ аз худ гардида, ба забонҳои халқҳои дигар минтақа ворид шуданд.

Бо вуҷуди ин, башардӯстӣ, ки ба ҷаҳонбинии тоҷикон табдил ёфта буд, барои сарнавишти миллати тоҷик пайомадҳои манфӣ ба бор овард. Бузургии намояндагони фарҳанги маънавии тоҷикон дар он ифода меёфт, ки онҳо ба мансубияти қавмии худ таваҷҷуҳ надоштанд ва дар кашфиётҳои зеҳнии худ умуман табиат ва моҳияти инсонро таҳқиқ намуда, эътиқоди мазҳабии худро бар асоси таълимоти ҳамагонии ислом ташаккул доданд.

Илова бар ин, ба ақидаи муҳаққиқи амрикоӣ Ҷоанн Гросс «Ин ҳақиқати бебаҳс буд, ки ҳувияти тоҷик бо ҳувияти мусулмон ягона дониста мешуд…». Дар натиҷа, тоҷикон аз чорчӯбаи ғояи қавмӣ-миллӣ берун рафта, ғайричашмдошт ба ғояе ворид шуданд, ки онро ба ифодаи Н.Бердяев метавон ҳамчун «қавми олӣ» муайян намуд.

Дар охири асри XX эрониён ҳам аз доираи робитаҳои миллӣ дур гашта, ба арзишҳои мазҳабӣ ва мазҳабӣ-умумибашарӣ майл намуданд. Барои онҳо муҳим буд, ки ҳама одамон ба насаби инсонӣ (уммати мусулмон) мансуб ҳастанд. Дар ин масир, онҳо тавозун миёни айнияти миллӣ ва умумиинсониро ба фоидаи шуури ҳамагонии динӣ тағйир дода, ҷанбаҳо ва бунёдҳои қавмиро дар худшиносии миллӣ ва нерӯ ва матонатро барои ҳифзи ҳувияти миллӣ-сиёсӣ коҳиш доданд.

Аз ин ҷиҳат, аҳли дин, дар аксар маврид руҳониёни эронӣ, ки натанҳо ба омма, балки ба афкори сиёсии онҳо таъсири фавқулода доштанд, дар бораи ҳифзи ҳувияти миллӣ-сиёсӣ ғамхорӣ накарданд ва олами атрофро дар партави тасаввурроти хаёлии мазҳабӣ-космополитӣ нишон медоданд. Онҳо бештар дар бораи вазъи намояндагони дини ислом дар давлат новобаста аз мансубияти давлат, ба ҳар гурӯҳи қавмӣ ғамхорӣ менамуданд.

Бояд таъкид намуд, ки ин раванд, дар баробари дигар омилҳо сабаби аз байн рафтани давлатдории тоҷикон дар асри X гардида буд, дар ҳоле ин давлат дар пояи таҷрибаи маҳаллӣ-осиёи марказӣ, бо инобат гирифтани гузаштаи худ ва фарҳанги миллӣ ва элитаи динию давлатдориҳои маҳаллӣ бо такя ба хонаводаи ҳукмрон таъсис гашта буд» [300].

Дар ин асно, барои пешрафти давлату ҷомеа ва баланд бардоштани асосҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа омили муҳим ин ҳафзи анъаноти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки бояд дар фаъолиятҳои сиёсӣ дуруст ба роҳ монда шаванд.

4.2. Ҳифзи анъанаҳои миллӣ омили муҳимми ташаккули асосҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа

Дар баробари ба инобатгирии мавқеи меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои сиёсӣ хулосагирии дуруст дар он ҳолат аст, ки онҳо ба таври спонтанӣ пайдо нагаштаанд ва ба протсесси иҷтимоие дохил мешаванд, ки хусусияти содаро касб намекунанд. Ин протсесс натоиҷи пешрафти ҷамъият, махсусан соҳаи ҳаёти моддӣ мебошад, чун дараҷаи муносибатҳои ахлоқии ҷомеа, дар баробари дигар омилҳо, боз аз сатҳи ҳаётии одамон вобастагии бузург дорад.

Ин воқеият бо он асоснок карда мешавад, ки дар бисёр авқот дар ҳолатҳои вазнин шудани ҳаёти одамон, мавқеи қавоиди ахлоқӣ ва таъсири онҳо, махсусан дар муносибатҳои сиёсӣ заиф мешавад. Дар таърихи ташаккули ҷомеаи муосири тоҷик чунин ҳолат дар солҳои аввали истиқлол ба назар мерасид, зеро афзалиятҳои ҳифз ва бақои ҳаёти инсонӣ дар фаъолияти онҳо нақши ҳалкунанда доштанд.

Вазъи моддӣ яке аз он омилҳои бунёдие дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки бевосита ба сатҳи арзишҳои ахлоқии ҷомеа таъсири бориз мегузорад ва аз дараҷаи иқтисодии ҳолати ҷамъиятӣ фаъолнокии амалҳои сиёсии одамон вобастагии бузург дорад. Зеро дар аксар маврид ҷомеаи инсонӣ метавонад симои ахлоқии фаъолияти сиёсии худро новобаста аз нокомиҳои муваққатӣ аз даст диҳад.

Дар ин маврид, дар муайян намудани афзалиятҳои фаъолияти сиёсӣ сатҳи рушди фарҳангии афрод ва ҷомеа таъсири калон мерасонанд. Ин чунин маъно дорад, ки меъёри афзалияти танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии аъзои ҷомеа аз сатҳи фарҳангӣ, хусусияти устувории талаботҳо дар шуур ва пойдории ахлоқии онҳо, ки дар суботкорӣ ва собитқадамӣ дар амалӣ намудани дархостҳои ахлоқӣ бидуни ҳеҷ гуна мушкилӣ вобаста мебошад.

Дар баъзе маврид чунин хислати афрод ҳамчун риояи анъана маънидод мешавад, вале қобилияти одамон барои пос доштани талаботҳо

ва унсурҳои ахлоқии расму одат ва анъанаҳо дар таъмини суботи низоми иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. Аҳаммияти ин ҷанбаи танзими ахлоқии рафтори сиёсиро аксари муҳаққиқон чунин маънидод мекунанд: «Фаъолияти сиёсӣ, ба монанди дигар фаъолиятиҳои одамон, аз тарафи ҷомеа ва давлат дар шаклҳои мухталиф танзим мегардад:

Аввал, танзими фаъолияти ҳуқуқӣ нақши асосӣ дорад. Қонунҳо меъёрҳоеро муайян менамоянд, ки бо мақсади таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ҳифзи солимии ҳаёти маънавӣ, истифодаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандиро маҳдуд месозанд. Ба таври мисол, ҳуқуқ барои гузаронидани митингу намоишҳо ва корпартоиҳо бо он меъёр маҳдуд карда шудааст, ки онҳо бояд бо роҳи осоишта ва бидуни истифодаи зӯроварӣ ва силоҳ баргузор шаванд. Даҳшатафканӣ, ташкили бетартибиҳои умумӣ ва ғайра амали ҷиноятӣ шинохта шуда, барои содир кардани онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян карда шудааст.

Дувум, барқарор гардидани арзишҳои демократӣ дар ҳаёти ҷомеа, ки меъёрҳои муосири фаъолиятро дар ҳаёти сиёсӣ муайян менамоянд, ниҳоят муҳим дониста мешавад. Меъёрҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ танҳо дар он сурат ба фаъолияти сиёсӣ метавонанд таъсир расонанд, ки аз тарафи афкори ҷамъиятӣ дастгирӣ дошта бошанд.

Севум, ҳолати муташаккилии субъектҳои ҳаёти сиёсӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳамроҳшавии муассисаҳо дар ҳаёти сиёсӣ, ки онҳо мувофиқи қонунҳои амалкунанда мебошанд, таъсири аносирҳои ногаҳониро дар сиёсат паст намуда, ҷавобгарии рафтори фаъолияти сиёсӣ ва эҳтимолияти назорати онҳоро хеле пурзӯр мегардонад.

Чорум, маърифати сиёсӣ ва паҳн намудани иттилооти сиёсии воқеӣ рафтори сиёсиро бештар оқилона намуда, дар ихтиёри субъектҳои фаъолияти сиёсӣ тарзу усулҳои муосири расидан ба ҳадафҳои сиёсиро мегузоранд.

Панҷум, дар фаъолияти сиёсӣ нақши нухбагони сиёсӣ, маҳорату

тавоноии онҳо ҷиҳати коҳиш додани шиддати сиёсӣ ва ба эътидол овардани вазъият, мусоидат намудан ба амалӣ намудани амалҳои оқилона ва роҳнамоии пайравони худ ба хотири риояи қоидаву меъёрҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ калон аст. Амали самараноки омилҳои зикргардида имкон фароҳам месозад, то ҳамзамон сатҳи баланди фаъолияти субъектҳои сиёсат таъмин гардида, ҳаёти сиёсӣ дар чорчӯбаи меъёрҳои аз тарафи ҷомеа ва давлат эътирофгардида нигоҳ дошта шавад» [357].

Бояд таъкид намуд, ки дар назар гирифтани аҳаммияти меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти ниҳодҳои гуногуни сиёсӣ тасодуфӣ ба даст наомада, он як раванди мураккаби иҷтимоӣ мебошад. Ин натиҷаи рушди ҷомеаи инсонӣ, бахусус, ҳаёти моддии он дар марҳалаи муайян мебошад, зеро ба вазъи муносибатҳои ахлоқии ҷомеаи муайян дар аксар маврид, дар баробари омилҳои дигар, ба шароити зиндагии одамон таъсир мегузорад.

Ин дар он инъикос меёбад, ки дар аксар маврид, бо коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии одамон, ҳамзамон таъсири меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти инсонҳо, аз ҷумла дар фаъолияти сиёсӣ заиф мегарданд. Дар гузаштаи рушди давлатдории тоҷик ин тамоюл дар замони ба даст овардани истиқлолияти сиёсии навин авлавият дошт, чун барои аҳолӣ дар он авқот аз ҳама арзишманд ин ҳифзи зиндагӣ ва масоили мухталифи ҳаётӣ дар муносибатҳои инсонҳо қарор дошт.

Нақш ва аҳаммияти шароитҳои моддии ҳаёти инсонҳоро дар муайян кардани меъёрҳои фаъолияти сиёсии онҳо таъкид намуда, набояд нақши ин омилро берун аз доираи таъсири омилҳои дигар аз ҳад зиёд нишон дод, зеро дар аксар маврид ҷомеаи инсонӣ, новобаста аз мушкилиҳои муваққатии ҳаёти моддӣ, саъй менамояд симои маънавии фаъолияти сиёсии худро аз даст надиҳад. Дар ин ҷо, маҳз дар ифодаёбии ормонҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсӣ, бештар сатҳ ва дараҷаи рушди фарҳангии аъзо ва умуман ҷомеаи инсонӣ таъсири ҳалкунанда доранд.

Ин чунин маъно дорад, ки меъёри афзалияти танзими ахлоқии

фаъолияти сиёсии аъзои ҷомеа аз сатҳи рушди фарҳангу маънавиёт, устувор будани талаботи ахлоқӣ дар шуури онҳо, суботи ахлоқии онҳо, ки дар матонат ва пайкор ва дар ҳаёт татбиқ намудани талаботи ахлоқӣ новобаста аз ҳар гуна мушкилот ифода меёбад, вобаста мебошад.

Дар баъзе маврид, зуҳури чунин хислати шахс ҳамчун риояи анъана арзёбӣ мегардад, вале боварии инсонҳо ба риояи талаботҳои маънавӣ, унсурҳои асосии анъана ва урфу одат дар таъмини суботи низоми иҷтимоӣ нақши калон мебозад. Аҳаммияти ин ҷанбаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ аз тарафи аксари муҳаққиқони ин масъала таъкид гардидааст.

Гуфтаҳои болозикрро ба назар гирифта, набояд фаромӯш кард, ки тарзҳои амалишавии назорати ахлоқии фаъолиятҳои сиёсӣ ҳама вақт дигаргун гашта, дар ҳоли рушд мебошанд. Яке аз омилҳои муҳимми таъсиргузор ба ин раванд вазъ ва табиати тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Бо тағйир ёфтани моҳияти муносибатҳои иҷтимоӣ мазмуни ахлоқӣ-меъёрии фаъолияти сиёсӣ дигаргун мегардад. Инро мо метавонем дар ҳодисаҳо ва падидаҳои ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистони муосир, бахусус дар давраи пасошӯравии рушди он, замоне ки тағйиротҳои дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ба амал омада, ба тағйирёбии мазмуни танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ оварда буд, мушоҳида намоем.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки мазмуни меъёрҳои сиёсӣ, муносибатҳои ғайримустақими молумулкӣ, истеҳсолот, талабот, тақсимот ва мубодилот дар ҳамин марҳалаи рушди ҷомеаи мо ба мазмуни дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла, шуури ахлоқӣ таъсири қатъӣ мерасонанд. Дар ин сурат, ҳангоми таҳлили табиат ва хусусияти тағйирёбандаи танзими фаъолияти сиёсӣ, ба робитаи ногусастаи он бо авлавиятҳои идеологии ин ё он ҷомеа таваҷҷуҳ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар оғози марҳалаи рушди мустақилона аксари ҷумҳуриҳои собиқ

шӯравӣ саъй менамуданд дар ҳар лаҳзаи мувофиқ аз ҳар гуна масъулият, ҳадафҳо, арзишҳо ва мақсадҳои фаъолияти сиёсӣ сарфи назар намоянд. Чунин шумурда мешуд, ки афзалиятҳои муносибатҳои иқтисодӣ симои инсонии фаъолияти сиёсиро танзим менамоянд. Лекин, ба зудӣ маълум гашт, ки афзалияти муносибатҳои иқтисодӣ чунин иқтидорро надоранд, балки баръакс, онҳо ба амали самаранок ва асосноккунии ахлоқӣ зарурат доранд. Дар соҳаи мудирияти равандҳои ҷамъиятии Тоҷикистони муосир дарки ин воқеият на якбора, балки тадриҷан имконпазир гашт.

Мазмуни чунин дарк аз он иборат аст, ки муносибатҳои иқтисодӣ метавонанд ба асосҳои меъёрӣ-ахлоқии фаъолияти сиёсӣ на мустақим, балки ғайримустақим, аз тариқи таъсиргузорӣ ба омма, ки хислати худро дошта, мазмуни меъёрии дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ мебошад, таъсиргузор бошанд.

Нуқтаи дар боло зикргардида собит месозад, ки афзалиятҳои идеологии ҷомеа ба вазъи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ таъсири калон мегузоранд. Арзишҳои дар низоми афзалиятҳои идеологии ҷомеа устувор гардида, шаҳодат аз он медиҳанд, ки то чӣ андоза онҳо бо механизамҳои танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии аъзои ҷомеа созгор мебошанд.

Дар ин замина, мо бояд дар назар дошта бошем, ки ҷанбаи ахлоқии фаъолияти сиёсӣ хусусияти ягона надошта, дар шаклҳои мухталиф зуҳур меёбад. Он метавонад дар қаринаи авлавиятҳои идеологӣ, дар шакли даъват барои дар назар гирифтани меъёрҳо ва усулҳои таъмини адолат, ба эътидол овардани вазъи муносибатҳои ҷамъиятӣ, муборизаи оштинопазир ба муқобили фасодкорӣ, эътирофи волоияти арзиши ҳаёти инсон, афзалият ба манфиати ҷомеа ва ғайра ифода ёбад.

Сатҳи қобили қабули арзишҳои ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар назар дорад, ки унсурҳои зикргардида на танҳо дар шакли даъватҳо ва воситаи идеологии сӯиистифода аз манфиатҳои ҷамъиятӣ, балки дар кирдорҳои мушаххаси сиёсатмадорон дар ҳаёт татбиқ гарданд. Бо вуҷуди ин, вазъ ва

шароитҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда, аз ҷумла, сатҳи баланди камбизоатӣ, фасод, нобаробарии иҷтимоӣ барои ба таври доимӣ устувор гардидани ин унсурҳо дар шуури ҷамъиятӣ то андозае мамониат намуда, фазои арзишҳои ахлоқиро коста сохта, сабабгори болоравии бетафовутӣ дар байни аъзои ҷомеа мегардад.

Иддае аз муҳаққиқон дар Тоҷикистон иқдоми аввалиндараҷа дар роҳи ҳалли ин мушкилотро дар зарурати рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебинанд: «Чӣ тавре маълум аст, яке аз вазифаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ расидан ба ҳимояи комили манфиатҳои қисми бештари аҳолӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани шароитҳои мусоид барои худифодасозии аъзои ҷомеа, мустаҳкам намудани пойгоҳи иҷтимоии манфиатҳои умумии ҷомеа ва васеъ намудани имкониятҳои табақаҳои миёнаи аҳолӣ мебошад. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ, аз ҷумла, ҷомеаи тоҷикистонӣ, ин нақшро дар аксар маврид намояндагони зиёиён ба дӯш доштанд, зеро мақоми назарраси иҷтимоии онҳо имкон медод садои худро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои умумӣ баланд намоянд.

Ин садо дар солҳои аввали рушди соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, дар давраи бунёди асосҳо ва меъёрҳои нави иҷтимоӣ гузошта мешуданд, баланд буд. Солҳои охир онҳо мебинанд, ки ба самъи нухбагон расонидани дидгоҳи худ нисбат ба масъалаҳои рушди ҷомеа ҳарчи душвор мегардад. Амалҳои ҳукуматдорон ба он равона гардидаанд, ки собит намояд: онҳо нисбат ба зиёиён мушкилоти ҷомеа, воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ ва дурнамои рушди онро беҳтар дарк менамоянд. Чунин худбоварӣ дар баъзе ҳолат натиҷаи дилхоҳ ба бор намеорад, зеро равшан мегардад, ки ҳокимият қобилияти дарки воқеии шароитҳои тағйирёфтаро надорад ва дар натиҷа ба дунболи воқеаҳо меравад» [64].

Ҳолати имрӯзаи ҷомеаи мо натиҷаи ҳодисаҳои дар солҳои 90-ум баамаломада мебошад: «Имрӯз бештари ҷомеаҳо, аз он ҷумла Тоҷикистон дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дошта, ҳадафи барпо намудани ҷомеаи

шаҳрвандии мутобиқ ба намунаи кишварҳои пешрафтаро ба миён мегузоранд.

Ин аз он сабаб ба амал меояд, ки дар гузаштаи начандон дури онҳо, саъй ва кӯшиши ҳамаҷонибаи ин кишварҳо сабабгори масъулияти аз ҳад зиёди иҷтимоӣ гардид, ки барои таъмини пурраи онҳо давлат захираву имкониятҳои кофӣ надошт.

Чи тавре маълум аст, чунин намунаи ташкили ҳаёти иҷтимоӣ боиси буҳрони низоми шӯравӣ гардида буд.

Бо дар назар гирифтани сабақи ин равандҳо, акнун дар муқобили таҳдидҳои муосир, аксари давлатҳои пасошӯравӣ бо мақсади коҳиш додани шиддати иҷтимоӣ ва заминаи буҳронии ҷомеа, аз сабаби камбуди захираҳои моддӣ барои таъмини сатҳи шоистаи ҳаёти шаҳрвандони худ, бо роҳи барпо ва таҷдиди ниҳодҳое пеш рафтанд, ки ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шабоҳат доштанд.

Ибтидо, ин бо роҳи ниҳодисозии манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар шакли кооперативҳо, аҳзоби сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ғайра ифода меёфт, ба роҳ монда шуда буд» [65].

Вале омӯзиши таҷрибаи гузашта маънои онро надорад, ки аз лиҳози ахлоқӣ гузаштаро маҳкум намоем, балки сабабҳои онҳоро пайдо намуда, зарур аст имрӯз саривақтӣ пешгирӣ намоем. Бидуни ин амал беҳтарсозии ҳолати имрӯзаи ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади пайдо кардани тавозуни усулҳои ахлоқӣ дар раванди ҳамкории мутақобилаи сиёсии ниҳодҳои он ғайриимкон мебошад.

Бинобар ин, ҳангоми ба миён гузоштани ин ҳадаф, беихтиёр масъалае ба вуҷуд меояд, ки чӣ гуна ҳамкории мутақобилаи сиёсии ниҳодҳои ҳаёти ҷамъиятӣ метавонанд аз лиҳози ахлоқӣ такмил ёбанд? Оё усули ҳамагонӣ дар ин масир вуҷуд дорад ва ё интихоби фардии ахлоқӣ ва вуҷуд доштани малакаи худбаҳодиҳии фаъолияти аъзои ҷомеа муассир аст?

Возеҳ аст, ки ҷавоби ягона ба ин савол аз он сабаб душвор аст, ки

арзёбии фаъолияти инсон аз лиҳози сиёсӣ ва ахлоқӣ яксон нест: «Ин ҳолат боз аз он сабаб муҳим мебошад, ки накукориро аз кирдори одӣ, аниқтараш кирдори ахлоқиро аз амали сиёсӣ ва агар боз ҳам мушаххастар гӯем, нуқтаи назари ахлоқиро ба кирдор аз баҳои сиёсии он ҷудо намоем.

Дар тафовут аз ахлоқ, ки ҳамеша кирдорро дар робита бо азму ирода ва мақсади инсон, яъне аз нигоҳи ботинии шахс баррасӣ менамояд, сиёсат онро аз нигоҳи ҷанбаи берунӣ, яъне натиҷаҳои воқеӣ баҳо медиҳад. Ин тафовутро ақидаи В.И. Ленин дар бораи он ки аз нигоҳи шахсӣ (ахлоқӣ) фарқ байни хиёнаткори барқасд аз хиёнаткори бемаънӣ хеле калон аст, вале аз нигоҳи ҷамъиятӣ (сиёсӣ) байни онҳо тафовут вуҷуд дошта наметавонад, ниҳоят равшан ифода менамояд.

Агар таъкид намоем, ки ахлоқ соҳаи азму ирода ва мақсад буда, сиёсат бошад бештар соҳаи амалу кирдор аст, пас шояд чунин андеша ниҳоят сатҳӣ мебуд. Амалу рафтор манро бо дигарон пайванд месозад, вале натиҷаи он комилан таҳти иродаи ман нест ва ҳамеша аз азму ниятҳои ман фарқ дорад; маҳз барои ҳамин сиёсат соҳаи созишҳо, андеша ва мавзеъгириҳои гуногуни баробартаъсир мебошад» [49, с.34].

Барои фарогирии ахлоқии фаъолияти сиёсӣ, дар баробари дигар омилҳо, дарки мансубияти субъекти фаъолияти сиёсӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ аҳаммияти калон дорад. Агар аз ин мавқеъ ба саволҳои гузошташуда саъй намуда, посух диҳем, пас бояд таъкид намоем, ки вазифаи танзими ахлоқ дар дилхоҳ ҷомеа ба таври гуногун амалӣ гашта, аз тарзи зиндагии инсонҳо, таҷрибаи андӯхтаи ахлоқӣ, анъанаҳои таърихӣ, тарзу усулҳои ҳамкории мутақобилаи одамон бо давлат ва ғайра вобаста мебошад.

Дар ин маврид, вазъи имрӯзаи ҳаёти иҷтимоӣ чунон тасвир мегардад, ки арзишҳои анъанавии гузашта тадриҷан аҳаммияти ҳаётӣ-амалии худро аз даст додаанд, вале арзишҳои нав – накукории ахлоқӣ, адолат ва ғайра то ҳанӯз дар шуури ҷамъиятӣ амиқ ҷой нагирифтаанд. «Одатан чунин андеша вуҷуд дорад, ки таърихан фарқият миёни иқтисод ва ахлоқ ночиз буд.

Вазъи имрӯза аз он шаҳодат медиҳад, ки «бозорҳо аз қаринаи васеи низомҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ берун баромаданд».

Ба ҳама гуна баҳсҳо дар мавриди ормонҳои озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ натиҷагирӣ намуда, метавон таъкид намуд, ки намунаи иқтисодии имрӯз паҳнгардида имконияти амалӣ намудани ормонҳои эълоншударо надорад, балки баръакс, нобаробарӣ ва беадолатиро амиқтар месозад. Мутобиқи маълумоти мақомоти таъмини амнияти ғизоӣ, 1 миллиард нафар одамон дар ҷаҳон аз гуруснагӣ азият мекашанд, ҳамасола 8 миллион нафар аз гуруснагӣ ва норасоии маводи хӯрока мефавтанд, ҳамарӯза 22 ҳазор атфоли то синни 5 сола аз қашшоқӣ вафот мекунанд. Ба дӯши 10 % аҳолӣ аз нисф бештари даромади солонаи ҷаҳон рост меояд. Даромади 1 % қишри сарватманди аҳолӣ ба даромади 60 % табақаҳои камбизоат, яъне 4,3 миллиард одамон баробар аст.

Хуллас, тибқи ифодаи таассуфангези Питер Хершок, мо «ҷудоӣ байни иқтисод ва ахлоқ»-ро мушоҳида менамоем» [324].

Дар ин робита метавон ба тазодди байни ахлоқ ва сиёсат вуҷуддошта ишора намуд, ки ба он дар аксар маврид бештари таҳқиқотчиён таваҷҷуҳ менамоянд.

Ба ақидаи аксари олимон ин ҳолат аз он вобаста аст, ки ҳангоми амали мутақобилаи сиёсӣ тафовутҳо, мақомҳо, нақшҳо, унвонҳои иҷтимоӣ ва ғайра аҳаммияти хосса пайдо менамоянд. Дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии муосир файласуфи намоёни англис Зигмунд Бауман аз ҳамин мавзеъ баромад менамояд.

Аксари таҳқиқоти олими англис ба таҳлили вазъи нави ҳаёти иҷтимоӣ, ки пайомади таърихии навсозӣ ва танзим нагардидани муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Дар пешгуфтор ба асари машҳури ӯ «Ҷомеаи фардикунонидашуда», олими намоёни рус В.Л. Иноземсев таъкид менамояд: «Ошноӣ бо асари З.Бауман имкон медиҳад ба хулоса биёем, ки сабаби интиқоди шадиди вазъи иҷтимоии баамаломада аз он иборат аст, ки вай ахлоқ ва маънавиётро на танҳо ҳамчун падидаи азалӣ

дарк менамояд (ки моҳиятан дуруст аст), балки ҳамчун падидае медонад, ки ҳамеша шаклҳои муайяни зуҳури он бетағйир вуҷуд доранд (ин ба назари мо нодуруст аст).

Дар воқеъ, дар ҳар давру замонҳо кӯшишҳо ба он равона карда мешуданд, ки робитаи тарафайни одамон дар пояи муносибатҳои ахлоқӣ сурат гиранд. Мо комилан бо муаллиф мувофиқ ҳастем, дар ҳолате ки таъкид месозад, ки зарурати барқарор намудани муносибати ахлоқӣ бояд ҳеҷ гуна асоснок карда нашавад, зеро ахлоқ моҳияти худкифоӣ ва худсозанда дорад.

Ҳамзамон, чӣ тавре профессор Бауман таъкид менамояд, унсури муҳимми муносибати ахлоқӣ ҳисси ҳамдардӣ ба мушкилоти одамони дигар ва ҳисси дарки масъулият нисбат ба дигарон мебошад. Вай таъкид месозад, ки харобшавии ахлоқ замоне сар мезанад, ки инсон ба худ саволи машҳури дар Инҷил бударо медиҳад: «Магар ман нигаҳбони бародари худ ҳастам?».

«Бешубҳа, менависад муаллиф, ман нигаҳбони бародарам ҳастам, ман инсони дорои ахлоқи ҳамида будам ва ҳастам, то замоне ки барои ин сабабе пайдо намекунам ва идома медиҳад, замоне ин вобастагии худро зери шубҳа гузошта, мисли Қобил (Каин), сабаби ғамхорӣ намудани худро меҷӯям, ман дӯши масъулиятро раҳо намуда, ахлоқи ҳамидаи худро аз даст медиҳам».

Ин ақида ҳам ба назари З.Бауман комилан равшан нест, барои ҳамин, вай як қадам пеш рафта, изҳор менамояд: «масъулият шарти азалӣ ва ниҳоятии мавҷудияти инсон аст» ва бовар дорад, ки «инсони дорои ахлоқи ҳамидаро аз рӯйи беқарорӣ ва худсарзанишсозӣ, бадгумонии ислоҳнопазири худ ба он ки онҳо то ҳол ахлоқи ҳамидаи комил надорад, шинохта мешаванд» [25].

Ба масъалаҳо ва мушкилоти ҳамарӯзаи ахлоқии ҷомеа таваҷҷуҳ намуда, бояд қайд намуд, ки ин масъалаҳо доимо мавзуи баҳсҳои файласуфон мебошанд. Муроҷиат ба таърихи фалсафа бо мақсади пайдо кардани посух ба онҳо, амали маъмулӣ аст, зеро таърихи фалсафаи мо

намунаҳои барҷастаи афроди халлоқ ва дорои хислатҳои созгор бо ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва равониро медонад.

Ин падидаи маъмулӣ аст, зеро: «Фалсафа худ аз ибтидо ахлоқ аст. Вай ба масъалаҳои ахлоқӣ пас аз қонеъ гардонидани ғурури метафизикӣ ва гносеологӣ муроҷиат наменамояд; вай аз масъалаҳои ахлоқӣ, замоне ки тафаккури фалсафӣ дар ҷустуҷӯйи худ ва сароғоз, сароғози олам, саъй ва кӯшиши рӯзмарраи инсон ба сӯйи ҳастӣ, ба монанди он, ки инсон ба сӯйи интихоби худ пеш меравад, машғул мебошад.

Табиист, ки мазмуни ахлоқии посухҳо моҳияти гносеологӣ ва онтологӣ дошта, чунин ранг мегирад, ки дар нуқтаи ниҳоии худ онҳо маънои ахлоқӣ доранд, бахусус, замоне ки Арасту воқеиятро дар ҳастии худи инсон, дар амали худкифоии ӯ, ки сароғози он ба худи инсон вобаста аст, мебинад. Худкифоиро ӯ ҳамчун оғози мутлақи амал медонист, ки он ба мафҳуми субъект табдил ёфт ва дар бораи ташаккули он, ба ақидаи Пйер Адо, қабл аз ҳама, олами антиқа фикр менамуд» [324].

Бинобар авлавияти меъёрҳои мероси ахлоқиамон, мо дар афкори олимони гузашта ва муосир андеша дар бораи он ки рафтори ахлоқӣ бояд ба арзишҳои дар ҷомеа вуҷуддошта асос ёбанд, дучор меоем: «Мардуми бостониву тамаддунсози тоҷик оину анъана ва маросиму ҷашнҳои қадимае доранд, ки қисми зиёдашон дар тӯли таърих ҷойгоҳ ва арзиши худро гум накарда, ҳамчун мероси гаронбаҳои маънавӣ то ба замони мо расидаанд.

Баъди ба даст овардани истиқлолият ва озодӣ, халқи мо ҳимояи ин мероси миллиро яке аз вазифаҳои муҳимми худ эътироф карда, ба фарҳанги миллӣ, суннату анъанаҳо ва ҷашну оинҳои мардумӣ умри дубора бахшид. Дар ин замина, мо истиқлолияти давлатиро ҳамчун рамзи озодиву соҳибихтиёрии кишварамон ба муқаддастарин ҷашни сиёсиву фарҳангӣ ва тантанаи давлатдории миллиамон табдил додем.

Ҳамзамон бо ин, як силсила ҷашнҳои бостонӣ, аз қабили Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргонро эҳё намуда, идҳои Рамазону Қурбонро

расман ба фазои фарҳангии мамлакат ворид намудем, таҳлили идҳои соҳавӣ ва касбиро дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ монда, дар кишвар низоми ягонаи гузаронидани ҷашну идҳои милливу диниро ба расмият даровардем [8].

Ҳамзамон ҳолате ҳам сарфи назар карда намешавад, ки рафтору амал мутобиқ ба меъёрҳои аз ҷониби ниҳодҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа муқарраргардида, асос меёбанд. Дар ҳар маврид интихоби усули расонидани таъсири кам ба инсон ва ҷомеа аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки ахлоқ бо дигар шаклҳои танзими иҷтимоии фаъолияти инсон робита дорад.

Ҳадаф аз қабули қонунҳои мухталиф дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла масъулияти волидайн дар тарбияи фарзанд ва ҷашну маросимҳо дар он мебошад, ки онҳо аввалан ба урфу одатҳои миллӣ мухолиф набошанд ва баҳри баланд бардоштани сатҳи ахлоқии ҷомеаи тоҷик равона гардиданд, чун зарурат ба қабули чунин навъ қонунҳо дар давлат пайдо гашта буд.

Мақсади қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад. Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз маҳалли иқомати онҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз маҳалли ҷойгиршавии онҳо, татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд.

Қонуни ҷашну маросимҳо баҳри солимгардонии маънавии муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ҷомеа аҳаммияти калон дорад: «Яке аз сабабҳои қабули

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз он иборат буд, ки бо пайдо шудани равияҳои мазҳабии дорои хусусияти ифротӣ ва вусъат гирифтани тарғиботи зарарнок тавассути баъзе шабакаҳои интернет, дар кишвар зуҳуроти бегонапарастиву тақлид ва хатар ба забону фарҳанг, бахусус, расму оинҳои миллӣ ва ҳатто тарзи либоспӯшии мардуми мо, аз ҷумла, занон торафт қувват гирифта, таассубу зиёдаравӣ ҳангоми баргузории маросиму маъракаҳо ба ҳукми анъана даромада буд.

Бо таъсири чунин раванд дар минтақаҳои гуногуни кишвар маъракаҳои сохтаву бофтаи ба фарҳангу мазҳаби мо бегона зиндагии табақаҳои камбизоатро, ки бе ин ҳам мушкилиҳои зиёд доштанд, вазнintар гардониданд. Чунин вазъ моро водор сохт, ки аз ташаббуси қонунгузории худ истифода намуда, қонунеро, ки ба беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар мусоидат намояд, таҳия ва пешниҳод кунем.

Пос доштани арзишҳои миллӣ ва решаҳои таърихии онҳо аз ҷумлаи муҳимтарин тадбир ба шумор меравад, ки давлатҳои соҳибистиқлол ба ин васила метавонанд худро аз пайомадҳои номатлуб ва таҳдиду хатарҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла, таҳмили унсурҳои фарҳангу мазҳаби бегона ҳифз карда, амнияти фарҳангӣ ва пешрафти мустақилонаро таъмин намоянд.

Бо гузашти як даҳсола маълум шуд, ки қонуни мазкур барои ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ асос гузошт, суннатҳои диниву мардумиро ба танзим даровард, анъана ва маросиму ҷашнҳои миллиро мушаххасу дақиқ намуд, пеши роҳи хурофоту таассуб, худнамоиву зоҳирпарастӣ ва исрофкориву зиёдаравиро гирифт ва ба ҷорӣ гардидани низому тартиботи ягонаи баргузории чорабиниҳои милливу мардумӣ роҳ кушод» [8].

Маҳз мавҷуд будани ин хел қонунҳо баҳри пешрафти ҷомеа бисёр мусоидат мекунад. Аз он ҷумла пеши роҳи хароҷотҳои зиёдатӣ гирифта шуд, ки ба буҷаи оилаҳо зарбаи сахт мезад ва навхонаҳо барои бунёди

оилаи устувору хушбахти худ дар оянда ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегаштанд. Афсӯс, ҳоло ҳам одамон ва оилаҳое вуҷуд доранд, ки ба ин қонун итоат намекунанд ва хароҷотҳои барзарари худро идома медиҳанд ва то ҳол ба дарки моҳияти қонуни мазкур нарасидаанд. Гузашта аз ин, маданияти пасти онҳо сабаб мешавад, ки ба мо барои бунёди оилаҳои солим монеаҳо эҷод карда шавад. Набояд фаромӯш кард, ки қабули ин қонун ба принсипҳои давлати демократӣ ва ба принсипҳои барои аҳли ҷомеаи мо наздик – принсипҳои динӣ ихтилоф надорад. Дар дин низ хароҷотҳои зиёдатӣ ва исрофкорӣ ҳаром ҳисоб мешавад ва баръакс, ин қонун моро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ мекунад. Барои ҳамин, мо бояд ҳоло ҳам принсипҳои қонуни мазкурро ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ, махсусан онҳое, ки ба дарки дурусти моҳияти он нарасидаанд, идома диҳем, чунки як зумраи онҳоро ҳатто ҷарима ислоҳ накарда истодааст. Барои ҳамин фаҳмонидани аҳолӣ бояд идома дода шавад, то онҳо принсипҳои асосии қонунро дуруст дарк намоянд.

Сарфи назар аз камбудию хатогиҳое, ки аз ҷониби як гурӯҳ шаҳрвандон перомуни ҷашну маросимҳо роҳ дода мешавад, нишондодҳои таҳлилӣ онро исбот мекунанд, ки қисмати зиёди аҳолии мо ба дарки моҳияти ин қонун расидаанд, маданияти худро баланд намудаанд ва худи мардум низ қабули чунин қонунро мунтазир буданд. Мардуми одӣ дар бисёр мавридҳо дар зери таъсири хурофотҳо мемонад ва ё аз ислоҳотҳои муҳим дар ибтидо меҳаросад. Аз ин рӯ, қабули чунин қонунҳо аз тарафи ҳукумат дуруст ва саривақтӣ буда, натоиҷи мусбати онҳоро ҷомеаи имрӯза баръало ҳис менамояд.

Ҳамин тариқ, баррасии вазъи имрӯзаи маънавиёт дар соҳаи фаъолияти сиёсии инсонҳо бидуни муроҷиат ба мероси фарҳангии халқи тоҷик ғайриимкон аст. Ҳамзамон арзёбии аз ҳад зиёд таъсири унсурҳои мероси фарҳангӣ ба ҳадафҳои муосири фаъолияти сиёсӣ метавонанд моро аз баррасии воқеии вазъ дар ин соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ дур созад.

Дар натиҷа, инсон қобилияти фикр кардан ва аз таҷрибаи гузашта сабақ гирифтанро аз даст дода, тобеи таълимоти ҳукмрони ҳокимият мегардад ва қобилияти муқобила бо онро аз даст медиҳад. Барои ҳамин, ҳар гуна саъй ва кӯшиши берун бурдани шахс аз доираи меъёрҳо ва арзишҳои фарҳангӣ, ки дар таълимотҳои озодандешон вуҷуд дорад, бо мақсади худсобиткунии инфиродӣ барои ҷомеаи мо созгор нест, зеро дар ҷомеаи мо ба робитаҳои дастаҷамъона байни инсонҳо, аз ҷумла, дар ҳаёти сиёсӣ аҳаммияти калон медиҳанд. Ин ҳақиқат собит месозад, ки ҳар фаъолияти инфиродӣ бояд бар пояи меъёрҳо ва арзишҳои дар ҷомеа ҳукмрон асос ёбад. Ба маънои дигар, онҳо дар асл амалҳои инфиродӣ набуда, балки амале мебошанд, ки ба фаҳмиши дар ҷомеа роиҷгардида дар бораи некӣ ва бадӣ асос меёбанд.

Бо дар назар гирифтани андешаҳои иброзшуда, метавон таъкид намуд, ки хусусият ва шаклҳои зуҳури танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии инсон, ба монанди дигар падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, дар ҳолати таҳаввул ва тағйирёбии доимӣ қарор доранд.

Омили муҳимми ба ин раванд таъсиргузор, ҳолат ва табиати тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Бо таҳаввули табиати муносибатҳои ҷамъиятӣ мазмуни ахлоқӣ-меъёрии фаъолияти сиёсӣ тағйир меёбад. Инро мо метавонем дар равандҳои ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистони муосир мушоҳида намоем, ки тағйироти дар соҳаҳои муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ баамаломада дар таҳаввулоти табиати танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ таъсири амиқ гузоштанд.

Дар шароити муосир дар байни аҳолии ҷумҳурӣ муносибат ба имкониятҳои беҳтаршавии сатҳи маънавиёти амали субъектҳои ҳаёти иҷтимоӣ аз авлавиятҳои арзишҳо ва муносибати онҳо ба масъалаи танзими ахлоқии сиёсат байни ҳам мувофиқат намекунанд. Як идда тарафдори ин андеша ҳастанд, ки сатҳи баланди маънавиёти сиёсат танҳо бо роҳи риояи чунин ақидаҳои волои ахлоқӣ, ба монанди хизмат ба мардум, адолат,

хайрхоҳӣ, некӣ ва ғайра ба даст дароварда мешаванд. Ин ақидаҳо дар аксар маврид дар амалу кирдори ходимони сиёсии некахлоқ ва озода таҷассум меёбанд.

Дар шароити коҳиши сатҳи ахлоқии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ҷомеаи тоҷикистонӣ дар он қарор дошт, сиёсатмадорони варзида ва арзишҳои зикргардида бояд намунаи ибрат барои дигарон бошанд. Дар аксар маврид, ин гуна ашхос ба сифати намунаи хизмати шоиста ба мардум ва кишвар муаррифӣ мегарданд, чунки дӯстдории меҳани худ дар таҳкими шуури миллӣ мусоидат намуда, дар баробари ин, масъулият ва вафодорӣ низ хеле муҳим мебошанд ва метавон онро чунин ифода намуд: «Маҳз дарки он ки агар ман намояндаи миллати худ бошам, пас бояд то ҳадди охир саъй ва кӯшиш намоям, то миллати ман дар муносибатҳои байналмилалии муосир агар дар мақоми аввал набошад ҳам, дар қатори кишварҳои пешсаф бошад. Барои ин, дар мадди аввал умури маъмурият ва давлатдорӣ зарур аст, то ҳама манотиқи кишвар ба ҳам пайванд бошанд» [53, с.50].

Ба ин нигоҳ накарда, дар аксар маврид таъкид мегардад, ки дар вазъияти коҳиши сатҳи ахлоқӣ, ки ҷомеи имрӯзаи тоҷик дар он қарор дорад, роҳ ба сӯйи намунаи ахлоқӣ ҳамчун чораи беҳтар гардидани танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дучори мушкилот аст. Барои ҳамин ҳам, ин табақаи аҳолӣ дар масъалаи имконияти дастёбӣ ба сиёсати оқилона изҳори ноумедӣ менамояд.

Ба ақидаи онҳо, амалӣ намудани ин вазифа аз он сабаб душвор аст, ки ахлоқи дар ниҳодҳои нави иҷтимоӣ нуҳуфта, аксариятро ба содир кардани рафтори ғайримунтазираи зиддииҷтимоӣ ҳидоят менамояд. Барои исботи ин ақида, аксар аз амалҳои сӯиистифода намудани одамон аз мавқеи мухолифони сиёсӣ, наздикӣ ба нухбагон бо мақсади расидан ба манфиатҳои шахсӣ ва ё гурӯҳӣ ёдовар мешаванд. Маъмулан дар ин ҳолат ба сифати далел аз вуҷуд доштани фасодкорӣ ва намунаҳои он дар фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ, ки симои ахлоқиву маънавии онҳоро коста

месозад, мисол меоранд.

Масъалаи сатҳи фасодкорӣ дар кишвар дар даврaҳои охир аз ҷониби ниҳодҳои ҷамъиятии кишвар фаъолона мавриди баҳс мегардад. Ба таври мисол, чанде пеш дар ин бора Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар иттилоияи худ ба самъи ҷомеа маълумот дод, ки дар кишвар силсилаи пурсишҳои сотсиологӣ гузаронида шуда, дар рафти онҳо бештар аз 88 ҳазор шаҳрвандони синну сол ва касбу кори мухталиф фаро гирифта шуданд.

Натиҷаҳои пурсишҳо аз он шаҳодат доданд, ки ба андешаи шаҳрвандон вуҷуд доштани сатҳи баланди коррупсияро қайд намуданд: дар соҳаи идоракунии давлатӣ дар сатҳи кишвар 34 ҳазор нафар ва ё 39 % ба фасод даст заданд; дар сохтори тақсими замин – 39 %; тандурустӣ – 35 %; маориф – 25 %; дар умури динӣ, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо – 36 %; дар соҳаи ба қайд гирифтани аснoди ҳолати шаҳрвандӣ – то 34 %.

Ҳамзамон, аксари ашхоси дар пурсиш ширкатдошта, аз сатҳи баланди фасод дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ изҳори нигаронӣ намуданд.

Аз ҷумла, ришваситонӣ: дар мақомоти прокуратура 43200 нафар ё 49 %; дар низоми гумрук бештар аз 43 ҳазор нафар ва ё 49 %; дар низоми гумрук қариб 43 ҳазор нафар ва ё 48 %; дар мақомоти амниятӣ 40 ҳазору 700 нафар ва ё 46 %; дар мақомоти судӣ қариб 32 ҳазор нафар ва ё 36 %; дар мақомоти корҳои дохила 39 ҳазор нафар ва ё 44 %; дар низоми бозрасии давлатии автомобилӣ бештар аз 42 ҳазор нафар ва ё 48 %; дар комиссариатҳои ҳарбӣ 27 ҳазору 700 нафар ва ё 31 %.

Далелҳои боло нишон медиҳанд, ки ниҳоду мақомот, ки вазифадоранд ба муқобили коррупсия муборизаи оштинопазир баранд, бештар аз ҳама ба фасодкорӣ даст мезананд.

Дар соли 2015 Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни аҳолӣ пурсиши сотсиологӣ гузаронида буд, ки дар он қариб 3 ҳазор нафар одамон иштирок доштанд. Дар натиҷа бештар аз 45 % шаҳрвандон вуҷуд доштани амалҳои фасодзадагиро дар ин

сохторҳо таъйид намуда, ба хулоса омаданд, ки барои ислоҳи вазъият зарурати қабули чораҳои иловагӣ вуҷуд дорад.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки аз теъдоди умумии ширкаткунандагони пурсиш бештар аз 19 ҳазор нафар ва ё 22 % паст гардидани сатҳи фасодкориро дар кишвар тасдиқ намуда, қисми боқимонда, баръакс вуҷуд доштани онро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар қайд намуданд.

Ба маврид аст қайд намоем, нисфи ашхоси дар пурсиш ширкатдошта ҷалб гардидагон аз ҷониби Агентии назораи давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия чунин ниҳодҳо, ба монанди прокуратура, гумрук, мақомоти андоз ва судӣ, милитсия ва БДА-ро аз ҳама бештар фасодзада медонанд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия дар ҷаласаи худ аз 26 октябр таъкид намуд, ки таҳқиқот бо мақсади натиҷагирии амалӣ намудани Стратегияи муқовимат бо коррупсия барои солҳои 2013-2020, муайян намудани сабаб ва омилҳои фасодкорӣ, муносибати аҳолӣ нисбат ба фасодкорӣ ва муқобилият ба он гузаронида шуда буд.

Масъулини ин ниҳод таъкид намуданд, ки дар рафти пурсиши сотсиологӣ дар вазоратҳо, муассисаҳо, сохторҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 88 ҳазор сокинони кишвар, кормандони касбу кори гуногун ширкат намуда буданд.

Пурсиши Агентӣ собит менамоянд, ки аз 10 нафар ширкаткунанда 4 нафар дар мавриди сатҳи баланди фасодкорӣ дар мақомоти давлатӣ изҳори нигаронӣ намуданд. Ба назари маълумотдиҳандагон прокуратура, гумрук, мақомоти андоз ва судӣ, милитсия ва бозрасии давлатии автомобилӣ аз ҳама бештар фасодзада мебошанд. Аз се як ҳиссаи ширкаткунандагони пурсиш таъкид намуданд, ки сатҳи коррупсия дар соҳаи маориф ва тиб баланд аст.

Дар рафти пурсиши сотсиологӣ ширкаткунандагон зимни арзёбии

сатҳи коррупсия назару пешниҳоди худро доир ба беҳтар намудани мубориза ба муқобили ин падидаро иброз намуданд.

Ҳамин тавр, онҳо чунин пешниҳод намуданд: боло бурдани сатҳи зиндагӣ ва ҳаҷми ҳадди ақалл ва миёнаи маош дар соҳаи маориф, тиб ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пурзӯр намудани чораҳои ҷазо нисбат ба ашхоси ба порагирӣ ва дигар амалҳои коррупсионӣ айбдоршуда ва ғайра барои пешгирии фасодкорӣ муассир мебошанд.

Ба ақидаи аксари ширкаткунандагони пурсиш, барои аз байн бурдани ин падидаи номатлуб аз ҳаёти ҷомеаи мо, васоити ахбори умум бояд маъракаи маҳкум намудани амалҳои коррупсионӣ ва қонунвайронкуниҳоро дар соҳаи хизмати давлатӣ фаъол намоянд.

Дар баробари ин, қисми дигари ширкаткунандагон таъкид менамоянд, ки дар мафкураи аҳолӣ боло бурдани ҳисси худогоҳӣ, садоқат ба Ватан ва дастрас намудани арзёбии шаклҳои гуногуни хизматрасонӣ ба аҳолӣ бо мақсади коҳиш додани сатҳи коррупсия муфид аст [362; 361].

Гузаронидани чунин чораҳо метавонад роҳро барои барқароршавӣ ва устуворсозии муҳити муътадил бо иштироки ниҳодҳои ҷамъиятӣ боз намояд. Бинобар ин, барои тақвияти асосҳои танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷикистонӣ, зарур аст ба масъалаҳои ҷалби аҳолӣ, бахусус ҷавонон, ба ширкати фаъолона дар ҳаёти иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардад.

Бо боло рафтани сатҳи ҷалби аҳолӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ, ба ҳамон андоза имконияти дастрасӣ ба танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ зиёд мегардад. Пас аз касби истиқлол дар ҷомеаи тоҷикистонӣ таъсири меъёрҳои фарҳанги мо ба самтдиҳии равандҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, аз ҷумла фаъолияти сиёсӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Барои ҳамин ҳам, ҷустуҷӯйи роҳҳои танзими рафтори сиёсӣ бар асоси ин меъёрҳо дар шароити имрӯза, аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо намудааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона мегардад, ки ин меъёрҳо ба

воқеиятҳои муосири ҳаёти ҷамъиятӣ мутобиқ бошанд. Ин чунин маъно дорад, ки ҷомеа ин равандҳоро дастгирӣ намуда, ҳамзамон равшан дарк менамояд, ки воқеиятҳои муосир имкон намедиҳанд арзишҳои гузашта дар шароити тағйирёбии доимӣ дар шаклҳои қаблӣ аз нав барқарор шаванд.

Дар шароити таҳаввулоти ҳаёти иҷтимоӣ имрӯз масъалаи табиати маънавиёти субъектҳои ҳаёти сиёсӣ ва роҳҳои таҳаввули онҳо аҳаммияти калон пайдо менамоянд. Дарки ин масъала яке аз вазифаҳои муҳимми фалсафаи иҷтимоӣ бошад. Мероси фарҳангӣ-фалсафӣ ва инсондӯстӣ-сиёсӣ моро ҳидоят менамояд, ки дар ҷомеа рафтори нухбагони сиёсӣ ҳамеша намунаи ибрати дигарон бошад.

Дар шароити муосир, ки равандҳои ҷаҳонӣ фаъол гашта, баҳамвобастагии ҷаҳон бештар мегардад ва ин равандро одатан ҷаҳонишавӣ ном мегиранд таъсиррасонии он ба паҳлуҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа низ бештар мегардад, ки таҳқиқи он дар доираи мавзуи мазкур муҳим мебошад.

4.3. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ташаккули ҷанбаҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа

Яке аз равандҳои фаъоли ҷаҳони муосир раванди глобализатсия ё ҷаҳонишавӣ ном дорад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, ба онҳо таъсири бевосита мерасонад. Албатта, перомуни худи мафҳуми глобализатсия муҳаққиқони соҳа асарҳои зиёде навишта, ин мафҳумро маънидод кардаанд, аммо ҳамаи дастовардҳои онҳо сирру асрори ин мафҳум ва таърихи пайдоиши онро ба таври пурра накушодаанд, чун то кунун андешаи ягона перомуни раванди ҷаҳонишавӣ вуҷуд надошта, назар ва нигоришҳои мухталиф вуҷуд доранд. Худи ҳамин бисёрнигоришӣ онро исбот мекунад, ки ин раванди ҷаҳонӣ пурра дарки ягонаро соҳиб нагаштааст. Аз дигар тараф, наметавон гуфт, ки дастовардҳои муҳаққиқон дар бахши таҳқиқи ин раванд хеле ночиз мебошанд, чун дар баробари мавҷуд будани мушкилиҳо, бисёр паҳлуҳои

раванди ҷаҳонишавӣ омӯхта шудаанд ва вобаста ба он муҳаққиқони соҳаи ҷаҳонишавӣ андешаҳои худро баён намудаанд. Дар пояи таҳқиқотҳои матахассисони соҳаи ҷаҳонишавӣ перомуни суратгирии тамоюлҳои мухталифи ин раванди ҳамарофарогирандаи ҷаҳонӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа паҳлуҳои асосии он мавриди омӯзиш ва пешбинӣ қарор мегиранд. Дар замонҳои охир махсусан паҳлуи иҷтимоӣ-сиёсии он фаъол гаштааст. «Глобализатсия ин раванди наздикшавӣ ва афзоиши баҳамалоқаманди миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки барои худ қолабҳои умумии сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва арзиширо коркард менамоянд» [316, с.2]. Сухан перомуни он меравад, ки ин қолабҳои умумӣ барои ҳама яксон мебошанд ё онҳо танҳо барои гурӯҳи мушаххаси давлатҳо амал карда, дигарон ба онҳо тобеъ мегарданд. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки қисмати дувуми хулосагирӣ амал карда, дар ин раванд ҳамаи давлатҳо дар воқеъ баробар нестанд. Раванди ҷаҳонишавӣ дар идораи ҷаҳон ба фишангҳое такя менамояд, ки ҳам баҳамвобастагӣ ва ҳам назорат аз болои давлатҳои ҷаҳониро пурзӯр менамояд. Аз ин хотир, агар раванди ҷаҳонишавӣ ба як зумра давлатҳои ҷаҳонӣ таъсири мусбат расонида, нафъи мусбати он ба давлатҳои мухталифи ҷаҳон расад, аз дигар тараф, таъсири манфии он низ кам набуда, мақоми давлатҳоро дар соҳаҳои мухталифи ҷамъиятӣ маҳдуд мекунад. Гузашта аз ин, дахолати раванди ҷаҳонишавӣ дар баъзе соҳаҳо то он дараҷае бузург мегардад, ки масъалаи мавҷудияти давлат ё ҳифзи истиқлолияти давлатии он ба миён гузошта мешавад. Аз ин рӯ, дуруст қайд карда мешавад: «Раванди глобализатсия дар худ таъсироти ҳам мусбат ва ҳам манфиро соҳиб буда, ба ҳар давлат дар шакли ба худ хос таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, вобастагии давлат аз равандҳои олами муосир, рушди иқтисодиёти он, сатҳи фарҳангии аҳолии он, маданияти сиёсӣ дар давлат, ба кадом блокҳо дохил будани давлат, дар кадом минтақа ҷойгир будани он ва ғайра аҳаммияти бузург дорад» [303, с.143]. Чун раванди ҷаҳонишавӣ ин худ лоиҳаи давлатҳои ғарбӣ, махсусан

ҷаҳони англо-саксонӣ мебошад, пас бисёр тарафҳои он барои давлатҳои ғарбӣ мувофиқ буда, ба ҷомеаҳои ғайриғарбӣ носозгор мебошад. Ҷаҳонишавӣ ин худ бор намудани усулҳои мухталифи тарзи идоракунӣ, урфу одат, фарҳанг ва қолабҳои ҷомеаҳои ғарбӣ баҳри идоракунии дигар ҷомеаю давлатҳои ҷаҳонӣ мебошад. Ба хотири расидан ба чунин аҳдофи хеш аз давлатҳои барандаи ҷаҳонишавӣ талаб мешавад, то дигар давлатҳоро низ ба тарзҳои идоракунии худ наздик намоянд ва ин дар нвбати худ имкон медиҳад, ки идоракунии онҳо осон гардонида шавад. Яъне, ҳадафи онҳо давлатҳои дигарро ба худ баробар кардан нест, балки онҳоро ба шакл ё қолабе даровардан лозим аст, то назорат аз болояшон мушкилиро ба миён наорад. Ҳадафи ниҳоии раванди ҷаҳонишавӣ ба нафъи бисёр давлатҳо, аз он ҷумла давлатҳои ғайриғарбӣ анҷом намеёбад.

Дар ин ҷо қайд намудани таъсиррасонии беҳад субъективии ин раванд низ ба маврид мебошад. Агар дар ибтидо ё дар меҳвари ин раванд қолаби бартарӣ ва хизматнамоӣ барои ҷомеаҳои ғарбӣ, махсусан давлатҳои англо-саксонӣ нуҳуфта бошад, пас дар марҳалаҳои минбаъда, махсусан дар солҳои охир ба ин қолаб тағйиротҳо ворид карда шуда, таъсиррасониҳои беҳад беадолатона пайдо гаштанд, ки ба моҳияти ибтидои худи раванд носозгор мебошанд. Ин ҳолат дар он зуҳур мегардад, ки давлатҳои ғарбӣ ба як зумра давлатҳо муҷозотҳои мухталифи беадолатонаи иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангиеро ворид карда истодаанд, ки дар лоиҳаи аввалаи глобализатсия дарҷ нагаштаанд ва пофишории зиёди онҳо раванди мазкурро моҳиятан дигарун карда истодааст. Масалан, дар бахши иқтисодӣ рақобатпазирии давлатҳо дар равандҳои ҷаҳонӣ дастгирӣ карда мешавад, аммо дар солҳои охир муҷозотҳои бардурӯғи иқтисодӣ ба давлатҳое ворид карда мешаванд, ки ҳадафашон пахш намудани давлатҳои номувофиқ мебошад. Чунин тамоюлҳо ба он оварда мерасонанд, ки эътимод ба ин раванд заиф мегардад, ҷолибияти он аз даст дода мешавад ва давлатҳои ҷабрдида роҳҳои алтернативиро ҷӯё мегарданд, ки дар

натиҷаи онҳо худи раванд ба буҳрон рӯ ба рӯ гашта, хатари азбайнравӣ онро таҳдид карда, раванди нав, яъне деглобализитсия оғоз мегардад. Деглобализатсия чунин раванде мебошад, ки ба поёни раванди ҷаҳонишавӣ асос гузошта, ба ибтидои раванди нави ҷаҳонӣ заминаи мусоидро муҳайё менамояд. Албатта, фарҷоми раванди ҷаҳонишавӣ якбора шуруъ нагашта, он зина ба зина сурат мегирад ва татбиқи он ҳатман таъсиррасониҳои манфии худро ба сатҳи ҳаводиси байналмилал мерасонад. Аз дигар тараф, давлатҳои барандаи ҷаҳонишавӣ низ барои ҳифзи он кӯшиш мекунанд ва талош мекунанд, то ҳамаи омилҳои вайронкунандаи онро бартараф намоянд ва дар баъзе мавридҳо аз роҳҳое истифода мекунанд, ки оқибатҳои хуб надоранд. Имрӯз хулосагирӣ намудан перомуни поёни умри раванди ҷаҳонишавӣ барвақтар мебошад, аммо амалишавии чунин нақша дар ояндаи наздик имконпазир мебошад…

Сарфи назар аз ин, раванди ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатиро фаро гирифта, дар оғози пайдоиши худ аксаран фарогири ҷанбаҳои иқтисодии давлатӣ буд, аммо баъдан дигар соҳаҳо, аз ҷумлаи соҳаи сиёсӣ ва ахлоқиро низ пурра фаро гирифт ва замон нишон дод, ки идораи ин соҳаҳо дар баъзе мавридҳо таъсиргузории бештарро аз соҳаи иқтисодӣ соҳиб мебошад. Махсусан чунин натиҷагириҳо дар марҳалаҳои мавҷудияти нооромиҳо дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳонӣ баръало зуҳур гашта, сарфи назар аз зарару хароҷотҳои барзиёди иқтисодӣ манфиатҳои сиёсӣ бартариятро соҳиб мегарданд. Албатта, ин маънои онро надорад, ки ҷанбаҳои иқтисодии раванди ҷаҳонишавӣ дигар кор намекунанд, баръакс, тарафи иқтисодии ин раванд ҳамеша дар мавқеъгирии аввал қарор дорад, аммо дар марҳалаҳое нақши худро то андозае аз даст медиҳад. Раванди ҷаҳонишавӣ қариб ҳамаи давлатҳои ҷаҳониро фаро мегирад ва фақат давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ рушдкарда ба он бештар ҷалб шуда, давлатҳои нисбатан оқибмонда аз ин раванд дуртар мемонанд. Новобаста аз он ки як гурӯҳи давлатҳо аз ин раванд дуртар мемонанд, аммо онҳо

таъсироти манфии раванди ҷаҳонишавиро метавонанд бештар ҳис намоянд. Аз ин хотир, давлатҳои аз нигоҳи рушд оқибмонда дар натиҷаи равандҳои ҷаҳонишавӣ бештар истиқлолияти худро аз даст медиҳанд. Яке аз таъсироти раванди ҷаҳонишавӣ ин маҳдудкунӣ ё ҳатто азбайнбарии истиқлолияти давлатҳои миллӣ мебошад. Албатта, дар бештар мавридҳо мақсади аввала басандагӣ мекунад, чун агар истиқлолияти давлатӣ маҳдуд карда шавад, пас идораи он осон мегардад ва аслан зарурати пурра аз байн бурдани он нест. Чунин ҳолат дар як зумра давлатҳои имрӯзаи ҷаҳони мушоҳида карда мешавад ва онҳо агар расман истиқлолияти худро ҳифз карда бошанд ҳам, аммо қабули қарорҳои муҳим аз ваколатҳои он берун мебошад. Мо инро баръало дар бештари давлатҳо аврупоӣ мебинем, ки қарорҳои муҳимми сиёсӣ на дар пойтахти онҳо, баръакс, дар хориҷи кишвар қабул карда мешаванд ва онҳо ба он оромона итоат мекунанд. Чунин ҳолатҳоро мушоҳида намуда, муҳаққиқи амрикоӣ С.Сассен бар он андеша мебошад: «Ҷаҳонишавӣ омили муҳим дар таъсиррасонӣ ба истиқлолияти давлатӣ мебошад, аммо ин омил барои пурра бартарафкунии давлат наоварда, онро танҳо дигаргун мекунад. Ба андешаи ӯ, дар натиҷа истиқлолиятро на танҳо давлатҳо, инчунин сохторҳои фародавлатӣ (масалан, Иттиҳоди Аврупо) низ соҳиб мегарданд, марзи давлатҳо бошад дигар ба салоҳияти дохилии истиқлолият тааллуқ надошта, раванди «ғайримилликунонии марзи миллӣ» сурат мегирад» [310, с.69-70]. Дар воқеъ, истиқлолияти давлатӣ дар чунин ҳолатҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳифз мешавад, аммо аз нигоҳи воқеӣ он аз даст дода мешавад. Агар Иттиҳоди Аврупо чун мисол оварда шавад, пас аксари қарорҳои сиёсиро сохторҳои беруна аз давлатҳои соҳибихтиёри аврупоӣ қабул мекунад, ки дар Брюссел нишаста, аз болои давлатҳои Иттиҳод назорат мебаранд. Агар аз чунин ҳолат як қисмати давлатҳои Иттиҳоди Аврупо розӣ бошанд, қисмати дигар дарк намудаанд, ки истиқлолияти худро аз даст медиҳанд ва аз суратгирии чунин ҳолатро дастгирӣ намекунанд. Ба гурӯҳи аввалин

давлатҳое дохил мешаванд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ истиқлолияти давлатии худро аз даст додаанд ва ба гурӯҳи дувум, давлатҳое дохил мешаванд, ки намехоҳанд истиқлолияти худро аз даст пурра диҳанд ва барои ҳифзи он саъю талошҳои худро равона мекунанд.

Метавон ба паҳлуҳои мусбати раванди ҷаҳонишавӣ тиҷорати озоди савдои байналмилалиро ворид намуд, ки дар натиҷаи он вуруд ва хуруҷи молҳои давлатҳо осонтар мегардад; раванди ҷаҳонишавӣ ҳаракати сармояро дар сатҳи ҷаҳонӣ суръат мебахшад, ки ба рушди иқтисодиёт, таъмини ҷойҳои нави корӣ ва дастрасии давлатҳо ба дастовардҳои илмӣ ва пешрафти соҳаҳои мухталифи ҷамъиятӣ мусоидат мекунад; бо шарофати наздикшавии илм ва паҳнкунии дастовардҳои он технологияҳои пешрафтаи илмӣ ба ҷомеаҳои мухталиф паҳн гашта, ба рушди он давлатҳо мусоидат мекунад; раванди ҷаҳонишавӣ рақобатро дар сатҳи бозори байналмилал суръат мебахшад ва иллати он мегардад, ки ширкатҳои мухталиф сатҳи истеҳсолот ва молҳои ба бозор интиқолдиҳандаро баланд мекунанд, ки ин дар навбати худ барои таъмини шароитҳои хуби зиндагии одамон мувофиқ мебошад. Дар баробари ҷанбаҳои мусбат ин раванди ҷаҳонӣ таъсири манфӣ низ дорад: бозори озод ва рақобатпазирӣ дар он ба натиҷае оварда мерасонад, ки на ҳамаи давлатҳо ба он тоб меоранд ва дар ниҳоят давлатҳои оқибмонда ва дар ҳоли рушд вазъи пештараи худро аз даст медиҳанд ва дар саҳнаи байналмилал рақобатнопазир мегарданд; ин нобаробарӣ ба он оварда мерасонад, ки иқтисодиётҳои дохилӣ ва тоҷирони ватанӣ дар муқобили ширкатҳои бузурги хориҷӣ заиф гашта, ҳатто мавҷудияти худро пурра аз даст медиҳанд ва иқтисодиёти дохилӣ аз омилҳои хориҷӣ ва маҳдудкунандаи истиқлолияти давлатӣ вобастагии ҷиддӣ пайдо мекунад; давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ оқибмонда ва дар ҳоли рушд дар даврони ҷаҳонишавии бошитоб аз буҳронҳои ҷаҳонӣ бештар осебпазир гашта, ҳар тағйироти манфии дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ рухдодаро бештар ҳис менамоянд ва иқтисодиёти дохилиро вобастаи

равандҳои ҷаҳонӣ мегардонад; раванди фаъоли иқтисодиёт дар раванди ҷаҳонишавӣ метавонад хатарҳои экологиро бештар намояд ва дар ин ҳолат низ асосан давлатҳои оқибмонда товон хоҳанд дод; дар марҳалаи ҷаҳонишавӣ давлатҳои миллӣ метавонанд ҳувияти фарҳангӣ ва миллии худро аз даст диҳанд, чун давлатҳои барандаи идеологияи ҷаҳонишавӣ бо паҳн намудани арзишҳои фарҳангию ахлоқии худ ба фарҳангҳои миллӣ зарбаи шадид мезананд, ки дар натиҷаи он мақоми давлатҳои миллӣ зери суол гузошта мешавад.

Ҷаҳонишавӣ масоили идоракунии миллӣ ва рушдро ба таври назаррас тағйир дода, сиёсати давлатӣ ва раванди рушди иҷтимоиву иқтисодиро таҳти таъсир қарор додааст. Ҳамгироиии иқтисоди ҷаҳонӣ ҳукуматҳоро водор кардааст, ки сиёсатҳои иқтисодии рақобатпазирро қабул намуда, арзишҳои бозорро ташвиқ кунанд ва сармоягузории хориҷиро ҷалб намоянд.

Таъсири ҷаҳонишавӣ ба идоракунии миллӣ ва рушд бисёрҷониба буда, ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад. Ҷаҳонишавӣ ҳамкориҳои байналмилалиро вусъат дода, арзишҳои демократиро густариш медиҳад, аммо ҳамзамон метавонад соҳибихтиёрии миллиро коҳиш диҳад, зеро қудрат ба ниҳодҳои фародавлатӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ мегузарад. Ҷаҳонишавӣ мубодилаи фарҳангӣ ва паҳншавии иттилоотро ривоҷ медиҳад, ки ба рушди ҷомеа ва навовариҳо дар низоми арзишҳои ахлоқи сиёсии ҷомеаҳо мусоидат менамояд.

Дар баробари устуворӣ мазмун ва мундариҷаи арзишҳои ахлоқии дар сатҳҳои мухталифи муносибати байни одамон роиҷбуда чун дигар арзишҳо, дар раванди такомул ва таҳаввул мебошанд. Омили таъсиррасон ба ин раванд шароити хосси ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ба шумор меравад. Гузашта аз ин, дар баъзе шароитҳои марҳалавӣ, талоши соҳибгардӣ ба ҳокимият ба он натоиҷ меорад, ки қисмате аз навъҳои арзишҳои ахлоқӣ фаъол мегарданд ва дар фаъолиятҳои сиёсӣ ба мақоми

дигар қисмати арзишҳои ахлоқӣ зарба мезанад. Ин ҳолат, хусусан, дар марҳалаҳои гузариши давлатҳо хеле шиддат меёбад ва меъёрҳои иҷтимоии арзёбии амалҳои сиёсӣ тағйир меёбанд. Чунин марҳалаи тақдирсозро ҷомеаи Тоҷикистон пас аз фурӯпошии низоми шуравӣ аз сар гузаронид ва бисёре аз арзишҳои ахлоқии қаблан амалкунанда ҷойи худро ба арзишҳои дигари ахлоқӣ иваз намуданд. Вале, ҳақиқат ин аст, ки заиф ё аз байн бурдани функсияи як намунаи фарҳангии мушаххас, маънои нест шудани меъёрро надорад. Албатта, агар сабаби асосӣ боиси нестшавии пурраи он намуна нагардаду роҳро барои заиф шудани тадриҷии он меъёр кушояд.

Ченаки муҳимми дарки тағйирёбии мазмун ва мундариҷаи арзишҳои ахлоқии дар тамоми сатҳи муносибати амалкунандаи одамон дар марҳалаҳои гузариш ин мушоҳидаи тартиби ивазшавии наслҳо мебошад. Зуҳури ақидаҳо ва тарзи нави зиндагии иҷтимоӣ дар баъзе ҳолатҳо наслҳоро ба нақзу беэътиборсозии арзишҳои ҷудогонаи ахлоқӣ дар фазои муносибатҳои сиёсӣ моил месозанд. Наслҳои нав бо ихтилоф миёни тарзи зиндагии пештара ва нав рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба онҳо намунаҳои нави нақш пешниҳод мекунад, то ки аз миёни онҳо интихоб намоянд. То замоне ки ҷаҳонбинии нав таҷрибаи ҳаётии насли навро ҷобаҷо ва мутобиқ мекунад, насли нав майл дорад, то ин ҷаҳонбиниро бипазирад.

Аз ин рӯ, арзишҳо, тарзи зиндагӣ ва намунаи нави нақш метавонанд дар ҷараёни тадриҷии ивазшавии наслӣ ҷойгузини намунаҳои пештара шаванд. Масалан, меъёрҳои эҳтироми бечунучарои арконҳои ҳизбӣ дар шароити бисёрҳизбӣ моҳияти худро тағйир дода, дар байни ҷавонон заиф мешаванд. Аз ин ҷиҳат, сатҳи фаъолнокии сиёсии онҳо дар муқоиса бо наслҳои калонсол нисбатан паст ба назар мерасад. Дар ин заминаҳо, муҳаққиқон интизор мешаванд, ки як раванд ё таҷрибаи санҷишӣ рух хоҳад дод; тадриҷан, шаклҳои нави рафтор ба вуҷуд меоянд, ки аз меъёрҳои суннатидошта бармеоянд. Гурӯҳҳое, ки бо эҳтимоли зиёд ин шаклҳои нави рафторро қабул мекунанд, асосан ҷавонони таҳсилдида ва

афроди дорои малакаи муошират гуногуни инсонӣ мебошанд, на шахсони камбизоат, ноамн, бесавод ва онҳое, ки дар робитаҳои маҳдуди хешовандӣ қарор доранд.

Навсозӣ раванди яксамта нест ва таҳаввулоти фарҳангӣ дар масири пасосаноатӣ то анҷоми таърих ҳаракат намекунад. Ин масир вобаста ба дигаргуниҳои муҳимми шароити мавҷуда дар ҳар давра тағйир меёбад. Аз ин рӯ, саноатишавии ибтидоӣ тағйироти ҷиддиро ба сӯйи арзишҳои худифодакунӣ ба вуҷуд наовард. Дар асл, эҳтимолан таъкид бар арзишҳои озодии шахсӣ, ки пояи худифодакунӣ мебошанд, дар баъзе ҷомеаҳои тосаноатӣ нисбат ба ҷомеаҳои саноатӣ бештар роиҷ бошанд

Саноатишавӣ бештар аз эҷодкорӣ ва худифодакунӣ ба ҷамъоварии сармоя, рушди иқтисодӣ ва ниёзмандии истеҳсоли оммавӣ ба низоми истеҳсоли якхела ва интизомнок вобаста буд. Табиати меъёришудаи кор дар давраи саноатӣ бо интизоми сахт ва мураттаби ҳамарӯза дар корхона ё дар идораҳои давлатӣ ва хусусӣ алоқаманд буд. Илова бар ин, аввалин сабабе, ки боиси болоравии ҳаракати коргарӣ гардид, ҳамбастагии асосёфта бар механизми гурӯҳӣ буд. Деҳқонони озоди тосаноатӣ ва ҷомеаҳои тиҷоратӣ нисбат ба ҷомеаҳои саноатӣ амнияти бештар доштанд ва мафҳуми ҳуқуқи инсон дар инқилобҳое, ки таҳти роҳбарии деҳқонони озод ва тоҷирони пешазсаноатии Англия, Амрико ва Фаронса рух доданд, ба вуҷуд омад.

Дар мутобиқат бо ин андешаҳо, метавон хусусиятҳои зоҳиршавии тағйири арзишҳои ахлоқии дар муносибатҳои сиёсии одамон ҷойдоштаро таҳлил намуд. Зеро ҷомеаҳои суннатӣ новобаста аз воридшавӣ ба фазои равандҳои саноатикунонӣ арзишҳои ахлоқии муайянро дар муносибатҳои сиёсияшон нигоҳ медоранд. Масалан, дар Тоҷикистон ин зуҳурот дар маъракаҳои интихоботӣ бештар ба чашм мерасад ва масъулияти хонаводагӣ баъзан аъзои хонаводаро уҳдадор месозад, ки варақаи овоздиҳии аъзои дигари хонаводаро ба қуттии овоздиҳӣ партоянд.

Албатта, ин барои мушоҳидони ғарбӣ тасаввурнашаванда аст ва онҳо аксар маврид инро ҳамчун нақзи меъёрҳои ҳуқуқӣ баҳогузорӣ менамоянд. Аз дигар тараф, болоравии маданияти сиёсии шаҳрвандон ба он оварда расонидааст, ки чунин амалҳои номатлуб дар маъракаҳои сиёсӣ қарибки дигар мушоҳида намегардад ва дар ояндаи наздик пеши роҳи чунин амалҳо пурра гирифта мешавад.

Яъне зуҳури падидаҳои фавқуззикрро наметавон ҳамчун майл ба озодӣ, баробарӣ ва демократия доштани ҷомеаҳои анъанавӣ, ба монанди кишвари мо маънидод кард. Дар ҳоле, ки ҷомеаҳои анъанавӣ шахсони алоҳидаро дар гурӯҳҳои муттаҳид ҷамъ намуда, бо пайвандҳои ҳатмие, ки онҳоро ба иштирок дар ҳифзи гурӯҳ барои бақо, ҷалб ва ҳамбастагии иҷтимоӣ нигоҳ медоранд. Ин меъёрҳо зӯроварии дохилии гурӯҳро маҳдуд карда, мардумро ба интизом, иерархия ва фурӯ нишондани ормонҳо барои ҳаракати иҷтимоӣ водор мекунанд.

Бинобар ин, агар ба ҳаёти сиёсии ҷомеаҳои арҷгузоранда ба анъанаҳо назар андозем, пас дида метавонем, ки онҳо нисбат ба ҷомеаҳои модернистӣ сатҳҳои нисбатан баланди амнияти вуҷудӣ ва истиқлоли инфиродиро, ки боиси густариши арзишҳои худифодакунӣ мешаванд, таъмин менамоянд. Ин омил боиси он гашт, ки ҳаракату ҳизбҳои муҳофизакори ғарбӣ мехоҳанд аз анъанаҳои миллияшон пуштибонӣ карда, бештар ба интихобкунандагонашон ваъда медиҳанд, то ба сари ҳокимият оянд, аммо на ҳама вақт ваъдаҳои худро иҷро мекунанд.

Бо такя аз қазоватҳои зикршуда метавон гуфт, ки ҷаҳонишавӣ бо фароҳам овардани дастрасӣ ба бозорҳои байналмилалӣ, технология ва сармоягузорӣ ба рушди иқтисодӣ ва инкишоф мусоидат мекунад. Инчунин, иқтидори ҳукуматҳои миллӣ барои татбиқи сиёсатҳо ва ислоҳотҳо тавассути воридшавии меъёру арзишҳои нави ахлоқӣ ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, зуҳури идеяҳои нав, таҷрибаҳо ва захираҳои молиявӣ тақвият мебахшад. Бо вуҷуди ин, ҷаҳонишавӣ мушкилоти ҷиддӣ дар низоми

идоракунии миллӣ ба вуҷуд меорад, аз ҷумла, коҳиши соҳибихтиёрии давлатӣ ва нуфузи ширкатҳои фаромиллӣ, ки метавонанд саноати маҳаллӣ ва меъёрҳои меҳнатиро заиф кунанд.

Бинобар ин, кишварҳо бояд сиёсати мувофиқро таҳия намоянд, ки манфиатҳои миллияшон дар баробари манфиатҳои ҷаҳонишавӣ ба таври васеъ паҳн шаванд. Ҳамчунин, татбиқи чораҳои иҷтимоӣ, аз қабили шабакаҳои амнияти иҷтимоӣ ва низоми ташаккули арзишҳои сиёсии хосси ҷомеаро барои коҳиши падидаҳои ногувор пайгирӣ намоянд.

Ин гуна талошҳо ҷанбаҳои гуногунро фаро гирифта, дар навбати худ, ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва демографӣ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, агар масъалаи мазкур аз нигоҳи фарҳангӣ баҳогузорӣ карда шавад, дар раванди ҷаҳонишавӣ бо сабаби баҳамвобастагии ҷомеаҳо наздикшавӣ, зиддияти урфу одатҳо ва арзишҳои мухталиф суръат мегирад. Муҳаққиқон дар ин маврид фарҳангро ҳамчун маҷмуи маъноҳо ва боварҳои муштараки аъзоёни ҷомеа таъриф кардаанд [383]. Мубодилаи фарҳангӣ метавонад ба рушди тафоҳуми байниҳамдигарӣ ва паҳншавии ғояҳо мусоидат намуда, ба ташаккули фарҳанги умумӣ, ки аз таҷриба ва арзишҳои муштарак иборат аст, замина фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, раванди глобализатсия метавонад ба ҳамсоншавии фарҳангӣ оварда расонад, ки дар натиҷаи он фарҳангҳои бартаридошта, арзишҳо ва анъанаҳои маҳаллиро пахш ва маҳдуд мекунанд. Масалан, нуфузи васеи шабакаҳои расонаӣ ва фароғатии ҷаҳонӣ ин падидаро равшан инъикос мекунанд: филмҳои ҳиндиву туркӣ, мусиқии ғарбӣ ва мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла, дар кишвари мо низ маъмул ва афзалият пайдо мекунанд. Маҳз фарҳанги ғарбӣ мехоҳад, ки қолабҳои худро дар ҷомеаҳои дигар ба таври иҷборан бор намояд ва аз роҳбарони давлатҳо талаб карда мешавад, ки ба пешрафти чунин амалҳо мусоидат намоянд.

Бо афзоиши ҳамгиройии кишварҳо, мубодилаи арзишҳо, таҷрибаҳо

ва меъёрҳои фарҳангӣ бештар мешавад, ки имкониятҳо ва мушкилотро дар идоракунӣ ба вуҷуд меорад. Ин омезиши фарҳангӣ ба ташаккул ва татбиқи сиёсат таъсир мерасонад, зеро ҳукуматҳо маҷбур мешаванд, то бештар нуқтаи назар ва арзишҳои ҷаҳониро дар тасмимҳои худ ба назар гиранд. Яке аз ҷанбаҳои асосии ин таъсир, ворид гардидани арзишҳои гуногуни фарҳангӣ ба сиёсати миллӣ мебошад, ки метавонад фарогирӣ ва мултикултурализм (фарҳанги гуногунҷабҳагӣ)-ро ташвиқ намояд.

Танаввуи фарҳангӣ маҷмуи фарқиятҳоест, ки дидгоҳи мо ба ҷаҳон, равиш ва тафаккури моро шакл медиҳанд. Масалан, як зумра давлатҳои ҷаҳонӣ сиёсати бисёрфарҳангиро пеша намудаанд, то он барои мутобиқшавии аҳолии аз давлатҳои бегона вурудгашта ба ҷаҳони нав мусоидат намояд ва дар давлати нав назорати онҳо мушкилсоз нагардад. Илова бар ин, паҳншавии ормонҳои демократӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи инсон, дар саросари ҷаҳон аксари кишварҳоро водор кардааст, то амалияи идоракунии худро бо ин арзишҳои ҷаҳонӣ мутобиқ созанд.

Аз дигар тараф, қайд кардан ба маврид аст, ки раванди бисёрфарҳангӣ ё мултикултурализм, ки дар ибтидо барои мутобиққунии одамони миллату фарҳангҳо мухталиф мусоидат намуда, тафовутҳо ва зиддиятҳои динҳои гуногунро нарм мекард, дигар мисли пештара натоиҷи мусбат намедиҳад. Баръакс, дар замони муосир раванди бисёрфарҳангӣ барои давлатҳои мухталиф, махсусан давлатҳои ғарбӣ мушкилиҳои зиёдро эҷод мекунад. Мисоли барҷасти ин муҳоҷирати фаъол мебошад, ки аз давлатҳои оқибмонда ё рӯ ба рушд ба давлатҳои рушдкардаи ғарбӣ муҳоҷирон дар шаклҳои мухталиф кӯч мебанданд ва дар натиҷаи мутобиқ нашудан бо фазои давлати нав ба бисёр корҳои нодуруст ва ғайриқонунӣ даст зада, оромӣ ва суботи он давлатҳоро халалдор мекунанд. Агар пештар роҳбарияти давлатҳои ғарбӣ ба чунин ҳаводис диққати ҷиддӣ намедоданд ва ё онро аз зумраи ками сатҳи муҳоҷирони бесавод медонистанд, пас имрӯз онҳо низ хуб дарк мекунанд, ки муҳоҷирати бидуни назорат,

махсусан муҳоҷироне, ки саводи дуруст надоранд барои давлатҳои ғарбӣ мушкилсоз мегарданд. Аз ин хотир имрӯз давлатҳои ғарбӣ раванди муҳоҷиратро ба таври ҷиддӣ назорат карда, ҳар гуна шахсро ба давлати худ роҳ намедиҳанд.

Маориф ва рушди сармояи инсонӣ низ яке аз ҷанбаҳои муҳимми таъсири ҷаҳонишавӣ ба таҳаввули таркиби арзишҳои ахлоқӣ дар арсаи ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Дастрасии бештар ба шабакаҳои байналмилалии дониш, имкониятҳои таҳсил ва платформаҳои омӯзиши малакаҳо метавонад ташаккули сармояи инсонро вусъат бахшад ва ба шахсону ҷомеаҳо имкон диҳад, ки дар иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолона иштирок кунанд. Аммо, нобаробарӣ дар дастрасӣ ва сифати таҳсил, хусусан, дар минтақаҳои камбизоат боқӣ монда, рушди фарогирро бозмедорад ва нобаробарии иҷтимоиро идома медиҳад.

Шахсони дорои саводи баланд ва ҷаҳонбинии илмӣ аз одамоне, ки аз чунин дастрасиҳо маҳрум мебошанд тафовут доранд ва дувуминҳо барои мутобиқшавӣ ба дигаргуниҳои нав на ҳама вақт омодагии дуруст доранд, чун онҳо бо урфу одатҳои ҷомеаҳои бегона, арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ ва фаҳмиши муносибатҳои тарафайни онҳо танқизӣ мекашанд. Шахсони соҳиби савод ва фарҳанги баланд соҳиби маданияти рафтору муошырати муайян буда, инъикосгари тафовутҳо дар афкори умумии ҷомеа аз амнияти вуҷудӣ ва истиқлоли инсонӣ мебошанд, ҳамчунин инъикосгари дараҷаи самти ҷомеа ба тафаккури илмӣ мебошад, зеро неруҳои маърифатӣ омили аслии пайдоиши арзишҳои муосир буда, густариши арзишҳои инфиродиро дар ҷомеаҳо идома мебахшад.

Ҳамин тавр, раванди ҷаҳонишавӣ ба омезишёбии идеяҳо, арзишҳо ва равобитҳои фарҳангӣ дар саҳнаи байналмилал мусоидат намуда, наздикшавии фарҳангҳо ва баҳамвобастагии гӯшаю канораҳои мухталифи оламро таъмин мекунад. Ин густариши фарҳангӣ афкори ҷомеаҳоро бо роҳи ташвиқи фаҳмиши байнифарҳангӣ, навоварӣ ва эҷодкорӣ ғанӣ

намудааст. Аммо, ин раванд инчунин нигарониҳоро дар бораи ҳамсоншавии фарҳангӣ ва аз байн рафтани ҳувияти миллӣ ба вуҷуд овардааст, зеро фарҳангҳои бартаридошта анъанаҳо ва забонҳои маҳаллиро таҳти фишор қарор медиҳанд ва оқибат метавонанд, ки онҳоро пурра аз байн баранд.

Равандҳои мураккаби алоқаманд ба таъсири падидаҳои ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои сиёсии ҷомеа талаб мекунад, ки ҳукуматҳои миллӣ байни ҳамгироии глобалӣ, ҳифзи адолати иҷтимоӣ ва истиқлолияти маҳаллӣ тавозун нигоҳ доранд. Идоракунии самаранок дар давраи ҷаҳонишавӣ стратегияҳои мутобиқшавандаро тақозо мекунад, ки имкониятҳои глобалиро истифода баранд, хатари онро коҳиш диҳанд ва рушди фарогирро таъмин намоянд. Зеро ҷаҳонишавӣ барои идоракунии миллӣ ва рушд ҳам имкониятҳо ва ҳам мушкилотро ба бор меорад. Бо қабули сиёсатҳои ҳамаҷониба, ки рушди фарогирро дастгирӣ мекунанд, идоракуниро тақвият мебахшанд, ҳувияти фарҳангиро ҳифз мекунанд ва фосилаи технологиро бартараф месозанд, кишварҳо метавонанд аз манфиатҳои мусбати ҷаҳонишавӣ истифода бурда, таъсири манфии онро коҳиш диҳанд. Бар асоси таҳлилҳои анҷомёфта метавон ба чунин хулоса расид, ки кишварҳо бояд сиёсати ҳадафманд таҳия кунанд, то манфиатҳои ҷаҳонишавӣ ба таври баробар паҳн шаванд ва паҳлуҳои ахлоқию иҷтимоии технологияҳои навро ба назар гирифта, мутмаин шаванд, ки онҳо ба рушди устувори инсоният мусоидат мекунанд. Дар сурати дигар ин тамоюл нишон медиҳад, ки давлатҳо ба натоиҷи раванди ҷаҳонишавӣ омодагӣ надоранд ва ҷанбаҳои манфии он ба давлатҳои миллӣ таъсири манфӣ расонида, мавқеи онҳоро ҳам дар бахши иқтисодӣ, ҳам сиёсӣ ва ҳам фарҳангӣ маҳдуд намуда, рақобатпазирии давлатро заиф мегардонад. Барои ҳамин чӣ қадаре давлатҳои миллӣ ба тамоюлҳои раванди ҷаҳонишавӣ омодабошӣ дошта бошанд, ҳамон қадар ба дурнамои рушди давлат дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намуда, мавқеъгирии

давлатро дар саҳнаи байналмилал устувор мегардонад.

Дар даврони ҷаҳонишавӣ яке аз унсурҳои фаъоли ҳаёти сиёсӣ – ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ҷомеаи бисёрҳизбӣ миёни онҳо зиддиятҳои назарӣ ва ақидавӣ вуҷуд доранд, ки арзишҳои ахлоқӣ онҳоро бояд ба танзим дароранд, то дар мафкураи онҳо тавозуни ахлоқӣ риоя гардад.

БОБИ 5. РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ТАЪСИРИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ БА МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ

5.1. Ҷанбаҳои муҳимми зиддиятҳо аз дидгоҳҳои ҳизбҳои сиёсии муосир ва ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар мафкураи онҳо

Ҷанбаи муҳимми зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равандҳои ин соҳа ташкил ва идораи фаъолиятҳои сиёсӣ мебошад. Фаъолиятҳои сиёсии бо усулҳои ақлонӣ ташаккулёфта ва идорашаванда одатан дар фаъолияти ҳизбҳо мушоҳида мешавад, бинобар ин ҳизбҳои сиёсӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки усул ва меъёрҳои дар ҷомеа роиҷро мақсаднок дар самти боло бурдани нақши арзишҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои ҳизбӣ истифода баранд. Ҳарчанд ин падидаи нав дар фаъолияти ҳизбҳо нест, вале дар давраи муосир нақш ва мубрамияти он хеле боло рафтааст. Ҷойи баҳс нест, ки арзишҳои ахлоқиро бо ҳадафҳои сиёсӣ идеологияҳои сиёсӣ васеъ истифода бурда, аксарияти усул ва меъёрҳои ахлоқиро идеологияҳои классикӣ тӯли таърихи рушди башарият тавонистанд бо ҳадафҳои сиёсии худ наздик созанд ва дар зеҳни ҷонибдоронашон ҷой диҳанд.

Исботи ин хулосаро зимни таҳлили муҳтавои асосҳои фалсафии ташаккулёбии чанд идеологияҳои классикӣ, ба монанди консерватизм, либерализм, сотсиализм, фундаментализм ва ғайра метавон мушоҳида намуд. Аз ҷумла, боризу равшан ва тасдиққунанда ин зуҳуротро метавон дар асосҳои фалсафии мафкураи муҳофизакорон (консерваторон) мушоҳида намуд ва дар ин замина сабаби афзоиши ҷолибияти онро дар ҷомеаи муосир дарк кард. Зеро, пас аз заиф гардидани мавқеи тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир таъсиру нуфузи мафкураи муҳофизакорон дар гӯшаҳои гуногуни олам, маҳз ба хотири эҳтиром ба арзишҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои сиёсӣ меафзояд.

Мафкураи муҳофизакорон ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқиро дар низоми

ҳадафҳои сиёсӣ талош менамояд қабл аз ҳама бо усули машруияти ҳокимият, ки аз иродаи мардум бармеояд, алоқаманд созад. Мантиқан дар ин маврид, танҳо низоми сиёсие асосҳои устувори қонунӣ, машруият пайдо мекунад, ки агар ба арзишҳои бунёдии ахлоқи ҷомеа эҳтиром ва барои ҳифзу рушди онҳо талош намояд. Низомҳои сиёсие, ки чунин афзалиятҳоро камэътибор мешуморанд ва мафкураҳои муҳофизаткунандаи ин низомҳо дар байни доираи васеи мардум, ба андешаи муҳофизакорон дастгирӣ намеёбанд. Маҳз дар заминаи ҳамин баҳс даҳсолаҳои охир рақобати шадиди мафкураҳои умдаи ҷомеаҳои ғарбӣ муҳофизакорӣ (консерватизм) ва озодандешии нав (неолиберализм) пайдо шуд ва имрӯзҳо ба муборизаҳои шадиди сиёсӣ табдил ёфтааст.

Дар авҷи муборизаҳои шадиди сиёсӣ имрӯзҳо дар аксари мамлакатҳои ғарбӣ, ҳизбу ҳаракатҳои муҳофизакорон ба сари қудрат омада, мавқеи ҳизбҳои тамоюли мафкураҳои озодандешии нав ва сотсиалистидоштаро танг менамоянд. Намунаи барҷастаи он, зимоми идоракунии сиёсии кишварҳои Италия, Америка, Маҷористон, Австрия ва ғайраро ба даст гирифтани ҷонибдорони мафкураҳои сиёсии муҳофизакорон мебошад. Бинобар ин, ҳизбу ҳаракатҳои тамоюли муҳофизакоридошта ошкоро дар барномаҳои интихоботияшон саъю талошро барои мустаҳкам кардани пояҳои арзишҳои ахлоқӣ ва ниҳодҳои суннатӣ намуда, ин арзишҳоро васеъ тарғиб менамоянд.

Қобили зикр аст, ки интихоби усулҳои фаъолияти тарғиботӣ ва ҷалби ҳаводорон солҳои охир барои ҳизбҳои муҳофизакорӣ натиҷаҳои мусбат додааст, чун дар муддати панҷоҳсолаҳои ахир тафаккури неолибералистӣ барои пешрафти демократия маҳз арзишҳои анъанавиро монеаи асосӣ ҳисобида, арзишҳои муқобили онҳо, ба монанди баробарҳуқуқиҳои ҷинсӣ, якҷинсгароӣ, озодиҳои фаррохи сиёсӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои бештари сиёҳпустон ва ғайраро ташвиқу тарғиб мекарданд. Дар баъзе кишварҳо, тӯли солҳои дароз намояндагони ҳизбҳои неолибералӣ дар сари қудрат

монда, ин арзишҳоро ба танзимкунандаи фаъолиятҳои расмии давлатӣ табдил дода, риояи ҳатмии онҳоро талаб менамоянд. Ҳатто, дар намояндагиҳои хориҷии кишварҳо афрохтани рамзҳои хосси ҳаракатҳои пайравикунандаи ин арзишҳо тадриҷан роиҷ буд. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии баъзе кишварҳо барои риоя накардани чунин арзишҳо ҷавобгариҳои маъмурию ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст, ки то ҳол амал мекунанд. Берун аз давлатҳои худ ҳизбҳои сиёсии ҳаммонандро дастгириҳои молиявӣ расонида, ба созмонҳои ғайридавлатӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ кумак расонида, фаъолнокии онҳоро дар ҳаёти сиёсии он давлатҳо суръат мебахшанд ва дар ҳар ҳолат кӯшиш мекунанд, ки онҳоро ҳимоя намоянд. Натиҷаҳои чунин фаъолиятҳои сиёсӣ боиси зуҳури инқилобҳои ранга дар кишварҳои мухталиф гардида, сабаби нооромиҳои зиёд гаштанд.

Табиист, ки чунин амалияи сиёсӣ то имрӯз байни оммаи васеи мардум маҳбубияти зиёд пайдо накардааст ва ин боиси авҷи норозигиҳою ҳарчи бештар ва ба ҷонибдории ҳизбу ҳаракатҳои консервативӣ майл кардани онҳо мегардад. Дар сатҳи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии консервативӣ бошад бо истифода аз чунин вазъият худро ҳамчун сипари муҳофизати арзишҳои суннатии ҷомеа нишон додан ба амали муваффақиятомез табдил меёбад.

Намунаи боризтарини аз худ сипарсозии ҳифзи арзишҳои анъанавӣ аз ҷониби ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии консервативӣ, фаъолияти ҳизби ҷумҳурихоҳони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба шумор меравад, ки бо чунин талошҳо ҳизб тавонист на танҳо қудрати сиёсиро ба даст оварад, балки кишварҳои ҳампаймонашро ба риоя накардани чунин арзишҳо муттаҳам созад. Вобаста ба ин масъала, ноиби президенти ИМА Ҷ.Д. Вэнс дар Форуми амниятии Мюнхен моҳи феврали соли 2025 баромад намуда, кишварҳои ғарбиро ба поймолсозии арзишҳои аслии демократӣ, ки аз ҷавҳари арзишҳои суннатии ғарбӣ сарчашма мегиранд, шадидан танқид намуд. Шореҳони сиёсию коршиносони Россия ин баромади Ҷ.Д. Вэнсро

ҳамчун «ҷанги фарҳангии Амрико муқобили Ғарб» арзёбӣ намуданд. Константин Ремчуков баҳси Ҷ.Д. Вэнсро чунин тавзеҳ додааст: «Вэнс дар Конфронси Мюнхен бо интиқод аз озодиҳои аврупоӣ ва равишҳои амниятии он баромад кард. Ӯ гуфт: «Маъмурияти Трамп аз амнияти Аврупо сахт нигарон аст. Ман он қадар аз омилҳои хориҷӣ – Русия ва Чин – нигарон нестам. Маро таҳдидҳое, ки аз дохили худи Аврупо бармеоянд, бештар нигарон мекунанд.

Мо мебинем, ки Аврупо аз арзишҳои асосие, ки барои мо муштарак ҳастанд, дур мешавад. Чанде пеш узви пешини Комиссияи Аврупо ҳукумати Руминияро барои бекор кардани натиҷаҳои интихобот таъриф кард ва ҳушдор дод, ки агар ҳама мувофиқи нақша пеш наравад, чунин ҳолат метавонад дар Олмон ҳам такрор шавад – чунин изҳорот барои амрикоиҳо таҳдидовар менамояд. Вақте судҳои аврупоӣ натиҷаҳои интихоботро бекор мекунанд ва шахсони мансабдор бо чунин даъвоҳо ба кишварҳои дигар таҳдид мекунанд, мо мепурсем: ин чи гуна меъёр аст?» [371].

Вэнс андешаҳояшро баъдан чунин баён дошт: «Агар шумо аз интихобкунандагони худ метарсед, пас Америка ба шумо кумак карда наметавонад ва шумо низ наметавонед барои мардуми Амрико амале анҷом диҳед. Шумо бояд ваколати демократӣ барои иҷрои вазифаҳоятон дошта бошед. Натиҷаҳои ноком ва беэътимоди интихобот, ки дар онҳо рақибон таҳқир ё сензура мешаванд, ба сиёсатмадорони аврупоӣ ваколати устувор намедиҳанд. На бо сензура ва на бо ҳабси мухолифон ё рӯзноманигорон, ки кӯшиш мекунанд ҳақиқатҳоро ошкор кунанд, ваколат ба даст оварда намешавад» [358].

Чунин ранг гирифтани баҳси иттифоқчиёни деринро бо такя аз ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар мафкурасозии сиёсии ҷомеаҳо, аксари коршиносон ҳамчун «ҷанги фарҳангӣ» унвон намуданд: «Мо нишонаҳои оғози «ҷанги фарҳангҳо»-ро мушоҳида мекунем. Ин истилоҳ одатан дар ҳолате истифода мешавад, ки баҳс оид ба масъалаҳои фарҳангӣ ҷомеаро ба

ду гурӯҳи мухолиф ҷудо мекунад. Ин гуна низоъҳо бештар ба масъалаҳои ахлоқ, дин, сиёсат, маориф ва дигар ҷанбаҳои зиндагии фарҳангӣ дахл доранд» [371].

Ин вазъро файласуф ва сиёсатшиноси муосири олмонӣ Александр Рар низ тасдиқ мекунад: «Рӯзе намегузарад, ки миёни маъмурияти президенти ИМА Доналд Трамп ва сиёсатмадорони аврупоӣ муноқишаи нав ба миён наояд. Бо ҳар баҳси нав, лафзи ҷонибҳо тезтару шадидтар мегардад. Қасри Сафед пайваста ва қотеъона Иттиҳоди Аврупоро вақте кӯшиш мекунад ҳукумати Амрикоро дар мавриди демократия омӯзонад, ба ҷойи худ менишонад. Аврупоиҳо мутмаинанд, ки ҳақиқату ахлоқ дар ҷониби онҳост ва бинобар ин, мағлуб шуданашон имконнопазир аст. Дар Иттиҳоди Аврупо ба кадом сабабе бовар доранд, ки Трамп дар ИМА муваққатист ва ба зудӣ ҳама ба ҳолати пешина бармегардад» [370].

Барои дарки муҳтавои чунин зиддиятҳои ҷаҳонбинии сиёсии ҳизбу ҳаракатҳои оммавии имрӯза рӯй овардан ба таҳлили ҳадафу ғояҳои меҳварии мафкураҳои онҳо муҳим ба назар мерасад. Бо ин мақсад, мо ба таҳлили ҳадафу ғояҳои меҳварии мафкураҳои консервативӣ, неолибералӣ, сотсиалистӣ, фундаменталистӣ ва ғайра руҷуъ намудем.

Мавзуи марказии идеологияи либералӣ – вафодорӣ ба шахсият ва орзуи барпо намудани ҷомеае мебошад, ки дар он одамон тавонанд манфиатҳои худро амалӣ созанд ва ба комёбӣ ноил шаванд. Либералҳо бар ақидаанд, ки инсон, пеш аз ҳама, шахсияти мустақил аст, ки дорои ақлу хирад аст. Ин чунин маъно дорад, ки шахс бояд ҳадди аксари озодӣ дошта бошад, ба шарте ки дигарон низ чунин озодӣ дошта бошанд. Бо вуҷуди ин, ҳарчанд шахсиятҳо аз ҳуқуқҳои баробар ва сиёсӣ баҳравар бошанд, онҳо бояд мувофиқ ба истеъдод ва заҳматашон подош бигиранд. Ҷомеаҳои либералӣ аз рӯйи ду усули асосӣ – конститутсионализм ва ризоияти ом ташкил ёфтаанд, ки мақсади онҳо ҳифзи шаҳрвандон аз таҳдиду фишори ҳукумат аст. Бо ин вуҷуд, байни либерализми классикӣ ва либерализми

муосир тафовути ҷиддӣ вуҷуд дорад. Либерализми классикӣ ба давлате такя мекунад, ки ҳадди ақалл дахолат мекунад ва вазифаи он танҳо ҳифзи тартиботи дохилӣ ва амнияти шахсӣ мебошад. Либерализми муосир, баръакс, эътироф мекунад, ки давлат бояд ба мардум кумак кунад, то онҳо тавонанд ба худ кумак расонанд [224, с.20].

Либерализм пас аз пош хӯрдани низоми феодализм дар Аврупо ва рушди ҷомеаи бозорӣ ё сармоядорӣ ба вуҷуд омад. Аз бисёр ҷиҳат, либерализм орзуҳои қишри миёнаи рӯ ба инкишофро ифода мекард, ки манфиатҳои онҳо бо қудрати мутлақи подшоҳон ва ашрофи заминдор мухолифат дошт. Ақидаҳои либералӣ ҷанбаи ислоҳотталабона доштанд: онҳо ислоҳоти амиқ ва баъзан тағйироти инқилобиро ҷонибдорӣ мекарданд. Инқилоби Англия дар асри XVII, Инқилоби Амрико дар соли 1776 ва Инқилоби Фаронса дар соли 1789 ҳар ҷанбае доштанд, ки моҳияти либералӣ дошт, гарчанде дар он замон мафҳуми «либерал» ба маънои сиёсӣ истифода намешуд.

Даҳсолаҳои аввали асри XXI коҳиши нуфузи либерализмро нишон доданд. Ин коҳиш, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёфт, ки баъд аз авҷи густариши дар солҳои 2006-2008, рушди демократияи либералии ғарбӣ заиф гашта, баръакс, ақидаҳо ва амалкардҳои худкома дар бисёр кишварҳои ҷаҳон афзоиш ёфтанд. Масалан, сарфи назар аз пешгӯиҳои аввалия дар мавриди қиёмҳои Баҳори Араб дар соли 2011 ва ба «соли 1989-и ҷаҳони араб» табдил ёфтани онҳо, ки гӯё демократия ба Африқои Шимолӣ ва Ховари Миёна густариш медиҳад, дар бештари кишварҳои минтақа дар давоми чанд моҳ ҳукуматҳои худкома барқарор шуданд [224, с.22]. Масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Х.Усмонзода мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст: «Муосирияти ғайрилибералӣ ва муташаккил яке аз самараҳои ғайричашмдошту муҳимми ҳамин гуна ҷустуҷӯҳо ба шумор меравад, ки он ба рушди бесобиқаи кишварҳои осиёӣ ва дигар кишварҳои дар зинаи рушди пасомустамликавӣ қарордошта оварда расонд. Дар ин

марҳалаи таърихӣ бештари кишварҳои рушди анъанавидошта бидуни татбиқи мафкураи либералӣ ба рушди саноатӣ мушарраф шуданд ва ё ин ки дар онҳо нишонаҳои он арзи зуҳур намуданд. Рушди ҷомеаи тоҷикро дар даврони колониализми Россияи подшоҳӣ ва баъдан даврони советии инкишоф ба ин шакли муосирият мансуб донистан мумкин аст» [142, с.30].

Ҳамин тавр, охири асри XX, назарияҳои либералӣ дар бораи демократия бештар ба консенсус дар ҷомеа ва камтар ба ризоият ва иштирок тамаркуз карданд.

«Консерватизм» бори аввал дар ибтидои асри XIX ҳамчун мавқеи сиёсӣ ё идеологияи фарққунанда истифода шуд. Дар ИМА, он назари пессимистона ба корҳои ҷамъиятиро ифода мекард. То солҳои 1820, ин истилоҳ барои ифодаи мухолифат бо усул ва руҳияи Инқилоби Фаронсаи соли 1789 ва дигаргунии васеъ дар низоми ҳокимияти мутлақи подшоҳӣ истифода мешуд. Дар Британияи Кабир, гурӯҳи муҳофизакорони палатаи ҷамоаҳо (House of Commons) ва мухолифини асосии вигҳо ба тадриҷ бо номи «консерваторҳо» машҳур шуданд, ки ин унвон расман соли 1835 ҳамчун номи ҳизб қабул гардид.

Ҳамчун идеологияи сиёсӣ, консерватизм бо хоҳиши ҳифзи нигоҳ доштани арзишҳо ва муқовимат ба тағйирот ё шубҳа ба он тавсиф мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳарчанд хоҳиши муқовимат ба тағйирот мавзуи доимӣ дар консерватизм мебошад, фарқи онро аз ақидаҳои дигари сиёсӣ тарзи хосси пуштибонӣ аз ин мавқеъро месозад, бахусус, бо роҳи пуштибонӣ аз анъана, эътиқод ба нокомилии инсон ва кӯшиш барои нигоҳ доштани сохтори табиии ҷомеа аст. Бо вуҷуди ин, консерватизм як қатор тамоюлҳо ва равияҳоро дар бар мегирад. Тафовути асосӣ дар дохили консерватизм байни он чи ки «консерватизми анъанавӣ» номида мешавад ва тарафторони ғояи «Ҳуқуқи нав» (New Right) ҷой дорад. Консерватизми анъанавӣ тарафдори институтҳо ва арзишҳои анъанавӣ мебошад, чун онҳо ба арзишҳои меҳварии ҷомеа такя мекунанд ва муътақид бар онанд, ки маҳз ба воситаи он оромию муътадилиеро, ки бештари одамон мехоҳанд,

таъмин карда мумкин аст. Ҳуқуқи нав бошад, бо эътиқод ба давлати неруманд, вале ҳадди ақалл амалкунанда, тавсиф мешавад ва озодихоҳии иқтисодиро бо худкомагии иҷтимоӣ пайваст мекунад, ки инро бо маҳфумҳои неолиберализм ва неоконсерватизм ифода менамоянд [224, с.49-51].

Афкор ва ғояҳои консервативӣ ҳамчун вокуниш ба суръати афзояндаи тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омаданд – тағйироте, ки равшантар дар раванди Инқилоби бузурги Фаронса таҷассум ёфта буданд. Ибрози нахустин ва эҳтимоли классикии усулҳои консервативиро метавон дар китоби «Андешаҳо дар бораи Инқилоби Фаронса (Reflections on the Revolution in France)» [202] асари Эдмунд Берк (1790) дарёфт, ки ӯ бо андуҳи амиқ аз ифтихори инқилобӣ ба низоми пешина – ancient regime – ки як сол пеш рух дода буд, ёдовар мешавад. Дар асри XIX, давлатҳои Ғарб таҳти фишорҳое, ки саноатишавӣ ба вуҷуд оварда буд, дигаргун гардида, раванди рушди либерализм, сотсиализм ва миллатгароиро вусъат доданд. Соли 1964 ИМА бори аввал номзади ошкоро консервативиро ба мансаби президентӣ пешниҳод кард – Барри Голдуотер, ки алайҳи он чи ки пайравонаш «ҳамдастии роҳбарони Ҳизби Ҷумҳурихоҳ бо сиёсатҳои мудохилагаронаи «Созишномаи нав» (New Deal)» меҳисобиданд, маърака гузаронд. Тасарруфи Ҳизби Ҷумҳурихоҳ аз ҷониби консерваторон дар солҳои 1980 тавассути Роналд Рейган, ки шогирди Голдуотер буд, анҷом ёфт ва баъдан тавассути Ҷорҷ В. Буш ва Доналд Трамп таҳким ёфт, ҳарчанд консерватизми Трамп, дар беҳтарин ҳолат, мутобиқ набуд ва бештар дар масъалаҳои иҷтимоӣ ба мисли исқоти ҳамл ва муҳоҷират, на дар сиёсатҳои молиявӣ зоҳир мешуд [143].

Ҳамин тавр, консерватизм ба маҷмуи муайяни эътиқодҳои сиёсӣ дар бораи инсон, ҷомеаи инсонӣ ва аҳаммияти маҷмуи хосси арзишҳои сиёсӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ, мисли либерализм ва сотсиализм, он бояд ба таври дуруст ҳамчун идеология тавсиф шавад. Муҳимтарин ғояҳои марказии он анъана, андешаи нокомилии инсон, ҷомеа, иерархия ва ҳокимият,

моликият ва ғайра иборатанд.

Сотсиализм ҳамчун идеология аз рӯйи анъанаҳои хеш бо мухолифат бо капитализм ва кӯшиши пешниҳоди ҷомеаи ҷойгузини инсонпарварона ва иҷтимоии арзишманд муайян мешавад. Дар меҳвари сотсиализм дидгоҳи инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ қарор дорад, ки бо андешаи умумии башардӯстона муттаҳид шудаанд. Ин тафаккур ба он ишора мекунад, ки шахсият аз тариқи муошират иҷтимоӣ, узвият дар гурӯҳҳо ва сохторҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, сотсиалистон ба ҳамкорӣ нисбат ба рақобат бартарӣ медиҳанд. Арзиши марказӣ, ба андешаи бархе, арзиши асосии сотсиализм – баробарӣ, бахусус, баробарии иҷтимоӣ аст. Сотсиалистон бар ин бовaранд, ки баробарии иҷтимоӣ кафолати муҳимми суботи иҷтимоӣ ва якпорчагии ҷомеа мебошад ва он озодиро пешниҳод мекунад, ба ибораи дигар талаботи моддиро қонеъ мекунад ва асоси рушди шахсиро фароҳам месозад [224, с.75].

Бо вуҷуди ин, сотсиализм шаклу равияҳои гуногун ва ихтилофоти зиёд дорад. Ин ихтилофот дар масъалаи усулҳои расидан ба сотсиализм (яъне «воситаҳо») ва ҳам шакли ҷомеаи ояндаи сотсиалистӣ («мақсадҳо») вуҷуд доранд. Масалан, коммунистон ё марксистон, моҳиятан аз инқилобҳо пуштибонӣ мекарданд ва мекӯшиданд ҷомеаи сармоядориро бо таъсиси ҷомеаи бетабақа ва моликияти умумӣ бартараф созанд. Баръакс, сотсиал-демократҳо тарафдори ислоҳоти тадриҷӣ буданд ва мекӯшиданд бо коҳиш додани нобаробарии моддӣ ва аз байн бурдани камбизоатӣ низоми сармоядориро ислоҳ ё «инсонӣ» кунанд.

Дар тӯли асри XX, ҳаракати сотсиалистӣ ба ду ҷараёни ба ҳам муқобил тақсим шуд. Бо вуҷуди ин, ҳарду шакли ҷараёни сотсиализм дар охири асри XX ба буҳрон рӯ ба рӯ шуданд, ки фоҷиаи он суқути низоми коммунизми анъанавӣ буд.

Мо дар рисола сотсиализмро ҳамчун ақида ё идеологияи сиёсӣ дар назар дорем, ки бо маҷмуи муайяни ғояҳо, арзишҳо ва назарияҳо тавсиф

меёбад. Муҳимтарини онҳо аз ҷомеа (community), ҳамкорӣ (cooperation), баробарӣ (equality), сиёсати синфӣ (class politics) ва моликияти умумӣ (common ownership) иборат мебошанд.

Дар асл, сотсиализм як таълимоти муттаҳидкунандаи инсонҳоро ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ пешкаш мекунад – мавҷудоте, ки қодир ба рафъи мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо роҳи қудрати ҷомеа, на танҳо бо кӯшиши шахсӣ мебошанд. Ин дид дастаҷамъона аст, зеро қобилияти инсонҳоро ба амали дастҷамъона, инчунин омодагӣ ва тавоноии онҳоро барои расидан ба ҳадафҳо бо ҳамкорӣ, на тавассути манфиатҳои инфиродӣ ҳидоят мекунад.

Дар замони муосир зуҳури чанд идеологияи дигари чолишбарангез ҷой дорад, ки намунаи он бунёдгароии (фундаментализми) динӣ мебошад. Истилоҳи «бунёдгароӣ» баҳсбарангез аст. Он ба таври маъмул бо исрорпазирӣ, догматизм, ҳокимият, ҳатто хушунат алоқаманд мебошад. Аз ин сабаб, аксари онҳое, ки ҳамчун фундаменталист тасниф шудаанд, ин истилоҳро ҳамчун бунёдгароӣ меноманд ва ба ҷойи он, худро ҳамчун «анъанавӣ», «консервативӣ», «евангелистӣ», «исломистӣ» ва ғайра тавсиф мекунанд. Ба фундаментализми динӣ, аз ин рӯ, рад кардани тафовут байни дин ва сиёсат хос аст. Ҳамин тавр, майлҳои бунёдгароёна метавонанд дар ҳама динҳои бузурги ҷаҳон – насронӣ, ислом, яҳудӣ, буддоӣ ва сикҳӣ – муайян шаванд ва мақсадҳои онҳо барпо намудани теократия аст, ки дар он давлат бар асоси принсипҳои динӣ сохта мешавад [355]. Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки арзишҳои хос ва хосияти бунёдгароии динӣ – дин ҳамчун сиёсат, ҳақиқатҳои муҳим, зиддият ба замони муосир, ҷангҷӯ, таҳаммулнопазирӣ ва ғайра мебошанд.

Салафия яке аз шаклҳои асосии мафкураи исломӣ аст, ки аз қаринаи мазҳаби суннии аксарият дар ислом ба вуҷуд омадааст. Салафия ҳамчун мактаби фикрии исломӣ ҳанӯз дар замони зиндагии Муҳаммад пайғамбари ислом арзи ҳастӣ намуда, дар нимаи дуюми асри XIX рушд кард, ки асосан

дар аксуламал ба паҳншавии ғояҳо ва таъсири Аврупо буд. Тақозои асосии он, кашф кардани решаҳои модернизм дар тамаддуни Ғарб бо мақсади нест кардани онҳо буд. Бо вуҷуди ин, дар ҳоле ки ваҳҳобия барои ҳифзи арзишҳои анъанавӣ кӯшиш мекард, салафия ба ҳаракати фаъол ва инқилобӣ рӯ овард. Гурӯҳҳои ҷиҳодӣ, ки аз дар ҷанги Афғонистон дар солҳои 1980 таъсис ёфтаанд ё илҳом гирифтанд, салафияро ба идеологияи муборизаи зидди Ғарб табдил доданд, ки боиси ташкили ҷараёни «салафизми ҷиҳодӣ» гардид.

Дар илмҳои иҷтимоии Тоҷикистон таъсири манфии ин мафкура ба ҳаёти сиёсии низомҳои хусусияти дунявидошта хеле амиқ таҳлил гардидааст. Масалан, муҳаққиқи ватанӣ Қ.Нурулҳақов қайд мекунад, ки таблиғи оммавии андешаҳои салафигароӣ бар асоси такфир, ки бар хилофи анъанаҳои мардумӣ-мазҳабии мусулмонони кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад ва метавонад сабаби барангехтани кинаву адовати динӣ ва низои байнимазҳабӣ ва байнифирқавӣ дар ин кишварҳо гардад [114, с.141].

Муносибати интиқодиро ба салафия дигар муҳаққиқони ватанӣ дар мақолаю корҳои илмии худ қайд намуда, онро шидидан маҳкум мекунанд [285; 95; 125]. Аз ҷумла академик К.Олимов зимни сайри таърихӣ пайомадҳои манфии чунин тамоюлро дар мисоли давлатдории Сомониён хеле равшан таҳлил намудааст: «Дар давраи Сомониён идеологияи ҳоким дини ислом бошад ҳам, ба туфайли кӯшишҳои эҳёгароёнаи зиёиёни ин давра, таассуби мазҳабӣ хеле кунд шуда, пайравони динҳои бостонии аҷамӣ, аз ҷумла, зардуштию монавӣ ва буддоӣ ҳам, то андозае фаъолият доштанд... Ин таҳаввул дар афкор ва тарзи давлатдорӣ тақозои мантиқии пешрафти ҷомеа буд. Вале, мутаассифона, баъдтар дар натиҷаи авҷ гирифтани ҷангҳои дохилӣ дар сулолаҳои ҳукмрони салтанатӣ, низоъҳои мазҳабӣ ва таассубҳои шадид ҷомеаи форсизабонон ба таназзул рӯ овард.

Иддае бар ин ақида буданд ва имрӯз низ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷонибдоронашон ҳастанд, ки мехоҳанд низоми давлатдорӣ бояд

бар пояи дин устувор гардад ва аз сохти давлатдории дунявӣ даст кашида шавад. Зеро, ба ақидаи онҳо, дунявӣ харобкунандаи дин, инкори дин ва ба ибораи дигар куфр аст» [115, с.31].

Дар этикаи муосир аксар маврид бисёрфарҳангиюро таҳаммулгароӣ ба сифати мафкураи алоҳида дониста мешавад, дар ҳоле онро дар мағзи бисёр идеологияҳои муосир мушоҳида намудан мумкин аст. Барои исботи ин андеша, мо мехоҳем муҳтавои тамоюли ҷалби таваҷҷуҳи мафкураҳоро ба омили бисёрфарҳангӣ ё мултикултурализм нишон диҳем.

Гарчанде ҷомеаҳои бисёрфарҳангӣ дер боз вуҷуд доранд, вале ин мафҳум умдатан дар солҳои охири асри XX ривоҷ ёфт. Он бори аввал соли 1965 дар Канада барои тавсифи равиши хос ба масъалаи гуногунии фарҳангӣ истифода шуд. Соли 1971, бисёрфарҳангӣ, ё «бисёрфарҳангӣ дар чорчӯбаи дузабонагӣ», расман ҳамчун сиёсати давлатӣ дар Канада қабул гардид, ки асос барои қабули Қонуни бисёрфарҳангӣ дар соли 1988 асос гардид. Австралия низ дар аввали солҳои 1970 расман худро кишвари бисёрфарҳангӣ эълон кард ва ба бисёрфарҳангӣ уҳдадор шуд. Бо вуҷуди ин, истилоҳи «бисёрфарҳангӣ» танҳо аз солҳои 1990 ба ин сӯ, дар баҳсҳои васеи сиёсӣ, аҳаммияти бештар пайдо кард.

Бисёрфарҳангӣ бештар як майдони баҳси ғоявӣ аст, на як идеологияи мустақил. Ҳамчун майдони баҳс, он як қатор назарҳоро дар бораи натиҷаҳои афзояндаи гуногунии фарҳангӣ дар бар мегирад ва махсусан, дар бораи он ки чӣ гуна тафовутҳои фарҳангӣ метавонанд бо ваҳдати шаҳрвандӣ созгор бошанд. Пас, мавзуи асосии он гуногунӣ дар доираи ваҳдат аст. Мавқеи бисёрфарҳангӣ маънои дастгирии мусбати гуногунӣ дар ҷомеаро дорад, ки бар ҳуқуқи гурӯҳҳои гуногуни фарҳангӣ ба эътироф ва эҳтиром асос ёфтааст. Дар ин маънӣ, он аҳаммияти эътиқодҳо, арзишҳо ва тарзи зиндагиро дар ташаккули ҳисси қадр ва арзишмандӣ барои шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо эътироф мекунад. Фарҳангҳои вижа, хусусан, онҳое ки ба гурӯҳҳои ақаллият ё осебпазир тааллуқ доранд, бояд муҳофизат шаванд ва тақвият ёбанд. Бо вуҷуди ин, чандин намунаи

рақобаткунандаи ҷомеаҳои бисёрфарҳангӣ мавҷуданд. Онҳо ба андешаҳои либерализм, плюрализм ва космополитизм такя мекунанд, ки ҳар кадом тавозуни гуногунро байни ягонагӣ ва фарқият пешниҳод мекунанд [224, с.225].

Истилоҳи «бисёрфарҳангӣ» (multiculturalism) ба шаклҳои гуногун, ҳам дар маънои тавсифӣ ва ҳам арзишӣ, истифода мешавад. Дар маънои арзишӣ (нормативӣ), бисёрфарҳангӣ маънои дастгирии мусбат, ҳатто ҷашни гуногунрангии дастаҷамъиро дорад. Бо вуҷуди ин, бисёрфарҳангӣ бештар як «фазои идеологӣ» аст, на идеологияи сиёсӣ дар маънои комил. Ба ҷойи пешкаш кардани ҷаҳонбинии мукаммал, ки дорои назарияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ оид ба «ҷомеаи идеалӣ» бошад, бисёрфарҳангӣ бештар майдони баҳсҳои муҳимми рӯзмарра дар бораи тавозуни байни гуногунии фарҳангӣ ва ваҳдати шаҳрвандӣ дар ҷомеаҳои муосир мебошад.

Бо ин ҳама, метавон мавқеи мушаххаси идеологии бисёрфарҳангиро муайян кард. Мавзуъҳои муҳимми дохили бисёрфарҳангӣ аз постколониализм, сиёсати эътироф, фарҳанг ва ҳувият, ҳуқуқҳои ақаллиятҳо, ваҳдат дар гуногунӣ иборатанд.

Ҳамин тавр, бо такя аз тамоюли равандҳои муосир аксари муҳаққиқон идеологияро акнун маҷмуи ҳақиқатҳо ва усулҳое медонанд, ки мо аз рӯйи онҳо зиндагӣ мекунем ва бо дигарон муносибатҳои гуногунҷанба барқарор месозем [281, с.8]. Сиёсатшинос ва файласуфи муосири амрикоӣ Змигруд Леор чунин мефармояд: «Фарқ надорад, ки рисолати идеологии мо қадимист ё нав, динӣ аст ё дунявӣ, муҳофизакорона аст ё ақибгароёна, ба таври рақамӣ интиқол ёфтааст ё дар шакли зинда – он моро омода месозад, ки дурустро аз нодуруст, некро аз бад, қарорҳои ахлоқиро аз бемаъноӣ ё худписандӣ фарқ кунем» [281, с.9].

Дар робита бо таҳлилҳои зикрёфта бояд таъкид кард, ки ҳизбу ҳаракатҳои дар Тоҷикистони муосир амалкунанда вобаста ба мақсадҳои фаъолияташон ва ҷалбу муттаҳид намудани оммаи васеи мардум дар

атрофи ин ҳадафҳо, ниёз ба пуштибонӣ аз арзишҳои муайяни ахлоқӣ низ доранд ва талош меварзанд инро нишон диҳанд. Мусаллам аст, ки ин арзишҳо дар барномаю ҳуҷҷатҳои муҳимми ҳизбҳо инъикос меёбад ва онҳо бо такя аз ин арзишҳо, фаъолияти худро пеш мебаранд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар ҳизбу ҳаракатҳои дар Тоҷикистон амалкунанда чанд сол қабл Кодекси ахлоқи аъзои ҳизбро қабул намуд, ки назираш дар амалияи ҳизбшиносӣ-партология кам аст.

Одобномаи корманди ҳизбӣ санади муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва касбии кормандони ҳизбро муқаррар намуда, заминаи таъмини интизоми дохилӣ ва ягонагии сохтори сиёсии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ба шумор мебошад. Санади мазкур ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва масъулияти аъзои ҳизб таҳия гардида, бар асоси дастури Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарори Маҷлиси Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2018, № 1 тасдиқ гардидааст.

Мубрамии санади мазкур ба он асос меёбад, ки қоидаҳои возеҳи рафторро инъикос менамояд, ки дар навбати худ, ба ташаккули симои мусбати ҳизб ҳамчун ташкилоти масъул ва шаффоф мусоидат намуда, боварии интихобкунандагон ва аҳли ҷомеаро нисбати ба он афзун мегардонад.

Аз ин рӯ, моҳияти санади мазкур аз он иборат аст, ки муносибатҳои байни кормандони ҳизб, инчунин, робита бо ҳизбҳои дигар ва субъектҳои беруна, аз ҷумла, интихобкунандагон, мақомоти давлатӣ ва дигар неруҳои сиёсиро танзим менамояд. Бо дарназардошти ин, санади мазкур на танҳо ҳамчун воситаи назорати дохилӣ, балки механизми ҳисоботдиҳӣ хизмат мекунад, ки бахусус дар ҷомеаи демократӣ, ки шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ омили асосии қонунияти ниҳодҳои сиёсӣ мегардад, муҳим мебошад.

Дар робита ба ҷанбаҳои илман асосноки санади мазкур, бояд қайд

намуд, ки таҳияи ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизб тавассути меъёрҳои ягонаи рафтор, ки хатари фасод ва дигар қонуншиканиҳоро ба ҳадди ақалл мерасонад, мусоидат мекунад. Меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраргардида ба пешгирии зиддияти манфиатҳо мусоидат намуда, новобаста аз мансубияти миллию этникӣ, маҳаллию забонӣ, маданияти эҳтироми байниҳамдигарӣ ва ҳамкории муштараки судмандро дар миёни аъзои ҳизб таҳким мебахшад. Ин, дар навбати худ, ба фаъолияти дастаҷамъона, ки дар шароити рақобати сиёсӣ муҳим аст, мусоидат менамояд.

Илова бар ин, санади мазкур барои тарбия ва такмили маҳорату малакаи кормандони ҳизбӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки вазифа ва масъулияти худро дар назди ҳизб ва ҷомеа бо дарназардошти равандҳои гуногун дарк намоянд. Вобаста ба ин, санади мазкур воситаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти кормандони ҳизб арзёбӣ гардида, имкон фароҳам меорад, ки мушкилоти фаъолияти онҳо саривақт ошкор ва бартараф шаванд. Дар ин шароит санади мазкур, на фақат маҷмуи қоидаҳо, балки воситаи муҳимми идораи захираҳои инсонӣ дар дохили ҳизб арзёбӣ мегардад.

Доираи фарогирии кормандон ва қатъӣ будани риояи талаботи санади мазкур, яке аз масъалаҳои меҳварӣ мебошад, ки ба тамоми доираҳои кормандони ҳизбӣ, ҳатто роҳбарон, зарурати муносибати ягона ба масъалаҳои масъулиятшиносӣ ва риояи меъёрҳоро таъкид мекунад.

Аз нуқтаи назари амали ташкилӣ, дақиқ муайян намудани доираи кормандон бо мақсади риояи ҳатмии санади мазкур, сарҳадҳои равшанро ба вуҷуд меорад, ки дар доираи он ҳар як узви ҳизб масъулият ва салоҳиятҳои худро дарк менамояд. Маҳз ин омил ба риояи маданияти масъулиятшиносӣ мусоидат менамояд, то ҳар шахс мавқеи худро дар низоми умумии фаъолият эҳсос намояд. Тибқи назарияи шахсияти иҷтимоӣ, аъзои ҳизб, ки бо арзишҳо ва рисолати он шинос мешавад, аз рӯйи усули инсонгароёна аксарияти меъёрҳои онро риоя мекунад. Зеро,

риояи меъёрҳои мазкур, на танҳо талабот, балки ба хусусияти рафтори шахс ҳамчун узви ҳизб табдил меёбад.

Аз ҷониби дигар, риоя намудани Одобномаи корманди ҳизбӣ ҷиҳати пойдор гардондани обрӯй, эътибори ҳизб ва боварии интихобкунандагон қатъиян зарур мебошад. Аз ҷумла, ахлоқи роҳбарӣ дар ин замина омили муҳим ба шумор меравад. Маҳз ин санад роҳбаронро муваззаф мегардонад, ки меъёрҳои баланди ахлоқӣ нишон дода, дар навбати худ ба рафтори кормандон таъсири мусбат расонанд. Мувофиқи назарияи адолат, агар аъзоёни ҳизб мушоҳида намоянд, ки меъёрҳои ин санад нисбат ба ҳама баробар ва одилона татбиқ мешаванд, онҳо бештар пойбанди риояи талаботҳои интизоми меҳнат мегарданд. Яъне, омили мазкур аҳаммияти шаффофият ва пайдарпайиро дар татбиқи қоидаҳо нишон медиҳад.

Набояд фаромӯш сохт, ки татбиқи Одобномаи корманди ҳизбӣ муносибати мунтазамро талаб мекунад. Барномаҳои омӯзишӣ ва тарғиби меъёрҳо ба кормандон дар дарки аҳаммият ва талаботи он кумак мекунад. Моделҳои тағйир додани рафтор метавонанд барои таҳияи стратегияҳо дар самти ҷалби кормандон ба раванди мутобиқат истифода шаванд. Арзёбии мунтазами риояи санади мазкур самтҳои беҳбудиро муайян мекунад ва дар ҳолати зарурӣ сиёсатро мутобиқ мегардонад.

Аз ин рӯ, доираи фаъолияти кормандон ва риояи қатъии санади мазкур, ҷанбаи асосии фаъолияти самарабахши ҳизби сиёсӣ мебошанд. Истифодаи усулҳои асоснок дар муайян намудани мавқеъҳо, риояи меъёрҳо ва назорати татбиқи онҳо ба баланд гардидани дараҷаи масъулият ва одоби аъзоёни ҳизб муосидат менамояд, ки дар навбати худ эътимоди ҷомеаро нисбат ба ҳизб таҳким мебахшад.

Зарурати дарки усулҳои одоби корманди ҳизбӣ дар шароити сиёсии Тоҷикистони муосири на танҳо муҳим, балки барои таъмини рушди устувори низоми сиёсии кишвар, таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба ниҳодҳои давлатӣ ва ташаккули меъёрҳои демократӣ аҳаммияти

аввалиндараҷа дорад.

Чуноне, ки Маҳатма Ганди гуфтааст: «инсон маҳсули андешаҳои худ аст. Он чизе ки ӯ фикр мекунад, ҳамон мешавад». Яъне, амалҳои ҳар як корманд дар фаъолияти ҳизбӣ аз доираи дарки у вобаста аст. Масалан, «қонуният» ҳамчун усули асосӣ, мутобиқати тамоми амали кормандони ҳизбиро ба қонунҳои мамлакат талаб менамояд. Ин равиш барои фаъолияти сохторҳои сиёсӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонро таъмин менамояд. Дар шароити Тоҷикистон, ки низоми ҳуқуқӣ ҳанӯз дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор дорад, риояи қонун ниҳоят муҳим мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қонунро вайрон кардани кормандони ҳизбӣ боиси аз даст додани боварии интихобкунандагон ва омма мегардад. Ҳамин тариқ, амалҳои фасодкорӣ ва сӯиистифода аз мақом қонунияти ҳизбҳоро халалдор намуда, қобилияти онҳоро дар ҳимояи манфиатҳои мардум зери суол мебарад.

Таърих гувоҳ аст, ки қиматтарин арзиш дар маданияти инсоният ин «эҳтиром» мебошад. Аз ин рӯ, «афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон» қисми таркибии одоби кормандони ҳизбӣ мебошад. Бо дарназардошти гуногунии фарҳангҳо ва гурӯҳҳои этникӣ дар Тоҷикистон муҳим аст, ки кормандони ҳизб ҳуқуқҳои ҳамаи шаҳрвандонро, сарфи назар аз миллаташон, эҳтиром намоянд.

Инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ тақозо мекунад, ки аъзои ҳизб дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, фаъолона иштирок намоянд. Намунаҳои барномаҳои муваффақи иҷтимоӣ, ки бо ташаббуси ҳизбҳо таҳия шудаанд, метавонанд далели равшани он гарданд, ки чӣ гуна ин усул ба беҳтар гардидани ҳаёти шаҳрвандон ва таҳкими суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Дар робита ба усули «ошкорбаёнӣ» дар фаъолияти ҳизбӣ бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷомеаи муосири иттилоотӣ ошкорбаёнӣ ва дастрасии иттилоот ба шарти зарурии фаъолияти самараноки ҳизбҳо

табдил ёфтааст. Намунаи кишварҳое, ки сатҳи шаффофияти баланд доранд, нишон медиҳанд, ки ошкорбаёнӣ ба коҳиши фасод ва баланд бардоштани масъулияти сиёсатмадорон дар назди ҷомеа мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд бо рақибони худ озодона баҳсҳои сиёсиро ташкил намоянд ва дар натиҷагириҳои онҳо шаҳрвандон ба ҳаёти сиёсӣ бештар ҷалб гардида, сатҳи демократии давлат боз устувортар мегардад.

«Таҳаммулпазирӣ, адолат ва беғаразӣ» ба гурӯҳи методҳое муҳимме дохил мешаванд, ки дар дохили давлатҳо вазъи мусоидро баҳри тафоҳум ва таъмини равобит ба миён оварда, маданияти сиёсии аҳолиро густариш медиҳанд ва ин дар навбати худ фаъолияти аҳзоби сиёсиро пурсамар мегардонад.

Элеонора Рузвелт иброз медорад: «Шахс танҳо дар ҳолате метавонад ба дигарон содиқ бошад, ки аввал ба худ садоқат нишон диҳад». Яъне, дарки аҳаммияти усулҳои болозикр, ҳар як шахси поквиҷдонро муваззаф мегардонад, ки нисбат ба дигарон муносибати башардӯстонаро риоя намояд.

«Қатъият, касбият ва салоҳиятнокӣ» аз ҷумлаи хислатҳои зарурии кормандони ҳизбӣ дар шароити таҳаввули иҷтимоӣ мебошанд. Чунончи, қобилияти қабули қарорҳои асоснок дар натиҷаи таҳлили маълумот ва далелҳо барои пешгирӣ кардани хатогиҳо ва мусоидат ба идоракунии муассир кумак мекунад. Аз ин рӯ, дар сафҳои ҳизбӣ фаъолият намудани мутахассисони баландихтисос, ба болоравии сифати қарорҳои қабулшуда ва таҳкими мавқеи ҳизб дар арсаи сиёсӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, дарки воқеӣ ва риояи усулҳои ахлоқи кормандони ҳизбӣ шарти зарурии фаъолияти суботкоронаи ҲХДТ мебошад. Ин усулҳо на танҳо ба таҳкими эътимоди ҷомеа ба ниҳодҳои сиёсӣ мусоидат мекунанд, балки барои рушди устувори кишвар дар баробари чолишҳои ҷаҳонӣ ва мушкилоти дохилӣ замина фароҳам меоранд. Набояд фаромӯш кард, ки дар баробари маънои анъанавии одоб, инчунин он маънои вазоифи ҷонии

ҳар аъзои ҳизбро ифода мекунад, ки ӯ баҳри манофеи халқ ва давлат ҷоннисорӣ мекунад.

Риояи қоидаҳои рафтори корманди ҳизбӣ ҳамчун уҳдадорӣ, ки дар Одобномаи корманди ҳизбӣ муайян шудааст, ҳамчун меъёри расмӣ, унсури муҳимми таъмини қонуният ва эътимод ба ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити таҳаввули ҷомеа мебошад.

Ба андешаи файласуфи немис Алберт Швейтсер: «Этикаи воқеӣ на танҳо дар сухан, балки дар рафтору амал инъикос мегардад» [165]. Яъне, риояи қоидаҳои рафтор корманди ҳизбиро уҳдадор месозад, ки дар амал намунаи воқеии шахсияти ҳизбӣ бошад.

Таҷрибаи муваффақ дар як қатор кишварҳо нишон медиҳад, ки риояи меъёрҳои ахлоқӣ на танҳо обрӯйи ҳизбҳоро боло мебарад, балки рақобатпазирии онҳоро дар арсаи сиёсӣ афзоиш медиҳад. Масалан, дар баъзе кишварҳои демократии Аврупо таҳия ва татбиқи кодексҳои ахлоқии кормандони ҳизбӣ боиси коҳиши назарраси фасод ва афзоиши шаффофият дар равандҳои сиёсӣ гардид.

Дар шароити Тоҷикистон риояи қоидаҳои рафтори кормандони ҳизбӣ бо дарназардошти хусусиятҳои таърихию мадании мамлакат аҳаммияти сарнавиштсоз дорад. Меъёрҳои ахлоқӣ, ки дар Одобномаи корманди ҳизбӣ пешбинӣ шудаанд, ба шароит ва воқеиятҳои маҳаллӣ мутобиқ гардонида шудаанд, ки ба фароҳам овардани фазои устувор ва фарогирандаи сиёсӣ мусоидат мекунанд. Намунаҳои воқеии ташаббусҳои муваффақ, ки ба баланд бардоштани масъулияти ахлоқии кормандони ҳизб нигаронида шудаанд, барои таҳияи механизмҳои самарабахши назорати риояи ин меъёрҳо асос шуда метавонанд.

Чунончӣ дар боби 5-уми санади мазкур дарҷ гардидааст, фаъолияти комиссияи назорат ва риояи одоби кормандони ҳизбӣ ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунии дохилиҳизбӣ ба шумор рафта, механизми муҳимми таъмини риояи меъёрҳо мебошад. Дар шароити рақобатҳои

шадид миёни ҳизбҳои сиёсӣ вазифаҳои ин комиссия аз доираи назорат фаротар буда, ба абзори стратегии мониторингӣ табдил меёбад, ки ба ташаккули фарҳанги масъулиятшиносӣ ва салоҳиятнокӣ дар байни кормандони ҳизб мусоидат мекунад.

Комиссия бо ваколати худ оид ба гузаронидани санҷишҳо ва таҳлили риояи меъёрҳои ахлоқӣ на танҳо ҳодисаҳои қоидавайронкуниро ошкор менамояд, балки барои пешгирии намудани падидаҳои номатлуб дар рафтору ахлоқ тавсияҳои судмандро ҳамчун дастурамали ҳуқуқӣ таҳия менамояд.

Бояд гуфт, ки самаранокии фаъолияти комиссия бевосита ба мустақилият ва шаффофияти он вобаста аст, ки ин зарурати ташкили тартиботи возеҳи муносибат бо омма ва механизми боздидро дар назар дорад, ки ба шаҳрванд ва аъзоёни ҳизб имкон медиҳанд, ки роҷеъ ба қоидавайронкуниҳои эҳтимолӣ бидуни тарсу ҳарос мурочиат намоянд.

Илова бар ин, комиссия ба фаъолияти тарбиявӣ, ки мақсади баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокии кормандони ҳизбӣ роҷеъ ба аҳаммияти меъёрҳои ахлоқӣ ва нақши онҳо дар таҳкими равандҳои демократӣ мебошад, фаъолона машғул мешавад.

Дар маҷмуъ, Одобномаи корманди ҳизбӣ қисми таркибии раванди кунунии сиёсӣ буда, ҳамкории мутаносиби ҷонибҳои дохилӣ ва берунии ҳаёти ҳизбиро таъмин менамояд. Аҳаммияти он бо чорчӯбаи расмӣ маҳдуд нагардида, ба фарҳанги созмондиҳии ҳизб амиқ ворид шуда, арзишҳо ва афзалиятҳои онро ташаккул медиҳад.

Ҳамин тавр, зарурияти таърихӣ ҳамеша дар заминаи талаботҳои марҳалаи муайяни рушди ҷомеа ташаккул ёфта, дар мундариҷаи шуури ҷамъиятӣ ба таври хос инъикос меёбад ва онро соҳибназарону субъектҳои фаъоли таърихӣ бо интихоби намунаи беҳтарини роҳи рушди минбаъдаи ҷомеа амалӣ мегардонанд. Таъмини ҷанбаи ахлоқии фаъолияти ҳизбӣ маҳз аз дарки воқеии ҳамин зарурияти таърихии марҳалаи имрӯзаи инкишофи ҷомеаи мо сарчашма гирифта, орзӯю омоли мардуми сарзаминро барои

истеҳкоми минбаъдаи пояҳои давлатдории миллӣ, расидан ба қуллаҳои муроди зиндагии шоиста, бунёди ҷомеаи рушдкардаи муосир ифода менамояд. Зеро дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир барои паймудани ин роҳ ҷомеа ба чунин кодексҳои ахлоқи сиёсӣ ниёз дорад, ки дар умқи дилу дидаи мардум бо мазмуну мундариҷаашон ҷой гирифта, қаблан эътимоди росиху устувори кулли сокинони кишварро ба даст оварда бошад. Боиси ифтихору сарбаландии мост, ки ҲХДТ ва сарвари онро кулли сокинони кишварамон бо эътимод «мардумӣ» унвон мекунанду дар асоси иродаю боварии қавӣ атрофи онҳо муттаҳид мешаванд. Чунин истиқболу эҳтироми беолоиш, пеш аз ҳама, дар асоси дарку амалисозии талаботу манфиатҳои мардум ба амал омадааст, ки самараи онро мо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, соҳаи истеҳсолот, илму фарҳанги мамлакат ва ғайра равшан мушоҳида менамоем.

Чунин арзёбиро нисбат ба ҳадафҳои бо меъёру арзишҳои писандидаи ахлоқӣ истеҳкомёфтаи ҲХДТ муҳаққиқ А.Азизӣ хеле нишонрас баён намудааст: «Таблиғ ва истифодаи арзишҳои маънавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ миёни аҳолӣ ва муқобилият ба таҳоҷуми фарҳанги бегона яке аз вазифаҳои муҳимму муқаддаси сохтори ҳизбии мо ба шумор меравад. Дорои таъриху фарҳанги ғановатманду қадима будани миллати мо барои соири ҷаҳониён маълум аст. Ин арзишҳои пурқимати маънавиро бояд дар шароити ҷаҳонишавӣ самаранок истифода намоем» [14, с.34].

Дар маҷмуъ ташаккули низоми ҳизбӣ дар давлат ба рушди демократикунонии он таъсиргузор мебошад ва дар баробари он ба пешрафти давлат мусоидат хоҳад намуд. Аз дигар тараф, давлатҳои мухталиф вобаста ба мавқеи ишғолкардаи давлати худ ва низоми сиёсии дар он амалкунанда амалҳои сиёсии якдигарро вобаста ба арзишҳои ахлоқӣ баҳогузорӣ мекунанд, ки дар мақоми давлат дар саҳнаи байналмилал мушаххасот ворид менамояд.

5.2. Таѓйири дидгоҳ ва мавқеъгириҳои кишварҳо нисбат ба баҳодиҳии ахлоқии амалҳои сиёсии ҳамдигар дар замони муосир

Падидаи илмии ҷолиби таваҷҷуҳи замони муосир аз он иборат мебошад, ки протсессҳои баҳамзид зина ба зина боиси дигагуншавии интихоб ва мавқеъгирии ахлоқии давлатҳои ҷаҳонӣ перомуни амалҳои сиёсӣ дар марзи якдигар мегардад. Агар пештар доираи кишварҳои пешрафтаи саноатӣ дар симои давлатҳои ғарбӣ, ки худро такягоҳи ягонаи арзишҳои демократӣ муаррифӣ мекарданд, барои кишварҳои дигар намунаи арзёбии ахлоқии амалҳои сиёсӣ ва равандҳои дар кишварҳои дигар ҷараёндоштаро дар ихтиёр доштанд, имрӯз дар ин самт дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меоянд [86, с.3-5]. Ин таѓйиротҳо, дар навбати аввал, ба мавқеъгирии фаъоли таъсири давлатҳои Олами Ҷануби глобалӣ вобастагӣ доранд, чун онҳо иқтисодиёти пешрафтаро соҳиб гашта итодаанд ва табиист, ки таъсиррасониҳои онҳо дар ҳалли масоили ҷаҳонӣ рӯз то рӯз бештар гашта, нуқтаи назари онҳо бевосита ба инобат гирифта мешавад.

Ҳолати зикргашта баъд аз ба сари ҳокимият омадани маъмурияти ахирани сиёсӣ дар ИМА фаъол гашт, чун онҳо давлатҳои иттифоқчиёни худро бо кам шудани сатҳи демократия дар марзҳояшон мавриди интиқоди шадид қарор доданд. Хусусан изҳороти ноиби президенти Амрико Ҷ.Д. Вэнс оид ба ин масъала дар конфронси амниятии Мюнхен хусусияти таърихӣ гирифт. Ҷей Ди Вэнс роҳбарияти Иттиҳоди Аврупо ва бештари сарварони давлатҳои аъзои ин ниҳодро интиқод намуд, ки онҳо меъёрҳои низоми демократиро дар ҳаёти дохилияшон риоя намекунанд. Барои исботи чунин қазовати калидияш ӯ асосҳои зеринро баён намуд:

- манбаи таҳдидҳои амниятии Иттиҳоди Аврупо на Русия ва Чин, балки риоя нагардидани меъёрҳои демократӣ дар ҳаёти дохилии кишварҳои узви Иттиҳод ба шумор мераванд;
- кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бояд на танҳо аз арзишҳои демократӣ сухан гӯянд, балки худашон бо ин арзишҳо зиндагӣ карданро

биомӯзанд;

- ИМА аз иқдомҳои кишварҳои Иттиҳоди Аврупо барои эҷоди монеа нисбат ба талоши ба сари қудрат омадани ҳизбу ҳаракатҳои ростгаро на танҳо дар дохил, балки берун аз ҳудуди Иттиҳоди Аврупо низ таассуф мехӯрад. Бинобар ин, лағви натиҷаҳои интихоботии дар Руминия баргузоршуда, ки дар он намояндаи ҳизби ростгаро Кэлин Ҷорҷеску пешсаф буд, амали ғайридемократӣ ба шумор меравад. Дар ин замина ҷой доштани мудохилаи берунаро ба натиҷаҳои интихоботи баргузоршуда ночиз шуморида, таъкид намуд, ки агар низоми демократиро паҳнсозии тарғиботи маҷозии рақамӣ ноустувор созад, пас ин низом аслан эътибор надорад;
- барои роҳбарияти кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба даст овардани ваколати эътибордоштаи роҳбарикунӣ аз мардум зарур аст, то вазифаю салоҳиятҳои худашонро самаранок иҷро кунанд. Барои ин бояд эҷоди ҳар гуна монеа барои ҳизбу ҳаракатҳои ростгаро (консервативӣ) ба канор гузошта шавад. Ҷей Ди Вэнс барои мисол, интихоботи охири Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро мисол овард, ки новобаста аз ҳар гуна мудохилаҳо бо муваффақият баргузор шуд;
- Вэнс зимни хулосааш ҳадафи номи ин конференсияро, ки ба таҳкими амният нигаронида шудааст, зери суол қарор дода, таъкид намуд, ки агар Шумо аз садои мардуми худ меҳаросед, пас амният маънои худашро гум мекунад. Амрико барои таъмини кафолати амнияти кишварҳои аврупоӣ дигар уҳдадор нест ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ҳам бояд дар ҷустуҷӯйи таъмини амнияти худ бошанд [369].

Ҳамин тавр, хулосаи суханронии ноиби президенти Амрико барои аксари иштирокдорони ин ҳамоиш ғайричашмдошт буд ва руҳияи ҳизбу ҳаракатҳои ростгарои аврупоиро баланд бардошт. Аз ҷумла, арзёбии таъсири манфии раванди беназорати муҳоҷират ҳамчун хатари амниятӣ барои ин қувваҳо муҳим буд, зеро онҳо дар шиорҳои пешазинтихоботияшон бештар ба ин масъала такя мекунанд. Президенти

ИМА Д.Трамп низ суханронии ноибашро олӣ арзёбӣ кард.

Дар посух ба мавқеъгирии намояндаи воломақоми ИМА президенти Германия В.Штайнмайер, роҳбарони кишварҳои Иттиҳоди Аврупоро ба зарурияти дарки масъулияти таъмини мустақилонаи амнияти минтақа ва барқарорсозии нақши Аврупо дар ҳаллу идораи масъалаҳои глобалӣ даъват намуд. Ӯ роҳбарони кишварҳои Иттиҳоди Аврупоро ба оҳуҳое ташбеҳ дод, ки дар рӯ ба рӯйи равшании чароғ сардаргум мезананд. Чунин рафтор, ба андешаи вай, барои дарёфти роҳи манфиатноки ҳалли масъалаҳои минтақавию глобалӣ мусоидат намекунад, зеро «мо субъекти муносибатҳои байналмилалӣ ҳастем, на объекти он».

Эроди ҷиддии президенти Германия В.Штайнмайер аз ИМА аз он иборат буд, ки ин кишвар аз тартиботи 80 сол қабл пазируфташуда дигар содиқона пайравӣ намекунад ва ин амал боиси илҳомбахшии кишварҳое ба монанди Россия ва Чин шудааст, ки қоидаю тартиботи роиҷи байналмилалиро риоя намекунанд. Нисбат ба Д.Трамп дар суханронии ӯ ҳуҷуми сиёсӣ ҷой дошт ва ин аз он иборат буд, ки «як гурӯҳ элитаи соҳибкорон соҳиби қудрат гардида, мехоҳанд бо хоҳишу воситаҳояшон тартиботи ҷории низоми демократии либералиро бознигарӣ кунанд». В.Штайнмайер бо ибрози ин қазоват такрор намуд, ки чунин ҳолат боиси нигаронии амиқи ӯ шудааст.

Нисбат ба паҳлуҳои гуногуни суханронии Ҷей Ди Вэнс баъзе роҳбарони воломақоми аршади Итиҳоди Аврупо то аллакай изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, роҳбари ниҳоди дипломатии Иттиҳоди Аврупо К.Каллас танқидҳои Вэнсро нибат ба вазъи демократия дар Иттиҳоди Аврупо иғвоангез арзёбӣ кард: «Ин нуқтаро шунида, ба назарам чунин менамояд, ки ИМА моро ба ҷанг иғво мекунад». Дар ин ҳамоиш роҳбари Комиссияи Аврупо Фон дер Ляйен сиёсати иқтисодии пешгирифтаи маъмурияти нави Амрикоро танқид намуда, изҳор дошт, ки кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба ин амалҳо чораандешӣ мекунанд. Албатта,

барои давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба иқдомҳои ҳукумати кунунии ИМА чораандешӣ душвор аст, зеро бештари роҳбарони давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар қабули қарорҳои сиёсӣ мустақил нестанд ва давлатҳои Аврупо дар навбати худ истиқлолияти давлатии устуворро надоранд. Дар ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ овози охирон аз ИМА буд ва давлатҳои аврупоӣ то андозае ба чунин тарз одат карда буданд ва онҳо бештар ба паҳлуҳои масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ диққат медоданд. Ин, аз дигар тараф, вобастагии онҳоро аз ИМА пурзӯр мекард, ки то ҳол онҳо аз он берун нагаштаанд.

Кишварҳои Олами Ҷануби глобалӣ пас аз чунин ранг гирифтани муносибати кишварҳое, ки пештар худро такягоҳи арзишҳои волои демократӣ муаррифӣ мекарданд ба ҷойгоҳе устувор шуданд, ки ба инобат гирифтани чунин ҳолат дар муносибат бо кишварҳои ғарбӣ зимни арзёбии онҳо аз меъёрҳои риояи арзишҳои демократӣ дар кишварҳои алоҳида метавонад мадди назар намоянд. Аз баҳсҳои конфронси Мюнхен чунин бармеояд, ки ченакҳои арзёбии риояи арзишҳои демократӣ, хусусияти универсалӣ надошта, аз хусусиятҳои равандҳои дохилии кишварҳои алоҳида вобастагӣ дорад.

Канорагирии Амрико аз истифодаи минбаъдаи ченакҳои қолабии арзёбии меъёрии демократӣ ё ғайридемократии равандҳои сиёсӣ дар кишварҳои дигар, аз ҷумла, зимни баргузории интихоботҳо дар дастури рӯзи 17-уми июл содиркардаи Департаменти давлатии Амрико равшан инъикос ёфтааст [257]. Дар матни дастури мазкур Вазорати корҳои хориҷӣ ба мақомот мегӯяд, ки бояд аз изҳори назар дар бораи «одилона ё шаффоф» будани аксари интихоботҳо худдорӣ кунанд – ин як қисми рӯй овардани ИМА аз тарғиби арзишҳои демократӣ дар хориҷ аст.

Дабири давлатии ИМА Марк Рубио, дар дастури расмӣ таъкид кардааст, ки изҳороти умумӣ дар бораи интихоботи хориҷӣ «бояд кӯтоҳ, ба табрик намудани номзади ғолиб равона шуда, ҳангоми зарурат

манфиатҳои муштараки сиёсати хориҷӣ зикр карда шавад». Тибқи ин дастур, ки ба намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарӣ ирсол шудааст, Вазорати корҳои хориҷӣ нуқтаи назари худро дар бораи қонуният ё шаффофияти интихоботи кишварҳои дигарро танҳо дар «ҳолатҳои нодир» иҷозат медиҳад – иқдоме, ки сиёсати давраи Трампро дар канорагирӣ аз тарғиби демократия дар ҷаҳон идома медиҳад. Ин гуна паёмҳо, ба гуфтаи ёддошти расмии агентӣ, «бояд аз изҳори назар дар бораи одилона ё шаффоф будани раванди интихобот, қонуният ё арзишҳои демократии кишвари мавриди назар худдорӣ кунанд». Ба гуфтаи Марк Рубио, ин дастур ҳам ба идораҳои дохилии вазорат ва намояндагиҳои хориҷӣ дахл дорад.

Тибқи гуфтаи дипломатҳо, барои ҳукуматҳои ИМА аз замонҳои пеш раванди маъмулист, ки интихоботҳои хориҷиро, ки бо қаллобӣ, таҳдид ва дигар усулҳои ғайриқонунӣ даст заданд, ба таври оммавӣ интиқод кунад. Ин амал ба ҳукуматҳои фасодкор фишор меорад, неруҳои мухолифи демократиро руҳбаланд мекунад ва нуфузи ахлоқии Амрикоро дар ҷаҳон таҳким мебахшад [372].

Дар давраи раёсати ҷумҳурии Ҷо Байден Вазорати корҳои хориҷӣ маъмулан интихоботҳои шубҳанокро интиқод мекард, аз ҷумла, интихоботи Никарагуаро «интихоботи намоишӣ» хонданд; интихоботи Беларусро «қаллобӣ» ва интихоботи баҳсбарангези Ҷумҳурии Гурҷистонро «бозгашт аз демократия» номиданд. Худи Марк Рубио, ҳамчун сенатори ҷумҳурихоҳи Флорида, маъмулан аз таҷрибаҳои зиддидемократӣ дар хориҷ шадидан интиқод мекард. Ӯ интихоботи президентии Венесуэла дар соли 2024-ро «як қаллобии комил» номид, дар қатъномаи Сенати ИМА соли 2020 талаб кард, ки президенти Беларус Александр Лукашенко бояд «интихоботи озод, одилона ва шаффофро тибқи меъёрҳои байналмилалӣ» баргузор кунад, ва раиси ҷумҳури Русия Владимир Путинро «золим» номид, ки «интихоботро дуздидааст».

Марк Рубио, баъди пайвастан ба ҳукумати Трамп, ин гуна

изҳоротҳоро камтар изҳор менамояд, гарчанде моҳи июли соли 2025 дар изҳороташ бахшида ба озодшавии маҳбусони амрикоӣ аз Венесуэла гуфт, ки Иёлоти Муттаҳида «ҳамчунон аз барқарории демократия дар Венесуэла пуштибонӣ мекунад». Дар дастури нави худ, ӯ ба сиёсати хориҷии «Аввал Амрико» (America First)-и президент Трамп истинод овардааст – сиёсате, ки мафҳумҳои анъанавии манфиатҳои миллии ИМА-ро тангтар кардааст. Трамп бар ин аст, ки ИМА бояд бо кишварҳо дар асоси манфиатҳои муштарак ҳамкорӣ кунад ва баҳсҳо дар бораи озодиҳои сиёсӣ дар дигар кишварҳоро парешониҳои беҳуда мешуморад.

Трамп инчунин бо роҳбарони худкома дар кишварҳое мисли Туркия ва Маҷористон, муносибатҳои наздик, бидуни изҳори нигаронӣ нисбат ба саркӯби ҷомеаи шаҳрвандӣ ё таҳрифи интихоботҳо аз ҷониби онҳо барқарор кардааст. Дар давраи аввали раёсаташ, Трамп дастурҳои ошкорои кормандонашро нодида гирифт ва Владимир Путинро бо пирӯзӣ дар интихоботи пур аз қаллобӣ табрик гуфт. Дар дастур омада буд, ки агар бахше ё намояндагии дипломатӣ хоҳиш дошта бошад, ки интихоботеро ба хотири, «зӯроварӣ дар рӯзи овоздиҳӣ ё интихоботи сохтакорона» маҳкум кунад, бояд аз мақомоти болоии вазорат иҷозат гирад ва чунин иҷозат «нодир» хоҳад буд.

Бо вуҷуди ин дар изҳороти Вазорати корҳои хориҷӣ омадааст, ки ИМА ҳамоно «арзишҳои демократиро дар кишварҳои дигар дастгирӣ хоҳад кард», аммо таъкид мешуд, ки Трамп мехоҳад равобити байналмилалиро бар асоси манфиатҳои стратегӣ рушд диҳад. Паст задани нақши демократия дар сиёсатҳои президент дар ҳоле ба амал меояд, ки мунаққидон Трампро ба тамоюлҳои худкомагӣ, аз ҷумла ҳамлаҳои лафзӣ ба мақомоти судӣ, таҳдиди муҷозоти рақибони сиёсӣ ва суханрониҳо дар бораи эҳтимоли ширкат дар даври сеюм, ки мухолифи Конститутсия аст, айбдор менамоянд. Дар ҳоле ки Трамп камтар дар бораи равандҳои интихоботи дигар кишварҳо изҳори назар мекунад, ӯ дар робита ба

парвандаҳои ҳуқуқии роҳбарони хориҷӣ бемалол фишор меорад. Аз ҷумла, ӯ мурофиаи фасодкории сарвазири Исроил Бинёмин Нетаняуро маҳкум намудааст.

Моҳияти аслии ин равандҳоро пажуҳишгарон ба таври гуногун маънидод мекунанд. Масалан, дар кишварҳои рушдёбанда муҳаққиқон ба чунин андешаанд, ки ин равандҳо дар асл ҷараёни бозгашти мартабаи деринтизори арзишҳои ахлоқӣ ба ҷойгоҳи худ мебошад. Яъне, тӯли даҳсолаҳои охир тамоюли таҳрифи мазмуни арзишҳои ахлоқӣ дар арсаи ҳаёти сиёсии давлатҳо ва созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ ба вуҷуд омада буд, ки муколамаи ҳадафмандонаи онҳоро мушкил месохт [160].

Дар натиҷа, баҳси то чӣ андоза ба ченакҳои адолати иҷтимоӣ мутобиқ будани тасмимҳои қабулшаванда тезутунд гашта, боиси фосилагирии мардуми одӣ аз равандҳои ҳаёти сиёсии ҷомеаҳо гашт. Ин фурсатро ҳаракату ташкилотҳои мухолиф моҳирона ба манфиати худ истифода бурда, боиси нооромиҳо дар кишварҳои гуногун гардиданд. Аз ҷумла дар ҷомеаи Тоҷикистон таъсири ҳизбу ҳаракатҳои ифротию тундгаро роҳ ёфта, ба шуури одамон, аз ҷумла ҷавонон таъсири ногувор гузоштанд. Хурофот ва хурофотазадагӣ ба мушкилоти зеҳниву иҷтимоӣ табдил ёфт, ки низоми сиёсии Тоҷикистон барои аз байн бурдани он имрӯзҳо талош меварзад.

Мушкилоти шуури баъзе шаҳрвандон дар он аст, ки аз бунёд дидгоҳи онҳо фаталистӣ, мифологӣ, ғайриилмӣ ва ҳатто ғайримиллӣ аст. Ин ҳолати нигаронкунанда, бешубҳа, аз надоштани ҷаҳонбинии илмӣ ва дониши кофӣ дар бораи дин ва фарҳанги миллӣ сарчашма мегирад. Мусаллам аст, ки инсоният маҳз ба воситаи такя ба донишҳои илмӣ воқеияти табиати атрофашро дақиқ дарк намуда, онро аз рӯйи арзишҳои илмию мантиқӣ маънидод менамояд, вале хурофот ҳамеша садди роҳи пешрафти ҷомеаи инсонӣ аст.

Ҷомеаи муосири мо ба ҷаҳонбинии илмӣ ва ҳувияти миллӣ ниёз

дорад. Барои он, ки мо ҷаҳонбинии пешрафта ва ҳамқадами миллатҳои мутамаддину мутараққӣ дошта бошем, ҳатман бояд қолабҳои фарҳангӣ ва ахлоқи суннатиамонро такмил диҳем.

Барои мисол, шахси диндор ва мазҳабӣ бартариятро на ба илм, балки ба дин медиҳад ва вобаста ба он дар ҳолатҳои интихоби мавқеи худ ва таҳлили равандҳои дар ҷомеа рухдиҳанда, ҳамчунин қазовати аъмоли атрофиён огоҳонаву ноогоҳона бо назардошти манофеи мазҳабӣ тасмим хоҳад гирифт, аммо шахсе, ки ҷаҳонбинии илмиву ҳувияти миллӣ ва тафаккури давлатиро дорад, ҳатман манофеи милливу давлатиро маҳаки қазоват қарор хоҳад дод ва аз ин равзана ба манзараи ҷаҳон ва падидаҳои он назар хоҳад кард.

Яке аз омилҳое, ки сабаби хурофотзадагии ҷомеа гардидааст, қудсиятбахшӣ ба анвои гуногуни боварҳо ва иддаҳои сохта дар ҷомеа мебошад. Мусаллам аст, ки пас аз касби истиқлолият озодиҳои динӣ дар ҷомеаи мо ба миён омадаанд, аммо озодиҳо то ҳадде пешрафт намудаанд, ки аксари боварҳо хусусияти қудсӣ касб намуда, ҳар каси тасаввуроти нодуруст ё норушане аз дину мазҳаб дошта, онро таҷаллии қудсӣ дод ва барои манфиатҳои шахсии худ истифода кард.

Омили дигар заъфи масъулияти иҷтимоӣ аст, ки он боиси фирор аз масъулият ва пазириши бечунучарои боварҳо мегардад. Дар ин замина, метавон афродеро мисол овард, ки дар ҷомеа мақоми муайянро ишғол кардаанд, вале на аз нуқтаи назари вазифаву масъулият, балки аз назари таваккалию тақдирӣ тибқи усули «ҳар чӣ пеш ояд – хуш ояд», амал мекунад. Рушди ин ҳолат боиси заъфи сохтори иҷтимоӣ мегардад ва дар маҷмуъ суръати рушдро коҳиш дода, баҳсу низоъҳои иҷтимоиро афзоиш медиҳад.

Омили дигар, ки барои рушди хурофот ин фирор аз вокунишҳои қатъӣ ва маҳкумкунандаи атрофиён мебошад. Бояд қайд кард, ки вақте хурофот андеша ва огоҳии умумиҷамъиятро фаро мегирад, афроди

рушанфикр ва онҳое, ки ин гуна боварҳои пучу беасосро қабул надоранд, ба хотири ҳифзи ҳаёти худ аз баҳсу баррасӣ намудани ин масоил канорагирӣ мекунанд.

Боиси таассуф аст, ки бо вуҷуди таъмини шароити мусоид дар давлат, ҷиҳати беҳтар намудани вазъи таълиму тарбияи ҷавонон ва фаъолияти густурдаи онҳо ҳанӯз ҳам бархе аз ҷавонони мо ба ҳар гуна гурӯҳҳои иртиҷоиву радикалӣ, ҳизбу ҳаракатҳои манфиатхоҳ ва берун аз доираи суннатҳои исломӣ моил шудаанд, ки заминаи аслии ин нофаҳмиҳо, пеш аз ҳама, бетарафии волидон ва каммаърифатии худи ҷавонон мебошад.

«Дар соли 2023 дар вилояти Суғд 3 ҳазору 436 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба падару модароне, ки уҳдадориҳои худро дар таълиму тарбияи фарзанд иҷро накардаанд, тартиб дода шуда, барои қабули чораҳои қонунӣ ба суд ирсол гардидааст» [366].

Раванди таҳлил дар миёни 2232 нафар маҳкумшудагон бо ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта муайян намуд, ки (дар муқоиса ба дигар минтақаҳои кишвар) аксарияти онҳо (645 нафар) истиқоматкунандагони вилояти Суғд мебошанд.

Дар баробари мақсадҳои амалинамудаи ҳукумат аз шаҳрвандон, хусусан аз падару модарон кумаки бештар талаб карда мешавад ва маҳз бо дастгирии онҳо ҳар мушкилии дар давлат мавҷудбуда бештар роҳи ҳалли худро меёбад, зеро бесабаб нест, ки дар давлат қонун дар бораи масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд қабул гашта, вазифаҳои падару модар ва фарзанд муайян шудааст ва дар сурати татбиқи воқеӣ ва амалии он, пеши роҳи бисёр амалҳои номатлуб гирифта мешавад. Чун сухан дар мавриди масъулият рафт, пас барои татбиқи мақсадҳои неки гузошташуда масъулияти ҳама шаҳрвандон зарур аст, то вазъи ахлоқии ҷомеа беҳтар карда шавад.

Ҷавони тафаккури солимдошта, ҳеҷ гоҳ қурбонии амалҳои нопоки гурӯҳҳои террористӣ намешавад. Касе, ки андешаи солим ва дасткашӣ аз

афкори асримиёнагиро дорад, метавонад ба оила ва ҷомеа бештар фоида расонад ва ҳаргиз даст ба амалҳои интиҳорӣ даст намезанад ва худро дар миёни одамони бегуноҳ наметарконад. Ашхоси солимандеша давомдиҳандаи роҳи бузургон мешаванд ва дар ҷаҳон навовар мешаванд. Дар фарқият аз ашхосе, ки дар чорчӯби афкори асримиёнагӣ дармонда, бо зоҳирпарастӣ бо роҳи онҳо меравад ва ба ҷомеа зарар мерасонад, инсони закӣ, ҳушёр, навовар ва мунтақид масири зиндагии созанда ва арзандаро интихоб мекунад. Одатан, шахсони каҷфаҳму беҳувиятро гурӯҳҳои ифротӣ ба осонӣ бо тағйири симои зоҳирӣ то террору мардумкушӣ мебаранд. Ин андеша як каҷфаҳмӣ аст, ки даҳшат (террор)-ро ҳақ мепиндоранд.

Бинобар ин, бо дигаргун гаштани мавқеъ ва назари давлат оид ба мавқеъгирии ахлоқӣ дар фаъолиятҳои сиёсии тарафайни кишварҳо ба ҳалли бисёр тамоюлҳои манфӣ дар ҷомеаҳо мувофиқат мекунад. Зеро, қаблан, дар пояи талоши демократикунонии кишварҳои рушдёбандаи мафкураи неолиберализм, баъзан мафкураи пардапӯшонаи ҳаракатҳои ифротгароро пуштибонӣ мекард ва онҳоро барои ноором кардани вазъияти ҳаёти ҷамъиятии давлатҳо истифода мебурд. Чунин сиёсати дурӯя боиси авҷи ноороміҳо дар кишварҳои минтақаҳои гуногун гашта, дар кишварҳои арабӣ низомҳои сиёсӣ аз байн рафтанд ва холигӣ дар идоракунии самараноки сиёсии ин кишварҳо ба вуҷуд омад.

Бо назардошти он ки ахлоқу одоб категорияҳое мебошанд, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро гирифта, заминаи ноаён, вале устувори мавҷудияти ҳар ҷомеаро ташкил медиҳанд, бинобар ин усулҳои қавии ахлоқӣ дар замони таҳаввулоти бесобиқаи иҷтимоию сиёсӣ бештар дарак медиҳанд. Зеро, ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа баҳри таъмини рушд ҳамеша ба устувории нисбӣ зарурат дорад. Барои ин низоми идоракунии ҷорӣ пайваста ба истифодаи ахлоқу одоб ҳамчун шеваи асосии танзими рафтори мардум такя мекунад.

Дарки ин талабот, бахусус, дар солҳои охир ба маротиб афзудааст,

зеро башарият бо мушоҳида аз несту нобудсозии одамону дороиҳои давлатҳо ба хулоса омадааст, ки меъёрҳои ахлоқӣ набояд дар таҳти идораи доираҳои манфиатдор аз ин бенизомиҳо қарор дошта бошад. Аз ин ҷиҳат, бояд кирдорҳои зиддибашарии доираҳои манфиатҷӯй, ки мақсади онҳо несту нобудсозии одамону дороиҳои давлатҳои рушдёбанда мебошад, мавриди маҳкум қарор гирифта, низомҳои сиёсиро маҷбур ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар рафтори сиёсӣ созанд. Ҳарчанд ин кори мушкил аст, вале имрӯз мебинем, ки он ба тадриҷ натиҷа медиҳад ва вусъати ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати дастгирии мардуми Фаластин, ақаллиятҳои миллии Сурия ва ғайра гувоҳи тасдиқи ин қазоват мебошад.

Таҳти таъсири таҳаввулот ин доираҳое, ки барои мақсадҳои геополитикӣ дар рафтори сиёсӣ ахлоқро нодида мегирифтанд, акнун аз дастгирии омма дар раванди интихобот маҳрум мешаванд. Масалан, имрӯз дар кишварҳои ғарбӣ дар натиҷаи ин дигаргуниҳою таъсиррасониҳо ҳизбҳои неолибералӣ ба тадриҷ нуфузи худро аз даст медиҳанд ва ҷабҳаҳои усулгароии эътиқодманд бо арзишҳои ахлоқии суннатӣ ба сари қудрат меоянд.

Яке аз хусусиятҳои ҳукмронии ҳизбҳои неолибералӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо ба мартабаи арзишҳои ахлоқии суннатӣ эътиқод надоранд ва онҳо рушди демократиро намедонанд. Бинобар ин, барои чунин ниҳодҳо, ба монанди оила, маҳал, халқияту миллат боварии комил надоранд ва муътақиданд, ки минбаъд онҳо аз байн мераванд. Усулгароён ё консерваторҳо ин тамоюлро барои ҷомеа ҳамчун ҳолати афзоиши аномия, яъне аз даст додани арзишҳои ахлоқӣ арзёбӣ намуда, боварӣ доранд, ки баръакс устувории ин ниҳодҳо ба рушди бовиҷдонӣ, ростқавлӣ ва меҳнатдӯстӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд. Яъне, шахси бевиҷдон, қавлшикан ва муфтхур муваффақ намешавад. Чунин тамоюли тағйироти идрок дар рафтори инсони муосир оҳиста-оҳиста собит месозад, ки дар ояндаи ростқавлӣ, бовиҷдонӣ, садоқат ва боэътимодӣ дар арсаи сиёсат

омили муваффақият мегардад.

Як зумра муҳаққиқон чунин ҳолату муносибатҳоро ба инобат гирифта, ба саволе меоянд, ки сарчашмаи асосии тағйиротҳои мусбатрухдиҳанда кадомҳо мебошанд. Баъзе аз муҳаққиқони дақиқназар дар посух ба ин савол, ишора мекунанд, ки дар байни омилҳо, пеш аз ҳама таъмини устувории муайяни иҷтимоӣ муҳим мебошад ва ба одамон имкон медиҳад нақшаҳои ояндаи ҳаётии худро таҳия кунанд. Ин тамоюл таҳти шиори «боварӣ ба фардо» маъмул аст ва тавассути ҳузури он одамон самараи меҳнаташонро аз даст намедиҳанд, бо пайравӣ аз поквиҷдонию меҳнатдӯстӣ подош мегиранду ҷону молашон эҳтирому дахлнопазир эътироф мешавад. Густариши чунин арзиши ахлоқӣ на танҳо боварии мардумро ба ҳамдигар меафзояд, балки пояҳои сиёсати давлатро устувор месозад. Баръакс, дар ҷомеае, ки чунин арзишҳо эътибор надоранд, захираҳои он таҳти тасарруфи гурӯҳи маҳдуд қарор гирифта, сатҳи некӯаҳволии мардум поин меравад.

Ҳамин тавр, болоравии эътибори арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеа, ба мавҷудияти ҳисси адолати иҷтимоию сиёсӣ робитаи ногусастанӣ дошта, барои таъмини субот гарави муҳим мебошад. Ин ҳолат инчунин ба тағйирёбии меъёрҳои арзёбии пуштибонии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таъсири мусбат мерасонад. Зеро, то ҳол аксари ниҳодҳои мустақиле, ки чунин меъёрҳоро пешниҳод менамоянд, аслан, арзёбиҳои онҳо танҳо дар асоси усулҳои ғарбӣ таҳия мегардад. Ин дар ҳолест, ки намунаи ғарбии давлатдорӣ ва тарзи ҳаёт барои ҳама кишварҳо писанд намегардад. Аз ҷумла, дар давлатҳои Шарқ, ки тафаккур ва тарзи ҳаёти ба худ хос доранд, яку якбора усулҳои ғарбиро пазируфта наметавонанд. Яъне, зимни таҳияи чунин гузоришҳо вижагиҳои хосси давлатдории кишварҳои Шарқ сарфи назар мегардад.

Дар асл, давоми даҳ соли охир ҷиҳати таъмини сулҳу субот осоиштагӣ ва бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардидааст. Бо боварӣ метавон таъкид кард, ки низоми давлатдории мо дар масири дуруст рушд менамояд. Дар оянда вазъият боз беҳтар мегардад, зеро низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро дар асоси Конститутсия ва дигар қонунҳои мавҷуда кафолат дода, дар ин самт ягон маҳдудият эҷод намекунад.

Дар баробари ин, бунёдгароӣ ва тундгароӣ ҳамчун шаклҳои ифротгароии исломи сиёсӣ, дар фазои ҳаёти ҷамъиятии кишварҳои нав истиқлолёфтаи Осиёи Марказӣ дар натиҷаи тарҳрезии дурнамои муқобилияти оштинопазири онҳо бо низомҳои ҷории дунявии демократӣ ва зуҳури ҳама гуна тамоюлоти ба замони муосир алоқаманддошта ташаккул ёфтанд. Ин ҳолат ба ташаккули арзишҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсир мерасонад. Ба сифати ҷойгузини низомҳои дунявию демократӣ дар мафкурасозии ҳаракату ниҳодҳои бунёдгароёна ва тундгаро барқарорсозии намунаҳои ҷомеасозии аз хотираи мардум ба бойгонии таърих супоридашуда, ки хусусияти динмеҳварӣ доранд, афзалият дода мешавад. Маҳз бар асари пайомади чунин мақеъгириҳо густариши амалияи сиёсигардонии ислом ба вуқуъ пайваст, ки тадриҷан дар саҳнаи ҷомеасозии баъзе кишварҳо афзалияти бесобиқа пайдо кард. Бо мурури замон, дар баъзе кишварҳо, ин ҳаракатҳо ба сари қудрат омаданд, шаклҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеасозӣ ташаккул ёфтанд, ки сарчашмаи машруияти онҳо асосан ба пештаъйинкунӣ ва таъйини илоҳӣ такя мекард. Ин бар хилофи амалияи кишварҳое буд, ки роҳи мутараққиро пеш гирифтанд ва дар онҳо қонунан доираи даъвоҳои ниҳодҳои динӣ дар масъалаи бахшидани машруияти илоҳӣ ба низомҳои сиёсии дунявӣ маҳдуд карда шуд. Зиддиятҳои дар ин замина пайдошуда, минбаъд, яке аз омилҳои муҳимми ноустувории муносибатҳои ҷамъиятӣ дар кишварҳои мусалмонӣ гардид.

Бинобар ин, пажуҳиши амиқи ин масъалаҳо аз нигоҳи таҳлили фалсафӣ тақозо менамояд, ки зуҳури падидаҳои бунёдгароию

тундгароёнаро сирф дар маҳдудаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кишварҳо баррасӣ нанамуда, доманаи асосҳои ба воқеият пайвастани фаъолияти онҳоро васеътар мадди назар дошта бошем. Аз нигоҳи нозукию зарофати методологии фалсафаи иҷтимоӣ, зимни қазовати фавқуззикр, ифротгароиро ҳамчун тамоюли куллигароёна арзёбӣ бояд намуд, ки мехоҳад бо шикастани ҳудудҳои миллӣ иттиҳоду умумиятҳои сиёсии эътиқодиро барпо намояд. Дар ин замина, бояд ба таври мушаххас гурӯҳ ва афроде, ки вобаста ба вазъи иҷтимоӣ, равонӣ, гироиши мафкуравӣ эҳтимоли гаравидан ё таҳти таъсири доираҳои ифротгаро қарор гирифтанро доранд, мавриди таҳлил қарор гиранд. Гурӯҳи бештар осебпазири ҷомеа ҷавонон мебошанд, ки воқеан ҳам барои мурраттаб ҷараён гирифтани пешгирии онҳо истифодаи фишангҳои муносиби назорати иҷтимоӣ, аз ҷумла, ташаккули арзишҳои ахлоқии ба сифати рушди ҷомеа муносиб зарур аст.

Масъалаи дигари мубрам, ки дар ташаккули арзишҳои ахлоқи сиёсии имрӯза таъсиргузор аст, муносибати фасод ва тақвияти робитаи ниҳодҳои расмӣ бо мардум мебошад, ки он зина ба зина бартараф шуда истодааст.

Омили аз ҳама муҳим дар дигаргункунии вазъи давлат ва пешрафти ниҳодҳои иҷтимоию сиёсӣ ин сатҳи шуур ё мафкураи одамон мебошад, ки вобаста ба он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа одамон фаъол гашта, дар равандҳои сиёсии ҷомеа таъсиргузор мебошанд, ки ин фаъолнокии онҳо дар сиёсати бузург ҳаёти сиёсиро дар давлат муайян хоҳад кард.

5.3. Шуури ахлоқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва таъсири он ба ҳаёти сиёсии ҷомеа

Имрӯзҳо мебинем, ки ахлоқи сиёсӣ ба арсаи таъсири мутақобили арзишҳои мафкуравӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва экологӣ табдил ёфта, аз бисёр ҷиҳат ба интихоби самти рушд ва суботи кишварҳо таъсири амиқ мерасонад. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки дар ибтидо дар муносибатҳои давлатӣ агар ба ҷанбаи иқтисодӣ авлавият дода мешуд, пас дар марҳалаи

кунунӣ барои рушди низомҳои иҷтимоӣ бештар ба омили ахлоқӣ диққат дода мешавад.

Бинобар ин, бештари давлатҳо майл ба он доранд, ки пеш аз ҳама асосҳои ахлоқи сиёсии давлатро такмил диҳанд ва низоми сиёсии вуҷуддоштаро ба манофеи аҳолӣ наздик намуда, ба ҳадафҳои гузошташуда дастрасӣ пайдо кунанд. Дар натиҷа сифати посухгуии низоми сиёсӣ ба талаботҳои ҷомеа зина ба зина беҳтар шуда, робитаи он бо табақаҳои гуногун мустаҳкам мешавад. Ин рукни муҳимми идоракунии ҷомеа ба шумор рафта, пайваста мукаммал мегардад [398].

Аз ин рӯ, таъкид мегардад, ки арзишҳои дар ҷомеа пазируфташуда, усулҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, онҳо нуқтаи аввалаи ҳалқаи сабабии қабули қарорҳо мебошанд.

Бо эътирофи ин ҳақиқат, афрод ва гурӯҳу умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ имконияти дар низоми сиёсии ҷорӣ фаъолият карданро пайдо мекунанд ва ин фаъолият машруъ аст. Аз ин ҷиҳат, масъалаи мазкур солҳои охир таваҷҷуҳи зиёди олимонро ба худ ҷалб намудааст [351]. Ин таҳқиқот собит менамояд, ки арзишҳои муттаҳидкунандаи афрод ва гурӯҳу умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ бар асоси ниёзҳои умумиинсонӣ ва ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд ва муносибатҳои динамикии мувофиқат ва мухолифатро нишон медиҳанд, ки онҳоро бар пояи таҳқиқотҳои анҷомдодаи муҳаққиқи беҳтарини ин масъала Шалом Швартс метавон ҳамчун ақидаи континууми даврии ангезишӣ тасвир кард [289; 263].

Ба андешаи Шалом Швартс арзишҳо маҳсули ҳадафҳои ҳавасмандкунанда мебошанд, ки барои қонеъ сохтани талаботҳои инсон нигаронида шудаанд. Бинобар ин аксари онҳо аз талаботҳои зерини инсон, ба монанди эҳтиёҷоти биологӣ, зарурияти ҳамоҳангсозии амалҳо бо дигарон дар ҷомеа ва талаботи худтакомулдиҳии пайваста бармеоянд. Вобаста ба чунин тавзеҳоти назариявӣ ӯ тартиби арзишҳои асосии марбут ба ҳадафҳои ҳавасмандкунандаи инсонро дар шакли зерин пешниҳод намудааст: [197; 261].

Ҷадвали 1. Тавсифи 10 арзиши шахсӣ тибқи пажуҳишҳои Ш.Швартс

Номгӯйи арзиш	Тавсифи арзиш
Қудрат	Вазифаи иҷтимоӣ ва нуфуз, назорат ё ҳукмронӣ бар одамон ва захираҳо
Дастоварда	Муваффақияти шахсӣ тавассути салоҳиятнокӣ тибқи меъёрҳои иҷтимоӣ
Гедонизм	Лаззат ва қонеъшавии ҳиссӣ
Ҳаяҷон	Шуруъ, навгонӣ ва мушкилот дар зиндагӣ
Худидоракунӣ	Тафаккур ва амалкарди мустақил: интихоб, эҷод, таҳқиқ
Универсализм	Фаҳмиш, қадршиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳифзи некӯаҳволии инсоният ва табиат
Некхоҳӣ	Нигоҳдорӣ ва беҳбуди некӯаҳволии одамоне, ки шахс бо онҳо тамоси доимӣ дорад
Суннат	Эҳтиром, садоқат ва қабули урфу одат ва ғояҳое, ки фарҳанги анъанавӣ ё динӣ
Ҳамоҳангӣ	Маҳдудкунии амалҳо, майлҳо ва ангезаҳо, ки эҳтимол сабаби нороҳатӣ ё вайрон гардидани меъёрҳои иҷтимоӣ мегардад
Амният	Бехатарӣ, ҳамоҳангӣ ва устувории ҷомеа, муносибатҳо ва шахс

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки тибқи назарияи арзишҳои Ш.Швартс дар заминаи ҳавасмандкунии қонеъ сохтани талаботҳои инсон, низоми сиёсӣ имконияти устуворӣ пайдо намуда, ба муҳтавои арзишҳои муҳимми

ҷомеа мазмуну мундариҷаи тоза ворид месозад. Ин раванд, дар навбати худ, бо талаботҳои биологии инсон пайваста буда, заминаи ҳамоҳангӣ ва ҳамкории одамонро бо ҳамдигар бо такя аз дастгирии ниҳодҳои иҷтимоии амалкунанда васеъ месозанд. Маҳз дар ҳамин замина имконияти рушди ҷомеа фароҳам омада, пояҳои суботи он такмил меёбанд.

Бинобар ин, вобаста ба масъалаҳои асосии пешрафти ҷомеа ҳадафҳои ахлоқи сиёсии низоми идоракунии он низ таҳким меёбанд ва дар назди он вазифаҳои мушаххас муайян мешаванд. Инро дар мисоли рушди даврони истиқлолияти Тоҷикистон метавон мушоҳида кард. Дар солҳои аввали истиқлолият ахлоқи сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама, бояд нақши наздик кардани арзишҳои наслҳои гуногунро таъмин мекард. Ин аз он бармеомад, ки низоми нави сиёсӣ дар пояи арзишҳои нави мафкуравӣ ташаккул ёфта, барои қабули онҳо аз ҷониби аҳолӣ саъю талош меварзид. Чунки низомҳои сиёсӣ дар баробари соҳиб гаштан ба истиқлолият тағйир ёфта, институтҳои нави идоракунӣ бо мақсад ва вазоифи нав ташкил карда шуданд: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 1 декабри солии 1999 фармон «Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ»-ро ба имзо расонид, ки ба туфайли он дар кишвар муҳити мусоиди бисёрҳизбӣ ва гуногунандешии сиёсӣ фароҳам омад. Ин тадбир омили муҳим баҳри муттаҳидшавии аҳзоби сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ гашта, ҳадафҳои худро баҳри ҳифзу таҳкими сулҳ, ризоияти миллӣ, пешрафти низоми демократӣ, рушди иқтисодиёт ва татбиқи дигаргуниҳо дар ҷомеаи муосир равона кард» [342, с.120-121].

Ин нуқтаро муҳаққиқи тоҷик Х.Усмонзода чунин қайд намудааст: «Дар мадори ин ва дигар равандҳои имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми хосси иҷтимоие ташаккул ёфта истодааст, ки он таҳкими алоқаю муносибатҳои сифатан навро тақозо ва ҳавасманд мегардонад. Робитаю муносибатҳои мазкур бо такя аз арзишҳою намунаҳои муосири рафтори иҷтимоӣ мафкурасозӣ мешаванд ва дар фарқият аз назари

манфигароёнаи пештараи афкори ҷамъиятӣ нисбати зуҳурашон акнун имрӯзҳо бо мурури тамоюли хайру эҳсонкорӣ касб карданашон, назари одамон низ ба ин сифатҳо ҷанбаи мусбат пайдо кардааст. Дар ин самт, хусусан ташвиқи соҳибкорон ба корҳои ободонию дигар амалҳои эҳсонкорӣ аз ҷониби Сарвари давлат нақши муҳим бозиданд.

Мушоҳида ва таҳлили ин падидаҳо моро мутмаин месозад, ки низоми ташаккулёфтаистодаи иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҷиҳатҳои ба худ хоссеро дорад, ки онҳоро наметавон сирф аз зовияи низоми сармоядорӣ, сотсиалистӣ ва дигар низомҳои маъмули таърихан татбиқшуда арзёбӣ намуд. Ҳарчанд баъзе аз муҳаққиқон саволи худро барои пешниҳоди ҷавоби ин масъала аз ин мавқеъ мегузоранд, вале чунин иқдом самараи муносиби илмиро то кунун натавонистааст ба даст орад. Бинобар ин, дар рисолаи мазкур кӯшиши то андозае тавзеҳи равишшиноҳтӣ додан ба ин масъалаҳо ба харҷ дода шудааст. Низоми имрӯз ташаккулёбанда барои дар эътидол нигоҳ доштани элементҳои ҳарду низомҳои сармоядории давлатию сотсиалистӣ бо ҳамоҳангсозии онҳо бо хусусиятҳои маҳаллӣ кӯшиш менамояд. Ин тавонмандии низоми мазкурро бештар намуда, сиёсатгузориҳои кишварро барои ҷалби сармоягузориҳо нармтар ва баҳри ҷалби таввақуҳи самимонаи мардум ҷолиб сохтааст» [142, с.4].

Аз таърихи сиёсии Тоҷикистон ба мо маълум аст, ки давлати тозаистиқлоли тоҷик, баробари соҳиб гардидан ба истиқлоли давлатӣ, бо дасисаву фитнаҷӯйӣ ва хиёнату бадхоҳии ҳизбу ҳаракат ва неруҳои алоҳидаи таҳти таъсири андешаҳои тундгароёна ва зери нуфузи қуввахои хориҷӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва баъдан мухолифати мусаллаҳона кашида шуд, ки дар натиҷа, ҳатто, хатари пароканда шудани миллати тоҷик ва аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ба вуҷуд омад.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва мухолифати мусаллаҳона хатари аз байни рафтани давлати тозаистиқлол ва пурра пароканда шудани миллати

тоҷикро ба миён гузошта буд. Сохторҳои давлатӣ аз фаъолият бозмонда, соҳаҳои ҷамъиятӣ фалаҷ гардиданд, ки ин ба ташаккул ва мартабаи арзишҳои ахлоқи сиёсӣ низ бетаъсир намонд: «фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ зиддиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро дар ҷумҳуриҳои собиқи он тезутунд кард. Дар Тоҷикистон ин зиддиятҳо то ба дараҷаи ҷанги шаҳрвандӣ кашонида шуданд... Ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон комилан ҳақ аст, ки ҷангро таҳмилӣ шуморида, нақшасозиҳои онро аз хориҷи кишвар қаламдод кардааст. Маълум аст, ки зиддияти идеологияи динӣ ва дунявӣ ҳамеша дар таърихи инсоният вуҷуд доштааст ва он то имрӯз идома дорад, вале дар ҷомеаҳои пешрафта ин зиддиятро эҳсоси таҳаммулгарой хунсо карда, фарҳанги созиш ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа барои роҳ надодан ба ҳалли муноқишаҳои тезутунд ва ҳатто мусаллаҳона мусоидат менамояд» [327, с.9-10].

Давлати навтаъсисгашта воқеан ба таҳдиди экзистенсиалӣ рӯ ба рӯ гашт ва дар ҳамон замон фарзандони содиқу ватандӯсти миллат дарк намуданд, ки миллати тоҷик метавонад аз байн равад ва барои ҳамин Иҷлосияи шонздаҳуми таърихии Шурои Олиро баргузор ва заминаи бунёди сулҳ ва муттаҳидии мардумро ба вуҷуд оварданд. Роҳбарияти олии кишвар, ки дар Иҷлосияи XVI-уми таърихии Шурои Олӣ аз ҷониби вакилони мардумӣ интихоб гардид, барқарории сулҳу субот ва таъмини рушди минбаъдаи Тоҷикистонро ҳадафи аслӣ қарор дод. Эмомалӣ Раҳмон дар Муроҷиатномаи худ ба халқи кишвар 12 декабри соли 1992 барои аз буҳрони шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баровардани Тоҷикистон барномаи мушаххас пешниҳод кард, ки ин барнома дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ амалӣ гардид.

Ба Ватан ва ба назди хешу наздикон баргардонидани гурезагон, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо, фароҳам овардани шароит барои зиндагӣ дар дохили кишвар барои онҳо мақсади дигари Роҳбарияти олии давлатро ташкил медод, ки вобаста ба он қарорҳои муҳим ва созанда қабул гардид.

Ҷонфидоӣ, талошҳо ва ҷасорати хастанопазири фарзандони содиқи миллат сабаб шуд, ки суботу ҳамгироии миллӣ барқарор гардида, ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон тантана ёфт ва ин дар навбати худ муносибати одамонро ба арзишҳои сиёсии ҷомеаи нав самимитар гардонд. Имрӯз дар фазои субот, ҳамгироӣ ва ваҳдату якдилӣ рушд намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи фаъолияти шабонарӯзии фарзандони бедордили миллати тоҷик аст: «Таҳлили вазъи дохилии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлол то имрӯз нишон медиҳад, ки тамоми зеррасохтори як давлати соҳибихтиёр дар кишвар офарида шуда, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва амният дар кишвар ҳукмфармо гардид, низоми фалаҷгаштаи ҳокимияти давлатӣ барқарор ва механизми ҳадафмандонаи фаъолияти он пурра таҳия шуд» [322, с.59].

Ҳукумати мамлакат қарорҳои муҳиммеро қабул намуд, ки дар асоси татбиқшавии онҳо вазъи зинадагии шаҳрвандон хуб шуд, ҳадафҳои стратегӣ баҳри рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ равона гардиданд, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мувофиқи Конститутсия роҳандозӣ шуданд, кӯшишҳо барои ҳалли мушкилотҳои мухталифи иқтисодӣ-иҷтимоии давлат равона гардиданд. Маҳз бо саъю талош ва дастгириву муттаҳидии тамоми шаҳрвандони кишвар, мо дар ин муддат ба дастовардҳои бузург ноил гардидем, ки таҷассуми самарабахши арзишҳои нави сиёсии ҷомеа ба шумор мераванд.

Дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз ҳадафҳои стратегии мо буд, ки бо талошҳои шабонарӯзии Ҳукумати мамлакат ин мақсади миллӣ амалӣ гардид. Имрӯз дар натиҷаи татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия Тоҷикистон ба кишвари воҳид ва транзитӣ табдил ёфтааст. Ин дастовардҳо аз нигоҳи аҳаммияти ҳаётӣ доштани онҳо барои мавҷудияти давлати ҷавони соҳибистиқлол ба арзишҳои сиёсии ҷолиби таваҷҷуҳи мардум табдил ёфта, ба сифати омили муттаҳидсозанда бо низоми сиёсии амалкунанда хидмат намуданд.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Конститутсия ҳуҷҷати муҳим мебошад, ки дар он низоми идоракунии давлат дар пояи принсипҳои демократӣ, риояи озодиҳои шаҳрванд ва дар мавқеи аввал қарор гирифтани қонун ба роҳ монда шудааст. Давлате, ки баҳри бунёди низоми демократӣ, дар пояи ҳуқуқ асосёфта ва бунёди ҷомеаи иҷтимоӣ талош мекунад, бояд ба сарқонуни мукаммал такя намояд, ки Тоҷикистон соҳиби чунин қонуни асосӣ мебошад.

Хушбахтона дар Конститутсия тамоми принсипҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои асосии башарият мувофиқ ба давлатҳои пешрафтаи дунявии ҷаҳонӣ ифодаи худро ёфтаанд. Аз ин лиҳоз инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ дошта, онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳанд.

Чӣ қадаре саводи ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бошад, ҳамон қадар давлат ба бунёди ҷомеаи мардумсолорӣ ва боадолат наздиктар мегардад. Бо азму садоқати Ватан, ин ҳадаф аз ҷониби тамоми ниҳодҳои ҷомеа, аз ҷумла, муассисаҳои таълимӣ, васоити ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дастгирӣ карда шуда, то манфиатҳои дарозмуддати тарбияи ҳуқуқӣ барои тамоми шаҳрвандони кишвар таъмин гардид.

«Татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон танҳо дар сурати сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шахс ва иҷрокунандаи ҳуқуқ ба даст оварда мешавад. Ташаккули малакаи хониш ва эҳтироми қонун дар байни шаҳрвандон ва мардум шарти зарурии татбиқи қонун мебошад. Фарҳанги ҳуқуқӣ ба шаҳрванд барои дарки ҳатмии меъёрҳои ҳуқуқӣ кумак мерасонад ва ба татбиқи он мусоидат мекунад, зеро маърифати ҳуқуқӣ инчунин дарки зарурати риояи қатъии талаботи қонунро дар бар мегирад.

Оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ яке аз муҳимтарин усулҳои масъулияти ҳуқуқӣ, шарти асосии самаранокии он мебошад. Аҳаммияти пешгирикунандаи ҷазо, на бештар аз вазнинии он, балки ба ногузирии он вобаста аст. Ногузир будани масъулият маънои

онро дорад, ки ягон ҳуқуқвайронкунӣ набояд ошкорнашуда, аз назари давлат ва ҷомеа бе вокуниши манфии онҳо дур монад. Вазифаи муҳим аз он иборат аст, ки дар мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо тамоми қувваи қонунро истифода баранд, то одамон дар ҳар маҳал ғамхории давлатро дар бораи сулҳу осоиш ва поквиҷдонии худ ҳис намоянд ва мутмаин бошанд, ки ягон ҳуқуқвайронкунанда аз ҷавобгарӣ раҳо намешавад.

Ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки ҳама ҳуқуқвайронкунӣ бояд ба вокуниши давлат дучор гарданд. Ин вокуниш дар ҷазои ногузир ба ҷиноятқор ва барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад. Ҷазо ҳамчун аксуламали ногузир, на ба хотири худ, балки ба хотири як ҷанбаи дигари ногузир амалӣ мешавад, то дар оянда субъект вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо вайрон накунад. Ба ин вазифаҳои пешгирикунандаи тарбиявӣ ва хусусӣ, ҳамзамон бо вазифаҳои ҷазодиҳӣ ва барқарорсозӣ, мусоидат менамоянд, зеро танҳо ҷазо ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқиро таъмин намуда наметавонад» [335].

Бо татбиқи иқдомҳои болозикр низоми нави сиёсӣ дар пояи арзишҳои нави мафкуравӣ ташаккул ёфта, барои азхуд шудани онҳо аз ҷониби аҳолӣ саъю талош меварзид. Ҷомеа низ бо эҳсосу дарки таъсиргузории мусбати ин арзишҳо ба зиндагии мардум дар атрофи низоми сиёсии мазкур муттаҳид гардиданд.

Ин раванд мусаллам аст, ки дар дилхоҳ ҷомеа ба таври ҳамвор ва бемухолифат ҷараён намегирад ва неруҳои ҳукмрони пештараи сиёсӣ ба ин таҳаввулот муқобилият нишон медиҳанд.

Вазифаи дигаре, ки ахлоқи сиёсии дар даврони истиқлолият ташаккулёбанда бояд татбиқ менамуд, ҷустуҷӯ ва дарёфти ҳалқаҳои ба ҳам пайвасткунандаи арзишҳои суннатӣ, анъанавӣ ва муосири ҷомеа мебошад. Иқдоми муҳимми давлат дар ин самт чунин сурат гирифт, ки он на танҳо ба тарбияи мафкуравии мардум ба ин масъала наздик шуд, балки бо эҷоди

қонунҳои хусусияти миллидошта ҷойгоҳи муносиби ин навъи арзишҳоро муайян сохт. Барои ҳар кадоме аз тамоюли ин арзишҳо ҷойгоҳи муносиби худашонро дар ҷомеа устувор сохта, бо ҳамин фазои зуҳури ихтилофи онҳоро аз байн бардошт. Арзиши ин иқдом дар таҷрибаи ҷомеасозии мо бояд пайваста таъкид гардад, зеро дар баъзе ҷомеаҳое, ки бо роҳи ба ҳамдигар муқобил гузоштани арзишҳои анъанавӣ ва муосир пеш рафтанд, дар натиҷа ба бесуботӣ рӯ ба рӯ гаштанд.

Ҳамин тавр, ниёз ба ҷустуҷӯйи усулҳои қавии ахлоқӣ дар марҳалаҳои зудтағйирёбандаи таърихӣ, назар ба даврaҳои муқаррарию муътадили самтгирии равандҳои ҷамъиятӣ меафзояд. Ин тамоюл боиси бозбинии ҷойгоҳи аксари арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти ҷамъиятию фардии инсонҳо мегардад ва мазмуну мундариҷаи фаъолияти онҳоро дигаргун месозад. Дар ҳамин замина, масалан, муваффақияте, ки пештар агар таҳти муомиласозӣ бо талабҳои меҳварии виҷдон ба даст меомад, акнун ба тадриҷ ҷаззобияти худро дар ҷомеа аз даст медиҳанд ва муносибати атрофиён низ ба чунин самараи фаъолиятҳо тағйир меёбад.

Ба ибораи дигар, тамаркуз аз рӯйкарди фоидаҷӯёнаи «ҳадаф василаро ҳақ месозад» ба ахлоқи наве иваз мешавад, ки ба арзишҳои вафодорӣ, эҳсонкорӣ ва муҳаббат ба атрофиён афзалият медиҳад. Эътиқоди ахлоқӣ бештар эҳтиром гузоштан ба шарафу нангу ори инсониро шоистаи пайравӣ медонад. Новобаста аз он ки ин ормони иҷтимоӣ аст, вале зуҳури берунии он дар рафтору муносибати одамон мусбат арзёбӣ мегардад. Ин масъаларо дар афкори фалсафии солҳои охири тоҷик М.Асрорӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи ӯ: «Аз замонҳои тамаддунҳои қадимӣ, инсон масъалаи ташкили беҳтарин тарзи зиндагӣ ва ҳамзистии бо дигаронро матраҳ мекард. Дар ҳамин ҳол, ду андеша ба миён меояд: аз як тараф, масъалаҳо бо қарорҳои инфиродӣ, ки мустақиман ба амалҳо ва таъсири онҳо дар сохтори иҷтимоӣ дахл доранд; аз тарафи дигар, ҷомеа, ҳукумат ва раҳбарони он. Аз нуқтаи назари

ахлоқию сиёсӣ, инсон ба масъалаи беҳтарин роҳбарӣ кардани давлат мепардозад, то ки он манфиатҳои инфиродӣ ва манфиатҳои ҷомеаро қонеъ созад.

Дар фалсафаи асримиёнагии исломӣ, аниқтар, дар мактабҳои равшанфикри фалсафии он, назарияи шарафи инсон (фазилат ул-инсон ё карамат ул-инсон) ба тафаккури исломӣ асос ёфтааст, ки арзиши ҷудонашавандаи тамоми инсониятро, ки нобуд кардани он ғайриимкон аст, таъкид мекунад. Он асосан аз муносибатҳо вобаста нест, балки натиҷаи он аст, ки инсон ё инфиродӣ ё аъзои гурӯҳи одамон мебошад. Ду равиши асосӣ барои фаҳмидани шарафи инсон мавҷуд аст: динӣ ва дунявӣ. Ҳар ду ба этирофи он, ки инсон дар ҷаҳон ҷойи махсус дорад ва ҳаёти инсон сазовори эҳтиром аст, асос ёфтаанд. Консепсияи шарафи инсон дар осори мутафаккирони исломӣ асоси аксиологӣ ва ахлоқии ҳуқуқи инсонҳоро ташкил медиҳад, ки ё қурбониёни нақзи ҳуқуқҳо ё онҳое, ки ба таври доимӣ аз равандҳо ва фазоҳо хориҷ мешаванд ва шиносоии ормон, арзишҳои ахлоқии онҳо ва он чӣ ки муносибатҳои рӯзмарраи инсонӣ дар ҷомеа бояд бошанд, мешаванд. Абунасри Форобӣ дар таълимоти фалсафии худ назарияи шарафи инсонро бо назарияи саодати инсон аз нигоҳи мантиқӣ алоқаманд мекунад. Ба андешаи мутафаккир, инсон саодатро ҷустуҷӯ мекунад, зеро ӯ онро камолоти худ мешуморад ва ҳар гуна камолот, ки барои инсон шодиву иштиёқовар аст ва онро шараф медонад. Дар консепсияи худ дар бораи шаҳри хислатманд, Форобӣ, бо баланд кардани инсон аз номи сокинони шаҳри ормонӣ, менависад, ки шаҳрҳои гуногун дараҷаву шарафи гуногун доранд. Агар дар шаҳри орзуманде шараф ба воситаи эҳтиром бо асоси бартарӣ муайян карда шавад, пас дар шаҳри ноогоҳ шараф барои сокинони он на барои хислатҳо, ё сарватмандӣ, ё воситаҳои лаззат ва инчунин чизе, ки барои онҳо эҳтиром доранд – пирӯзӣ ва пирӯзкунанда, ки пирӯзкунанда барои онҳо – инсон хушбахт аст. Аз ин рӯ, дар андешаҳои Форобӣ, ғояи шарафи инсон, аз як тараф, таъкиди пешрафти ахлоқӣ аст, ки он эътирофи шахсият ҳамчун арзиши

ҷудонашаванда ифода меёбад, ки атрофи он ташкилотҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ сохта мешаванд ва аз тарафи дигар, он бо давраи таърихии муайян бо тамаддуни муайян, яъне фарҳанги исломӣ алоқаманд аст» [376]. Яъне, шараф дороиест, ки қадру қимматаш ҳеҷ гоҳ паст намешавад, зеро он инсонро аз ҳар гуна амалҳои носазо боз медорад. Одами бофарҳанги замони муосир шахсест, ки шарафи инсониро дар рафтору пиндору гуфтораш нигоҳ медорад. Замони рушди илм, техникаю технология ба ҳаёти инсон ҳолатҳои гуногунро ворид намуда, фитрати инсонро дигаргун кард, онро сайқал дода, тасаввуроти анъанавии одамони бофарҳангро ба миён гузошт. Одами бофарҳанг акнун, на танҳо дар муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дар ҷомеа шинохта мешавад, балки инчунин дар партави масъалаҳои ҷаҳонишавӣ дар виҷдонияту муносибати ҳар шахс нисбат ба олами атроф – муҳити ҷуғрофӣ ва зисту зиндагиаш низ муайян мегардад.

Ҳамин тавр, мундариҷаи шуури ахлоқии ҷомеа, на танҳо таҳти таъсири равандҳои ҷараёндоштаи ҷамъиятӣ қарор дорад, балки дар навбати худ ба мазмуну тамоюли ин равандҳо алоқаманд аст. Аз ин рӯ, арзишҳо стратегияи умумии танзими рафтори одамонро дар ҷомеа таъмин мекунанд, ки аз рӯйи онҳо меъёрҳои гуногуни ҷомеа муайян мешаванд. Меъёрҳои ахлоқӣ бештар ба афкори умум ва андешаҳои одамон такя мекунанд. Дар ҷомеа аз болои арзишҳо ва меъёрҳо механизмҳои назорати иҷтимоӣ амал мекунанд, ки муҷозотҳои гуногуни расмӣ ва ғайрирасмӣ доранд [145].

Дигаргуншавии босуръати моҳияти шуури ахлоқии ҷомеа, аслан, дар марҳалаҳои ҳалкунандаи тағйирёбии ҳаёти ҷомеа ба амал меояд. Ин давраи тақдирсозро Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ тай намуд, ки дар натиҷаи он муносибатҳои бунёдии иҷтимоӣ мазмуну моҳияти навро касб карданд: «Одамон натиҷаҳои пурмазмуни фаъолияти худро дарк кардаю пешакӣ тахмин зада, ҳамзамон наметавонанд таҳаввули тадриҷии муносибатҳои ҷамъиятии аз худи ин фаъолият бархостаро пешбинӣ

намоянд.

Аввал, ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки ҳар насли нав низоми аллакай шаклгирифтаи муносибатҳои ҷамъиятиеро дарёфт мекунад, ки дараҷаи рушди пойгоҳи техникӣ-технологӣ ва сатҳи тасарруфи табиат, сатҳи маданияти ҷомеа, ҳолати фарҳангу равонияти онро инъикос менамояд. Маълум аст, ки ҳар як навъи мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ аз омилҳои номбаршуда ба дараҷаи бешу кам вобаста аст. Сониян, одамон дар иқтисодиёт масъалаи рӯзмарраро «ба ҳадди камтарин ва ба ҳадди зиёдтарин» (ҳадди камтарин хароҷот ва ҳадди балантарин маҳсулнокии меҳнат) ҳал кардаю дигар қисматҳои ҳаёти ҷамъиятиро такмил бахшида, чунин таҳаввули тадриҷии муносибатҳои ҷамъиятии худиро ба вуҷуд меоранд, ки аз оғоз аз таҳти назорати онҳо мебарояд. Ба ин қонуният таърихи Ҷопони замони муосир мисоли барҷастаест. Ҷопон муддати тӯлонӣ ба ҳар гуна кӯшишҳои ба он таҳмилгардонии тарзи ҳаёти муносиб аз дидгоҳи дигарон муқовимат мекард. На тавсеаи молҳои анъанавӣ, на талаботи ҳарбӣ, на таблиғи пайравӣ ба аврупоиёну амрикоиҳо дар амалигардонии нақшаҳояшон дар бобати ҷалбсозии он ба «маҷрои ягонаи тамаддунӣ» кумаке нарасониданд. Танҳо ворид кардани фанноварию илму дониши муосири аврупоиро онҳо аз мадди назар дур насохтанд. Ин заминаи асосии рушди минбаъдаи техникаю технологияи навин буд, ки воридкунии онҳоро ҷопониҳо чизе хатарнок ва шармовар намедонистанд» [66].

Аз таҳлили масъалаи таъсири мутақобилаи мундариҷаи шуури ахлоқи сиёсӣ ва тамоюли зудтағйирёбандаи равандҳои ҷамъиятӣ хулоса менамоем, ки мундариҷаи шуури ахлоқӣ дар заминаи воқеиятҳои объективӣ ташаккул ёфта, мутаносибан ба тамоюлоти ин равандҳо таъсир мерасонанд. Ин таъсиррасониҳо аксаран ғайримустақим бо роҳи татбиқи фаъолиятҳои одамон дар ин ва ё он соҳа ба амал меоянд. Яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, ки таҳти таъсиррасонии шуури ахлоқии одамон қарор дорад, соҳаи ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад.

Хулоса

Дар замони муосир, новобаста аз он ки фосила байни табақаҳои иҷтимоии ба мадори фаъолияти сиёсӣ воридшудаю воридкардашуда ва аксарияти аҳолӣ, ки ҳадафи таъсирпазирии амалҳои сиёсии онҳо мебошанд, бештар мегардад, вале саъю кӯшиш барои ба роҳ мондани робитаҳои мутақобил ва дарки ин робитаҳо, аз нигоҳи ахлоқӣ, заиф намегардад. Иқдомҳои сиёсӣ барои бартарафсозии чунин ҳолат, албатта, аз назари ниҳодҳову гурӯҳҳои сиёсӣ ва умуман ҷомеа берун нест ва аҳёнан дар шакли амалҳои мушаххаси сиёсӣ ва баҳсу баррасиҳои илмӣ зуҳур меёбад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сиёсат ба зиндагӣ ва фаъолияти инсонҳо таъсири калон мерасонад.

Амалҳои иштирокчиёни муносибатҳои сиёсӣ – усули ҳаётгузаронӣ, ояндаи муносибати миллатҳо, гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва шахсони алоҳидаро баҳри татбиқи арзишҳои ахлоқӣ, дигаргун мекунанд. Аз ин лиҳоз, имрӯз баҳс дар бораи ҷойгоҳи ахлоқ дар сиёсат, танҳо бо ироаи мулоҳизаҳо дар бораи табиату моҳияти усулҳои ахлоқӣ, худшиносии инсон маҳдуд нагардида, мавзуи баҳсу мунозираҳо масъалаҳои истифодаи ин усулҳо дар амалу кирдорҳои инсонҳо, ки дар фаъолияти сиёсӣ ширкат намуда, қарорҳои дахлдор қабул менамоянд, мубрамияти хос касб менамояд.

Масъалаи мазкур омӯхта шуда, чунин натиҷаҳои таҳқиқотӣ ба даст оварда шуданд:

1. Таҳқиқотҳо дар фаъолиятҳои сиёсӣ перомуни масъалаи ахлоқ ва сиёсат нишон доданд, ки имрӯз моҳияти ботинии ҳаёти амаликунандагони фаъолияти сиёсӣ куллан тағйир меёбад. Аз ин ҷо, зарурати ғанӣ гардонидани моҳияти ахлоқии зиндагӣ бо мақсади тағйир додани ҳаёти маънавӣ-сиёсии ҷомеа ба миён меояд. Имрӯз, бахусус, вобастагии бунёдии ҷомеаи мо аз хислатҳои волои ахлоқӣ дар шароити боло рафтани таъсири меъёрҳо ва усулҳои гуногуни рафтор дар ҷомеа, ҳамчун пайомади равандҳои ҷаҳонишавӣ, равшан зоҳир мегардад. Дар ин

раванд, устувор намудани пояҳои бунёдии оила, боло бурдани сифати таҳсил ва ғайра нақши калон доранд, зеро, маҳз ин соҳаҳо, дар ташаккули арзишҳои инсонӣ мақоми хосса доранд [2–М].

2. Таҳқиқи ин масъала собит намуд, ки танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ аз дарки он ки ин соҳаи фаъолият, ба монанди дигар шаклҳои он, аҳаммият ва мавҷудияти он, аз меъёр ва арзишҳои дар ҷомеа вуҷуддошта вобаста аст. Аҳаммияти танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ маҳз аз ҳамин иборат аст, зеро мутобиқ ба дарки иҷтимоӣ-фалсафӣ, фаъолияти сиёсӣ ҳамчун шакли хосси ҳаёти иҷтимоӣ, меъёр ва арзишҳои дар ҷомеа вуҷуддоштаро дар бар мегирад [3–М].

3. Танзим ва самтдиҳии фаъолияти сиёсӣ, дар баробари арзишҳои сиёсӣ, ҳамчунин бар асоси меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад. Бо дар назар гирифтани ин хулоса, дар ҳама назарияҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ, чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз ҳамеша масъалаи мазкур мавзуи баҳсҳои шадид буд. Дар ин назарияҳо роҳҳои мухталифи ҳалли масъала, аз ҷумла тобеъ намудани сиёсат ба ахлоқ ва бо ҳар роҳу усул мутобиқ гардонидани ахлоқ ба ҳадафҳои сиёсӣ пешниҳод мегардиданд [15–М].

4. Дар таҳқиқоти мо, ба масъалаи муайян намудани таносуби танзими ахлоқӣ ва ҳуқуқии рафтори сиёсӣ таваҷҷуҳ гардидааст. Дар тафовут аз танзими ахлоқӣ, танзими ҳуқуқии рафтори сиёсӣ ба истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ такя намуда, хусусияти ҳатмӣ дорад, вале амали танзими ахлоқӣ бештар аз дарки масъулияти фард дар назди ҷомеа ва дигар иштирокчиёни ҳаёти иҷтимоӣ бармеояд.

Барои риоя накардани ин меъёру қоидаҳо, ҳатман чораи ҳуқуқӣ татбиқ мегардад ва барои ҳамин меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба дастурҳои ахлоқӣ бештар риоя карда мешаванд. Риоя накардани меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷомеа танҳо аз тарафи афкори ҷамъиятӣ ва аъзои дигари ҷомеа маҳкум мешавад [5–М].

5. Аз сатҳи ба эътибор гирифтани меъёрҳои ахлоқӣ ва дар

робитаҳои мутақобили байни одамон барқарор будани суботи ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста аст. Барои ҳамин, низом ва ё ниҳоди сиёсӣ ҳамеша дар бораи аз худ намудани меъёрҳои волои ахлоқӣ аз тарафи одамон ва истифодаи онҳо дар амалҳои мутақобилаи рӯзмарра таваҷҷуҳ менамоянд. Ниҳоди муҳимми ба амал баровардани ин вазифаи системаи сиёсӣ низоми маориф мебошад [11–М].

6. Барои дарки амиқи моҳияти робитаи мутақобилаи сиёсат ва ахлоқ, қабл аз ҳама, бояд дар назар дошта бошем, ки онҳо танзимкунандаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд, вале ҳамзамон онҳо ниҳоду шаклҳои мустақили шуури ҷамъиятӣ мебошанд. Вазифаи танзимкунандаи ахлоқ дар ҳама ҷамъият дар шаклҳои гуногун, вобаста ба тарзи ҳаёти одамон, таҷрибаи гузаштаи ҳаёти ахлоқии аъзои ҷомеа, таҷрибаи таърихии ҳамкории мутақобилаи давлат ва одамон амалӣ мегардад.

Зарур аст, ки ин анъанаҳо аз нигоҳи имрӯза дарк гардида, дар шуури одамон устувор гарданд. Танҳо дар ин сурат, ин дастурҳо дар танзими ахлоқии рафтори одамон аҳаммият пайдо менамояд. Сарфи назар кардани ин меъёрҳо, сабабгори сар задани мухолифат ва низоъ дар равандҳое мегарданд, ки моҳияти ҳаёти иҷтимоиро дар давраҳои тақдирсоз муайян менамоянд. Дар аксар маврид, маҳз дар ин ҳолатҳо, арзишҳои анъанавии ахлоқӣ аҳаммияти амалӣ ва таҷрибавии худро аз даст медиҳанд, зеро ғояҳои нави накукорӣ ва адолатпарварӣ дар шуури ҷамъиятӣ решаи амиқ надоранд [9–М]; [12–М].

7. Таҳқиқи иҷтимоӣ-фаласафии ин мавзуъ имкон медиҳад тасдиқ намоем, ки дар назар гирифтани аҳаммияти меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсии ниҳодҳои мухталиф яку якбора ва худ ба худ ба даст наомада, раванди мураккаби иҷтимоӣ аст. Ин ҳолат натиҷаи рушди ҷомеаи инсонӣ дар марҳалаи муайян, бахусус, дар ҳаёти моддии онҳо мебошад. Зеро ба вазъи муносибати ахлоқии ҷомеаи ҷудогона, дар баробари омилҳои дигар, шароитҳои маишии одамон таъсиргузор мебошанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳолати бад гардидани шароитҳои маишии

одамон, таъсири меъёрҳои амалкунандаи ахлоқӣ ба фаъолияти онҳо, аз ҷумла, фаъолияти сиёсӣ коҳиш меёбад. Дар таърихи ҷомеаи муосири тоҷик ин раванд дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бартарӣ дошт, зеро афзалиятҳои бақои зиндагӣ дар фаъолияти одамон нақши муассир бозиданд [14–М].

8. Натиҷаҳои ба даст омада собит месозанд, ки хусусият ва шаклҳои зуҳури танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии инсонҳо, ба монанди дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, дар ҳолати тағйирёбӣ ва таҳаввули доимӣ қарор доранд. Омили муҳимми ба ин раванд таъсиргузор ҳолат ва табиати тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки бо тағйир ёфтани онҳо мазмуни ахлоқӣ-меъёрии фаъолияти сиёсӣ дигаргун мешавад [12–М].

9. Рафъи хатари мухолифатҳои шадид байни ахлоқ ва сиёсат, байни шуури ахлоқии оммавӣ ва талаботи воқеии ҷомеа, бо рушди равандҳои демократӣ, воситаҳои сиёсӣ, таносуб ва мувозинатҳо алоқаманд аст.

Ин шарти зарурӣ буда, имкон фароҳам меорад, ки ҳеҷ гурӯҳи иҷтимоӣ бар зарари манфиати ҷомеа ҳокимияти мутлақ ба даст наёрад.

Дар мадди аввал, манфиати умум, ки аз тарафи давлат бояд ҳимоя гардад, қабл аз он ки аз тарафи ягон гурӯҳи иҷтимоӣ ҳамчун ҳақиқати истисноӣ эълон гардад, моҳияти мутлақи худро гум менамояд. Гуногунандешии сиёсӣ маънои вуҷуд доштани шароит барои танқиди як идда мафҳумҳо дар бораи некӯаҳволӣ ва манфиати умумро дошта, имконияти созиш ва якдигарфаҳмиро ба вуҷуд меорад.

Дувум, ниҳодҳои рушдёфтаи демократӣ, ки шарти зарурӣ барои гузариш аз иродаи инфиродии шаҳрвандони алоҳида то сатҳи умумӣ, аз ҷониби созмонҳои сиёсӣ ва давлат дар амал татбиқ мегарданд. Сеюм, тақсими ҳокимият ва вуҷуд доштани мухолифони сиёсӣ барои муқобилият ба таъсири афзояндаи фасоди баъзе ниҳодҳо зарур аст [3–М]; [4–М].

10. Сиёсат замоне моҳияти худро ахлоқӣ месозад, ки арзишҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ нақши муҳим бозида, ба абзори бузурги танзимкунандаи

ахлоқӣ табдил меёбанд ва дар навбати худ доираи фаъолияти сиёсиро муайян менамоянд. Табиист, ки ин раванд аз мухолифатҳо озод нест. Демократикунонӣ як идда мухолифатҳои ахлоқ ва сиёсатро бартараф месозад, вале, ҳамзамон, метавонад мухолифатҳои навро эҷод намояд [3–М].

11. Ахлоқ ва сиёсат соҳаҳои нисбатан мустақили ҳаёти ҷамъиятӣ буда, барои бартараф намудани мухолифатҳои муайян байни онҳо ва ба даст овардани ваҳдат мусоидат менамоянд ва мухолифатҳоро бартараф ва ваҳдати қавиро ба вуҷуд меорад.

Ҳамзамон заминаҳои васеъ ва умумӣ барои тағйир додани муносибатҳои мутақобил байни ахлоқ ва сиёсат ба вуҷуд меоянд, ки бо равандҳои фаромиллии рушди демократия дар ҷаҳони муосир иртибот доранд. Ин равандҳо доираҳои васеи одамонро ба ҳаёти сиёсӣ ҷалб менамоянд, ки таъсири меъёру арзёбии ахлоқии онҳо ба шуури ҷамъиятӣ нисбат ба сиёсатмадорон бештар мебошанд [12–М].

12. Таблиғи васеи ҷанбаҳои ахлоқии сиёсат дар васоити ахбори умум метавонад шуури ҷамъиятиро муттаҳид сохта, ба воқеаҳои сиёсӣ дар гӯшаҳои дурдасти ҷаҳон таъсири амиқ гузорад. Вақте ҳаёти ҷамъиятӣ ва мушкилотҳои асосии ҷаҳонӣ аз доираҳои миллӣ берун мегарданд, пас ба он оварда мерасонанд, ки дар замони муосир аҳаммияти арзишҳои ахлоқию сиёсӣ, ки барои тамоми инсоният яксон мебошанд, баландарзиш мегарданд. Ахлоқ дар асл тамоми дастовардҳои тамаддунро муттаҳид сохта, барои барқароршавӣ ва танзими робитаҳои мутақобили устувори инсонӣ мусоидат менамояд, дар худ унсурҳои умумӣ ва барои тамоми инсоният хосро доро мебошад. Боло рафтани таъсири ахлоқ ба амали ниҳоду сохторҳои сиёсӣ тамоюли сиёсии фаро гирифтани маҷмуи арзишҳои умумибашариро вусъат мебахшад [6–М].

13. Ҳамин тавр, бо итминон метавон гуфт, ки ҳар як инсон дар низоми муайяни арзишҳо, ашёҳо ва зуҳуротҳо зиндагӣ мекунад ва вазифадор аст, ки барои қонеъ гардонидани талаботҳояш мусоидат

намояд. Алоқамандии шахсият ва арзишҳои иҷтимоӣ дар вақтҳои охир диққати муҳаққиқонро ҳарчи бештар дар қаринаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои бозоргонӣ ба худ ҷалб намудааст. Аслан чунин тасаввур мегардад, ки аз нигоҳи мафҳумӣ арзиш тарзи мавҷудияти шахсиятро дар ҷомеа ифода мекунад. Зимнан арзишҳои гуногун барои вай дорои аҳаммияти гуногун дошта, бо ин васила мартабаи гуногуни арзишҳо дар назди ӯ ташаккул меёбад. Ҳамчун арзишҳо сохтори гуногунмартабаи онҳо аз хусусиятҳои мухталифи мушаххаси таърихӣ ва шахсӣ бармеояд [16–М].

14. Ҳамчунин равшан аст, ки арзишҳои шахсият низоми гароиши арзишии ӯро, ки таҳти он маҷмуи муҳимтарин хислатҳои инфиродии сохтори шахс шакл мегиранд ва барои ӯ муҳим мебошанд, ба вуҷуд меояд. Ин тамоюлоти арзишӣ, дар асл, асосҳои тафаккур ва рафтори шахсиятро заминагузорӣ намуда, бевосита ба рушди минбаъдаи вай таъсир мерасонанд.

Таҷрибаи рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки ҷомеапазирии шахс азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, фаъолнокии шахс ва рушди ӯро дарбар мегирад. Идеалу меъёрҳо ва воситаю ҳадафҳое, ки ба сифати арзишҳои шахс баромад мекунанд, дар маҷмуъ маҳаку ангезаи амал ва рафтори инсонро ташкил медиҳанд. Дар ин маврид, яке аз соҳаҳои зуҳури фаъолияти инсони муосир соҳаи ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад ва аз ин мавқеъ дар рисола таҳқиқи ҳаматарафаи ин масъаларо пеш гузоштем. Паҳлуи навоваронаи диссертатсия дар он аст, ки фаъолияти инсонро дар шароити кунунии тағйирёбии ҷомеа, пеш аз ҳама, бо таъсири дигаргуниҳои муҳити иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Мувофиқи ин ақида, ҷомеапазирии шахсият, пеш аз ҳама бо тағйирёбии муҳити иҷтимоии ҷаҳони муосир вобаста аст. Ба ибораи дигар, дигаргуниҳои арзишии шахсият танҳо вобастаи тамоюлоти ихтиёрии шахсӣ набуда, балки маҳсули мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ ва рафтори амалии ӯ мебошанд. Барои ҳамин, мутлақгардонии арзишҳои инфиродӣ

боиси шиддатёбии бегонашавии шахсият аз ҷамъият мегардад. Таҳлили муқоисавии арзишҳои сиёсии инсони муосир аз ин нигоҳ аҳаммияти хос пайдо мекунад [8–М].

15. Таҳқиқи ин масъалаҳо дар доираи таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ ва ахлоқӣ хеле муҳим аст, зеро бо вусъати тағйирёбиҳои иҷтимоии имрӯза дар соҳаи ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳолатҳое ба вуҷуд меоянд, ки ба модели анъанавии танзими амалҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ ҳамеша таъсирбахш нестанд. Ба андешаи мо, ҳолати мавҷудбуда натиҷаи он аст, ки муҳиммияти таҳқиқи масъалаи ташаккули тарҳҳои нави рафтори иҷтимоӣ дар шароити амалишавии арзишҳои нави сиёсӣ камтар омӯхта ва дарк карда шудаанд. Ин муҳиммият, бинобар пурзӯршавии ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ, вақте ки гузариши гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ тавассути фазои маҷозӣ бемамониат ба муошрати рамзӣ бо аъзоёни ҷомеаҳои дигар ворид мешаванд, торафт меафзояд. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки мо ба фазои тамаддуни иттилоотӣ дохил мешавем ва дар он ҳудудҳои марзгузории арзишӣ устуворӣ худро ба тадриҷ аз даст медиҳанд. Таҳқиқи ин масъалаҳо аз нигоҳи назариявию амалӣ барои илмҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, фалсафаи иҷтимоӣ хеле зарур ва пуразиш мебошад [8–М].

16. Таъкид мегардад, ки барои дарки амиқи моҳияти робитаи мутақобилаи сиёсат ва ахлоқ, бояд дар назар дошта бошем, ки онҳо танзимкунандаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд, вале ҳамзамон онҳо ниҳоду шаклҳои мустақили шуури ҷамъиятӣ мебошанд. Вазифаи танзимкунандаи ахлоқ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар шаклҳои гуногун, вобаста ба тарзи ҳаёти одамон, таҷрибаи гузаштаи ҳаёти ахлоқии аъзои ҷомеа, таҷрибаи таърихии ҳамкории мутақобилаи давлат ва одамон ва ғайра амалӣ мегардад.

Ҳамзамон зарур аст, ки ин анъанаҳо аз нигоҳи имрӯза дарк шаванд ва дар шуури одамон устувор гарданд. Танҳо дар ин сурат, ин дастурҳо дар танзими ахлоқии рафтори одамон аҳаммият пайдо менамояд. Сарфи назар

кардани ин меъёрҳо сабабгори сар задани мухолифат ва низоъ дар равандҳое мегарданд, ки моҳияти ҳаёти иҷтимоиро дар давраҳои тақдирсози он муайян менамоянд. Дар аксар маврид маҳз дар ин ҳолатҳо арзишҳои анъанавии ахлоқӣ аҳаммияти амалӣ ва таҷрибавии худро аз даст медиҳанд, зеро ғояҳои нави накукорӣ ва адолатпарварӣ дар шуури ҷамъиятӣ решаи амиқ надоранд [5–М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Мавзуи мазкур баррасӣ гашта, вобаста ба он чунин тавсия ва пешниҳодҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ироа мегарданд:

1. Фаъолияти сиёсӣ дар заминаи барномаҳои гуногуни ҳаракату ҳизбҳои сиёсӣ новобаста аз сатҳи амалишавияш ҳамеша ниёз барои ба инобат гирифтани арзишҳои ахлоқӣ дорад. Бидуни ба инобат гирифтани чунин мантиқи амал ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ ғайриимкон ба назар мерасад.

2. Дар мафкурасозии ҷомеа ва ҷалби таваҷҷуҳи он ба фаъолиятҳои сиёсии созанда ҳарчи бештар ва асоснок намудани ҳадафҳои рушди ҷомеаро бо арзишҳои ахлоқӣ дар алоқамандӣ шарҳу тавзеҳ додан тавсия мешавад. Дар ин замина густариши эҳсонкории сиёсӣ бо дастгирии табақаҳои ниёзманд ва корҳои ободонӣ аз ҷониби шахсони ба фаъолиятҳои сиёсӣ машғулнабуда такони назаррас пайдо мекунад.

3. Аз ҷониби муҳаққиқон ҷалби таваҷҷуҳ ба зарурияти таҳқиқотҳои илмӣ барои дарку тавзеҳи ба руҳияи замони муосир ҷавобгӯ сохтани арзишҳои ахлоқие, ки дар қаринаи фарҳанги мо вуҷуд доранд ва барои рушду танзими самараноки ҳаёти сиёсии одамон дар ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мусоидат менамоянд, тақозо мегардад. Аз ин ҷиҳат имкони умедворӣ вуҷуд дорад, ки масъалаҳои дар рисола баррасишуда то андозае ба сифати раҳнамои пажуҳишҳои минбаъда хизмат мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз нуқтаи назариявӣ барои файласуфон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва доираи васеи олимон муҳим арзёбӣ мегардад;

4. Афзалият бахшидани арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсат заминаи мусоидро барои муттаҳидсозии одамон ва ба фаъолиятҳои созанда равона сохтани онҳо фароҳам меорад. Ин як унсури муҳимму рушдёбандаи фаъолияти низомҳои сиёсӣ буда, бояд ҳамеша дар мадди назари масъулони

идоракунии равандҳои ҷамъиятӣ қарор дошта бошад;

5. Масъулият барои риоя ва эҳтиром ба арзишҳои ахлоқии барои ҷомеаи кишвар афзалиятдошта дар раванди пешбурди фаъолиятҳои сиёсӣ бояд дар муҳтавои санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолиятҳои сиёсӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ҷой дода шавад.

6. Ахлоқ ҷузъи муҳимму ҷудонопазири ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Он на танҳо маҳаки арзёбии муносибатҳои сиёсӣ, балки ченаки риояи адолат ва эҳтироми шарафи инсонӣ аст. Бинобар ин дар ҷомеае, ки ин усул муназзам ба роҳ монда шуда риоя мегардад, пояҳои адолату эҳтиром ба шарафи инсонӣ низ пурқувват аст;

7. Ҷомеапазирии шахс азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, фаъолнокӣ ва рушди ӯро дарбар мегирад. Идеалу меъёрҳо ва воситаю ҳадафҳое, ки ба сифати арзишҳои шахс баромад мекунанд, дар маҷмуъ маҳаку ангезаи амал ва рафтори инсонро ташкил медиҳанд. Дар ин маврид соҳаи зуҳури фаъолияти инсони муосир ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад ва низоми таълиму тарбия бояд инро дар назар дошта бошад;

8. Истифодаи воситаҳои ахбори омма дар баробари гузаронидани дигар маъракаҳои сиёсӣ барои таблиғи васеи ҷанбаҳои ахлоқии сиёсат муҳим аст, зеро он шуури ҷамъиятиро муттаҳид сохта, ба воқеаҳои сиёсӣ дар гӯшаю канораҳои мухталифи ҷаҳон таъсири амиқ мегузорад.

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ:

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва рӯсӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.majmilli.tj/ (санаи мурочиат: 05.02.2025).

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – URL: https://mmk.tj/ (санаи мурочиат: 05.02.2025).

II. Паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон:

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 22.12.2016 [Захираи электронӣ]. – URL: https://president.tj/node/13739 (санаи мурочиат: 05.07.2025).

[5] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015, ш.Душанбе [Захираи электронӣ]. – URL: https://president.tj/ (санаи мурочиат: 05.07.2025).

[6] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2024, ш.Душанбе [Захираи электронӣ]. – URL: https://president.tj/ (санаи мурочиат: 05.07.2025).

[7] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 16.12.2025, ш.Душанбе [Захираи электронӣ]. – URL: https://president.tj/

(санаи мурочиат: 04.04.2025).

[8] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 11 июли соли 2017, ш. Душанбе [Захираи электронӣ]. – URL: https://old.vkd.tj/ (санаи мурочиат: 05.07.2025).

[9] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», аз 14.12.2010, ш. Душанбе [Захираи электронӣ]. – URL: https://president.tj/ (санаи мурочиат: 09.04.2026).

[10] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар, аз 30.05.2024, ш. Душанбе [Захираи электронӣ]. – URL: https://mmk.tj/ (санаи мурочиат: 10.04.2026).

III. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:

[11] Абдурахманов, А.А. Преемственность в общественном развитии и особенности ее проявления в духовной культуре (Социально-философский анализ) [Текст] / *А.А. Абдурахманов*. – Ташкент, 2015. – 210 с.

[12] Авеста в русских переводах (1861-1996) [Текст] / Сост. общ. ред., примеч., справ. разд. И.В. Рака. – СПб.: РХГИ, 1997. – 480 с.

[13] Авесто: Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ [Матн] / Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Теҳрон: Мурворид – Душанбе, 2001. – 792 с.

[14] Азизӣ, А. Ҳизби пешбар ва раҳнамо [Матн] / *А.Азизӣ*. – Душанбе: Истеъдод, 2024.

[15] Алексеева, Т.А. Справедливость как политическая концепция: очерк современных западных дискуссий [Текст] / *Т.А. Алексеева*. – М.: Моск. обществ. науч. фонд, 2001. – 241 с.

[16] Аль-Фараби. Слово о классификации наук [Текст] / *Аль-Фараби* //

Антология мировой политической мысли. – М.: Мысль, 1997. – 832 с.

[17] Антонов, А.И. Социология семьи [Текст] / *А.И. Антонов, В.М. Медков.* – М.: МГУ, 2000. – 304 с.

[18] Апресян, Р.Г. Идея морали и базовые нормативно-этические программы [Текст] / *Р.Г. Апресян.* – М.: ИФРАН, 1995. – 353 с.

[19] Арендт, Х. О насилии [Текст] / *Х.Арендт* // Мораль в политике: хрестоматия: учеб. пособие для вузов. – М.: МГУ, 2004. – 151 с.

[20] Аристотель. Никомахова этика [Текст] / *Аристотель* // Сочинения в 4 томах. Т. 4. – М.: Мысль, 1984. – 832 с.

[21] Аристотель. Политика [Текст] / *Аристотель.* – М.: Издательство АСТ, 2018. – 320 с.

[22] Асадуллаев, И.К. Новые категории философии и философия политики [Текст] / *И.К. Асадуллаев.* – Душанбе, 2006. – 389 с.

[23] Бартольд, В.В. Культура мусульманства [Общий очерк] [Текст] / *В.В. Бартольд.* – Петроград: Огни, 1918. – 112 с.

[24] Бартольд, В.В. Сочинения в 9 томах. Том VI [Текст] / *В.В. Бартольд.* – М.: Наука, 1966. – 784 с.

[25] Бауман, З. Индивидуализированное общество [Текст] / *З.Бауман* [Пер. с англ. под ред. В.Л. Иноземцева]. – М.: Логос, 2005. – 390 с.

[26] Бачинин, В.А. Морально-правовая философия: Учебное пособие [Текст] / *В.А. Бачинин.* – Харьков: Консум, 2000. – 208 с.

[27] Борис Николаевич Чичерин как поборник правды в праве [Текст]. – СПб.: Сенат тип, 1904.

[28] Боҷа, Ибни. Рисолаи «Тадбиру-л-мутаваҳҳид» [Матн] / *Ибни Боҷа.* – Бейрут, 1990.

[29] Бурдье, П. Социология политики: пер. с фр. [Текст] / *П.Бурдье.* – М.: Socio Logos, 1993. – 336 с.

[30] Буриев, И.Б. Институты таджикской государственности: теория и история [Текст] / *И.Б. Буриев.* – Душанбе: Ирфон, 2016. – 294 с.

[31] Бутенко, А.П. От коммунистического тоталитаризма к формированию открытого общества в России (политические и правовые

проблемы) [Текст] / *А.П. Бутенко*. – М.: Магистр, 1997. – 47 с

[32] Вартанян, А.А. Политика и мораль: к вопросу о мировом политическом порядке [Текст] / *А.А. Вартанян*. – М.: Гуманитарий, 1997. – 364 с.

[33] Вебер, М. Избранное. Образ общества [Текст] / *М.Вебер*. – М.: Юристъ, 1994. – 702 с.

[34] Вебер, М. Избранные произведения [Текст] / *М.Вебер*. – М.: Прогресс, 1990. – 808 с.

[35] Витгенштейн, Л. Лекция об этике [Текст] / *Л.Витгенштейн* // Историко-философский ежегодник. – М.: Наука, 1989. – С. 238-245.

[36] Витгенштейн, Л. Логико-философский трактат [Текст] / *Л.Витгенштейн*. – М.: Канон, 2017. – 288 с.

[37] Витгенштейн, Л. Философские работы. Ч. 1 [Текст] / *Л.Витгенштейн*. – М.: Гнозис, 1994. – 612 с.

[38] Водолазов, Г.Г. Идеалы и идолы. Мораль и политика: история, теория, личные судьбы [Текст] / *Г.Г. Водолазов*. – М.: Культурная революқия, 2006. – 863 с.

[39] Выжлецов, Г.П. Аксиология культуры [Текст] / *Г.П. Выжлецов*. – СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, 1996. – 148 с.

[40] Гавров, С.Н. Модернизация во имя империи. Социокультурные аспекты модернизационных процессов в России [Текст] / *С.Н. Гавров*. – М.: Едиториал УРСС, 2010. – 352 с.

[41] Ганди, М.К. Моя жизнь [Текст] / *М.К. Ганди*. – М.: Изд-во вост. лит., 1959. – 443 с.

[42] Гегель, Г.В.Ф. Философия права [Пер. с нем.] / *Г.В.Ф. Гегель*. – М.: Мысль, 1990. – 524 с.

[43] Гоббс, Т. Левиафан, или Материя, форма и власть государства церковного и гражданского // Сочинения в 2 т. Т. 2 [Текст] / *Т.Гоббс*. – М.: Мысль, 1991. – 731 с.

[44] Гобозов, И.А. Куда катится философия. От поиска истины к постмодернистскому трепу (философский очерк) [Текст] / *И.А. Гобозов*. –

М.: Савин, 2005. – 199 с.

[45] Готҳо (СТУТ-ЯСН) [Матн] / Баргардонии порсии Алиакбар Ҷаъфарӣ. – Теҳрон: Асотир, 1975. – 142 с.

[46] Гребенник, Г.П. Проблема отношений политики и морали: (опыт конструирования макиавеллианско-кантианского метадискурса) [Текст] / *Г.П. Гребенник*. – Одесса: Астропринт, 2007. – 615 с.

[47] Григорян, С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв. [Текст] / *С.Н. Григорян* // С прил. избр. философ. произведений Фараби, Газали и Маймонида. – М.: Изд-во Акад. наук СССР, 1960. – 330 с.

[48] Гумплович, Л. Общее учение о государстве [Текст] / *Л.Гумплович*. – СПб.: Т-ва «Общественная польза», 1910. – 516 с.

[49] Гусейнов, А.А. Мораль и политика: уроки Аристотеля [Текст] / *А.А. Гусейнов* // Философия. Политика. Культура. – М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 298 с.

[50] Гусейнов, А.А. Философия, мораль, политика [Текст] / *А.А. Гусейнов*. – М.: Академкнига, 2002. – 300 с.

[51] Гусейнов, А.А. Язык и совесть: Избр. социал. филос. публицистика [Текст] / *А.А. Гусейнов*. – М.: ИФРАН, 1996. – 200 с.

[52] Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / *Б.Ғафуров*. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.

[53] Дилоев, Н. Духовные традиции и национальное самосознание таджиков [Текст] / *Н.Дилоев*. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 161 с.

[54] Диноршоев, М. Афрӯзандаи нури хирад ва афшонандаи тухми маърифат [Матн] / *М.Диноршоев* // Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди якум. – Душанбе: Дониш, 2005.

[55] Документы, воспоминания, публицистика [Текст]. – М.:1996.

[56] Дробницкий, О.Г. Моральная философия. Избранные труды [Текст] / *О.Г. Дробницкий*. – М.: Гардарики, 2002. – 525 с.

[57] Дубко, Е.Л. Политическая этика [Текст] / *Е.Л. Дубко*. – М.: Академический проект, 2005. – 720 с.

[58] Дюркгейм, Э. Определение моральных факторов [Текст] / *Э.Дюркгейм* // Теоретическая социология: Антология: Ч. 1. – М.: Книжный дом «Университет», 2002. – 424 с.

[59] Жакунова, Т.С. Политика и мораль [Текст] / *Т.С. Жакунова*. – М.: Рос. акад. управления, 1992. – 100 с.

[60] Захруддинов, И.З. Государственная независимость в условиях глобализации (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / *И.З. Захруддинов*. – Душанбе: Шохин-С, 2024. – 188 с.

[61] Зиновьев, А.А. Коммунизм как реальность [Текст] / *А.А. Зиновьев*. – М.: Центрполиграф, 1994. – 495 с.

[62] Зувайдуллозода, М.Х. Моральная регуляция политической деятельности в трансформирующихся обществах (социально-философский анализ): Монография [Текст] / *М.Х. Зувайдуллозода*. – Душанбе: Садои қалб, 2021. – 147 с.

[63] Идиев, Х.У. Андешаҳои иҷтимоию сиёсии Абубакр Закариёи Розӣ [Матн] / *Х.У. Идиев, А.Н. Маҳмадов*. – Душанбе: Дониш, 2016. – 50 с.

[64] Идиев, Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ [Матн] / *Х.У. Идиев*. – Душанбе: Дониш, 2016. – 120 с.

[65] Идиев, Х.У. Традиция и новация в контексте изменения общественной жизни Таджикистана [Текст] / *Х.У. Идиев*. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 200 с.

[66] Идиев, Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / *Х.У. Идиев*. – Душанбе: Дониш, 2013. – 378 с.

[67] Ильин, И.А. Понятия права и силы. Путь к очевидности [Текст] / *И.А. Ильин* // Сочинения. – М.: Типо-лит. т-ва И.Н. Кушнерев и К°, 1998. – 38 с.

[68] Ильин, И.А. Путь к очевидности. О сопротивлении злу силою [Текст] / *И.А. Ильин* // Собрание сочинений в 10 т. Т. 5. – М.: Русская книга, 1996. – 608 с.

[69] Инглхарт, Р. Модернизация, культурные изменения и демократия: Последовательность человеческого развития [Текст] /

Р.Инглхарт, К.Вельцель. – М.: Новое издательство, 2011. – 464 с.

[70] Инглхарт, Р. Навсозӣ, тағйири фарҳангӣ ва демукросӣ [Матн] / *Р.Инглхарт*. – Теҳрон, 1389 ҳ.

[71] История политических и правовых учений. Изд. 2-е, стереотип. [Текст] / Под общ. ред. В.С. Нерсесянца. – М.: НОРМА-ИНФРА, 1999. – 736 с.

[72] История таджикской философии (с древнейших времен до XV в.): в 3 т. Т. 1 [Текст] / Отв. ред. К.Олимов и др. – Душанбе: Дониш, 2014. – 504 с.

[73] Канарш, Г.Ю. Социальная справедливость: философские концепции и российская ситуация [Текст] / *Г.Ю. Канарш*. – М.: Изд-во Мос. гуманит. ун-та, 2011. – 236 с.

[74] Кант, И. Лекции по этике [Текст] / *И.Кант* / Под общ. ред. Гусейнова А.А. – М.: Республика, 2000. – 430 с.

[75] Кант, И. Основы метафизики нравственности [Текст] / *И.Кант*. – М.: Мысль, 1991. – 472 с.

[76] Кант, И. Основы метафизики нравственности [Текст] / *И.Кант*. Сочинения в 6 т. Т. 4. – М.: Мысль, 1965. – 544 с.

[77] Кант, И. Собрание сочинений. В 8 т. Т. 1 [Текст] / *И.Кант*. – М.: Чоро, 1994. – 544 с.

[78] Кант, И. Сочинения в шести томах. Т. 4. Ч. 1 [Текст] / *И.Кант*. – М.: Мысль, 1965. – 539 с.

[79] Кант, И. Сочинения в шести томах. Т. 4. Ч. 2 [Текст] / *И.Кант* [Под общ. ред. В.Ф. Асмуса, А.В. Гулыги, Т.И. Ойзермана]. – М.: Мысль, 1965. – 478 с.

[80] Капустин, Б.Г. Критика политической философии: избранные эссе [Текст] / *Б.Г. Капустин*. – М.: Территория будущего, 2010. – 422 с.

[81] Капустин, Б.Г. Моральный выбор в политике [Текст] / *Б.Г. Капустин*. – М.: КДУ, 2004. – 496 с.

[82] Козловски, П. Этика капитализма. Эволюция и общество [Текст] / *П.Козловски*. – СПб.: Экономическая школа, 1996. – 158 с.

[83] Конфуций. Афоризмы и изречения [Текст] / *Конфуций.* – М.: Славянский Дом книги, 2014. – 320 с.

[84] Коркунов, Н.М. Лекции по общей теории права [Текст] / *Н.М. Коркунов.* – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – 428 с.

[85] Лефор, К. Политические очерки (XIX-XX века) [Текст] / *К.Лефор* / Пер. с фр. Самарской Е.А. – М.: РОССПЭН, 2000. – 366 с.

[86] Липовецки, Ж. Эра пустоты. Эссе о современном индивидуализме [Текст] / *Ж.Липовецки.* – СПб.: Владимир Даль, 2001. – 336 с.

[87] Локк, Дж. Два трактата о правлении [Текст] / *Дж.Локк.* – М: Социум, 2014. – 494 с.

[88] Макиавелли, Н. Государь [Текст] / *Н.Макиавелли.* – СПб.: Азбука, 2014. – 507 с.

[89] Макиавелли, Н. Избранные сочинения [Текст] / *Н.Макиавелли.* – М.: Худож. лит., 1982. – 503 с.

[90] Максимов, Л.В. Проблема обоснования морали: логико-когнитивные аспекты [Текст] / *Л.В. Максимов.* – М.: Философское общество СССР, 1991. – 134 с.

[91] Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 3. Фасли 4 [Матн]. – Душанбе, 2001.

[92] Марков, Б.В. Критика тоталитарного опыта [Текст] / *Б.В. Марков, С.П. Щавелев.* – Курск: Изд-во Курского гос. мед. ун-та, 2011. – 159 с.

[93] Мартьянов, В.С. Россия в поисках утопий. От морального коллапса к моральной эволюции [Текст] / *В.С. Мартьянов, Л.Г. Фишман.* – М.: Весь Мир, 2010. – 256 с.

[94] Матвеев, П.Е. Моральные ценности [Текст] / *П.Е. Матвеев.* – Владимир, 2004. – 190 с

[95] Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / *Н.Д. Маҳмадизода.* – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 324 с.

[96] Михайлов, А.В. Мартин Хайдеггер: человек в мире [Текст] / *А.В.*

Михайлов. – М.: Моск. рабочий, 1990. – 47 с.

[97] Монтескье, Ш.Л. Избранные произведения [Текст] / *Ш.Л. Монтескье.* – М.: Политиздат, 1955. – 800 с.

[98] Мораль и рациональность [Текст]. – М.: ИФРАН, 1995. – 197 с.

[99] Моральный выбор в политике. Хрестоматия [Текст] / Под ред. Б.Г. Капустина. – М.: КДУ, 2004. – 496 с.

[100] Муродова, Т. Дар олами ҳикмат [Матн] / *Т.Муродова*. – Душанбе: Дониш, 2021.

[101] Наврузов, С. Духовенство и потребительство [Текст] / *С.Наврузов*. – Душанбе: ООО «Мастер-принт», 2014. – 48 с.

[102] Наврузов, С. Потребительство (Социально-психологические проблемы) [Текст] / *С.Наврузов.* – Душанбе: ООО «Мастер-принт», 2014. – 246 с.

[103] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография [Матн] / *М.А. Назар.* – Душанбе: ИЛМ, 2022. – 320 с.

[104] Назаров, В.Н. Прикладная этика [Текст] / *В.Н. Назаров*. – М.: Гардарика, 2005. – 302 с.

[105] Ненасилие: философия, этика, политика [Текст] / Отв. ред. А.А. Гусейнов. – М.: Наука, 1993. – 188 с.

[106] Нерсесянц, В.С. Философия права [Текст] / *В.С. Нерсесянц*. – М.: Норма, 1997. – 256 с.

[107] Нерсесянц, В.С. Философия права Гегеля [Текст] / *В.С. Нерсесянц.* – М.: Юристъ, 1998. – 352 с.

[108] Нижников, С.А. Мораль и политика в контексте духовных и интеллектуальных традиций: Монография [Текст] / *С.А. Нижников.* – М.: ИНФРА-М, 2011. – 333 с.

[109] Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн] / *Низомулмулк*. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019. – 200 с.

[110] Ницше, Ф. Так говорил Заратустра. Соч. в 2 т. Т. 2 [Текст] / *Ф.Ницше.* – М.: Мысль, 1990. – 829 с.

[111] Новгородцев, П.А. Сочинения [Текст] / *П.А. Новгородцев* // Сост. вступ. статьи и прим. М.А. Колерова, Н.С. Плотникова. – М.: Раритет, 1995. – 448 с.

[112] Новое золотое правило. Сообщество и нравственность в демократическом обществе // Новая постиндустриальная волна на Западе: антология [Текст] / Под ред. В.Л. Иноземцева. – М.: Academia, 1999. – 631 с.

[113] Нравственные ограничения войны: проблемы и примеры [Текст] / Под ред. Б.Коппитерса, Н.Фоушина, Р.Апресяна. – М.: Гардарики, 2003. – 407 с.

[114] Нурулҳақов, Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он [Матн] / *Қ.Нурулҳақов.* – Душанбе: Сарбоз, 2018. – 148 с.

[115] Олимов, К. Дар қаламрави фалсафа ва сиёсат [Матн] / *К.Олимов*. – Душанбе: ҶДММ «Табъу нашр», 2023. – 320 с.

[116] Опыт ненасилия в XX веке: Социально-этические очерки [Текст] / Под ред. Р.Г. Апресяна. – М.: Аслан, 1996. – 288 с.

[117] Оссовская, М. Рыцарь и буржуа [Текст] / *М.Оссовская*. – М.: Прогресс, 1987. – 528 с.

[118] Острогорский, М.Я. Демократия и политические партии [Текст] / *М.Я. Острогорский*. – М.: РОССПЭН, 1997. – 640 с.

[119] Платон. Государство. Законы. Политик [Текст] / *Платон*. – М.: Мысль, 1998. – 798 с.

[120] Платон. Диалоги [Текст] / *Платон;* [Пер. с древнегреч. С.Я. Шейнман-Тонштейн; Сост., ред. и авт. вступ. ст. А.Ф. Лосев]. – М.: Мысль, 1986. – 607 с.

[121] Платон. Собрание сочинений в 4 т. Т. 1 [Текст] / *Платон*. – М.: Мысль, 1990. – 862 с.

[122] Платон. Собрание сочинений в 4 т. Т. 3 [Текст] / *Платон*; пер. с древнегреч.; Общ. ред. А.Ф. Лосева, В.Ф. Асмуса, А.А. Тахо-Годи. – М.: Мысль, 1994. – 654 с.

[123] Поппер, К.Р. Открытое общество и его враги: [В 2 т.] [Текст] / *К.Р. Поппер*; Пер. с англ. под общ. ред. В.Н. Садовского. – М.: Открытое о-

во «Феникс», 1992.

[124] Поппер, К. Ҷомеаи кушода ва рақибони ӯ [Матн] / *К.Поппер*. – Душанбе, 2018. – 373 с.

[125] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон [Матн] / *А.Раҳнамо*. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 218 с.

[126] Рационалистическая традиция и современность. Ближний и Средний Восток [Текст] / Отв. ред. Е.А. Фролова. – М.: Наука, 1990. – 277 с.

[127] Российские либералы: кадеты и октябристы: (Док., воспоминания, публицистика) [Текст] / [Сост. Д.Б. Павлов, В.В. Шелохаев]. – М.: РОССПЭН, 1996. – 303 с.

[128] Русская философия права: философия веры и нравственности. Антология [Текст] / Сост. А.П. Альбов и др. – СПб.: Алетейя, 1997. – 398 с.

[129] Руссо, Ж.-Ж. Трактаты [Текст] / *Ж.-Ж. Руссо*. – М.: Наука, 1969. – 703 с.

[130] Саидов, А.Х. Философско-правовое наследие Иммануила Канта и современная юриспруденция [Текст] / *А.Х. Саидов*. – Ташкент: Patent-Press, 2008. – 228 с.

[131] Самиев, А. Историческое сознание как самопознание общества: социально-философский анализ [Текст] / *А.Самиев*. – Душанбе: РТСУ, 2009. – 411 с.

[132] Сморгунов, Л.В. Философия и политика. Очерки современной политической философии и российская ситуация [Текст] / *Л.В. Сморгунов.* – М.: РОССПЭН, 2007. – 173 с.

[133] Современная политическая теория [Текст] / Автор составитель Д.Хэлд; пер. с англ. под общей редакцией В.И. Даниленко. – М.: Nota Bene, 2001. – 478 с.

[134] Соловьев, В.С. Право и нравственность [Текст] / *В.С. Соловьев*. – М.: АСТ, 2001. – 190 с.

[135] Соловьев, В.С. Сочинения в 2-х томах. Том 1 [Текст] / *В.С. Соловьев*. – М.: Мысль, 1986. – 899 с.

[136] Суд над Сократом. Сб. ист. свидетельств. Перевод [Текст] / Сост.

А.В. Кургатников. – М.: Алетейя, 1997. – 263 с.

[137] Сэндел, М. Справедливость. Как поступать правильно? [Текст] / *М.Сэндел*. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2013. – 352 с.

[138] Таърихи фалсафаи тоҷик (фалсафаи адабиёт). Ҷилди 5. Қисми 1 [Матн] / Зери назари К.Олимов. – Душанбе: Дониш, 2021. – 600 с.

[139] Титаренко, А.И. Антиидеи [Текст] / *А.И. Титаренко*. – М.: Политиздат, 1984. – 478 с.

[140] Титаренко, А.И. Мораль и политика [Текст] / *А.И. Титаренко*. – М.: Политиздат, 1969. – 264 с.

[141] Туманян, Т.Г. Философия идеальной власти: политические концепции средневекового ислама [Текст] / *Т.Г. Туманян*. – СПб.: Изд-во С.-Петербургского университета, 2009. – 277 с.

[142] Усмонзода, Х. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият [Матн] / *Х.Усмонзода*. – Душанбе: Дониш, 2020. – 213 с.

[143] Усмонзода, Х. Таркиби тасаввури муосири иҷтимоию таърихӣ [Матн] / *Х.Усмонзода*. – Душанбе, 2025.

[144] Уткин, А.И. Глобализация: процесс и осмысление [Текст] / *А.И. Уткин.* – М.: Логос, 2001. – 254 с.

[145] Фалсафа: Китоби дарсӣ. Қисми 2 [Матн] / Зери таҳрири С.Н. Наврӯзов, Х.У. Идиев. – Душанбе: Собириён, 2011. – 528 с.

[146] Федоров, Ю.М. Универсум морали [Текст] / *Ю.М. Федоров*. – Тюмень: Тюмен. науч. центр СО РАН, 1992. – 416 с.

[147] Федотова, В.Г. Глобальный капитализм: три великие трансформации: социально-философский анализ взаимоотношений экономики и общества [Текст] / *В.Г. Федотова, В.А. Колпаков, Н.Н. Федотова.* – М.: Культурная революция, 2008. – 607 с.

[148] Хабермас, Ю. Демократия. Разум. Нравственность [Текст] / *Ю.Хабермас*. – М.: Academia, 1995. – 244 с.

[149] Хабермас, Ю. Моральное сознание и коммуникативное действие [Текст] / *Ю.Хабермас*; [пер. с нем. под ред. Д.В. Скляднева; послесл. Б.В. Маркова]. – СПб.: Наука, 2000. – 379 с.

[150] Хайдеггер, М. Бытие и время [Текст] / *М.Хайдеггер*. – Тбилиси, 1989. – 713 с.

[151] Хайдеггер, М. Мартин Хайдеггер: сборник [Текст] / *М.Хайдеггер;* [Пер. с нем., сост., вступ. ст., и коммент. А.Михайлова]. – М.: Гнозис, 1993. – 332 с.

[152] Хайдеггер, М. Разговор на проселочной дороге [Текст] / *М.Хайдеггер*. – М.: Высшая школа, 1991. – 190 с.

[153] Хайдеггер, М. Что это такое – философия? [Текст] / *М.Хайдеггер*; [Пер., коммент., послесл. В. М. Алексенцева]. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1992. – 30 с.

[154] Хайруллаев, М.М. Абу Наср аль-Фараби [Текст] / *М.М. Хайруллаев*. – М.: Наука, 1982. – 303 с.

[155] Халдун, Ибни. Муқаддима [Матн] / *Ибни Халдун*. – Теҳрон, 1334.

[156] Хёффе, О. Политика, право, справедливость. Основные положения критической философии права и государства [Текст] / *О.Хёффе*. – М.: Гнозис, 1994. – 319 с.

[157] Хёффе, О. Справедливость: Философское введение [Текст] / *О.Хёффе*. – М.: Праксис, 2007. – 192 с.

[158] Хидирова, М. Конфликт и лидерство в современных условиях [Текст] / *М.Хидирова*. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 312 с.

[159] Хидирова, М. Политическое поведение и его особенности [Текст] / *М.Хидирова.* – Душанбе: Ирфон, 2007. – 140 с.

[160] Хиршман, А.О. Страсты и интересы: политические аргументы в пользу капитализма до его триумфа [Текст] / *А.О. Хиршман*. – М.: ИИГ, 2012. – 200 с.

[161] Хэллоуэлл, Джон Х. Моральные основы демократии [Текст] / *Джон Х. Хэллоуэлл*. – М.: ППП, 1993. – 141 с.

[162] Ципко, А. О зонах, закрытых для мысли [Текст] / *А.Ципко* // Суровая драма народа: ученые и публицисты о природе сталинизма. – М.: Политиздат, 1989. – 510 с.

[163] Шамолов, А.А. Каломи Моваройннаҳр [Матн] / *А.А. Шамолов*. – Душанбе: Дониш, 2014. – 393 с.

[164] Шапиро, И. Моральные основания политики [Текст] / *И.Шапиро*. – М.: КДУ, 2004. – 296 с.

[165] Швейцер, А. Культура и этика [Текст] / *А.Швейцер*. – М.: Прогресс, 1973. – 344 с.

[166] Шекспир, У. Король Ричард III. Антоний и Клеопатра [Текст] / *У.Шекспир*; [пер. с англ. М.И. Донского]. – М.: АСТ, 2017. – 384 с.

[167] Этика и идеология [Текст]. – М., 1989.

[168] Этика: новые старые проблемы: к 60-летию А.А. Гусейнова [Сб. науч. тр.] [Текст] / Отв. ред. Апресян Р.Г. – М.: Гардарики, 1999. – 255 с.

[169] Этика: Энциклопедический словарь [Текст] / Под редакцией Р.Г. Апресяна и А.А. Гусейнова. – М.: Гардарики, 2001. – 671 с.

[170] Юнгер, Э. Рабочий. Господство и гештальт. Тотальная мобилизация. О боли [Текст] / *Э.Юнгер*; [Пер. с нем. А.В. Михайловского, под ред. Д.В. Скляднева. – СПб., Наука, 2000. – 539 с.

[171] Ятимов, С. О политической идеологии [Текст] / *С.Ятимов*. – Душанбе, 2014. – 72 с.

[172] Ященко, А.С. Философия права Соловьева [Текст] / *А.С. Ященко*. – СПб.: Сенат. тип., 1912. – 43 с.

IV. Адабиётҳо бо забони англисӣ

[173] Arendt, Hannah. Between past and future: Eight exercises in political thought [Text] / *H.Arendt*. – New York: Harmons worth, 1977. – 306 p.

[174] Arendt, Hannah. Crises of the republic [Text] / *H.Arendt*. – New York: Harmonsworth, 1972. – 252 p.

[175] Arendt, Hannah. Karl Marx and the Western political thought [Text] / *H.Arendt* // Social research. – New York, 2002. – Vol. 69. – № 2. – P. 273-319.

[176] Arendt, Hannah. Lectures on Kant's political philosophy [Text] / *H.Arendt*. – Chicago: University of Chicago Press, 1992. – 174 p.

[177] Arendt, Hannah. Philosophy and Politics [Text] / *H.Arendt* // Social

Research. – New York, 1990. – Vol. 57. – № 1. – P. 73-103.

[178] Arendt, Hannah. Responsibility and judgment / ed. By J. Kohn [Text] / *H.Arendt*. – New York: Shocken books, 2003. – 295 p.

[179] Arendt, Hannah. Some questions of moral philosophy [Text] / *H.Arendt* // Social research. – New York, 1994. – Vol. 61. – № 4. – P. 739-764.

[180] Arendt, Hannah. The Origins of totalitarianism [Text] / *H.Arendt*. – New York: Harcourt Brace Yanovich, 1966. – 526 p.

[181] Arendt, Hannah. Thinking and moral considerations: A lecture [Text] / *H.Arendt* // Social research. – New York, 1984. – Vol. 51. – № 1/2. – P. 7-37.

[182] Aristotle. The Politics [Text] / *Aristotle;* Jowett Benjamin trans. – Ontario: Kitchener, 1999. – 199 p.

[183] Bainer, Ronald. Political Judgment [Text] / *R.Bainer*. – Chicago: University of Chicago Press, 1983. – 199 p.

[184] Bardi, A. The structure of changes in intraindividual values [Text] / *A.Bardi, J.A. Lee, N.Taufai, G.Sutar* // Journal of Personal and Social Psychology. – 2009. – № 97 (913). – P. 913-929.

[185] Benhabib, Seyla. Critique, Norm, and Utopia [Text] / *Benhabib, Seyla.* – New York: Columbia University Press, 1987. – 455 p.

[186] Benhabib, Seyla. Relactant modernism of Hannah Arendt. Sage Publications. Forthcoming. Benhabib, Seyla and Dallmayr, Fred, eds. The communicative Ethics Conroversy [Text] / *Benhabib, Seyla*. – Cambrige: Mit Press, 1990. – 247 p.

[187] Benhabib, Seyla. Situating the Self: Gender, Community, and Postmodernism in Contemprory Ethics [Text] / *Benhabib, Seyla*. – New York: Routledge, 1992. – 266 p.

[188] Berlin, Isaiah. The Originality of Machiavelli. Against the Current: Essays in the History of Ideas [Text] / *Isaiah Berlin.* – New York: Viking, 1980. – P. 20-73.

[189] Bernauer, J. On reading and misreading Hannah Arendt// Philosophy and social criticism [Text] / *J.Bernauer*. – Chestnut Hill, 1985.Vol. 11. – № 1. – P.

1-34.

[190] Blackledge, P. Marxism and Ethics: Freedom, Desire and Revolution [Text] / *P.Blackledge*. – Albany: State University of New York Press, 2012. – 249 p.

[191] Bowen-Moor, Patricia. Hannah Arendt's philosophy of nationality [Text] / *Bowen-Moor Patricia*. – New York: St Martin's Press, 1991. – 190 p.

[192] Buber, Martin. I And Thou [Text] / *Martin Buber*. – Hesperides Press: Kindle, 2011. – 134 p.

[193] Canovan, Margaret. Arendt, Rousseau, and human plurality in politics [Text] / *Canovan, Margaret* // J. of politics. – Gainsville, 1983. – May, Vol. 45. – № 2. – P. 286-302.

[194] Canovan, Margaret. Politics as Culture: Hannah Arendt and the Public Realm [Text] / *Canovan, Margaret* // History of Political Thought. – Vol. 6. – № 3. – P. 617-642.

[195] Canovan, Margaret. The political thought of Hannah Arendt [Text] / *Canovan, Margaret*. – Cambrige: Cambrige University Press, 1978. – 135 p.

[196] Carter, S. Civility: Manners, Morals, and the Etiquette of Democracy [Text] / *S.Carter*. – New York: Harper Collins, 1999. – 352 p.

[197] Cieciuch, J. The number of distinct basic values and their structure assessed by PVQ-40 [Text] / *J. Cieciuch, S.H. Schwartz* // J. Personal. Assess. – 2012. – № 94. – P. 321-328.

[198] Cunningham, F. Theories of Democracy: a critical introduction [Text] / *F.Cunningham*. – New York: Routledge, 2002. – 248 p.

[199] Demetris, Tillyris. Reflections on a Crisis: Political Disenchantment, Moral Desolation, and Political Integrity [Text] / *Tillyris Demetris*. – Res Publica, 2018. – Vol. 24. – № 1. – P. 109-131.

[200] Dostal, Robert. Judging Human Action: Arend's Appropriation of Kant [Text] / *Dostal, Robert* // Review of Metaphysics. – № 37. – P. 725-755.

[201] Douglas, Bruce. The Common Good and the Public Interest [Text] / *Bruce Douglas* // Political Theory. – 1980. – Vol. 8. – № 1. – P. 103-117.

[202] Edmund, Burke. Reflections on the Revolution in France [Text] /

Edmund Burke. – Bookwire: e-artnow, 2024. – 370 p.

[203] Feher, F. Freedom and the «social question»: Hannah Arendt's theory of the French revolution [Text] / *F.Feher* // Philosophy a social criticism. – Chestnut Hill, 1987. – Vol. 12. – № 1. – P. 1-30.

[204] Fish, Steven M. Democracy Derailed in Russia: The Failure of Open Politics [Text] / *Fish Steven M.* – New York, NY: Cambridge University Press, 2005. – 313 p.

[205] Flinders, Mathew V. The Demonisation of Politicians: Moral Panics, Folk Devils and MPs' Expenses [Text] / *Mathew V. Flinders*. – Contemporary Politics. – 2012. – Vol. 1. – P. 1-17.

[206] Flynn, B.C. The question of an ontology of the politica: Arendt, Merleau-Ponty, Lefort [Text] / *B.C. Flynn* // Intern, studies in philosophy. – Torino, 1984. – Vol. 16.

[207] Forst, R. The Basic Right to Justification: Towards a Constructivist Conception of Human Rights [Text] / *R.Forst* // New York: Columbia University Press, 2011. – 351 p.

[208] Foucault, Michel. «Power and Strategies» [Text] / *Michel Foucault* // Power/Knowledge: Selected Interviews and Other Writings. – Sussex: The Harvest Press, 1980. – P. 134-145.

[209] Frankena, William K. Ethics [Text] / *William K. Frankena.* – Prentice-Hall: Ethics, 1973. – 125 p.

[210] Geuss, R. Philosophy and Real Politics [Text] / *R.Geuss*. – Princeton University Press, Oxford, 2008. – 128 p.

[211] Geuss, R. A World without «Why» [Text] / *R.Geuss*. – Princeton University Press, Oxford, 2014. – 264 p.

[212] Giddens, A. The Third Way and Its Critics [Text] / *A.Giddens*. – Cambridge, UK: Polity Press; Malden, MA: Blackwell Publishers. – 189 p.

[213] Gilbert, M. On Social Facts [Text] / *M.Gilbert*. – Princeton University Press, 1992. – 536 p.

[214] Gonsalves, Milton A. Fagothey's right and reason: ethics in theory and practice [Text] / *Gonsalves, Milton A.* – St. Louis: Mosby, 1981. – 574 p.

[215] Grant, Ruth Weissbourd. Hypocrisy and Integrity: Machiavelli, Rousseau, and the Ethics of Politics [Text] / *Ruth Weissbourd Grant.* – University of Chicago Press, 1999. – 201 p.

[216] Gustafson, T. Capitalism Russian-Style [Text] / *T.Gustafson.* – Cambridge: Cambridge University Press, 1999. – 264 p.

[217] Habermas, Jurgen. The theory of Communicative action. 2 vols. [Text] / *Habermas, Jurgen.* – Boston: Beacon Press, 1984. – 462 p.

[218] Hampshire, Stuart. Innocence and experience [Text] / *Stuart Hampshire.* – Cambridge, Mass: Harvard University Press, 1989. – 195 p.

[219] Hannah Arendt: The Recovery of the public world [Text] / ed. By M. Hill. – New York: St. Martin's Press, 1979. – 245 p.

[220] Hannah Arendt: Understanding and Politics [Text] // Partisan Review. – 1953. – Vol. 20. – № 4. – P. 377-392.

[221] Harris, J. Subverting the system: Gorbachev's reform of the party's apparat, 1986-1991 [Text] / *J.Harris.* – New York: Rowman & Littlefield Publishers, 2003. – 179 p.

[222] Hatier, Cécile. Them' and 'Us': Demonising Politicians by Moral Double Standards [Text] / *Cécile Hatier* // Contemporary Politics. – 2012. – Vol. 18. – P. 467-480.

[223] Hay, Colin. Revitalising Politics: Have We Lost the Plot? [Text] / Hay, Colin, and Gerry Stoker // Representation: Journal of Representative Democracy. – 2009. – Vol. 45. – P. 225-236.

[224] Heywood, Andrew. Political Ideologies [Text] / *Andrew Heywood.* – London, Macmillan Education Limited, 2021. – 306 p.

[225] Heidegger, Martin. Identity and Difference [Text] / *M.Heidegger.* – New York: Harper and Row, 1969. – 146 p.

[226] Heidegger, Martin. Schelling's Treatise on the Essence of Human freedom, Athens [Text] / *M.Heidegger.* – Ohio: Ohio University Press, 1984. – 195 p.

[227] Heidegger, Martin. Shelling's Treatise on the Essens of Human Freedom [Text] / *M.Heidegger.* – Athens: – Ohio: Ohio University Press, 1985. –

195 p.

[228] Heidegger, Martin. The Age of the World Picture [Text] / *M.Heidegger* // The Question Concerning Technology and Other Essays // Translated by W. Lowitt. – New York: Harper and Row, 1977. – P. 115-136.

[229] Heidegger, Martin. The Question of Being [Text] / *M.Heidegger*. – New Haven: College and University Press, 1962. – 109 p.

[230] Heller, A. «Hannah Arendt on the Vita Contemplativa» [Text] / *A.Heller* // Hannah Arendt: thinking, judging, freedom. – New York, 1987. – P. 281-296.

[231] Huberts, L.W.J.C. Integrity: What it is and Why it is Important [Text] / *L.W.J.C. Huberts* // Public Integrity, 2018. – № Sup1. – P. 18-32.

[232] Kane, J. The Politics of Moral Capital [Text] / *J.Kane*. – Cambridge; New York: Cambridge University Press, 2003. – 277 c.

[233] Kotkin, S. Armageddon Averted: Soviet Collapse, 1970-2000 [Text] / *S.Kotkin*. – New York: Oxford University Press, 2008. – 248 p.

[234] Larmore, Ch. What Is Political Philosophy? [Text] / *Ch.Larmore*. – Princeton, NJ: Princeton University Press, 2020. – 200 p.

[235] Machiavelli, N. The Prince [Text] / *Niccolo Machiavelli.* – London: The University of Chicago Press, 1998. – 145 p.

[236] Marks, J. Ethics without Morals: In Defense of Amorality [Text] / *J.Marks*. – New York: Routledge, 2012. – 150 p.

[237] Maynard, Jonathan Leader. Is There a Distinctively Political Normativity? [Text] / *Jonathan Leader Maynard, Alex Worsnip* // Ethics. – 2018. – Vol. 128. – № 4. – P. 756-787.

[238] Mendras, M. Russian Politics: The Paradox of a Weak State [Text] / *M.Mendras*. – New York: Columbia University Press, 2012. – 349 p.

[239] Nelson, L.D. Radical reform in Yeltsin's Russia: political, economic, and social dimensions [Text] / *L.D. Nelson, I.Y. Kuzes*. – Armonk, New York: M.E. Sharpe, 1995. – 255 p.

[240] Oakesshott, M. Morality and Politics in Modern Europe [Text] / *M.Oakesshott.* – New Haven; London: Yale univ. press, 1993. – 115 p.

[241] Owen, D. Politics recovered: realist thought in theory and practice [Text] / *D.Owen*. – Columbia University Press: New York, 2018. – P. 73-92.

[242] Parekh, Bhikhu. Contemporary political thinkers [Text] / *Bh. Parekh*. – Oxford: Robertson, 1982. – 219 p.

[243] Parekh, Bhikhu. Hannah Arendt and the Search for a New Political Philosophy [Text] / *Bh. Parekh*. – London: Macmillan, 1981. – 198 p.

[244] Pitkin, H.F. Justice: On relating private and public [Text] / *H.F. Pitkin* // Political theory. – London: Beverly Hills, 1981. – Vol. 9. – № 3.

[245] Plato. The Republic of Plato [Text] / *Plato*; trans. Allan Bloom, second edition. – New York: Basic Books, 1968. – 317 p.

[246] Presbey, Gail M. «Hannah Arendt on Nonviolence and Political action». In nonviolens: Social and Psychological Issues, edited by Vinod K. Kool [Text] / *Presbey, Gail M.* – Lanham, MD: University Press of America, 1993. – 280 p.

[247] Rachels, J. The elements of moral philosophy [Text] / *J.Rachels, S.Rachels*. – New York: McGraw-Hill, 1999. – P. 213-223.

[248] Rawls, John. A Theory of Justice [Text] / *John Rawls*. – The Belknap Press Of Harvard University Press Cambridge: Massachusetts, 1999. – 562 p.

[249] Raz, J. Practical reason and norms [Text] / *J.Raz.* – London: Hutchinson, 1971. – 192 p.

[250] Reinhold, N. Moral Man and Immoral Society [Text] / *N.Reinhold*. – Westminster John Knox Press, 2013. – 284 p.

[251] Reprinted in Essays in Understanding: 1930-1954 [Text] / *Politics* // Partisan Review. – Vol. 20. – № 4. – P. 377-392.

[252] Rescher, N. Fairness: Theory and Practice of Distributive Justice [Text] / *N.Rescher*. – New Brunswick: Transaction Publishers, 2002. – 134 p.

[253] Roadblocks' or supports? Military lawyers question Hegseth's firings [Electronic resource]. – URL: //https://www.politico.com/ (date of application: 03.06.2025).

[254] Rokeach, M. The nature of human values [Text] / *M.Rokeach*. – New York: Free Press, 1973. – P. 341-354.

[255] Rossi, E. Being Realistic and Demanding the Impossible [Text] / *E.Rossi*. – Constellations, 2019. – P. 638-652.

[256] Rossi, E. Realism in Normative Political Theory [Text] / *E.Rossi, M.Sleat.* – Philosophy Compass. – 2014. – № 9 (10). – P. 689-701.

[257] Rubio Restricts U.S. Criticism of Tainted Foreign Elections [Electronic resource] – URL: https:// www.nytimes.com/ (date of application: 11.08.2025).

[258] Russell, B. Human society in ethics and politics [Text] / *B.Russell.* – London, 1954. – 239 p.

[259] Ryavec, K. Russian Bureaucracy: Power and Pathology [Text] / *K.Ryavec*. – Lanham, [Md.]: Rowman & Littlefield Pub, 2003. – 283 p.

[260] Sakwa, R. The Crisis of Russian Democracy [Text] / *R.Sakwa*. – Cambridge; New York: Cambridge University Press, 2011. – 398 p.

[261] Saris, W.E. Operationalizing the theory of human values: balancing homogeneity of reflective items and theoretical coverage [Text] / *W.E. Saris, D.Knoppen, S.H. Schwartz* // Survey Research Methods. – 2013. – № 7 (1). – P. 29-44.

[262] Schmitt, C. The Crisis of Parliamentary Democracy [Text] / *C.Schmitt*. – Cambridge, Mass: MIT Press, 2000. – 132 p.

[263] Schwartz, S.H. Universals in the content and structure of values: Theoretical advances and empirical tests in XX countries [Text] / *S.H. Schwartz* // Advances in Experimental Social Psychology. – 1992. – Vol. 25. – № 1. – P. 1-65.

[264] Sleat, M. Realism and Political Normativity [Text] / *M.Sleat* // Ethical Theory Moral Practice. – 2022. – Volume 25. – P. 465-478.

[265] Sleat, M. What is a Political Value? Political Philosophy and Fidelity to Reality [Text] / *M.Sleat* // Social Philosophy and Policy. – 2016. – № 33 (1-2). – P. 252-272.

[266] Slote, M. Moral sentimentalism [Text] / *M. Slote* // Ethical Theory and moral practice. – 2004. – Vol. 7. – № 1. – P. 3-14.

[267] Smith, K. Mythmaking in New Russia: Politics and Memory in the

Yeltsin Era [Text] / *K.Smith*. – New York: Cornell University Press, 2002. – 223 p.

[268] Smith, M. The Moral Problem [Text] / *M.Smith*. – Wiley-Blackwell, 1994. – 242 p.

[269] Springborg, P. Hannah Arendt and the classical Republican tradition // Hannah Arendt: thinking, judging, freedom [Text] / *P.Springborg*. – New York, 1989. – P. 9-17.

[270] Steen, A. Political Elites and the New Russia: The Power Basis of Yeltsin's and Putin's Regimes [Text] / *A.Steen*. – New York: Routledge Curzon, 2003. – 212 p.

[271] Tangri, Roger President Museveni and the Politics of Presidential Tenure in Uganda [Text] / *Roger Tangri, Andrew M. Mwenda* // Journal of Contemporary African Studies. – 2010. – Vol. 28. – № 1. – P. 31-49.

[272] Tannenbaum, J. Acting with Feeling from Duty [Text] / *J.Tannenbaum* // Ethical Theory and Moral Practice. – 2002. – Vol. 5. – № 3. – P. 321-337.

[273] Thucydides. History of the Peloponnesian War [Text] / *Thucydides.* – Penguin Books, 1954. – 656 p.

[274] Urban, M. Cultures of Power in Post-Communist Russia: An Analysis of Elite Political Discourse [Text] / *M.Urban*. – New York: Cambridge University Press, 2010. – 216 p.

[275] Vollrath, Ernst. Hannah Arendt and the method of Political Thinking [Text] / *E.Vollrath* // Social Research. – 1977. – № 44. – P. 160-182.

[276] Whitfield, Stephen J. Into the dark: Hannah Arendt and totalitarianism [Text] / *S.J. Whitfild*. – New York, 1980. – 336 p.

[275] Whitfild, S.J. Into the Dark: Hannah Arendt and Totalitarianism [Text] / *S.J. Whitfild*. – Philadelphia: Temple University Press, 1980. – 338 p.

[278] Williams, B. In the Beginning Was the Deed: Realism and Moralism in Political Argument Paperback [Text] / *B.Williams*. – Princeton University Press, Oxford, 2005. – 200 p.

[279] Wright, Quincy. Moral Standards in Government and Politics, Ethics

[Text] / *Quincy Wright*. – 1954. – Vol. 64. – № 3. – P. 157-168.

[280] Zachariah, Mampilly. What «the Global South» Really Means. A Modern Gloss for Old Divisions [Text] / *Zachariah Mampilly* // Foreign Affairs. – April 1, 2025.

[281] Zmigrud, Leor. Ideological brain [Text] / *Zmigrud Leor*. – New York: Henry Holt and Company, 2025. – 287 p.

V. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо:

[282] Андреев, М. Комментарии к: Макиавелли. Избранные сочинения [Текст] / *М.Андреев, Р.Хлодовский*. – М.: Худож. лит., 1982. – С. 453-502.

[283] Афанасьев, М.Н. Клиентела в России вчера и сегодня [Текст] / *М.Н. Афанасьев* // Политические исследования (Полис). – 1994. – № 1. – С. 120-126.

[284] Бакштановский, В.И. Как возможна политическая этика [Текст] / *В.И. Бакштановский, Ю.В. Согомонов* // Политическая этика: социокультурный контекст. Ведомости. Выпуск 24. – Тюмень: ТюмГНГУ, 2004.

[285] Баротзода, Ф. Бархӯрди ифротгароии салафӣ бо мактабҳои суннатии динию мазҳабӣ дар Тоҷикистон [Матн] / *Ф.Баротзода* // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ». – Душанбе: Дониш, 2015.

[286] Велаксес, М. Общее благо [Текст] / *М.Веласкес, К.Андре, Т.Шенкс, М.Дж. Мейер* // Вопросы этики. – 1992. – № 1. – Ч. 1. – С. 623-635.

[287] Венгеров, А.Б. Патология государственности [Текст] / *А.Б. Венгеров* // Общественные науки и современность. – 1991. – № 5. – С. 19-27.

[288] Волкова, Т.П. Классические философские концепции мультикультурализма и толерантности [Текст] / *Т.П. Волкова* // Вестник МГТУ. – 2011. – Т. 14. – № 2. – С. 254-259.

[289] Волобуев, Я.В. Критический анализ теории базовых

индивидуальных ценностей Ш.Шварца [Текст] / *Я.В. Волобуев* // Вестник Московского университета. Серия 7. Философия. – 2021. – № 2. – С. 96-112.

[290] Гаман-Голутвина, О.В. О столкновении морального и нравственного начал в российской политике [Текст] / *О.В. Гаман-Голутвина* // Политические исследования (Полис). – 2005. – № 3. – С. 163-171.

[291] Гобозов, И.А. Политика и мораль [Текст] / *И.А. Гобозов* // Социально-политический журнал. – 1996. – № 2. – С. 53-65.

[292] Гусейнов, А.А. Закон и поступок (Аристотель, Кант, М.М. Бахтин) [Текст] / *А.А. Гусейнов* // Этическая мысль. Выпуск 2. – М.: 2001. – С. 3-26.

[293] Гусейнов, А.А. Мораль и политика [Текст] / *А.А. Гусейнов* // Этическая мысль. – М.: ИФРАН, 2004. – № 5. – 202 с.

[294] Гусейнов, А.А. Мораль и политика: уроки Аристотеля [Текст] / *А.А. Гусейнов* // Политическая этика: социокультурный контекст. Ведомости. Выпуск 24. – Тюмень, 2004. – С. 94-128.

[295] Гусейнов, А.А. Мораль и политика: уроки Макиавелли [Текст] / *А.А. Гусейнов* // Философский журнал. – 2014. – № 2 (13). – С. 5-23.

[296] Гусейнов, А.А. Понятие морали [Текст] / *А.А. Гусейнов* // Этическая мысль. Выпуск 4. – М.: ИФРАН, 2003. – 205 с. – С. 3-13.

[297] Гусейнов, А.А. Философия учит достойно жить [Текст] / *А.А. Гусейнов* // Вестник Российского философского общества. – 2005. – № 4 (36). – С. 105-108.

[298] Гусейнов, А.А. Цели и ценности: как возможен нормальный поступок [Текст] / *А.А. Гусейнов* // Этическая мысль. Выпуск 3. – М.: ИФРАН, 2002. – 237 с. – С. 3-37.

[299] Денильханов, А.Х. Концепция правового государства П.И. Новгородцева [Текст] / *А.Х. Денильханов* // Вестник Московского университета. Серия 12: Политические науки. – 2009. – № 4. – С. 101-108.

[300] Джураев, А. Культура и нация: таджикская идентичность веё историческом и современном ракурсе [Текст] / *А.Джураев, С.Джонбобоев* //

Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2016. – № 4. – С. 20-30.

[301] Ерохов, И.А. Кризис политической нормативности [Текст] / *И.А. Ерохов* // Политико-философский ежегодник. Вып. 2. – М.: ИФРАН, 2009. – 205 с. – С. 60-74.

[302] Запасник, С. Ложь в политике [Текст] / *С.Запасник* // Философские науки. – 1991. – № 8. – С. 94-107.

[303] Заҳруддинов, И.З. Истиқлолияти давлатӣ миллӣ ва глобализатсия [Матн] / *И.З. Заҳруддинов* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – № 5/2. – С. 143-147.

[304] Зезина, М.Р. Какая дорога ведет к храму: споры о перспективах развития страны в общественной мысли 80-х – 90-х гг. XX в. [Текст] / *М.Р. Зезина* // Судьба России: вектор перемен. Т. 1. – М.: Академический проект, 2007. – 540 с. – С. 96-109.

[305] Зеленко, Б.И. Демократия в Российской Федерации: аксиологический подход [Текст] / *Б.И. Зеленко* // Ценностные ориентиры и приоритеты в трансформирующемся мире. – 2010. – С. 130-146.

[306] Зувайдуллозода, М.Х. Взаимодействие политических и моральных ценностей в период приобретения Таджикистаном независимости [Текст] / *М.Х. Зувайдуллозода* // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3/7. – Ч. 1. – С. 160-163.

[307] Ильина, Н.Б. Идея демократии в восприятии российского общества [Текст] / *Н.Б. Ильина* // Политико-философский ежегодник. Вып.2. – М.: ИФРАН, 2009. – 205 с. – С. 3-22.

[308] Исмаилов, Н.О. Политическая философия Макиавелли в свете концепции справедливости / *Н.О. Исмаилов* // Политика и общество, 2014. – № 4 (112). – С. 378-384.

[309] Капустин, Б.Г. Критика политического морализма (мораль – политика политическая мораль) [Текст] / *Б.Г. Капустин* // Вопросы философии. – 2001. – № 2. – С. 33-55.

[310] Катков, А.Д. Процесс глобализации и проблема ограничения суверенитета (векторы политико-академической дискуссии) [Текст] / А.*Д. Катков* // Вестник Московского ун-та. Сер. 21.: Управление (государство и общество). – 2019. – № 1. – С. 61-78.

[311] Кимлика, У. Либеральное равенство [Текст] / *У.Кимлика* // Современный либерализм. – М., 1998. – С. 138-190.

[312] Ключников, Ю.В. Мораль, право, политика как этическая сфера [Текст] / *Ю.В. Ключников* // «Полис» («Политические исследования»). – 1992. – № 1. – С. 208-216.

[313] Костюк, К.И. Политическая мораль и политическая этика в России: к постановке проблемы [Текст] / *К.И. Костюк* // Вопросы философии. – 2000. – № 2. – С. 32-42.

[314] Коэн, С.Ф. Можно ли было реформировать Советскую систему? [Текст] / *С.Ф. Коэн* // АИРО – Научные доклады и дискуссии. Темы для XXI века. Вып. 16. – М.: АИРО-XX, 2005. – 64 с. – С. 39-58.

[315] Кравченко, И.И. Политика и мораль [Текст] / *И.И. Кравченко* // Вопросы философии. – 1995. – № 3. – С. 3-12.

[316] Кумехов, К.К. Глобализация в современной теории и парадигме экономики [Текст] / *К.К. Кумехов* // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2013. – № 41 (230). – С. 2-7.

[317] Лезина, Е.П. Политико-правовое учение Джона Локка / *Е.П. Лезина, Д.Э. Голов* // Контентус. – 2022. – № 1. – С. 20-26.

[318] Лившиц, М.С. Научный семинар по книге Х.Арендта «Истоки тоталитаризма» [Текст] / *М.С. Лившиц* // Социологический журнал. – М., 1995. – № 4. – С. 224-231.

[319] Магун, А.В. Понятие суждения в философии Ханны Арендт [Текст] / *А.В. Магун* // Вопросы философии. – 1998. – № 11. – С. 102-115.

[320] Максимов, Л.В. Этический объективизм: основные концепции и подходы [Текст] / *Л.В. Максимов* // Этическая мысль. Вып. 1. – М., 2000. – С. 132-147.

[321] Мартьянов, В.С. Об условиях возникновения теории

справедливости в российской политике [Текст] / *В.С. Мартьянов* // Политические исследования (Полис). – 2006. – № 4. – С. 61-73.

[322] Маҳмадҷонова, М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва ҳувияти миллии тоҷикон [Матн] / *М.Маҳмадҷонова* // Ваҳдати миллӣ ва пешрафти ҷомеа. – Душанбе: Дониш, 2017.

[323] Медведев, С. Приводит ли технократия к деморализации власти [Текст] / *С.Медведев* // ЦентрАзия.ру. – 27.12.2016.

[324] Мораль в современном мире и проблемы российской этики. Материалы конференции – «круглого стола» [Текст] // Вопросы философии. – 2017. – № 10. – С. 5-46.

[325] Мораль и насилие [Текст] // Вопросы философии. – 1995.

[326] Мораль и политика (дискуссия в редакции) [Текст] // Коммунист. – 1990. – № 8.

[327] Олимов, К. Эмомалӣ Раҳмон асосгузори музокирот, сулҳ ва ваҳдати милии тоҷикон [Матн] / *К.Олимов* // Ваҳдати миллӣ ва пешрафти ҷомеа. – Душанбе: Дониш, 2017.

[328] Перегудов, С.П. Организованные интересы и российское государство: смена парадигм [Текст] / *С.П. Перегудов* // Политические исследования (Полис). – 1994. – № 5. – С. 64-74.

[329] Плискевич, Н.М. Утопизм и прагматизм российского реформаторства [Текст] / *Н.М. Плискевич* // Общественные науки и современность. – 1998. – № 1. – С. 13-25.

[330] Прокофьев, А.В. Моральная ответственность в политике: взгляд через призму этики меньшего зла [Текст] / *А.В. Прокофьев* // Философский журнал. – М., 2011. – № 1. – С. 103-114.

[331] Разин, А.В. Моральные дилеммы: причины возникновения и способы разрешения [Текст] / *А.В. Разин* // Дискурсы этики. – СПб., 2013. – № 4 (5). – С. 104-116.

[332] Раҳимов, С. Истиқлолият, фарҳанг ва ҳунари муосир [Матн] / *С.Раҳимов* // Истиқлолият ва фарҳанг. – Душанбе: Матбаа, 2017. – С. 21-49.

[333] Римский, В.Л. Нравственность не может быть регулятором

поведения патримональной бюрократии [Текст] / *В.Л. Римский* // Нравственное государство как императив государственной эволюции. – М., 2011. – С. 453-461.

[334] Салимова, Ф. Терроризми байналмиллалӣ ва хатари он ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / *Ф.Салимова* // Истиқлолияти давлатӣ-таҳкимбахши низоми давлатдории миллӣ: маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 235-239.

[335] Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ [Матн] / *Д.Ш. Сангинзод* // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2024. – № 2 (40). – Т. 2. – С. 5-17. – ISSN 2709–6246.

[336] Сахарова, М.В. Свобода и равенство: история неоконченного спора о справедливости [Текст] / *М.В. Сахарова* // Философские науки. – 2010. – № 1. – С. 77-91.

[337] Семенова, Р.У. Политическая мораль: некоторые основания когнитивного дискурса [Текст] / *Р.У. Семенова* // Вестник Томского гос. ун-та. – Томск. – 2005. – № 287.– С. 147-152.

[338] Сидорова, В.Л. Влияние политической мысли Джона Локка и Томаса Гоббса на развитие теории разделения властей в США [Текст] / *В.Л. Сидорова* // Актуальные исследования. – 2024. – № 28 (210). – С. 55-60.

[339] Соболев, А.В. На путях к правовому государству. П.И. Новгородцев [Текст] / *А.В. Соболев* // Новый мир. – 1991. – № 12.

[340] Согомонов, А.Ю. Политическая этика в постмакиавеллистскую эпоху [Текст] / *А.Ю. Согомонов* // Политическая этика: социокультурный контекст. Ведомости. Выпуск 24. – Тюмень, 2004. – С. 77-93.

[341] Сутор, Б. Политическая этика [Текст] / *Б.Сутор* // Политические исследования (Полис). – 1993. – № 1. – С. 61-71.

[342] Тоҳиров, Ф. Ваҳдати миллӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ [Матн] / *Ф.Тоҳиров, И.Бобоҷонзода* // Ваҳдати миллӣ ва пешрафти ҷомеа. – Душанбе: Дониш, 2017.

[343] Трубина, Е.Г. Идентичность в мире множественностей:

прозрения Ханны Арендт [Текст] / *Е.Г. Трубина* // Вопросы философии. – 1998. – № 11. – С. 116-130.

[344] Фигал, Г. «Публичная» свобода: спор власти и насилия (к понятию «политического» Ханны Арендт) [Текст] / *Г.Фигал* // Вестник Московского Университета. Серия 12. – 1994. – № 5. – С. 52-62.

[345] Философия и политика. Дискуссия // Вопросы философии [Текст]. – М.: ИФРАН. – 1996. – № 1. – 192 с.

[346] Франц, А.Б. Мораль и власть (полемические заметки) [Текст] / *А.Б. Франц* // Философские науки. Политика, право, справедливость. – 1992. – № 3. – С. 3-10.

[347] Хабермас, Ю. Гражданство и национальная идентичность [Текст] / *Ю.Хабермас* // Рос. бюл. по правам человека. – М.: ИНТУ, 1995. – Выпуск 7. – С. 55-69.

[348] Ҳайдаров, Р. Стратегияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими истиқлолият дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / *Р.Ҳайдаров* // Маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 26-32.

[349] Ҷонбобоев, С. Таҳкими минбаъдаи истиқлолият ва рушди миллату давлати миллӣ [Матн] / *С.Ҷонбобоев* // Истиқлолияти давлатӣ-таҳкимбахши низоми давлатдории миллӣ: маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 21-30.

[350] Усмонзода, Х.У. Баҳси самти рушди таърихи маънодору марҳиласози муосир [Матн] / *Х.У. Усмонзода* // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. – № 3 (3). – С. 18-30. – ISSN 2790-3567.

[351] Усмонзода, Х.У. Таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳаммияти он дар идоракунии сиёсӣ [Матн] / *Х.У. Усмонзода, Ф.И. Ҷобиров* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 7. – С. 277-282. – ISSN 2413-5151.

[352] Шамшурин, В.И. Человек и государство в русской философии естественного права [Текст] / *В.И. Шамшурин* // Вопросы философии. – 1990. – № 6. – С. 132-140.

[353] Эйдлин, Ф. Этические проблемы несовершенного знания в политологии [Текст] / *Ф.Эйдлин* // Вестник Московского университета. Серия 12: политические науки. – 1993. – № 2. – С. 47-89.

[354] Экимов, А.И. Политические интересы и юридическая наука [Текст] / *А.И. Экимов* // Государство и право. – 1996. – № 12. – С. 3-9.

VI. Захираҳои электронӣ аз сомонаҳои интернетӣ:

[355] Абдухалилзода К. Ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷомеаи миллӣ: мушкилот ва дурнамо [Захираи электронӣ]. – URL: https://ravshanfikr.tj/ (санаи мурочиат: 07.04.2025).

[356] Безлюдный, А.И. Проблема формирования личности в современном обществе [Текст] / А.И. Безлюдный // Вектор науки ТГУ. Серия: педагогика, психология. – 2011. – № 4 (7). – С. 321-323 [Электронный ресурс]. – URL: https://elibrary.ru/ (дата обращения: 07.04.2025).

[357] Волгушова, А.А. Регулирование политического поведения [Электронный ресурс]. – URL: https://center-yf.ru/ (дата обращения: 07.01.2026).

[358] Вэнс: Если демократия зависит от рекламы в соцсетях, то грош ей цена [Электронный ресурс]. – URL: https://eadaily.com/ (дата обращения: 07.04.2025).

[359] Дугин, А. Истории нет без философии [Электронный ресурс]. – URL: https://centrasia.org/ (дата обращения: 07.01.2026).

[360] Земмур, Эрик. Современная цивилизационная война руководствуется как географией, так и историей [Электронный ресурс]. – URL: https://www.centrasia.ru/ (дата обращения: 04.07.2025).

[361] Коррупсия [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.asiaplus.tj/ (санаи мурочиат: 07.04.2025).

[362] Взятки без границ: Коррупция «бессмертна»? [Электронный ресурс]. – URL: https://www.dialog.tj/ (дата обращения: 04.07.2025).

[363] Кравченко, И.И. Бытие политики [Электронный ресурс]. – URL: //https://www.i-u.ru/biblio/archive/ (дата обращения: 05.07.2025).

[364] Моральная и политическая философия Гоббса [Электронный ресурс]. – URL: https://plato.stanford.edu/ (дата обращения: 02.04.2026).

[365] Моральная и политическая философия Дж.Локка [Электронный ресурс]. – URL: https://cyberpediasu.com/ (дата обращения: 02.04.2026).

[366] Муҳоҷират, бемасъулиятӣ, адами дониши динӣ? Чаро волидайн ба таълиму тарбияи фарзанд беэтиборӣ мекунанд? [Захираи электронӣ] – URL: https://asiaplustj.info/tj/ (санаи мурочиат: 11.08.2025).

[367] Опрос: 50% респондентов в Таджикистане «дали в лапу» чиновникам [Электронный ресурс]. – URL: https://rus.ozodi.org/ (дата обращения: 07.01.2026).

[368] «Отец истории» или «отец лжи»: как Геродот превратил мифы в науку [Электронный ресурс] – URL: https://www.vokrugsveta.ru/ (дата обращения: 11.08.2025).

[369] Полный текст речи Джей Ди Вэнса о падении Европы (Мюнхен 14.02.2025) [Электронный ресурс] – URL: https://pikabu.ru›/ (дата обращения: 11.08.2025).

[370] Рар, А.: США в спорах о демократии больно ставят Европу на место [Электронный ресурс]. – URL: https://vz.ru/news/ (дата обращения: 07.04.2025).

[371] Ремчуков, К.В Мюнхене разорвалась бомба «войны культур» между США и ЕС [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ng.ru/politics/ (дата обращения: 07.04.2025).

[372] Цуй Цзявэнь. Концепция сообщества единой судьбы человечества в контексте культурно-цивилизационной идентичности Китая. Интернет-проект ИноСМИ.РУ, 2015 [Электронный ресурс] – URL: inosmi.ru›archive2015/ (дата обращения: 11.08.2025).

VII. Диссертатсия ва авторефератҳо:

[373] Абдурахманов, А.А. Преемственность в общественном развитии и особенности ее проявления в духовной культуре (социально-философский анализ) [Текст]: дисс. … доктора филос. наук: 09.00.11 / *Абдурахманов*

Абдулазиз Абдурахманович. – Ташкент, 1992. – 295 с.

[374] Авгонов, С. Учение Газзали о политике и государстве [Текст]: автореф. дисс. ... канд. философ. наук: 09.00.03 / *Авгонов Сайфулло.* – Душанбе, 2002. – 26 с.

[375] Асрори, М. Проблема человеческого достоинства в средневековой исламской этике: историко-философский анализ [Текст]: дисс. ... канд. философских наук: 09.00.03 / *Асрори Мирзошохрух.* – Душанбе, 2017. – 150 с.

[376] Асрори, М. Социально-нравственная ценность человеческого достоинства в трансформирующихся обществах (историко-философский и социально-культурологический анализ) [Текст]: дисс. … доктора филос. наук: 09.00.13 / *Асрори Мирзошохрух.* – Душанбе, 2025. – 366 с.

[377] Атоев, А.М. Проблемы нравственности в «Шахнаме» Абулкосима Фирдавси [Текст]: автореф. дисс. ... канд. философ. наук: 09.00.03 / *Атоев Атоулло Мухторович.* – Душанбе, 1998. – 20 с.

[378] Баҳромзода, Д. Элитаи сиёсӣ ҳамчун субъекти идоракунии равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дисс. ... номзади илмҳои сиёсӣ: 23.00.02 / *Баҳромзода Диловар.* – Душанбе, 2019. – 141 с.

[379] Бобоев, К.Ф. Социально-политические и этические взгляды Низамулмулька [Текст]: автореф. дисс. ... канд. философ. наук: 09.00.03 / *Бобоев Курбонбой Фозилович.* – Душанбе, 1996. – 25 с.

[380] Вавилова, Е.Ю. Диалектика добра и зла [Текст]: автореф. дисс. ... канд. философ. наук: 09.00.11 / *Вавилова Елена Юрьевна.* – Иваново, 2008. – 24 с.

[381] Веригин, А.Б. Нравственный долг, права и обязанности человека как социальные регуляторы общественных отношений: социально-философский анализ [Текст]: автореф. дисс. … канд. философ. наук: 09.00.11 / *Веригин Андрей Борисович.* – Краснодар, 2012. – 27 с

[382] Данилкова, М.П. Концепция теории ценностей с позиций диалектической методологии [Текст]: автореф. дисс. … канд. философ. наук: 09.00.11 / *Данилкова Марина Петровна.* – Новосибирск, 2008. – 20 с.

[383] Захруддинов, И.З. Государственная независимость и пути её укрепления в современных условиях глобализации: на примере Республики Таджикистан [Текст]: дисс. ... канд. политических наук: 5.5.2 / *Захруддинов Ильёсиддин Зиёваддинович*. – Душанбе, 2023. – 179 с.

[384] Иванников, И.А. Проблема государственного устройства в русской политико-правовой мысли (М.А. Бакунин, К.Д. Кавелин, К.П. Победоносцев) [Текст]: автореф. дисс. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / *Иванников Иван Андреевич*. – Ростов-на-Дону, 1995. – 21 с.

[385] Исаев, М. Этическое учение Мискавейха и его роль в развитии этической мысли средневековья [Текст]: автореф. дисс. … канд. философ. наук: 09.00.03 / *Исаев Махмадрахим*. – Душанбе, 1993. – 31 с.

[386] Камолова, Х.К. Проблемы политической этики в трудах таджикских мыслителей X-XI вв. [Текст]: автореф. дисс. … канд. философ. наук: 09.00.03 / *Камолова Хосият Курбоналиевна*. – Душанбе, 2006. – 26 с.

[387] Коломак, А.И. Свобода и ответственность в современном мире [Текст]: автореф. дисс. … канд. философ. наук: 09.00.11 / *Коломак, Александр Иванович*. – Ставрополь, 2006. – 22 с.

[388] Коновалов, А.В. Ответственность в сфере социальных регуляций: политический аспект [Текст]: автореф. дисс. … канд. философ. наук: 09.00.11 / *Коновалов Александр Владимирович*. – Новосибирск, 2005. – 18 с.

[389] Махмаджонова, М.Т. Этические взгляды Джалолуддина Руми [Текст]: автореф. дисс. ... канд. философ. наук: 09.00.03 / *Махмаджонова Мухиба Талатжанова*. – Душанбе, 1995.

[390] Минкинен, Л.Д. Онтологические и теоретико-познавательные основания этического идеала [Текст]: автореф. дисс. ... канд. философ. наук: 09.00.11 / *Минкинен Людмила Дмитриевна*. – СПб., 2006. – 23 с.

[391] Назарова, Ю.В. Аксиология и антропологические практики парламентской культуры [Текст]: автореф. дисс. … доктора философ. наук: 09.00.13 / *Назарова Юлия Владимировна*. – Белгород, 2013. – 42 с.

[392] Пиров, А.К. Ҳувияти чандсатҳӣ ва хусусиятҳои ташаккули он

дар фазои бисёрфарҳангӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтмоӣ) [Матн]: дисс. ... доктори илмҳои фалсафа: 09.00.11 / *Пиров Аламшо Каримович.* – Бохтар, 2022. – 347 с.

[393] Сайдуллаева, Г.С. Этические взгляды Кайковуса [Текст]: автореф. дисс. ... канд. философ. наук: 09.00.03 / *Сайдуллаева Гульнора Сафиевна.* – Душанбе, 2000. – 21 с.

[394] Соловей, И.В. Философские смыслы поля политики [Текст]: автореф. дисс. ... доктора философ. наук: 09.00.11 / *Соловей Ирина Викторовна.* – Ижевск, 2012. – 37 с.

[395] Туманян, Т.Г. Религия и власть в социально-философской мысли ислама (Эпоха средневековья) [Текст]: автореф. дисс. … доктора философ. наук: 09.00.03 / *Туманян Тигран Гургенович.* – СПб.: СПбГУ, 2009. – 30 с.

[396] Федоров, Г.С. Диалектика взаимоотношений политической и частной морали [Текст]: автореф. дисс. ... канд. философ. наук: 09.00.11 / *Федоров Геннадий Семенович.* – Чебоксары, 2010. – 20 с.

[397] Хушкадамов, Д. Этическое учение Хусайна Воиза Кошифи [Текст]: автореф. дисс. … канд. философ. наук: 09.00.03 / *Хушкадамов Давлаткадам.* – Душанбе, 2004. – 24 с.

[398] Ҷобиров, И.Ф. Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа [Матн]: дисс. ... номзади илмҳои фалсафа: 23.00.02. / *Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич.* – Душанбе, 2025. – 188 с.

[399] Шмыгалев, К.А. Философская концепция государства и гражданского общества: На материалах рус. гос. шк. [Текст]: дисс. ... канд. философских наук: 09.00.11 / *Шмыгалев Константин Александрович.* – Томск, 1996. – 146 с.

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Монография, васоити таълимӣ:

[1–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар ҷомеаҳои дар ҳоли тағйирёбӣ (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ): Монография [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода*. – Душанбе: Садои қалб, 2022. – 142 с.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[2–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Ахлоқ ҳамчун воситаи танзими фаъолияти сиёсӣ дар афкори муосири фалсафӣ [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода, А.М. Қурбонов* // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025. – № 4 (92). – С. 310-326. – ISSN 2075-9584.

[3–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Дидгоҳи ҳизбҳои сиёсии муосир нисбати ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар мафкураи онҳо [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода, С.Фаттоҳзода* // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 2 (14). – С. 275-289. – ISSN 2790-3567.

[4–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Истиқлол ҳамчун кафили амнияти миллӣ [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода, И.З. Заҳруддинов* // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 3 (15). – С. 214-226. – ISSN 2790-3567.

[5–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Масъалаи танзими ахлоқии амали сиёсӣ дар афкори иҷтимоии муосир [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2026. – № 3 (95). – С. 39-50. – ISSN 2075-9584.

[6–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Масъалаи фалсафии хотираи иҷтимоӣ дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик [Матн] / *У.Н. Раҳматов, М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2026. – № 2 (18). – С. 232-241. – ISSN 2790-3567.

[7–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Масъалаҳои рушди илм ва маориф дар Паёми Президент [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода, И.З. Заҳруддинов* // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2026. – № 1 (93). – С. 286-297. – ISSN 2075-9584.

[8–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Муносибати мутақобилаи сиёсат ва ахлоқ дар таълимотҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2026. – № 3 (19). – С. 302-315. – ISSN 2790-3567.

[9–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Проблемаи ворисиятгирӣ ва тағйирёбии андешаҳо ба масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар афкори фалсафӣ [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2026. – № 1 (21). – С. 39-47. – ISSN 2110-4672.

[10–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Пространство пересечения интересов и взаимно ориентирующихся ценностей между странами Центральной Азии [Текст] / *Х.У. Усмонзода, М.Х. Зувайдуллозода* // Таджикистан и современный мир. – 2024. – № 2 (86). – С. 12-24. – ISSN 2075-9584.

[11–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Тағйирёбии рӯйкардҳои илмӣ ба масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар афкори фалсафӣ [Матн] / *Н.С. Саид, М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2026. – № 2 (22). – С. 23-29. – ISSN 2110-4672.

[12–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Таносуби арзишҳои ахлоқӣ-сиёсӣ дар таълимотҳои мутафаккирони таҷаддуди аврупоӣ [Матн] / *И.З. Заҳруддинов, М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2026. – № 3 (19). – С. 274-287. – ISSN 2790-3567.

[13–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Таносуби арзишҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2026. – № 2 (94). – С. 50-58. – ISSN 2075-9584.

[14–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Фазои мутобиқати манфиатҳо ва арзишҳои роҳбурдии муштараки кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / *Х.У. Усмонзода, М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – № 3 (87). – С. 12-25. – ISSN 2075-9584.

[15–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятии даврони муосир [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 1 (13). – С. 219-228. – ISSN 2790-3567.

[16–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Ҷойгоҳи ахлоқи сиёсӣ дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик ва пажуҳиши он дар замони истиқлолият [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе, 2026. – № 6. – С. 142-148. – ISSN 2074-1847.

[17–М] Зувайдуллозода, М.Ҳ. Ҷойгоҳ ва нақши арзишҳои ахлоқӣ дар таълимоти зардуштия [Матн] / *М.Ҳ. Зувайдуллозода, И.З. Заҳруддинов, З.Қ. Зубайдов* // Фурӯғи илм. Бахши илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ. – Душанбе, 2026. – № 2 (10). – С. 526-535. – ISSN 3078-395X.

III. Рӯйхати корҳое, ки дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд:

[18–М] Зувайдуллозода, М.Х. Глобализация и становление государственной независимости Республики Таджикистан [Текст] / *М.Х. Зувайдуллозода, И.З. Захруддинов* // 4-ая Международная научно-практическая конференция «Современные научные исследования» (11-12 декабря 2021 г.). – Осло (Норвегия). – 2021. – С. 170-179.

[19–М] Зувайдуллозода, М.Х. Нравственные основы развития таджикистанского общества или ценности и их значение в развитии общества [Текст] / *Х.У. Усмонзода, С.С. Фаттохзода, М.Х. Зувайдуллозода* // Восьмая международная научно-практическая конференция «Наука и практика: Реализация в современном обществе» (27-28 декабря 2020 года). – Манчестер (Великобритания). – 2020. – № 3 (39). – С. 679-687.

[20–М] Зувайдуллозода, М.Х. Особенности трансформации культурного пространства городского образа жизни в условиях современности [Текст] / *Х.У. Усмонзода, М.Х. Зувайдуллозода* // Седьмая международная научно-практическая конференция «Научные горизонты в контексте социальных кризисов» (6-8 февраля 2021). – Токио (Япония). –

2021. – № 41. – С. 410-417.

[21–М] Зувайдуллозода, М.Х. Приоритеты на пути к оптимальной формы организации общественной жизни в постсоветских обществах [Текст] / *М.Х. Зувайдуллозода, И.З. Захруддинов* // Девятая научно-практическая конференция «Научные исследования в XXI веке» (18-19 июня 2021 года). – Оттава (Канада). – 2021. – № 62. – С. 216-227.

[22–М] Зувайдуллозода, М.Х. Социальные системы и общественное сознание развивающихся обществ перед новыми вызовами современности [Текст] / *Х.У. Усмонзода, М.Х. Зувайдуллозода* // Восьмая международная научно-практическая конференция «Наука и практика: Реализация в современном обществе» 27-28 декабря 2020 года). – Манчестер (Великобритания). – 2020. – № 3 (39). – С. 688-697.